ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# РОҲНАМОИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ БАРОИ ДУХТАРОН) СИНФИ 7-УМ

**барои омӯзгорони
муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ТАСДИҚ КАРДААСТ

Душанбе
Маориф
2017

**УДК 373.167.1.(072)**
**ББК Я72+74.263**
**А-73.**

**А-73.** М. Рӯзиева. М. Насимӣ. **Роҳнамои фанни технология (таълими меҳнат барои духтарон) синфи 7-ум. Барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.** Душанбе, Маориф, 2017, 180 саҳ.

**ISBN 978-99947-1-482-7**

**© Маориф, 2017**

## МУНДАРИҶА

Муқаддима........................................................................................................ 3
Стандарти фанни ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) барои синфи 7.............. 7
I. Мазмун ва мундариҷаи стандарти фанни технология (таълими меҳнат)................ 7
1.1. Мафҳумҳои асосии стандарти фанни технология (таълими меҳнат).................... 7
1.2. Заминаи меъёрии ҳуқуқии стандарти фанни технология (таълими меҳнат).......... 13
1.3. Соҳаи истифодаи стандарти фанни технология (таълими меҳнат)....................... 13
1.4. Принсипҳои асосии стандарти фанни технология (таълими меҳнат)................... 13
1.5. Мақсад ва вазифаҳои стандарти фанни технология (таълими меҳнат)................ 15
II. Салоҳиятҳои фанни Технология (таълими меҳнат)................................................ 16
2.1. Салоҳиятҳои иҷрои амалҳо, эҷод, арзёбӣ............................................................ 17
2.2. Баҳодиҳии салоҳиятҳои иҷрои амалҳо, эҷод, арзёбӣ........................................... 17
2.3. Салоҳиятҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ.............................................................................. 18
2.4. Нишондиҳандаҳои хислатҳо.................................................................................. 18
2.5. Салоҳиятнокии омӯзгорон...................................................................................... 19
III. Ташкили раванди таълими салоҳиятнокӣ аз фанни Технология (таълими меҳнат) барои синфи ҳафтум............................................................................................. 20
3.1. Ба хусусиятҳои фардии хонанда диққат додан...................................................... 21
3.2. Принсипҳои таълими самаранок............................................................................ 21
3.3 Иртиботи байнифаннӣ……………………………………………………………… 22
IV Равиши дарси фанни технология (таълими меҳнат) дар синфи 7………………. 29
V.Арзёбӣ……………………………………………………………………………….. 29
ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ 7…………….. 37
Машғулиятҳои муқаддимавӣ………………………………………………………... 40
**БОБИ I.УСУЛҲОИ ОМОДА КАРДАНИ ХӮРОК**
Нигоҳубин ва таъмири либос -1 соат....................................................................... 43
Ороиш ва нигоҳубини мӯй -1 соат........................................................................... 46
Нигоҳубини кӯдак-1 соат............................................................................................ 50
Технологияи тайёр кардани хӯроки миллӣ -1 соат.................................................. 54
Ороиши мизи хӯроки сард -1 соат............................................................................ 60
Қоидаҳои хӯрокхӯрӣ дар сари миз -1 соат............................................................... 64
Гӯшт ва хӯроки гӯштдор -1 соат............................................................................... 67
Хӯрокҳои гӯштдор. Омода кардани хӯрокҳои дуюм -1 соат................................... 72
Гӯшти паранда -1 соат................................................................................................ 76
Гӯшти моҳӣ -1 соат..................................................................................................... 80
Хусусияти хӯрокҳои миллӣ -1 соат........................................................................... 83
Доир ба нон -1 соат...................................................................................................... 87
Маҳсулоти хамирӣ -1 соат........................................................................................... 92
Таҳия ва пухтани оши бурида -1 соат........................................................................ 96
**БОБИ II. ЗАХИРАИ ОЗУҚАВОРӢ**
Консервонии сабзавот-1 соат...................................................................................... 99
Консервонии мева-1 соат............................................................................................ 104
**БОБИ III. КОР БО МАТОЪ**
Матоъҳо аз наххҳои химиявӣ - 1 соат........................................................................ 109
Нигоҳубини либос аз матоъҳои сунъӣ ва синтезӣ. Аппликатсия -1 соат.................. 114
Дарз ва кӯкҳои дастӣ -1 соат....................................................................................... 120
**БОБИ IV.МОШИНҲОИ ДӮЗАНДАГӢ**
Мошини дарздӯзӣ -1 соат............................................................................................ 124
Нигоҳубини мошини дарздӯзӣ - 1 соат...................................................................... 128
**БОБИ V.СОХТ ВА АМСИЛАСОЗИИ ЛИБОС**
Сохтани амсила -1 соат................................................................................................ 132
Сохтани нақшаи куртаи занонаи миллӣ -1 соат......................................................... 136

Сохтани қолаби либос -1 соат........................................................................ 139
Интихоби матоъ -1 соат........................................................................ 143
Тайёр кардани қисмҳои буридашудаи камзӯлчаи пеш ва ақиби куртаи занонаи миллӣ - 1 соат........................................................................ 146
Дӯхтани танаи куртаи занонаи миллӣ -1 соат........................................................................ 149
Пайваст кардани камзӯлча ба тана -1 соат........................................................................ 151
Пайваст кардани остин ба тана -1 соат........................................................................ 153
Пура дӯхтани куртаи миллӣ -1 соат........................................................................ 156
**БОБИ VI.КАСБУ ҲУНАРИ МИЛЛӢ**
Қуроқдӯзӣ. Шаклҳои пайвастани матоъпораҳо -1 соат........................................................................ 159
Қуроқдӯзӣ. Дӯхтани дегпӯшак-1 соат........................................................................ 164
Сохтани бозичаҳои мулоим -1 соат........................................................................ 169
Дӯхтани рӯймол -1 соат........................................................................ 173

## Муқаддима

Соҳаи маориф аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки рушди мамлакат эътироф гардида, дар ин самт ҳамасола тадбирҳои зиёд андешида мешаванд. Илова ба бунёди муассисаҳои таълимии нав, таҷдиди инфрасохтор, инчунин ба сифат, мазмуну самарабахшии мундариҷа ва ҷараёни таълим низ таваҷҷуҳи қобили назар зоҳир мегардад. Таҳияи стандарт ва барномаҳои нави таълимӣ метавонанд сатҳу сифати таҳсилоти миёнаи умумиро баланд бардоранд.

Дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф омӯзгорон нақши калидӣ мебозанд. Ин нукта дар суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат (2015) хеле мушаххас баён гардидааст: "... калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ омӯзгор-омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд.

Барои мо, олимон, кормандони соҳаи маориф, мутахассисон ва омӯзгорон, ин суханон беҳтарин дастури амаланд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва натиҷабахшии раванди он таҳияи стандартҳои фанниро ба роҳ мондааст, ки Стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи ҳафтум аз ҷумлаи онҳост. Вазорати маориф ва илм натиҷа ва дастовардҳои ислоҳоти соҳаро, ки тайи солҳои охир татбиқ гаштаанд, эътироф карда, дар асоси ба эътибор гирифтани таҷрибаи ҷаҳонӣ стандарт ва барномаҳои навро ҳамчун як ҷузъи таркибии ислоҳоти пурраи мундариҷаи таҳсилот таҳия намудааст.

Стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи ҳафтум ҷузъи таркибии силсилаи стандартҳои фанни технология (таълими меҳнат) дар зинаи таҳсилоти болоӣ аст. Стандарти мазкур дар асоси салоҳият таҳия шуда, талаботи стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи умумиро ба эътибор мегирад.

Сохтор ва услуби пешниҳоди стандарт тарзе интихоб шудааст, ки паҳлуҳои гуногуни раванди таълими фанни технология (таълими меҳнат) - ро дар синфи ҳафтум фаро мегирад ва ба ин васила фаъолияти омӯзгорро дар ҷараёни банақшагирӣ ва таълиму арзёбӣ осон мегардонад.

Тавре ки таҷрибаи байналмилалӣ ва шароити кунунии Тоҷикистон нишон медиҳад, вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарогирии ҳар чи бештари воситаҳои иттилоот (интернет, телевизион ва ғайра) имрӯз танҳо бо дониш мусаллаҳ будан кифоя набуда, дар амал истифода бурдани донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи иҷтимоишавии ҷавонон ва дастёбӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ ба шумор меравад. Ин нуктаи муҳим маҳаки стандарти мазкурро ташкил медиҳад.

Дар ҷаҳони муосири зудтағйирёбанда ва пур аз тазодҳо шаҳрвандон бояд сифатҳои ташаббускорӣ, навоварӣ, амалигардонӣ, тағйирпазирӣ, уҳдабароӣ, масъулиятшиносӣ ва созандагию бунёдкориро дошта бошанд. Онҳо бояд шахсони бомаърифати аз ҷиҳати маънавӣ-ахлоқӣ устувор ва кордоне бошанд, ки роҳҳои дастрас кардани иттилоот (маълумот)-ро тавассути воситаҳои гуногун интихоб намуда, онро таҳлилу таҷзия арзёбӣ карда, масъалаҳои мураккаби олами атрофро дарк кунанд, мушкилиҳои гуногуни таълимию ҳаётиро пешгӯйӣ ва ҳал карда тавонанд, масъулияти худро дар назди оила, аҳли ҷомеа ва кишвар дарк намоянд. Тавре ҳамагон медонанд, барои ташаккули ин сифатҳо маҳз дар зинаи таҳсилоти болоӣ заминаи мусоид фароҳам оварда мешавад.

Барои ноил гаштан ба ин вазифаҳо Вазорати маориф ва илм низоми нави таълимро дар амал татбиқ менамояд, ки он ба ташаккули рушди салоҳиятнокии хонандагон дар истифодаи амалии дониш, малака ва маҳорат мусоидат хоҳад кард.

Натиҷаҳои салоҳиятнокии хонандагон тавассути низоми миллии арзёбӣ санҷида шуда, натиҷаҳои он барои дуруст ва самаранок ба роҳ мондани раванди таълим истифода мешавад.

Стандарти мазкур мазмуну мундариҷа, салоҳиятҳо, нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ ва воситаҳои арзёбиро муайян мекунад. Бо татбиқи низоми нави таълим натиҷаҳои таълимии хонанда (салоҳиятнокии ӯ) мақсади асосии санҷишу назорати сифати таҳсилот мегардад.

Бо татбиқи стандартҳои нав на танҳо малакаву маҳорати касбии омӯзгор, балки натиҷаи таълимии хонандагон низ ҳамчун нишондиҳандаи самаранокии раванди таълим шинохта мешавад.Дар низоми нави таълим масъулиятнокии омӯзгорон барои беҳтар гаштани натиҷаҳои таълимии хонандагон ба маротиб зиёд мегардад.

Дар ҷараёни татбиқи маҷмӯи стандартҳо ва барномаҳои фаннӣ омӯзгор шахси калидӣ аст. Аз ин рӯ, самаранокии татбиқи стандартҳои нав ва ҷараёнҳоиислоҳот маҳз ба дарки масъулият, ташаббусу эҷодкорӣ ва маҳорату малакаи омӯзгорон вобаста аст. Масъулияти омӯзгор дар ин ҷараён хеле зиёд буда, ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад:

–Ба роҳ мондани таълим дар асоси стандартҳои нав ва барномаи фаннӣ;

–Муҳокимаи масъалаҳои умдатарини татбиқи ислоҳот бо ҳамкорон;

–Муҳокимаи мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо дар ҳамкорӣ бо мудирияти муассисаи таълимӣ ва идораву шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳия;

–Ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо кормандони Барномаи глобалии ҳамкорӣ баҳри рушди маорифи Вазорати маориф ва илм (мо ба тавсия ва маслиҳатҳои шумо ниёз дорем);

–Таҳияи маводди иловагии таълимӣ ва истифодаи онҳо дар раванди таълим бо ҳамкорон.

Табиист, ки дар марҳалаи ибтидоӣ масъалаҳои зиёд пайдо мегарданд, ки ба истифодаи стандартҳо, барномаҳои таълим ва китобҳои дарсии нав алоқаманданд. Аммо мо бовар дорем, ки батадриҷ, бо роҳи фароҳам сохтани имкониятҳои хуби иштирок дар марҳалаи татбиқи ин ислоҳот дар сатҳи мамлакат омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ пурра омода хоҳанд шуд.

Вазорати маориф ва илм ҳамаи омӯзгорон, сарварони муассисаҳои таълимӣ, кормандони раёсату шуъбаҳои маориф ва тамоми кормандони соҳаи маорифи ҷумҳуриро барои татбиқи ислоҳоти мазкур, ки самаранокӣ ва сифати таълимро барои хонандагон – таъмин мекунад, даъват менамояд.

**Стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи ҳафтум**

# I. МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ СТАНДАРТИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ 7

## I. Мазмун ва мундариҷаи стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи ҳафтум

### 1.1. Мафҳумҳои асосии стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи ҳафтум

**Арзёбӣ** – ҷараёни ҷамъоварии маълумот барои баҳодиҳӣ. Навъ ва воситаҳои гуногуни ташкили ҷараёни арзёбӣ вуҷуд доранд. Он барои муайян кардани дараҷаи дастовардҳои таълимии хонандагон имкон медиҳад. Маълумоте, ки тавассути арзёбӣ ҷамъ оварда мешавад ҳам ба шахсони алоҳида ва ҳам ба муассисаҳои соҳа зарур аст. Маълумоти аз арзёбӣ бадастомадаро ба тарзи мухталиф ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ, шахсони алоҳида, волидон, хонандагон ва омӯзгорон истифода бурда метавонанд.

**Ангуштпона -**ҳанӯз дар асри XV маълум буд. Аввалҳо ангуштпонаро аз чарм, тилло ва дигар филизот сохта, накшу нигор меандохтанд. Баъдтар, яъне аз асри XVI ва XVII ангуштпонаро бо усули фабрикавӣ аз арзиз (алюминий), пӯлод, нуқра, пластмасса месохтанд.

**Аппликатсия -** аз калимаи лотинии «applicatio» гирифта шуда, маънояш ба матоъ дӯхтан ё часпондани нақши аз матоъ буридашуда мебошад. Аппликатсия яке аз усулҳои қадимтарини ороиши либос, пойафзор, ҷиҳози рӯзгор буда, имрӯз ҳам маъмул аст.

**Аппликатсияи ашёӣ** - аз тасвирҳои алоҳидаи ашё, яъне барг, шохчаи дарахт, гул, паранда, ҳайвонот, мошин, одам иборат аст.

**Аппликатсияи ороишӣ** – ҳама гуна нақшу нигорро дар бар мегирад.

**Аппликатсияи сужадор-** амалиёти муштарак ва воқеаҳо (мисли нишону парчами давлат, одам, ҳайвонот, симоҳои аслӣ ва афсонавию фантастикиро таҷассум мекунанд.

**Асбоби ороиши дастархони нисфирӯзӣ - б**арои хӯриш табақчаҳои махсус: барои хӯроки якум табақчаи чуқур, нимкоса ё пиёлаи калон, барои хӯроки дуюм табақчаи паҳн ва калон, барои шираворҳо пиёла, истакон ва ғайраро истифода кунед. Асбобҳои ғизохӯрӣ: чангак, корд, чумча. Ин афзор дар рӯйи дастархони тоза мувофиқи қоида гузошта мешаванд.

**Баҳодиҳӣ**–ҷараёни натиҷагирӣ оид ба дараҷаи мувофиқати дониш, салоҳият, малака ва маҳорати хонанда ба талаботи муқарраркардаи стандарти фаннӣ. Баҳодиҳӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳо муайян карда шавад.

**Бахиядӯзӣ-** бахияро аз рӯйи нусхаи махсус медӯзанд. Бо ин дарз асосан либосҳоро – китфҳо, нӯги остини камзӯл, пеши синаҳо, домани пешбандак, домани либосҳоро оро медиҳанд. Ба чокҳои бахиядӯзӣ дар рӯйи матоъ чокҳои кашидаи бошумор, чоки ироқӣ, чокҳои кашидашуда (намуди гул, ҳайвон, рустаниҳо ва ғайра) дохил мешаванд.

**Буранда** – шахсест, ки аз рӯйи накша қолаб месозад ва онро ба матоъ гузошта мебурад.

**Бӯри дӯзандагӣ -** барои кашидани тарҳи ҷузъҳо, ҷойи буридани матоъ ва кашидани хатҳо, ҷойгир кардани ҷойи кисаҳо, ангӯлаи тугмаҳо ва ғайра истифода мешавад.

**Гӯшт** - маҳсулоти серғизо ва барои организм фоидабахш аст. Дар таркиби он 20 % сафеда (пурра дар организми инсон ҳазм мешавад), равған, намакҳои гуногун, қариб 75 % об, моддаи қиёмӣ (иштиҳоро мекушояд), витаминҳои B1, B2, B6, PP ва ғайра мавҷуданд.

**Гӯшти моҳӣ** - барои организми инсон манфиат дорад. Моҳӣ моддаҳои зарурии ҳаётӣ: сафеда, витамини А ва Д, калсий, фосфор, лисетин, йод ва оҳан дорад, равғанаш кам аст.

**Давраи ташкилӣ-тайёрӣ**–қадами аввлин дар роҳи лоиҳакашӣ интихоб ва асосноккунии лоиҳа мебошад. Қадами оянда ин раванди конструксиясозии маҳсулот мебошад. Самти дигари давраи ташкилитайёрӣ ин ба нақша гирифтани технологияи тайёр кардани маҳсулот, коркарди раванди технологӣ мебошад.

**Дарзмол - (уту)** намуди зоҳирии либос ба сифати дарзмолкунӣ вобаста аст. Бинобар ин дуруст анҷом додани ин амалиёт аҳамияти калон дорад. Дарзмоли барқӣ тавассути унсури гармибахши дохилӣ пас аз васл кардан ба шабакаи барқ тафсонида мешавад.

**Дарзҳои дастӣ -** барои ороиши либосҳои замонавӣ, рахти хоб, ҷиҳози хона ва дигар васоити зиндагӣ васеъ истифода мебаранд. Сифати дарздӯзӣ ба таркиб ва хосиятҳои физикию механикии матоъ вобаста аст. Дар вақти интихоби матоъ ба назар гирифтан лозим аст, ки он ба зебоӣ ва сифати дӯхт мадад расонад.

**Дарзи мошинӣ** – нисбат ба дарзи дастӣ мустаҳкам, зебо ва ҳамвор буда, дар муддати кӯтоҳ иҷро мешавад. Мошинҳои дарздӯзии барқӣ ҳамакора (универсалӣ) мебошанд, ки ба воситаи онҳо амалиёти гуногунро иҷро кардан мумкин аст. Онҳо медӯзанд, пайваст мекунанд, ангула (сӯрохии тугма) месозанд, гулдӯзӣ мекунанд ва ғайра.

**Дарзи сӯзан ба пеш** – аз рост ба чап ё ин ки аз боло ба поён дӯхта мешавад. Андоза ва фосилаи байни қадамҳои дарз бояд як хел бошад. Сӯзани бо ресмон гузаронидашударо бо дасти рост, ресмонро бо ангушти калони дасти чап дошта, сӯзанро аз боло ба поён рост мегузаронанд. Дар асnои баровардани сӯзан ресмонро аз ангушти чап раҳо мекунанд, он гоҳ ресмон таги сӯзан мемонад ва ҳалқа ҳосил мешавад.

**Дарзи юрма** – бо ёрии дарафши чангакдор ё сӯзан дӯхта мешавад, ки дар тарафи ростаи матоъ занҷири ҳалқаҳо ва дар тарафи чаппаи он хатҳои рост ҳосил мешавад. Ҷиҳак, ҳошияи чизҳои ороишӣ, баъзе қисмҳои кашидаи калон юрмадӯзӣ карда мешаванд.

**Дастовард (пешрафт) -** дар педагогика дастовард (пешрафт) ба фаҳмиши мувофиқи омӯзиш пайваст аст. Агар мақсадҳои таҳсилоти мактабӣ аз оғоз ба рушди ҳамаҷонибаи шахсият ва инкишофи салоҳиятҳо равона шуда бошад, пас барои ин фаҳмиши васеътари омӯзиш зарур аст, ки тамоми вазифаҳои мактабро дар бар мегирад. Яъне ҳосил намудани ақидаю эътиқод, қобилият, маърифат, дониш, маҳорат.

**Дидактикаи тахассусӣ** – илм дар бораи ҷараёнҳои таълимии тахассус дар соҳаи фанни додашуда мебошад. Вай ба қисматҳои алоҳидаи дидактикаҳои тахассусии фанҳои таълимӣ тақсим мешавад. Масалан, дидактикаи математика, дидактикаи техника, дидактикаи химия. Дидактикаҳои тахассусии алоҳида ҳамчун силсилаи пайвасткунандаи байни илми тахассусии мувофиқ ва илм дар бораи тарбия хизмат мекунанд.

**Дӯзанда** – шахсест, ки пораҳои буридашударо ба ҳам пайваст карда медӯзад.

**Иттиҳодияи методӣ** – яке аз шаклҳои ташкили кори методӣ, паҳн намудани таҷрибаи пешқадам ва такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

**Қайчӣ** (миқроз, дукорда) – асбоби тези дӯзандагӣ. Қайчӣ барои буридани матоъ, ришта ва ғайраҳо зарур аст. Андозаи онҳо аз №1 (калон) то №8 (хурд) мешавад. Барои матоъҳои борик №1 ва барои риштаҳо №8-ро истифода мебаранд. Қайчиро аз пӯлод месозанд.

**Қадами чок** – масофаи байни ду захми сӯзан

**Қуроқдӯзӣ** – яке аз ҳунарҳои дӯстдоштаи миллии тоҷикон мебошад. Ҳунари қуроқдӯзӣ дар Тоҷикистон аз асри XVII оғоз шуда, дар нимаи асри XIX тараққӣ кардааст. Аз ҷиҳати илмӣ дӯхтани қуроқро техникаи коркарди матоъпораҳо меноманд.

**Кӯки босма** – аз болои ресмони рост кашида ё хобида медӯзанд, рӯйи матоъ пурра пӯшида мешавад: аз рост ба чап ва боз аз чап ба рост ресмон партофта, аз болояш медӯзанд. Нах хоҳ рост бошад, хоҳ кӯндаланг, кӯкҳои аз болои он аз ҳамдигар дуртар якпаҳлу мехобанд. Дарозии кӯкҳои рӯ набояд аз 3 мм зиёд бошад.

**Кӯки занҷира** – яке аз навъҳои кӯки дастӣ мебошад. Он аз як қатор ҳалқа, ки пайиҳам мебароянд, ҳосил мешавад.

**Кори лоиҳавӣ** – машғулияти мустақилонаи гурӯҳи хонандагон буда, берун аз дарс таҳия карда мешавад. Он дар асоси маълумот ва донишу малакаи ҳосилкардаи хонандагон дар марҳалаи муайяни таълим гузаронида мешавад.

**Қолаб** – нақшаи ҷузъӣ буда, ба андозаи аслӣ баробар аст. Як маснуот аз якчанд ҷузъ иборат мебошад.

**Лавҳаи дарсхона** – «тахтаи синф»; лавҳ –ҳар чизи сатҳаш паҳни сангӣ, чӯбӣ, филизӣ ва ғайра, ки ба рӯйи он хат менавиштанд ё нақшу нигор мекашанд, фаҳмида мешавад;

**Либос** – ҳамчун василаи муҳофизати инсон аз таъсири гуногуни беруна (гармою сармо, обу оташ, гарду чанг ва ғайра) пайдо шудааст. Либоси аввалини одамони қадим аз пӯсти ҳайвонот, баргу пӯстлохи дарахтон, пару пӯсти парандагон ва ғайра буд.

**Лоиҳа** – кори лоиҳавӣ методи байнифаннӣ, демократии таълими ба амалҳои мушаххас равонашуда мебошад. Дар рафти он хонандагон барои коркарди ягон супориш ё масъала муттаҳид мегарданд, ки ба масъулияти бештар, фаъолона иштирок намуда, дониш аз худ мекунанд. Хусусияти асосии кори лоиҳавӣ иҷрои мустақилонаи супориш ё масъала аз ҷониби гурӯҳ мебошад. Вай аз банақшагирӣ, ташкилу гузаронидан ва то муаррифии натиҷаҳоро дар бар мегирад. Мавзӯи лоиҳаро, одатан гурӯҳи хонандагон худашон интихоб мекунанд. Дар анҷом натиҷаҳое ба даст меоянд, ки аз ҷониби тамоми гурӯҳ арзёбӣ мегардад, ба тарзи оммавӣ муаррифӣ карда мешавад.

**Лоиҳаи эҷодӣ -** кори мустақилонаи ҷамъбастӣ мебошад, ки сифати иҷрояш аз дараҷаи азхуд кардани мундариҷаи қисмҳои гуногуни барнома аз тарафи хонанда то кадом дараҷа мустаҳкам будани донишу малакаю маҳорати онҳо дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) вобаста аст.

**Мақсади таълим** – мақсади таълимии дарс дар асоси натиҷаҳои таълими дарс таҳия карда мешавад. Натиҷаҳои таълим ба қисмҳои хурдтар (мақсади таълим) ҷудо мешаванд, ки ҳамчун зина барои расидан ба натиҷаҳои таълим хизмат мекунанд.

**Малака** – қудрат ва тавоноӣ дар иҷрои коре, ки дар натиҷаи машқу тамрин дар табиати инсон пайдо мешавад.

**Маҳорат** – фаъолияте, ки дар инсон дар натиҷаи таълим ва такрори бисёркарата ҳосил шуда, баъд ба раванди бошуурона табдил меёбад ва инсон минбаъд ҳар як кори худро дониста иҷро мекунад; моҳирӣ, устодӣ, ҳунармандӣ ва ғайра маҳорат аст.

**Марҳалаи технологӣ -** фаъолиятест, ки дар раванди технологӣ пешбинӣ карда шудааст. Иҷрои ин кор риояи маданияти технологӣ ва меҳнатиро тақозо мекунад.

Марҳалаи хотимавӣ-назорати охирин ва озмоишии объекти лоиҳашударо дар бар мегирад. Ҳимояи лоиҳа дар намуди баромад дар назди тамоми синф бо намоиши маҳсулот гузаронида мешавад.

**Матоъ -** дар натиҷаи бофтани риштаҳои тору пуд ҳосил мешавад.

**Матои абрешимӣ -** аз пилла ва матои пашмиро аз пашми чорво, асосан, аз пашми бузу гӯсфанд ҳосил мекунанд.

**Метод** (юн. Methodos - роҳ, тарз, усул, восита, назария, таълимот) - усули назариявӣ ва амалии донистани воқеият; маҷмӯи амалиёт; ташкили бонизоми фаъолияти одамон дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда аст.

**Методика** - санъати амалҳо аз рӯйи нақша. Предмети таҳқиқотии методҳои таълим, методҳои машғулият, яъне тарзу усулҳои ташкили ҷараёнҳои омӯзиш мебошад. Ҳангоми баррасии системавӣ методика як қисми соҳаи дидактика ба шумор меравад.

**Методи озмоишӣ -** методи маъмул дар соҳаи техника мебошад. Озмоишгар кӯшиш мекунад, ҳангоми шароитҳои сунъӣ ташкилшуда, омилҳои алоҳидаи таъсиррасонро ҷудо намояд. Онҳоро мунтазам иваз мекунад ва ба ҳамин васила нишондиҳандаҳои алоҳидаи ба тамоми системаи таъсиррасонро ошкор кунад.

**Меъёр** – нишонае, ки дар асоси он баҳодиҳӣ, муайянкунӣ ё таснифи чизе анҷом дода мешавад.

**Миз -** ҷевонҳои рӯйифаршӣ, ки баландиашон 85 см аст, сатҳи ҳамвор дошта, барои тозаю реза кардани масолеҳи хӯрок, тайёр кардани хӯроки сард, таомкашӣ пешбинӣ шудаанд.

**Мошини дарздӯзӣ -** барои дӯхтани маснуот хизмат мекунад. Истифодаи мошини дарздӯзӣ кори дӯзандаро осон мегардонад, суръат ва сифати корро баланд мебардорад.

**Мӯд** – ин ҳукмронии муваққатӣ дар ҷамъиятҳои муайян мебошад, ки табъи ҳархела дорад ва таъсири он дар намуди либосҳо зоҳир мешавад. пешрафт ва дигаргуншавии мӯд ҳодисаи байналмилалӣ буда, дар натиҷаи кашфиёти илмӣ ба амал меояд ва пайваста ба равобити фарҳангӣ ва иқтисодии байни давлатҳо таъсири калон мерасонад.

**Мӯй** – аз ду қисм: тана ва реша иборат буда, давраи муайяни сабзиш дорад ва пас аз ин мерезад. Мӯйи сар хеле зуд ва абрувон суст месабзанд.

**Назарияҳои омӯзиш** – моделҳоеро фаро мегиранд, ки шароит ва равандҳои омӯзишро мефаҳмонанд.

**Нақшаи таълим** – ҳуҷҷатест, ки омӯзиши фанҳои таълим ва тақсимоти солонаи онҳоро барои тамоми давраи таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ муайян менамояд.

**Низоми таълими ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронидашуда** – низоми таълиме, ки дар он қобилияти фардӣ ва таҷрибаи қаблии хонанда ҳамчун меҳвар (тири асосӣ) барои омӯзиши минбаъда заминаи асосӣ нигаронида шудааст.

**Нишондиҳанда** – нишодиҳандаҳо маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд.

**Нон -** яке аз ҳайратангезтарин маҳсулоти табиат ва ғизои инсон мебошад. Нон аз ҳама қадимтарин, бузургтарин, боэътимодтарин навъи хӯрок дар рӯйи замин ба шумор меравад. Он моро аз қадами аввалин то охири зиндагиамон ҳамроҳӣ мекунад. Нон сарвати миллат мебошад. Ба нон пурра таъмин шудан ин дараҷаи некуаҳолии халқ аст.

**Портфолио** – калимаи итолиёӣ буда, маъноаш ҳуҷҷатҳо, ҳуҷҷатҳои мутахассис.

**Портфолиои хонанда** – ҷамъоварии мақсадноки корҳои хонанда, ки саъю кӯшиш пайвастагӣ, пешрафт ва дастовардҳои (муваффақиятҳо)-и ӯро аз рӯйи як ё якчанд фан нишон медиҳанд.

**Принсип** – қоидаҳои асосии таълим, ки мазмун, шаклҳои ташкилӣ ва усули таълимро дар алоқамандӣ бо мақсадҳои умумии тарбия ва меъёрҳои раванди таълим муайян менамояд.

**Раванди таълим** – раванди мақсаднок ва муташаккилонаи ҳосил намудани дониш, маҳорат ва малакаҳо аст.

**Рассом** – амсиласоз шахсест, ки давоми коркарди тарҳи либосро дар матоъ иҷро мекунад.

**Ришта (ресмон).** Дар чокбуриву дарздӯзӣ ғайр аз ин асбобу анҷом боз риштаҳои гуногунро истифода мебаранд. Риштаҳо вобаста ба таъйиноташон дӯзандагӣ, гулдӯзӣ, бофандагӣ, руфӯгарӣ мешаванд. Риштаҳоро аз наххҳои пахтагӣ, пашмӣ, абрешимӣ (пилла), катонӣ, химиявӣ мересанд.

**Роҳнамои фаннӣ барои татбиқи стандартҳо** – роҳнамои омӯзгор оид ба татбиқи стандартҳо маводди иловагии методӣ мебошад. Он тавсияҳо ва намунаҳоро оид ба тарзи ташкили ҷараёни таълим фаро гирифта, ба омӯзгор дар самти ташаккули салоҳиятнокии хонандагон ёрӣ мерасонад.

**Салоҳият** – маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайванде, ки ба мақсади ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ), маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешаванд.

**Супоришҳои лоиҳакашӣ** – методи маъмули омӯзишӣ дар машғулиятҳои меҳнат ва техника. Принсипи методии он дар баръакс гардонидани объект ва системаҳои техникӣ ба супориш оид ба ихтироъкорӣ ифода меёбад. Хонандагон аз рӯйи усули ихтироъкорӣ дар ягон ҷараён оид ба ҳалли масъала кор мекунанд. Дар хонандагон қобилияти техникию амалӣ ва техникию лоиҳакашӣ инкишоф меёбад. Онҳо то ҳадди имкон маҳдуд кардани масъала, ҷудо кардани он ба қисматҳои таркибӣ ва ба ҳамин васила мақсаднок тайёр кардани ҳалли умумиро меомӯзанд.

**Сӯзан** – асбоби дӯзандагӣ буда, аз замонҳои қадим истифода мешавад. Одамон аввалҳо барои дӯхтан хори дарахтон, устухони моҳию ҳайвонотро истифода мебурданд. Баъд сӯзанро аз нуқра, мис, тилло ва оҳан месохтанд.

**Стандарти фаннӣ** – санадест, ки дар он меъёри дониш, малака, маҳорати хонандагон, мазмуну муҳтавои фаннӣ, роҳу усули самаранок истифода бурдани вақти ба омӯзиши фан ҷудогардида ва талабот ба тарзи санҷиши дониш аз фанни мазкур ифода гардидааст.

**Стратегия** – роҳу усули ноил гардидан ба мақсад. Роҳ (усул)-и алтернативӣ (ҷойгузин), интихоб, таҳия ва татбиқи барномаро дар назар дорад.

**Тасмаи ченакгирӣ** – соли 1810 ихтироъ шудааст. Он аз картон ё клеёнка сохта мешавад. Дарозии тасмаи ченакгирӣ асосан 150 см, бараш 1-2 см буда, дар ду нӯгаш филиз часпонда шудааст. Тасмаи ченакгирӣ барои андозагирӣ, аз ҷусса чен кардани матоъ ва ҷузъҳои маснуот истифода мешавад.

**Таҳлили ҷойи корӣ** – яке аз методҳои маъмул барои машғулиятҳо доир ба меҳнат ва техника мебошад. Ҷойи корӣ, ки дар он кор гузаронида мешавад, аз рӯйи меъёрҳои муайян тасвир меёбад. Меъёрҳо вазифаи гузошташуда, ҷараёнҳои кор, воситаҳои меҳнат, мавзӯъ оид ба техникаи бехатарӣ ва муҳофизати меҳнат мебошад.

**Таҳлили маҳсулот** – методи маъмули таълими машғулиятҳо доир ба меҳнат ва техника. Предмети/маҳсулоти техникӣ, зеҳнӣ ё дастӣ ҷудо карда намоиш дода мешавад. Ба воситаи он дар хонандагон қобилияти фаҳмидани робитаҳои техникию амалии ҷараёнҳои саноат ва арзёбии онҳо инкишоф меёбад.

**Таҳсилот**–ҳамчун ҷараёни кушодан ва инкишоф додани қобилиятҳои инсон, заминаҳои он воситаи тарбияи ҳавасманд ва идора мебошад.

**Таълим додан** – омӯзонидан, худро таълим додан ё дониш ҳосил кардан буда, ҳамчун рафтор муайян кардан мумкин аст, ки тавассути он мақсаднок таҷриба ва дониш интиқол дода мешавад, омӯзишро бедор мекунад.

**Тарроҳии либос -** раванди аз матои ҳамвор тайёр кардани ҷилди ҳаҷмдор аст, ки бадани одамро мепӯшонад. Раванди ченкунии бадани одамро бо мақсади тарроҳ андозагирӣ меноманд.

**Тарроҳ** – шахсест, ки аз ҷуссаи одам андоза гирифта, аз рӯйи он нақшаи либосро мекашад.

**Техника**–техника дар бар мегирад: миқдори объектҳои сунъӣ ашёшудаи ба манфиат равонашуда (артефактҳо, системаи ашё); миқдори амалҳои инсонӣ ва иншооте, ки дар он системаи ашё пайдо мешаванд; миқдори амалҳои инсонӣ, ки дар он системаи ашё истифода мешаванд.

**Технология**–илм дар бораи техника. Зери ин мафҳум илм дар бораи ба даст овардан, коркард, сохтан, истеҳсоли маҳсулот, ҳамчунин хизматрасонӣ бо ёрии техникаи дар ихтиёр дошта мебошад.

**Дурнамо** – намо ё манзараи дуродур, чашмандоз. Тағйири ашё вобаста ба мавқеи он аз нигоҳи бинанда. Назар ё нигоҳи мо воситаи асосии муайян сохтани дурнамо аст. Ҳар як чиз ҳар қадар аз назари мо дур бошад, ҳамон қадар хурд ба назар мерасад, ҳар қадар ба мо наздик бошад, ҳамон қадар калон менамояд. Навъи дигари дурнамо, дурнамои ранг ё дурнамои тобиши ранг номида мешавад. Вақте ки ашё аз мо дур қарор гирад, ранги он дар назари мо тиратар метобад, ҳар қадар наздик бошад, ранги он равшантар метобад. Вобаста ба ии хосият муайянии тарҳи ашё низ (дар масофаи дур) дигаргун мешавад.

**Интерйери хонаи истиқоматӣ** – фазои дохилии хона мебошад, ки бо таҷҳизоти мураттаб оро дода шудааст.

**Интерйери хонаи хоб.** Шакл, ороиш ва тартиби хонаҳои хоб аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимми зебоӣ ва ҳаловат хона аст. Дар хонаи хоб чизу чораи изофӣ набояд гузошт, болину бистарро ҳамарӯза батартиб дароварда, дар ҷойи махсус гузошта мешавад.

**Капрон** – аз ҳама нахи мустаҳкам буда, ба соиш тобовар аст. Нахи капронро барои истеҳсоли матоъ, ҷӯроб, калоба, ки аз он маҳсулоти зиёде омода мекунанд, истифода мебаранд. Он бисёр зебо, аммо дағал аст. Либосҳои аз он дӯхташуда қат ва бурма намешаванд.

**Нахи атсетатӣ** – дар асоси пайвасти химиявӣ аз коркарди пахта бо сиркои ангидрид ҳосил карда мешавад. Он зоҳиран базеб, сабук, мулоим буда, бурма намешавад ва тез хушк мешавад, вале ба таъсири соиш ва равшанӣ тобовар нест. Дар ҳолати намӣ як қисми мустаҳкамиашро гум мекунад ва дарзмол карданаш душвор аст. Нахҳои атсетатиро бо асетон тоза кардан мумкин нест, чунки рангашон тез меравад.

**Нахи вискозӣ** – дар намуди алоҳидаи дароз, аммо нахи штапелиро бо пораҳои кӯтоҳи маҳин истеҳсол мекунанд. Барои мустаҳкам шудан ба онҳо наххои табиӣ (пахта, пашм, катон) ҳамроҳ мекунанд. Матоъҳои аз наххои химиявӣ бофташуда дар вакти сӯхтан об шуда, бӯйи резини сӯхтагӣ ё пласмасса мекунанд.

**Наххои табиӣ** - аз табиат гирифта мешаванд. Онҳо барои истифода омодаанд. Наххои химиявӣ дар истеҳсолот дар заводҳо бо ёрии равандҳои махсуси химиявӣ ҳосил карда мешаванд.

**Таносуб** (пропортсия) – муносибати байниҳамдигарии ҷузъҳои ашё аз рӯйи бузургии он. Дар расмкашӣ риоя намудани пропортсия (таносуб) аҳамияти ҳалкунанда дорад, чунки он асоси тасвири ҳақиқатнигорӣ ва таъсирбахширо ташкил медиҳад.

**Таҳлили дидактикӣ** – мақсади он ба сохтор даровардани асосноки соатҳои таълимӣ мебошад. Бо таҳлили дидактикӣ як қатор қарорҳои пешакии педагогӣ пайданд, ки ҳар маротиба аз нав иҷро карда мешавад. Маҳаки асосии таҳлили дидактикӣ таҳфифи дидактикии маводди таълимӣ мебошад. Дар ин радиф бояд асоснок инъикос гардад, ки кадом ҷузъҳои маҷмӯи мавод барои гурӯҳи таълимӣ бояд интихоб карда шавад, кадомашро сарфи назар кардан мумкин. Вобаста ба ин чунин ҷиҳатҳо манфиатноканд: аҳамияти замонавӣ, аҳамияти оянда, сохтори фан, аҳамияти намоишдиҳии намунавӣ, дастрасӣ.

**Дидактика** – илм (таълимот) дар бораи донишандӯзӣ ва умуман таълим мебошад. Вай ба омӯзиши ҳамаи шаклҳо, гирифтани ҳамаи намуди донишҳо, дар ҳамаи зинаҳои таҳсил бе назардошти хусусиятҳои мундариҷаи таълимӣ машғул аст.

**Стандартҳои таҳсилот** – стандартҳо муайян мекунанд, ки хонанда дар охири соли таҳсил ё анҷоми гурӯҳи синнусолӣ кадом натиҷаҳои омӯзишро ба даст меорад. Ин ҷо сухан дар бораи дониш, ақида, эътиқод, майлу рағбат ва қобилиятҳои асосӣ меравад, ки хонандагон бояд аз худ кунанд.

**Ҷадвал -** метр аз тахтачӯби тунук сохта мешавад. Дарозиаш аз 20 то 100 см ва аз ин ҳам дарозтар, бараш 3-5 см буда, барои кашидани нақша ва андозаи либос чен кардани матоъ, кашидани хатҳо дар матоъ ва ғайра истифода мешавад.

**Ҷадвали миқёсиро** (масштаби 1:4) барои нисбатан хурд карда кашидани нақшаи маснуот дар дафтар ва ё албоми корӣ истифода мебаранд.

**Хамир** – ин массаи ғафси орд бо хамирмоя аст. Тарзи омода кардани хамир вобаста ба шароит ва шаклҳои истифода гуногун аст. Аз хамири расидаи хамирмоядор асосан нон, нони булка, кулча ва ғайра мепазанд.

**Хӯришҳо** – қобилияти шираҷудокунии меъдаро афзуда, барои нағз ҳазмшавии хӯрок мадад мерасонанд. Ба хӯришҳо газакҳои аз сабзавоти тару тоза, маҳсулоти дар равғани рустанӣ пухта ва хӯришҳои омехта дар равған дохил мешаванд.

**Хӯроки якум** – ҳамаи навъҳои хӯрокҳои обакӣ: шӯрбо, мастоба, угро ва ғайра, ки аз нисфи порсия (меъёри миқдори хӯрок барои як кас) зиёдтар мебошанд (300-350 г).

**Хӯриши дуюм** – гӯшти обҷӯш, кабоби буғӣ, гӯштбирён. Мурғ, моҳӣ, котлети хуришаш аз сабзавот, ярма ё маҳсулоти макаронӣ (масалан, хӯроки якум аз вермишел ё ярма бошад, он гоҳ хӯриш хӯроки дуюмро аз сабзавот омода кардан мумкин аст ё баръакс).

**Хӯрокпазӣ** (ошпазӣ, таббохӣ) – санъати хуштаъм, болаззат ва серғизо пухта тавонистани таом мебошад.

**Хӯрокҳои сард** – творог бо шир, қаймоқ бо шакар, массаи творогӣ, панири творогдор.

**Хӯрокҳои гарм** – панирчаи творогдор, фиринӣ, бараки творогӣ ва ғайраҳо.

**Эстетика** – калимаи юнонӣ буда, маънояш эҳсос мебошад. Илме, ки муносибати қимати эстетикии байни одаму олам ва доираи фаъолияти бадеии одамонро ошкор мекунад, меомӯзонад.

**Эҷодиёт** – фаъолияте, ки чизи сифатан нав ва фарққунандаи беназир, оригиналӣ (бехатто), нодирро ба вуҷуд меоварад. Эҷодиёт ба инсон хос аст.

**Ширеш** – ин моддаи часпандаест, ки дар вақти сахтшавӣ қабати мустаҳкамиро ҳосил мекунад, ки он сатҳҳои ширешшавандаро мепайвандад.

**Шир** - яке аз қиматбаҳотарин маҳсулоти хӯрокворӣ мебошад. Дар табиат мисли шир маҳсулотеро пайдо кардан душвор аст, ки қариб сад хел моддаи пурарзиш ва барои организми инсон зарурӣ дошта бошад.

**Шири модар** – барои кӯдак ғизои беҳтарин ва фоидабахштарин мебошад. Дар таркиби шири модар моддаҳои шифобахш, ба миқдори муайян сафеда, равған, ангиштоб, ҳормонҳо, моддаҳои аз бемориҳои сироятӣ муҳофизаткунанда мавҷуд аст.

### 1.2. Заминаи меъёрии ҳуқуқии стандарти фанни Технология (таълими меҳнат) барои синфи ҳафтум

Стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои хонадагони синфи ҳафтум дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва сархати 6-и, банди 7-и Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2014, № 145 тасдиқ шудааст, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф таҳия гардида, минбаъд барои расонидани ёрии таълимию методӣ барои омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст.

### 1.3. Соҳаи истифодаи стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи ҳафтум

Доираи татбиқи стандарти фанни технология (таълими меҳнат) дар синфи ҳафтум хеле васеъ аст. Истифодабарандагони бевоситаи стандартҳо омӯзгорони синфҳои 6-ум буда, дар марҳалаи банақшагирӣ, таълим ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагон онро ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ истифода мебаранд. Инчунин, мутахассисони зинаи таҳсилоти ибтидоии муассисаҳои дахлдори соҳаи маориф, ки барои расонидани ёрии таълимию методӣ масъуланд, дар банақшагирӣ ва татбиқи чорабиниҳо дар самти расонидани ёрии методӣ ба омӯзгорони зинаи таҳсилоти болоӣ стандарти мазкурро истифода мебаранд.

Стандарти мазкур дар донишгоҳ ва коллеҷҳои омӯзгорӣ ҳамчун ҳуҷҷати асосии муайянкунандаи мундариҷаи барномаи таълимии курси равиши дарси фанҳои зинаи таҳсилоти болоӣ истифода мешавад.

Донишкада ва марказҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони маориф, махсусан шуъба - кафедраи таҳсилоти болоӣ омӯзиши стандарти мазкурро дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ҳафтум ташкил мекунанд.

Минбаъд арзёбии салоҳиятҳо (дониш, малака ва маҳорат)-и хонандагони синфи ҳафтум дар асоси талаботи стандарти мазкур ба роҳ монда мешавад. Саволу масъалаҳои санҷишии нимсола, солона ва аз синф ба синфгузаронӣ дар асоси салоҳиятҳои дар стандарт ва барномаи таълим муқарраршуда таҳия карда мешаванд.

### 1.4. Принсипҳои асосии стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи ҳафтум

Стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи ҳафтум дар асоси принсипҳои таълимии зерин таҳия шудааст:

–баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат;

–қонуният, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

–ҳатмӣ будани таълими умумии асосӣ;

–дастрасии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва идомаи таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот дар асоси озмун;

–бартарии арзишҳои миллию умумибашарӣ, моҳияти башардӯстонаи мазмуни таҳсилот, рушди озодонаи шахс;

–муҳаббат ба Ватан, оила ва муҳити зист;

–ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстонаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;

–ягонагии фазои маърифатию фарҳангӣ, рушди фарҳанг ва ҳифзи анъанаҳои миллӣ;

–ҷанбаи инсондӯстӣ, демократӣ ва давлатию ҷамъиятии идоракунии соҳаи маориф ва шаффофият дар фаъолияти он;

–раванди муттасили таҳсил;

–ҳавасмандгардонии маърифатнокшавии шахс ва инкишофи истеъдоди ӯ;

–пайдарҳамии раванди таҳсилот, ки иртиботи зинаҳои таҳсилот ва ягонагии таълиму тарбияро таъмин месозад;

–ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот.

–ба қобилияти фардии хонанда диққат додан. Раванди таълим дар асоси дониш, малака ва маҳорати базавӣ (асосӣ)-и хонанда ба роҳ монда шуда, бояд талаботи маърифатии ӯро қонеъ намояд. Ба эътибор гирифтани қобилияти хонандагон дар иҷрои фаъолиятҳои таълимӣ ва дар заминаи он такмил додани малакаву маҳорати онҳо. Ҳар як хонанда ба дарс бо дараҷаҳои гуногуни салоҳият меояд. Аз ин лиҳоз, омӯзгор бояд қобилияти муайян кардани сатҳи салоҳиятнокии хонандаро дошта бошад. Омӯзгор барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ низ масъул аст.

Таълим ҳамеша самаранок мегардад, агар:

- ❖ хонандагон дар заминаи дониш ва малакаи базавиашон таълим гиранд;
- ❖ хонандагон мақсаду вазифаҳои таълимии гузошташударо дарк кунанд ва онҳоро иҷро карда тавонанд;
- ❖ раванди азхудкунии маводди таълим барои хонандагон шавқовар ва ҷолиб бошад;
- ❖ барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти мувофиқи машқ кардан дода шавад;
- ❖ ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъуланд;
- ❖ омӯзгорон усулҳои гуногуни таълимро ба мақсади таҳким ва мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;
- ❖ ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ дода шавад;
- ❖ раванди таълим ба “чӣ тавр фикр кардан” равона гардад, на ба “оид ба чӣ фикр кардан”;
- ❖ ҳама оид ба ҷиҳатҳои суст ва қавии донишу малакаашон ростқавл бошанд;
- ❖ нокомӣ дар ҷараёни таълим ҳамчун қисми таркибии он шинохта шавад.

–**ба эътибор гирифтани гуногунзеҳнии хонандагон.** Баъзе хонандагон тавассути амалан иҷро намудан кореро аз худ мекунанд ва баъзеи онҳо тавассути мушоҳида дониш мегиранд. Ба баъзеи хонандагон машғулияти серҳаракат, ба дигарон бошад, баръакс, оромӣ барои таълим гирифтан мусоидат мекунад. Омӯзгорон бояд ба ҳама баробар диққат диҳанд, ёрӣ расонанд ва мувофиқи шавқу завқашон фаъолият таҳия намоянд.

–**ҷанбаи башардӯстӣ доштани раванди таълим.** Вазифаи омӯзгор танҳо аз додани дониш ва аз бар кунонидани салоҳиятҳо иборат нест. Ӯ барои фароҳам овардани фазои мусоиди таълим, барои ҳамкорию ҳамдигарфаҳмӣ низ масъул аст.

–**инкишофи арзишҳо.** Стандарти мазкур дар баробари салоҳиятҳои таълимӣ инкишофи арзишҳоро ба роҳ мемонад. Ин арзишҳо на танҳо барои аз худ кардани салоҳиятҳои таълимӣ, балки барои тарбияи шаъну шарафи шаҳрвандӣ низ заруранд.

–**робитаи таълим бо ҳаёт.** Стандартҳои нав ташаккули дониш, малакаву маҳоратҳои барои имрӯз ва ояндаи Тоҷикистон заруриро таъмин намуда, таълимро ҳамчун раванди омӯзиш дар тӯли ҳаёт таъкид мекунанд. Низоми нави таълим низ ба мақсади мутобиқ сохтани натиҷаҳои таълим ба талаботи ҳаёт равона мегардад. Яъне дар натиҷаи таълим хонанда дониш, малака ва маҳораташро дар амал барои ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ истифода мебарад.

–**омӯзиш дар тӯли ҳаёт.** Раванди таълим ва инкишоф беохир аст. Шояд барои пурра аз худ кардани баъзе салоҳиятҳо як умр сарф карда шавад ва баъзеашон мумкин аст тамоман

аз худ карда нашаванд. Аз ин лиҳоз, “Низоми таълими салоҳиятнокии хонандагон” раванди омӯзишро дар тӯли ҳаёт тақозо мекунад.

–**арзёбӣ ба мақсади таълим.** Мо бояд мунтазам натиҷаҳои таълимии хонандагонро арзёбӣ намоем, то тавонем усули таълимро тағйир дода, раванди таълимро самараноктар гардонем.

## 1.5. Мақсад ва вазифаҳои стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи ҳафтум

Стандарти мазкур ба мақсади татбиқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 таҳия шудааст.

Таълими фанни технология (таълими меҳнат) дар синфҳои ҳафтум хусусияти амалӣ дошта, дар хонандагон одитарин малакаю маҳорати меҳнатӣ ва рассомӣ ташаккул ёфта, ба корҳои амалӣ, ба ҳаёт омода мешаванд.

Мақсади асосии таълими фанни технология (таълими меҳнат) аз инҳо иборат аст:

–муайян ва муқаррар кардани маҷмӯи салоҳият (меъёри дониш, малака ва маҳорат)-и хонандагони синфи ҳафтум аз фанни технология (таълими меҳнат;

–ба низом даровардани мазмун, мундариҷа ва раванди банақшагирӣ, таълим ва арзёбии фанни технология (таълими меҳнат) дар синфи ҳафтум;

–муқаррар намудани доираи мавзӯъҳои бобҳои таълими фанни технология (таълими меҳнат) мувофиқи талаботи забономӯзӣ ва мувофиқат ба инкишофи синну солии хонандагони синфи ҳафтум.

–мазмун, мундариҷа ва фаъолиятҳои таълим барои аз ташаккули салоҳиятнокии равонашуда, байни онҳо робитаи қавӣ барқарор гардонида шавад;

–бояд малакаҳои гуногуни фаннӣ ба таври мушаххас ва фарогир пешниҳод гардад. Нишондиҳандаҳои азхудкунии ҳар як салоҳият оварда шаванд;

–мазмуну мундариҷа ва миқдори салоҳиятҳо бояд мувофиқи сарбории фан, ки нақшаи таълим муқаррар кардааст, пешниҳод гарданд;

– мунтазам инкишоф додани малакаю маҳорати меҳнатӣ, рассомӣ, ороишӣ ва эҷодӣ, ҳунармандӣ ҳангоми таълиму ҳаёти рӯзмарра;

– тарбияи меҳнатӣ, эстетикӣ ва касбии мактабиён;

– шиносоӣ бо асос ва намудҳои санъати ҳунармандӣ, дӯзандагӣ, пазандагӣ ва ташаккули малакаю маҳорати ороишии маснуот ва мӯй;

– дар хонандагон бедор намудани кӯшишу ғайрат, меҳнатдӯстӣ, ҳисси эҳтиром ба меҳнати худ ва дигарон;

– омода намудани хонандагон ба иҷрои корҳои мухталиф ба худхизмат;

– инкишофи қобилияти амалӣ, фикронӣ ва эҷодкорӣ.

Вазифаи асосии таълиму омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат) ба меҳнат ва зебоипарастӣ омода кардани хонандагон мебошад, аз тадбирҳои аввалини таълими политехникӣ дар ин синну сол ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи мақсаднок ва бошуурона омӯхтани ин фан хонандагон ба машғулиятҳои амалии синфҳои минбаъда тайёр мешаванд. Ҳамзамон дар таҳкиму ҳамбастагии меҳнати фикрию ҷисмонӣ нақши хосса гузошта, имконоти васеъ фароҳам меоранд, ки хонандагон одитарин малакаю маҳорати меҳнатӣ пайдо намуда, ба корҳои амалӣ ва ба ҳаёт омода гарданд.

- Шиносоии хонандагон бо асосҳои илмӣ ва илмӣ-техникии истеҳсолот;
- Мусаллаҳ гардонидани хонандагон бо дониш ва маҳорати аввалия дар соҳаи техника ва технологияи муосир;
- Дар хонандагон ташаккул додани тафаккури эҷодкорӣ ва навоварӣ;
- Муносибати эҷодкорона ба меҳнат ва шавқ ба намудҳои гуногуни фаъолияти меҳнатӣ;
- Тарбияи меҳнатӣ ва маданияти меҳнат, ташаккули маънавиёт;

- Шиносоии хонандагон бо касбҳои гуногун ва ёрӣ расонидан дар муайян намудани роҳи ҳаётии худ.

Вазифаи ниҳоӣ ва муҳимтарини ин фан ба шогирдон ёд додани фаъолиятҳои меҳнат, омода намудани онҳо ба меҳнат кардан, фаҳмиши рангҳо, раванди коркарди маҳсулот ва маснуот аз қисмҳои додашуда, пухтани намудҳои гуногуни хӯрокҳои миллӣ, дӯхтани маснуот, захиракунии маҳсулот, кор бо мошинҳои дарздӯзии дастӣ ва мошинӣ, истифодаи дурусти рӯзғордорӣ ва дӯзандагӣ, зарурати омӯзиши амалиёти корӣ ва монанди инҳо мебошад.

- вазифаҳои асосии таълими фанни технология (таълими меҳнат) инкишофи қобилияти фардии хонандагон;
- дарки зарурати меҳнат дар зиндагӣ;
- ташаккули қобилияти эҷодию тахайюли бадеӣ, зебоипарастии, талабагон;
- шинос намудани хонандагон бо амалиёти марбут ба касбу корҳои меҳнати дастӣ;
- омӯзонидани амалҳо бо унсурҳои фаъолияти меҳнат ва тасвиру ороиш, ҳунармандӣ;
- шинос намудани хонандагон бо касбу корҳои марбут ба меҳнати дастӣ;
- дар хонандагон ҳосил намудани меҳру муҳаббат ба меҳнат ва меҳнатпарастӣ;
- тарбияи хонандагон дар рӯҳияи эҳтироми меҳнати худ ва меҳнати калонсолон, аҳли заҳмат;
- тарбияи сарфаю сариштакорӣ ва ҳифзи сарватҳои табиӣ дар шогирдон.

Таълими технология (таълими меҳнат) дар синфҳои ҳафтум хусусияти амалӣ дошта, дар хонандагон малакаю маҳорати меҳнатӣ ва навоварӣ ташаккул ёфта, ба корҳои амалӣ ба ҳаёт омода мешаванд.

**Мавқеи фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи 7 дар нақшаи таълим**

Фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи 7 дар нақшаи таълими такягоҳ ҳамчун фанни ҳатмии таълим дар таркиби соҳаи технология (таълими меҳнат) ҷойгир шуда, ҳаҷми сарбории хонандагон дар давоми соли таҳсил 34 соатро ташкил медиҳад:

| Синф | Миқдори соатҳои ҳафтаина | Миқдори ҳафтаҳо дар давоми соли таҳсил | Миқдори соатҳо дар давоми соли таҳсил |
|---|---|---|---|
| **7** | 1 | 34 | 34 |

технология (таълими меҳнат) ҳамчун ҷузъи зебоипарастӣ ба хонандагон бояд эҷодкорӣ омӯзад, ба дарки нозукиҳои фаъолияти конструксионӣ водор созад ва меҳри бачагонро нисбат ба намудҳои гуногуни технология (таълими меҳнат) бедор намояд. Ҳангоми дарси «Технология (таълими меҳнат)» хонандагон инчунин бояд қобилияти устокорӣ ва ҳунармандии худро ошкор созанд ва такмил диҳанд, хоҳиш пайдо кунанд, ки дар машғулиятҳои эҷодӣ – маҳфилҳои тарроҳӣ, дӯзандагӣ, амсиласозӣ, рӯзгордорӣ, кашидадӯзӣ, сӯзанидӯзӣ, куроқдӯзӣ, ороиши дастархон, ороиши мӯй ва рӯй (машшота) ва ғайра (вобаста аз имкону шароити мактаб) иштирок намоянд.

Меҳнат маҷмӯи амалҳоест, ки тавассути он натиҷаҳо, маҳсуле ба даст оварда мешавад ва барои зисту зиндагонӣ шароит фароҳам меояд. Пас, ҳар як фард бояд малакаю маҳорати меҳнатро омӯзад, ба меҳнат омода шавад ва меҳнатро дӯст дорад, зеро ба ин васила ҳам ҷисман ва ҳам рӯҳан ташаккул меёбад.

## II. Салоҳиятҳои фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи ҳафтум

Фасли мазкури стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи ҳафтум хеле муҳим аст. Дар фасли мазкур салоҳиятҳои фанни технология (таълими меҳнат) мувофиқи самтҳои таълим оварда мешаванд. Салоҳиятҳои ҳамаи фанҳо дорои хусусиятҳои зеринанд:

- аз рӯйи принсипи аз сода ба мураккаб тартиб дода шудаанд. Омӯзгорон метавонанд салоҳиятҳои синфи пешина ва баъдинаро мушоҳида карда, мутаносибан раванди таълимро аз оғоз то анҷом ба нақша гиранд. Ин муносибати спиралии татбиқи барномаи таълим

мебошад, яъне салоҳиятҳое, ки дар як синф муаррифӣ шудаанд, дар синфҳои минбаъда такмил дода мешаванд. Дар сатҳи ҳар як синф талабот ба салоҳиятнокӣ мураккабтар мегардад.

- мувофиқи самтҳои асосии таълимии фанҳо гурӯҳбандӣ шудаанд. Аз ин лиҳоз, тартиби пешниҳоди салоҳиятҳо (малака ва маҳоратҳо) ба тартиби маводди китобҳои дарсӣ мувофиқат мекунад.
- хусусияти арзёбӣ дошта, мушоҳида мешаванд ва азхудкунии салоҳиятҳо тавассути нишондиҳандаҳо муайян мегарданд.
- дар таҳияи салоҳиятҳо усули спиралӣ истифода шудааст, яъне омӯзгор барои хонандагон имконияти салоҳиятнок шуданро фароҳам оварда, дар сатҳи синфҳои минбаъда ба хонанда имконияти ташаккули бештар дода мешавад. Ҳамин тавр, хонанда дараҷаи баландтари салоҳиянокиро аз худ карда, ташаккул медиҳад.

**2.1. Салоҳиятҳои иҷрои амалҳо, эҷод, арзёбӣ**

**Салоҳияти истифода ва асосҳои коркарди мавод:**

7.1.1. Воситаи технологиро истифода бурда метавонад.

**Салоҳияти муносибати эҷодкорона дар меҳнат:**

7.2.1. Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро эҷод карда метавонад.

**Салоҳияти интихоби касб:**

7.3.1. Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад.

**Салоҳияти асосҳои тарбиявӣ**

7.4.1. Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**2.2. Баҳодиҳии салоҳиятҳои иҷрои амалҳо, эҷод, арзёбӣ**

Дар фасли мазкур мо тартиб ва воситаҳои арзёбии салоҳиятҳои иҷрои амалҳоро пешниҳод мекунем.

**Салоҳияти истифода ва асосҳои коркарди мавод:**

7.1.1. Воситаи технологиро истифода бурда метавонад.

<u>**Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокии хонанда:**</u>

- дар бораи коркади мавод ва тайёр кардани он шарҳ дода метавонад;
- сохт ва нуқсонҳои маводро фарқ карда метавонад;
- хосиятҳои физикӣ ва механикии маводро ба назар гирифта метавонад;
- хондани накша (ангора)-и ҷузъиёт, ҳуҷҷатҳои графикии маводҳоро тасвир карда метавонад;
- равандҳои иҷро кардани маснуотро шарҳ дода метавонад;
- истифодаи асбобу абзорҳоро номбар карда метавонад;
- ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда метавонад;
- эҳтиёткорона кор кардан ва асбобҳои хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад;
- қолаб ва шаклҳои гуногун сохта метавонад;
- мафҳумҳои содаи фан (ченкунанда, абзорҳои назоратӣ )-ро дарк мекунад ва ҳангоми иҷрои кори амалӣ ва баёни фикр дуруст истифода бурда метавонад.

**Салоҳияти муносибати эҷодкорона дар меҳнат:**

7.2.1. Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро эҷод карда метавонад.

<u>**Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:**</u>

- Бо маснуотҳои гуногун ғоя (идея)-ҳоро эҷод менамояд ва онро ба таври умумӣ шарҳ медиҳад.
- Баъзе қисматҳои маснуотро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда метавонад;

**Салоҳияти интихоби касб**

7.3.1. Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад.

- хусусияти касбҳоро фарқ карда метавонад;
- барои худ касби мувофиқро интихоб карда метавонад.

**Салоҳияти асосҳои тарбиявӣ**

7.4.1. Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*

- ҳангоми истифодаи маводҳо сарфакориро риоя карда метавонад;
- хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад;
- урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад;
- табиатро қадр карда, ҳифзи онро шарҳ дода метавонад.

## 2.3. Салоҳиятҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ

Таълиму тарбия дар зинаи таҳсилоти болоӣ. Азбаски хонандагон қобилиятҳои гуногун доранд, мо бояд пешрафти хонандаро берун аз салоҳиятҳои фаннӣ низ эътироф намоем. Дар намунаи ҳисоботи дар боло омада сутуне барои нишон додани кӯшишу хонанда омадааст. Кӯшишу ғайрат ҳам аз рӯйи низоми 6 (10, 20, 100) – балла баҳогузорӣ карда мешавад.

Барои қайди муносибати хонанда ба омӯзиш корти ҳисоботи хонанда истифода карда мешавад, ки қисмҳои зеринро дар бар мегирад.

Дар омӯзиши ҳар фан хислатҳои зерин нақши асосиро мебозанд.

| **Худро идора карда тавонистан** | мунтазам | одатан | баъзан |
|---|---|---|---|
| Мустақилият нишон медиҳад | ▯ | | |
| Интизориҳои баланд дорад | | ▯ | |
| Барои таваккал кардан омода аст | ▯ | | |
| Тобовар аст | | ▯ | |
| **Муносибат бо дигарон** | | | |
| Аҳамият медиҳад | | ▯ | |
| Таҳаммулпазир аст | | ▯ | |
| Ҳамкорӣ менамояд | | ▯ | |
| **Иштирок ва саҳмгузорӣ** | | | |
| Эътимод нишон медиҳад | ▯ | | |
| Масъулиятро ба дӯш мегирад | | ▯ | |
| Фаъол аст | | ▯ | |
| Мақсаднок ба коре ҷалб мегардад | ▯ | | |
| **Андешаронӣ** | | | |
| Фикрронии дараҷаи баланд дорад | | ▯ | |
| Эҷодкорӣ | | ▯ | |

## 2.4. Нишондиҳандаҳои хислатҳо

Дар ҷадвали зер нишондиҳандаҳое оварда шудаанд, ки хонандагони болаёқатро тавсиф менамояд. Ин нишондиҳандаҳо то андозаи муайяне хусусияти инфиродӣ доранд. Ҳангоми арзёбӣ омӯзгор нишондиҳандаҳои зеринро ба эътибор мегирад.

| Хислат | **Нишондиҳанда (ё муайянкунанда)** – Хонанда |
|---|---|
| **Худро идора намудан** | |
| Мустақилият нишон медиҳад | Бе ёрии дигарон кор мекунад ва агар ёрӣ лозим шавад, пеш аз кӯмак пурсидан барои ҳалли ҳама гуна мушкилӣ аввал худ кӯшиш ба харҷ медиҳад. |
| Интизориҳои баланд дорад. | Ҳангоми иҷрои супорише ҳадаф мегузорад, ки натиҷааш босифат бошад бо интизории он, ки меъёрҳои баҳодиҳиро аз худ менамояд ва аз он ҳам болотар ноил мешавад. Агар вазифа ё супориш аз тарафи омӯзгор арзёбӣ нашавад ҳам, хонанда дар пеши худ меъёрҳои баланд мегузорад, то кори ӯ ҳамчун як муваффақият арзёбӣ шавад. |
| Ба таваккал риск (дар омӯзиш) кардан омода аст | Зарурати таҷриба намудани ашёро эътироф менамояд, ҳарчанд он қисман ба нокомӣ ё танқид мебарад. Аммо ин хавфҳо хавфҳои асосноке бошанд, ки ба бехатарии шахсӣ мушкилӣ эҷод накунанд. |
| Тобовар аст | Бо вуҷуди мушкилот, ноумед намешавад ва кӯшиш мекунад, ки вазифаҳоро ба анҷом расонад. |
| Бовиҷдон аст | Арзишҳои худро ҳамеша, новобаста аз вазъият хифз менамояд. Арзишҳо инҳоянд:<br>–дар амалҳояш ростқавл аст;<br>–меҳрубонӣ зоҳир мекунад;<br>–адолатхох аст;<br>–ҳақгӯ аст;<br>–дар рафтору амал масъулиятшинос аст;<br>–дар амалҳояш шаффофиятро риоя мекунад (ба истисноии ҳолатҳои номутобиқ);<br>–бв душвориҳо тобовар ва далерӣ нишон медиҳад;<br>–фарҳанги худ ва дигаронро эҳтиром мекунад. |
| **Муносибат бо дигарон** | |
| Аҳамият медиҳад. | Вақте бо дигарон кор кардан ба ниёзҳои онҳо таваҷҷуҳ зохир мекунад медиҳад (масалан, дигаронро гӯш мекунад, сухани онҳоро намебурад). |
| Таҳаммулпазир аст | Ақида ва фарҳанги шахсони гуногунро қабул мекунад (ин маънои онро надорад, ки мо аз ин суиистифода кунем). |
| Ҳамкорӣ менамояд | Ҳамкорӣ мекунад, ба дигарон барои саҳмгузоштан дар иҷрои супоришҳо имкон медиҳад. |
| **Иштирок ва саҳмгузорӣ** | |
| Эътимод нишон медиҳад | Ҳангоми пурсиш ақидаашро иброз медорад ва барои иҷрои супориш на ҳамеша аз дигарон кумак меҷӯяд. |
| Масъулиятро ба дӯш мегирад | Ҳангоми иҷрои фаъолиятҳо оқибатҳои онро ба дӯш мегирад. Агар аз ӯ хоҳиш кунанд, масъулиятро ба дӯш мегирад. |
| Фаъол аст | Ғайрифаъол нест, баръакс кӯшиш мекунад саҳми худро гузорад. |
| Мақсаднок ба коре ҷалб мегардад | Пеш аз ҳар гуна фаъолият мақсаде мегузорад, ки ба ҳалли вазифаи додашуда марбут аст. |
| **Андешаронӣ** | |
| Фикррони дараҷаи баланд дорад | Барои анҷом додани вазифаҳо аз малакаҳои фикррони хуб истифода мебарад. |
| Эҷодкор ҳаст | Андешаву фикрҳои тоза пешниҳод мекунад. |

### 2.5. Салоҳиятнокии омӯзгорон

Барои татбиқи стандарт ва барномаи нави фанни технология (таълими меҳнат) омӯзгори синфҳои ҳафтум бояд дониш, малака ва маҳорати зеринро дошта бошад:

–назария ва принсипҳои низоми таълими салоҳиятнокиро донад ва ҷанбаҳои татбиқи амалии онро дар раванди таълим шарҳ дода тавонад;

–тарзи банақшагирӣ ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагонро донад ва ҳангоми раванди таълим истифода барад;

–усулҳои таълимиеро, ки барои ташаккули салоҳиятнокии хонанда мусоидат мекунанд донад ва усули мувофиқро интихоб карда тавонад;

–усул ва воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро барои муайян кардани сатҳи азхудкунии салоҳиятҳо истифода бурда тавонад;

–натиҷаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро ба мақсади қабули қарори мувофиқ истифода бурда тавонад;

–роҳу воситаҳои самараноки ба хонандагон барои салоҳиятнок шудан ёрӣ расониданро донад ва дар раванди таълим истифода барад.

– барои ташаккули салоҳиятнокии хонанда аз методҳои интерактивӣ усулҳои фаъолияти ва бозиҳои дидактикӣ истифода бурда тавонад;

– ҳар як мавзӯи барнома бо методҳои интерактивӣ ё бозиҳои дидактикӣ гузаронида шавад.




## III. ТАШКИЛИ РАВАНДИ ТАЪЛИМИ САЛОҲИЯТНОКӢ АЗ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ ҲАФТУМ

Аксари низомҳои таълими анъанавӣ ба азхудкунии мавзӯъ нигаронида шудаанд, яъне омӯзгорон хонандагонро ба аз худ кардани мавзӯъ ва аз ёд кардани маълумот водор менамоянд. Чунин муносибат ба таълим дар гузашта мутобиқ буд, аммо дар замони ҳозира, ки андозаи дониш босуръат зиёд мегардад, дар раванди таълим диққати асосӣ бояд ба ташаккули малакаҳои омӯзишии хонандагон равона гардад, то онҳо тавонанд дониши зарурӣ ва маълумоти мушаххасро интихоб ва истифода баранд.

Акнун барои омӯзгорон "хонандагон чиро меомӯзанд?" ва "чӣ тавр меомӯзанд?" аз "ба хонандагон чиҳоро меомӯзонанд?" муҳимтар аст. Барои баъзеҳо омӯзондан ва омӯхтан як маъно дорад, аммо бояд дар хотир дошт, ки агар омӯзгор нодуруст дарс диҳад, ҳатто дар ҳолати дарси зиёд додан ҳам, азхудкунӣ наметавонад самарабахш бошад.

Дар низоми таълим ва арзёбии салоҳиятнокӣ ба дониш, малака ва маҳоратҳои воқеии хонандагон диққати махсус дода мешавад. Салоҳиятҳо фаъолиятҳоеро, ки хонандагон дар натиҷаи омӯхтан, аз худ мекунанд нишон медиҳанд.

Барои муайян кардани он ки оё хонанда салоҳиятҳоро аз худ кардааст ё не, барои ҳар салоҳият нишондиҳандаҳои он оварда мешавад. Нишодиҳандаҳо маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд. Онҳо ба шумо имкони мушоҳида ва арзёбӣ карданро фароҳам оварда, нишон медиҳанд, ки то кадом андоза хонанда салоҳиятро аз худ кардааст. Тартиб додани рӯйхати пурраи нишондиҳандаҳо барои баъзе салоҳиятҳо имконнопазир аст, шояд шумораи онҳо ба садҳо нишондиҳанда расад ва микдори онҳо вобаста ба нуктаи оғози инкишофи салоҳиятнокӣ ва вобаста ба сатҳи синф фарқ кунад.

Дар гузашта самтҳои гуногуни раванди таълим (таҳия ва татбиқи нақшаи тақвим) бештар назорат ва мушоҳида карда мешуд. Акнун натиҷаҳои таълимии хонандагон ва раванди омӯзиши онҳо бештар назорат карда мешаванд. Аз байн бурдани навъҳои дигари назорат дар ҳолате амалӣ мегардад, ки агар:

1) муассисаи таълимӣ ва омӯзгорон самаранок ба низоми таълими салоҳиятнокии хонандагон гузаранд.

2) тартиби ҷамъоварии маълумоти дуруст, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳоро нишон медиҳад, ба роҳ монда шавад.

Ба омӯзгорон озодии бештар дода, ҳамзамон масъулияти онҳо барои беҳтар шудани дастовардҳои таълимии хонандагон зиёд мегардад. Ин чунин маъно дорад, ки арзёбии салоҳиятҳо қисми асосии ислоҳот маҳсуб меёбад.

Акнун барои омӯзгор танҳо донистани мундариҷаи фан кифоя нест. Омӯзгорон бояд дар асоси таҷриба, омӯзиши равиши дарс, азхудкунии назарияи таълим ва маълумот оид ба ҳар як хонандаи синф барои инкишоф додани салоҳиятҳои онҳо ва таъмини пешравӣ ҷараёни таълимро ба роҳ монанд.

### 3.1. Ба хусусиятҳои фардии хонанда диққат додан

Стандарту барномаҳои нави таълим ташаккули натиҷаҳои таълимии ҳамаи хонандагонро новобаста аз қобилият ва вазъи иҷтимоӣ дастгирӣ менамоянд. Стандарт ва барномаи мазкур ақидаеро, ки тибқи он, ба ҳамаи хонандагон талаботи ягона гузошта мешавад, дастгирӣ намекунад. Он ақидаеро дастгирӣ менамояд, ки дар он ҳар як хонанда дорои маҷмӯи таҷрибаи мушаххас, инчунин дараҷаҳои гуногуни салоҳият аст. Омӯзгорон барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ масъуланд.

Самаранокии таълим тавассути ташаккули натиҷаҳои таълимии тамоми аҳли синф муайян карда мешавад, на овардани дастовардҳои таълимии якчанд хонанда. Барои амалӣ сохтани мақсади мазкур омӯзгорон бояд тарзи муайян намудани сатҳи дониши мавҷудаи хонандагон ва сатҳи ниҳоии азхудкунии салоҳиятҳои ҳар як хонандаро истифода бурда тавонанд.

### 3.2. Принсипҳои таълими самаранок

Таълим ҳамеша самаранок мегардад, агар:

- хонандагон дар заминаи дониш ва малакаи зачинавиашон инкишоф ёбанд;
- хонандагон мақсади вазифаҳои таълимии гузошташударо дарк кунанд;
- мақсади таълим барои хонандагон фаҳмо бошад;
- вазифаҳои таълим мувофиқи қобилияти хонандагон таҳия шаванд;
- раванди азхудкунии маводди таълим барои хонандагон шавқовар ва ҷолиб бошад;
- барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти мувофиқи машқу тамрин кардан дода шавад;
- омӯзгорон усулҳои гуногуни таълимро бо мақсади таҳким ва мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;
- ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъулият дошта бошанд;
- омӯзгорон усулҳои гуногунро бо мақсади такрор ва дар хотир нигоҳ доштани донишу малака истифода баранд;

- ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ кардан диҳанд;
- раванди таълим ба "чӣ тавр фикр кардан" равона гардад, на ба "оид ба чӣ фикр кардан";
- ҳама оид ба ҳаҷми донишу малакаашон ростқавл бошанд;
- нокомӣ дар ҷараёни таълим ҳамчун қисми таркибии он шинохта шавад;
- омӯзгор раванди омӯзишро дарк кунад ва донад, ки таълим чӣ тавр бояд ба роҳ монда шавад ва онро доимо назорат кунад.

### 3.3. Тайёрии омӯзгор ба дарс

Дар тайёрӣ ба машғулият ҷойи марказиро банақшагирии раванди таълим ишғол мекунад.

Ба туфайли банақшагирӣ амалҳои омӯзгор ва хонанда дар машғулиятҳои дар устохона вобаста бо мақсад ва масъалаҳои таълими технология, принсипҳои он ва дигар талаботҳое, ки бо хонандагон дар кор муқаррар карда шудааст имконпазир мешавад. Дар рафти банақшагирии раванди таълим чунин масъалаҳои дидактикӣ ҳал мешавад:

1.Барои таъмини раванди таълим бо маводҳои ҳозиразамон замина ба вуҷуд меорад. Инчунин, пешакӣ муҳлати таъмини устохонаи таълимӣ бо ин ё маводҳо ва асбобҳо маълум мегардад.

2. Робитаи байни мазмуни машғулиятҳои таълими технология (таълими меҳнат) бо дигар фанҳои таълимӣ кушода мешавад. Маводди таълимиро тақсим карда омӯзгор муайян мекунад, ки хонандагон кадом донишҳоро аз дарсҳои физика, химия, риёзиёт, санъати тасвирӣ, нақшакашӣ, таърих ва ғайра гирифтаанд дар он вақт, ки онҳо мавзӯи мушаххасро аз таълими технология (таълими меҳнат) меомӯзанд; вобаста ба ин таъмини робитаи дидактикиро байни таълими технология (таълими меҳнат) ва асосҳои илм ба роҳ мондан мумкин аст.

3. Дар раванди машғулият дар кабинети технология (таълими меҳнат) барои духтарон хусусан ҳангоми амсиласозӣ, пазандагӣ, дӯзандагӣ, ҳунармандӣ мумкин аст маҷмӯи маҳсулот иҷро карда шавад, ки аз маҳсулоти хӯрока ва маснуотҳои дӯзандагӣ иборат ҳастанд. Дар ин ҳолат кори хонандагон дар кадом вақт мувофиқа карда мешавад, ки дар рафти банақшагирӣ ҳаллу фасли худро меёбад.

4.Ҳангоми натиҷагирии санҷидани иҷрои барномаи таълим ба омӯзгор осон мегардад. Барои ин ба нақша гирифтан иҷрои корро бо ҳаҷми воқеан иҷро шударо муқоиса кардан лозим аст.

5. Аз тарафи қисми таълим ва сохторҳои шуъбаҳои маориф назорат аз болои раванди таълим осон мешавад.

**2.Тайёрии омӯзгор ба соли таҳсил.** Тайёрии омӯзгор ба соли таълимии навбатӣ аз охири соли ҷорӣ сар мешавад.

Омӯзгори таълими технология (таълими меҳнат) ҳолати таҷҳизот ва асбобҳоро месанҷад. Камбудиҳои худро шахсан омӯзгор ислоҳ мекунад. Агар таъмири капиталӣ ё харидории асбобу таҷҳизот лозим бошад омӯзгор ба роҳбарияти мактаб ба таври хаттӣ муроҷиат мекунад.

Банақшагирии кори таълим аз омӯхтани барномаи мактабӣ ва навиштаҷоти фаҳмондадиҳии он оғоз меёбад. Барномаро омӯхта, бояд бодиққат таҳлил намуда, вазифаи таълимро муайян кард. Инчунин, бо мазмуни барнома, ки дар ҳаҷми дониш, маҳорат ва малака, ки хонандагони ҳар як синф бояд соҳиб шаванд,бо нишондоди ин ё он мавзӯъ, шумораи соат, номгӯи объектҳои меҳнат бодиққат шинос шудан лозим аст.

Интихоби маҳсулот, яъне объекти меҳнат давраи масъулиятноки тайёрии омӯзгор ба гузаронидани машғулият ба ҳисоб меравад. Ба ғайр аз он маҳсулот бояд аз рӯйи таъйиноти хоб бояд ҷамъияти фоиданокӣ бошад, ки ба онҳо як қатор талаботҳо муайян карда шудааст:

1. Коркарди маҳсулот бояд аз амалиётҳои меҳнатии дар барномаи таълим дида баромада шуда иборат бошад.

2. Кори ба сохтани маҳсулот вобастабуда, бояд барои хонанда, чун дар дақиқӣ ва меъёри вақти банақшагирифта мувофиқи қувваи онҳо бошад.

3. Аз рӯйи таъйинот ва сохти маҳсулот ба фаҳмиши хонандагон дастрас бошад. Ин талабот хусусан барои он лаҳза, ки хонандагон моделҳои гуногун зарур аст.

**3. Тайёрии омӯзгор ба машғулиятҳои мавзӯи навбатӣ.** Тайёрии омӯзгор ба машғулият аз рӯйи мавзӯъ аз тартиб додани нақшаи тақвимӣ оғоз меёбад.

Вобаста аз шароит нақшаи тақвимӣ якбора ба тамоми соли таҳсил, нимсола ё як чоряк тартиб дода мешавад. Агар мактаб устохона ва пойгоҳи хуби моддӣ дошта бошад, нақша ба тамоми соли таҳсил тартиб дода мешавад. Агар масолеҳ барои сохтани объекти меҳнат кам бошад ё аз сарчашмаҳои дигар ворид шавад, нақшаи тақвимӣ дар нимсол ё як чоряк тартиб дода мешавад.

Барои он мактабҳо, ки ба омӯзиши фронталии ҳамаи гурӯҳ қудрат надоранд, ҷадвали (график) алоҳида тартиб медиҳанд. Масалан, агар мактаб шумораи лозимии таҷҳизот ва асбобҳо надошта бошад ё шумораи хонандагон зиёд бошанд ҷадвал тартиб медиҳанд, ки хонандагон бонавбат кори дар барнома муқарраршударо иҷро намоянд.

Барои пурра истифодаи таҷҳизот намуди сохтани маҳсулот мусоидат мекунад. Ин маънои онро дорад, ки бонавбат аз дастгоҳ ё таҷҳизот истифода мебаранд, яъне кор бад ин тартиб сурат мегирад.

Ҳамаи маводди таълимӣ, ки мазмуни мавзӯи таълимиро ифода мекунад, омӯзгор ба машғулият (дарс) тақсим мекунад, намуди дарс ва иртиботи байни онро муайян мекунад, методҳои таълимиро сабт менамояд, объекти кори хонандаро интихоб мекунад.

Таҳлили кори омӯзгорони пешқадам нишон медиҳад, ки системаи дарсро оид ба ин ё он мавзӯъ тартиб дода аз рӯйи чунин дастур кор кардан лозим аст: 1) ҷойи мавзӯъ дар фанни таълимӣ ва доираи дониш, маҳорат ва малака, ки хонандагон бояд соҳиб шаванд; 2) пайвасти назария бо амалия; 3) аҳамияти маводди мавзӯъ барои имконияти инкишофи дониши хонандагон; 4) тайёрии хонандагон ба аз худ кардани мавзӯи нав; 5) аз рӯйи мантиқ баён кардани маводди таълимӣ; 6) имконияти эҷодии кори хонандагон; 7) натиҷаҳои дар назар дошташуда баъди омӯзиши мавзӯъ; 8) робитаи дарс бо корҳои беруназсинфии хонандагон.

Мазмуни ҳар як дарсро пешакӣ дониста, омӯзгор имконияти муайян кардани тайёрии хонандагонро донад ва дар назди онҳо вазифа оид ба такрор намудани маводди гузаштаро гузорад. Дар натиҷаи ҳамаи корҳои дар боло нишондодашуда нақшаи тақвими омӯзиши мавзӯъҳои дарпешистодаро тартиб додан мумкин аст.

**Намунаи нақшаи тақвимӣ оид ба мавзӯи «Гулдӯзӣ (бахиядӯзӣ)» (синфи VII)**

| № | Мавзӯи дарс | Маълумоти техникӣ | Кори амалӣ | Объекти кор |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Технологияи тайёр кардани хӯроки миллӣ | Аҳамияти таомҳо барои таъмин эҳтиёҷи ғизоии инсон. Истифодаи хӯрокҳо ва тайёр кардани он. Ташкили ҷойи корӣ. Талаботи беҳдоштию гигиенӣ ва қоидаҳои бехатарии меҳнат. Усулҳои оростани дастархон барои тантана ва идҳо. Ороиши дастархон. Истифодаи зарфҳо ва шустани он | Ҷобаҷо намудани воситаҳои хӯрокхӯрӣ ва орододанидастпоккунак ҳангоми ороиши дастархон | Асбоб, таҷҳизоти зарурӣ ва воситаҳои хӯрокхӯрӣ |

Омӯзгорон метавонанд аз нақшаи тақвимии шуъбаи маориф, ки аз тарафи омӯзгорони пешқадам тартиб дода шудааст ё аз рӯзномаю маҷалла, ки пешниҳод мешавад истифода баранд.

**4. Тайёрии омӯзгор ба дарс.** Дар тайёрии омӯзгор ба дарс чорабиниҳои характери ташкилӣ, методӣ, инчунин чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани ихтисосдоштан ҷудо кардан мумкин аст.

Маълум аст, ки дониши омӯзгор назар ба талаботҳое, ки аз хонандагон талаб карда мешавад бояд васеъ ва чуқур бошад,. Омӯзгор бояд ба ҳамаи саволҳои берун аз барномаи хонандагон тайёр бошад. Вай бояд малакаҳои касбии вобаста ба самтҳои таълими технология (таълими меҳнат) бударо соҳиб бошад.

Тайёрии методии омӯзгор ба дарс аз кор бо адабиёти методӣ сар мешавад. Омӯзгор китоби дарсӣ дида мебарояд, то ки ҳангоми баёни маълумоти нав ин маводро ба назар гирад. Омӯзгор, инчунин ба адабиёти таълимӣ оид ба асосҳои илм шинос мешавад. Чунин роҳнамоӣ аз рӯйи ду сабаб асосӣ зарур аст. Якум, дар китоби дарсӣ маводди ҳади аққал барои иҷрои барномаи таълим ба қадри кифоя ифода ёфтааст. Дуюм, мазмуни дар китоби дарсӣ ифодаёфтаи маводди таълимӣ, ба дараҷаи инкишофи умумии хонандагон ва дониши онҳо оид ба асосҳои илм, ки ба омӯзгор барои тайёр шудан ба баёни мавзӯъ барои хонандагон дастрас бошад ёрӣ мерасонад, мувофиқ мебошад.

Барои тайёрии омӯзгор ба дарс, шиносоӣ ба адабиёти методӣ, ки таҷрибаи кории омӯзгорон ва мактабҳои беҳтарини ҷум ҷамъбаст шудааст, аҳамияти калон дорад. Дар адабиёти методӣ тавсияҳо оид ба сохтани раванди таълим, интихоби объекти меҳнат ва оид ба саволҳо дигар, ки бо иҷрои масъалаҳои таълимӣ дар дарсҳои таълими технология (таълими меҳнат) пайваст аст дида мешавад. Омӯхтани таҷрибаи дигар ба омӯзгорон зарур аст. Иштирок дар дарсҳои кушод, дарсҳои намунавӣ барои омӯзгор ҳатмӣ мебошад.

То саршавии машғулият ба омӯзгорон тавсия дода мешавад, ки мустақилона объекти меҳнатро, ки барои хонандагон ба сифати вазифаи меҳнатӣ қайд шудааст, риоя кунанд. Аз нуқтаи назари методӣ аз рӯйи чунин сабабҳо зарур мебошад: якум, обрӯю эътибори омӯзгор баланд шавад, агар хонандагон бинанд, ки омӯзгор бо пуррагӣ ба тарзҳои меҳнатӣ соҳиб мешаванд ва ӯ чун намунаи шахсӣ хизмат карданаш имконпазир аст. Дуюм, объекти меҳнате, ки омӯзгор месозад, чун намуна барои хонандагон хизмат мекунад. Сеюм, раванди меҳнатиро мустақилона иҷро намуда, омӯзгор аниқ тасаввур мекунад, ки дар хонандагон чӣ гуна мушкилӣ пеш меояд ва ҳангоми иҷрои кор ба кадом хатоҳо роҳ медиҳад.

Дар тайёрии омӯзгор ба дарс таҳлили хатои хонандагон ҷойи асосиро ишғол мекунад. Таҷриба нишон медиҳад, ки 10 % вақти таълимӣ ба ислоҳи хатоҳо сарф мешавад. Хатоҳои хонандагон аз сабабҳои гуногун ба амал меоянд. Баъзан бо гуноҳи омӯзгор, агар ӯ маводди таълимии дарсиро пурра баён карда натавонад.

Баъзан бо гуноҳи хонандагон, агар онҳо бодиққат баёни омӯзгорро гӯш накардабошад. Хато баъзан объективӣ (воқеӣ) ба амал омада метавонад (инкишофи ҷисмонии хонандагон).

Сифати гузаронидани дарс аз коркарди пешакии саволҳои ташкилӣ вобастагии калон дорад. Ҳар як хонанда бояд бо асбобҳои лозимӣ ва масолеҳ таъмин бошад. Аз омӯзгор тайёр намудани айёният (ҳуҷҷатҳои техникӣ, нақша, харитаи технологӣ, овезаҳои бехатарии кор, моделҳо ва ғайра) талаб карда мешавад.

Тайёрии омӯзгор ба дарс бо тартиб додани нақшаи дарс ба охир мерасад.

Чӣ қадаре, ки нақшаи дарс пурра, муфассал бошад, ҳамон қадар ба омӯзгор ҳангоми гузаронидани дарс кумак мерасонад.

Нақшаи дарс аз рӯйи чунин шакли намунавӣ тартиб дода мешавад:

## Мавзӯъ: «Нигоҳубини кӯдак»

**Барнома:** Гигиенаи бадани кӯдак. Хӯрокҳои истифодашаванда барои кӯдаки ширхора ва аз ширбаромада. Хӯрокҳои ғизоӣ ва витаминҳо барои афзоиши кӯдак. Низоми хоб, низоми хӯроккӯрӣ, низоми истироҳат. Тоза ва озода нигоҳ доштани кӯдак (оббозӣ дорондан, равған кардан, крем ё вазелин молидан).

**Салоҳиятҳо:**

- воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро пайдо карда метавонад;
- доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-дар бораи нигоҳубини кӯдак шарҳ дода метавонад;
-истифодаи асбобу абзорҳоро барои нигоҳубини кӯдак номбар карда, онро истифода бурдан;
-равандҳои иҷрои обутоби бадани кӯдакро шарҳ дода, онро амалан иҷро кардан;
-оид ба талаботи беҳдоштиву гигиении либоси кӯдак ва лавозимоти хоб маълумот додан;
-интихоби асбоб, маводҳои истифодабаранда ва хӯрокҳои кӯдакро шарҳ додан;
-ҳангоми истифода маводҳои молиданӣ ва шустушӯйи кӯдаконаро сарфакорона истифода бурда метавонад;
-саломатии кӯдакро эҳтиёт карда, барои тарзи ҳаёти солим маълумот додан.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба пухтупаз

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозиру– ғоиб (ҳасту нест) кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Мӯй аз чанд қисм иборат аст?
2. Барои шустани мӯй аз кадом маводҳо истифода мебаранд?
3. Мӯйи кӯтоҳ чӣ гуна ороиш дода мешавад?
4. Бо кадом мақсад мӯй кӯтоҳ карда мешавад?

**3.Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба нигоҳубини кӯдак суҳбат гузаронида, нигоҳубини либоси кӯдак, интихоби хӯроки кӯдак, шустушӯйи кӯдак, масҳ ва иҷрои машқҳои гимнастикӣ, сайру гашти кӯдак, интихоби дурусти бозиҳои кӯдак аз ҷиҳати гигиенӣ, нигоҳдории ҳарорати хона, интихоби дурусти воситаҳои хӯрокдиҳии кӯдак шарҳ дода мешавад.

Ба дунё омадани кӯдак барои ҳар хонадон хурсандии бузург аст ва он боиси мустаҳкам шудани оила ва пойдории он мешавад. Аз ин рӯ, ӯ аз рӯзи нахусти ба дунё омаданаш бояд ба нигоҳубини махсус фаро гирифта шавад. Барои кӯдаки навзод, аз рӯйи имкон, хонаи ҷудогона ё гӯшаи алоҳида омода кардан лозим аст. Аз хона ё гӯшаи кӯдак чизҳои зарур набуда берун карда мешаванд. Агар барои кӯдаки навзод кати махсуси хоб, ки дар қисми пешаш пояи махсус ва дар болояш ҳалқа аст, таҳия карда шавад, барои нигоҳубини ӯ хеле манфиат меорад. Зеро аз ҳалқаи болои поя тӯр гузаронида кати хобро мепӯшонед. Ин имконият медиҳад, ки кӯдак дар вақти хоб ё ҳар гуна ҳолати дар кат буданаш муҳофизат карда шавад. Ҳамчунин дар дохили кати хоби кӯдак болину кӯрпачаи мулоим ва кӯрпаву кампали мувофиқ гузошта мешавад. Фаромӯш накунед, ки барои парпеч кардани ӯ мизи ҷудогона ва ҷойи махсус барои нигоҳ доштани либосҳояш лозим аст. Дар ҳолати зарурӣ ҷудо кардани як қисми ҷевони хона барои либос ва лавозимоти кӯдак мушкилро ҳал мекунад.

Бозичаҳои кӯдак бояд ба синну солаш мувофиқ бошанд. Дар миёни онҳо набояд чизҳое бошад, ки кӯдак онҳоро фурӯ барад. Инчунин бозичаҳоеро, ки кунҷ ё нӯги тез доранд, ба кӯдак надиҳед, қисмҳои ҷудогонае, ки сабук, бе теғи тез ва ба синну солаш мувофиқ бошанд, безарар бошанд.

Шири модар барои кӯдак ғизои беҳтарин ва фоидабахш мебошад. Дар таркиби шири модар моддаҳои шифобахш, ба миқдори муайян сафеда, равған, ангиштоб, ҳормонҳо, моддаҳои аз бемориҳои сироятӣ муҳофизаткунанда мавҷуд аст. Пас аз шашмоҳагӣ ба кӯдак кам-кам оби ҷӯшида ё қандчойи на он қадар ширин хӯрондан мумкин аст. Инчунин дар ҳамин давра хӯрондани шарбати меваҷот ва сабзавот (аз 5-10 қатра то 50-80 мл), афшураи меваҷот: олуболу, зардолу, анор, сабзӣ, лаблабу, себ, помидор, тамашк, қулфинай ва ғайраро шурӯъ кунед. Аз ғизоҳои дигари субук, чун пюреи (куфташуда) сабзӣ, карам, картошка, каду, ғизоҳои ширӣ, ярмагӣ низ истифода кунед. Аз 7-моҳагӣ ба хӯроки кӯдак гӯшти қима, гӯштоб, зардии тухм, творог ва ғайра ҳамроҳ кардан хуб аст. Ба қоидаҳои беҳдошт ва хӯрокхӯрии кӯдак таваҷҷуҳ кунед.

**Шустани кӯдак.** Кӯдакро ҳар рӯз пеш аз хоб дар оби ҷӯшидаи то 35-37$^0$C бишӯед. Дар давраи аввал бо собунҳои кӯдакона ӯро ҳафтае як маротиба шуста, сару рӯ ва ҳамаи қисми баданашро пок кунед ва зуд либосашро бипӯшонед. Нохунҳояшро дар як ҳафта як бор бигиред.

Шурӯъ аз 2-моҳагиаш кӯдакро ба сайругашт бароред. Дар аввал вақти камтар, оҳиста-оҳиста ҳавохӯриро то як-ду соат давом додан мумкин аст. Дар фасли зимистон дар ҳавои 10-15$^0$C то ду бор дар як рӯз 3-4 соатӣ сайругашт кунед.

Агар реҷаи (ратсион)-и кӯдакро дуруст интихоб карда бошед, рушди кӯдак хуб шуда, вай ҷисман солим ба камол мерасад. Организми ин гуна кӯдак ба бемориҳое чун рахит, ҳассосият ё аллергия ва норасоии витамин тобовар мешавад.



***Тарзи дурусти нигоҳубини кӯдак***







***Намунаҳои хӯрокҳои кӯдакон: хӯрокҳои ширӣ,***
***шарбат ва пюреи меваҷоту сабзавот***

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Оид ба нигоҳубини дурусти кӯдак маълумот диҳед.
2. Барои афшура аз кадом намуди мева истифода бурда мешавад?
3. Барои тайёр кардани пюре (куфта) аз сабзавот кадом сабзавот бештар истифода бурда мешавад?
4. Барои шустушӯйи кӯдак бештар кадом навъи собун ва маҳлулҳо истифода бурда мешавад?
5. Оид ба хӯрокҳои иловагии сунъии кӯдаки ширхора маълумот диҳед.

**5.Истифодаи бозии “Интихоби касб”**

Аз тарафи омӯзгор синф ба ду зергурӯҳ тақсим карда мешавад. Супориш дода мешавад, ки намояндагони гурӯҳҳо бояд кӯдакро дуруст ва мувофиқи талабот дар муҳлати муайяншуда ва бо истифодаи матои пахтагин парпеч намоянд. Ба ҷойи кӯдак ба намояндагони гурӯҳҳо лӯхтак дода мешавад. Он намояндаи гурӯҳе, ки дуруст ва мувофиқи талабот кӯдак (лӯхтак)-ро парпеч менамояд, ғолиб дониста мешавад.

**6. Кори амалӣ:** Тайёр намудани хӯроки кӯдак аз маҳсулоти сунъӣ

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва беҳдоштиву гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор ба хонандагон супориш дода мешавад, ки шири сунъии интихобӣ омода созанд;
2. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки асбоб ва таҷҳизоти зарурӣ бо риояи талаботҳои беҳдоштиву гигиенӣ барои омода намудани шири сунъӣ тайёр карда шавад;
3. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки муҳлати истифодаи шири сунъӣ, ки дар қуттӣ нишон дода шудааст, муайян карда шавад;
4. Супориш дода мешавад, ки обро ҷӯшонида, ба зарфи болояш пӯшида рехта шавад;
5. Бо риояи қоидаҳои талаботи беҳдоштиву гигиенӣ ва техникаи бехатарӣ аз ҷойи муайяншудаи селофани шири хушк бурида шавад;
6. Миқдори муайяни об гирифта, ба зарфи кӯдак андохта шавад;

7. Хокаи шири хушкро бо қошуқи махсуси дар дохили қуттӣ буда, бо миқдори муайян гирифта шуда, ба зарфи кӯдак андохта шавад;

8. Ҳангоми андохтани хокаи шири хушк ҳарорати об муътадил бояд бошад, ки таркиби шири тайёршуда вайрон нашавад;

9. Баъди пӯшидани сарпӯши зарф, оҳиста омехта карда шавад;

10. Супориш дода мешавад, ки хонандае, ки кори амалӣ иҷро мекунад, аввал бояд либоси махсус пӯшида, сарбанд баста, дасташро шӯяд;

11. Баъди риояи талаботҳои беҳдоштиву гигиенӣ аз тарафи хонандагон барои кӯдаки 3 моҳа, 6 моҳа ва 9 моҳа шири сунъӣ бо талаботи меъёри муайяншуда тайёр карда шавад;

12. Бо мақсади санҷидани сифати шири тайёршуда, ҳатман аз тарафи хонандагон чашида шавад;

13.Вобаста ба сифати шири тайёршуда аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда шавад.










***Тарзи дуруст омода намудани хӯроки сунъӣ барои кӯдак***

**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи нигоҳубини кӯдак шарҳ дода метавонад? | | | |
| Истифодаи асбобу абзорҳоро барои нигоҳубини кӯдак номбар карда, онро истифода бурда метавонад? | | | |
| Равандҳои иҷрои обутоби бадани кӯдакро шарҳ дода, онро амалан иҷро карда метавонад? | | | |
| Оид ба талаботи беҳдоштиву гигиении либоси кӯдак ва лавозимоти хобӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Интихоби асбоб, маводҳои | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| истифодабаранда ва хӯрокҳои кӯдакро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми истифодаи маводҳои молиданӣ ва шустани кӯдак сарфакорона истифода бурда метавонад? | | | |
| Саломатии кӯдакро эҳтиёт карда, барои тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

## IV. РАВИШИ ДАРСИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) ДАР СИНФИ 7

Фанни Технология (таълими меҳнат) дар синфҳои ҳафтум таълим дода шуда, таълими якҷояи фанни пештараи таълими меҳнатро дар бар мегирад.

Дар рафи дарҳои он хонандагон ҳам коркарди маҳсулотро иҷро мекунанд, хӯрокҳо аз дон, ярма, шир, маҳсулоти макаронӣ, хӯриш, ширинӣ ва ғайра пухта, мувофиқи табъ ороиш медиҳанд, барои зимистонгузаронӣ аз мева ва сабзавот захира мекунанд, тарзҳои нигоҳдории маҳсулотро муайян менамоянд, маснуотро бурида медӯзанд, ороиш медиҳанд, гулдӯзӣ (бахиядӯзӣ) менамоянд, ҳам дар заминаи ҳамон ашё таълими меҳнатро иҷро менамоянд. Яъне ҳар як дарс тақрибан ба ду қисм тақсим мешавад: қисми аввал – маълумоти назариявӣ ва қисмати дуюм кори амалӣ ё баръакс. Вале мазмуни дарс ва тарзи ташкили он ба мавзӯъ вобаста аст. Яке аз вазифаҳои асосии омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат) ин инкишоф додани образҳои бадеии хонандагон, ба меҳнат ва зебоиофарию зебоипарастӣ ва ба эҷодкорӣ ҳидоят намудани онҳо мебошад. Фароҳам овардани шароити мувофиқ, муҳайё намудани асбобу маводди кор, дуруст, мақсаднок ва мунтазаму бошуурона ба роҳ мондани омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат) хонандагонро ба машғулиятҳои амалии синфҳои минбаъда тайёр намуда, аз тадбирҳои аввалини таълими технология дар доираи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин, дар хонандагон одитарин малакаю маҳорати меҳнатӣ ва эҷодӣ ташаккул ёфта, ба корҳои амалӣ ва ба ҳаёт омода мешаванд.

## V. АРЗЁБӢ

Арзёбӣ раванди бонизомест дар таълим, ки барои муайян, таҳлил ва гирдоварии маълумот ва барои ноил гаштан ба мақсадҳои таълимии дар барномаи фаннӣ зикршуда пешбинӣ шудааст.

Чунин хусусиятҳо арзёбӣ ва ҳисоботдиҳиро самаранок мегардонанд:

бояд ба мақсади ташаккул ва ҷамъбаст истифода шавад;

бояд доимӣ бошад (яъне мо набояд то охири мавзӯъ ё соли таҳсил интизор шавем, дар ин ҳолат барои тағйир ва такмил додани раванди таълим вақт намемонад);

бояд ба мақсади таълимии дарс, ки дар асоси натиҷаҳои таълими стандарт ва барномаи таълим таҳия шудаанд, он алоқаи мушаххас дошта бошад;

мувофиқ бошад (яъне супориши санҷишӣ бояд дониш ва малакаи мушаххасро арзёбӣ кунад. Масалан, мо барои санҷидани малакаи хондани хонанда аз ӯ хоҳиш намоем, ки матнро бо овози баланд хонад. Ин санҷиши мувофиқ нест, зеро он доир ба малакаи хондан ва муайян кардани ғояи асосии матн маълумоти кофӣ дода наметавонад. Ин нукта хеле муҳим аст, зеро мақсади хондан муайян намудани ғояи асосии матн аст) ;

воқеӣ бошад (ин маънои онро дорад, ки мо бояд тест ё санҷишро бо якчанд хонандаи дорои қобилияти якхела гузаронем, натиҷаи якхела ба даст меорем);

дубора санҷида шавад (яъне, натиҷаи онро каси дигар низ санҷида тавонад. Масалан, агар санҷиши шифоҳӣ гузаронем ва ба хонанда баҳо гузорем. Агар ҳамон хонандаро шахси дигар санҷад, он гоҳ шояд хонанда баҳои дигар гирад);

дар асоси меъёрҳо ба роҳ монда шавад, ки ин метавонад дурустии онро таъмин созад;

методҳои гуногуни арзёбӣ истифода шаванд (мо набояд танҳо ба санҷиши шифоҳӣ қонеъ шавем);

қобилияти аксари хонандагонро ба эътибор гирад (тестҳо бояд тарзе таҳия шаванд, ки барои хонандаи сустхон ва аълохон маълумоти кофӣ пешниҳод намоянд);

принсипҳои баробариро риоя кунад (воситаҳои арзёбӣ бояд хоҳиши гурӯҳи алоҳидаро инъикос накунад).

Барои таъмини пайдарпай ва истифодаи самараноки вақт омӯзгор бояд арзёбии умумиро ба роҳ монад. Ин чунин маъно дорад:

роҳбарони иттиҳодияҳои методии фаннӣ якҷоя бо омӯзгорон бонки воситаҳои арзёбиро таҳия карда, аз он дар мавриди лозима истифода бурда метавонанд;

дурустӣ ва мувофиқатии воситаҳоро омӯзгорон метавонанд якҷоя санҷанд ва натиҷаҳои санҷишҳоро муқоиса намоянд;

натиҷаи санҷиши ҷамъбастиро роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ ва муовини директор ҷамъ оварда, таҳлил мекунанд ва инкишофи тамоми мактабро нисбат ба натиҷаҳои таълими барномаи мазкур муқоиса менамоянд.

Аслан роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ бояд маълумотро доир ба ноил гаштани хонандагон ба натиҷаҳои таълим таҳлил карда, дар асосии таҳлилҳои мазкур муайян намоянд, ки кадом натиҷаҳои таълим ба даст оварда нашудаанд ва ба кадом омӯзгор ёрии методӣ ва маводди иловагии таълим зарур аст.

Комёбиҳои дониш, малакаю маҳоратҳои хонандагон оид ба фанни технология (таълими меҳнат) тавассути тестҳо ва таҳлили фаъолияти мустақилонаи онҳо, сифати кори иҷрокарда арзёбӣ карда мешаванд.

1. Тест (саволнома). Талабот ба гузарондани санҷиш:

саволҳои пурсишнома бояд дар доираи маводди барномаи таълим бошад;

супоришҳо бояд танҳо маводди омӯхтаи фанро фаро гиранд;

тарзи ифодаи саволҳо бояд ба хонандагон фаҳмо ва дастрас бошад;

пурсишнома бояд мунтазам гузаронида шавад, то ки хонандагон ба талаботи он одат кунанд.

2. Фаъолияти кори мустақилонаи хонандагон бояд ба талаботи зерин ҷавоб диҳанд:

маҳорати истифодаи воситаҳои меҳнат;

ба назар гирифтани ороиш, рӯшноӣ, тобишу шинамии рангҳо;

муҳайё намудани асбобу маводди кор;

риояи қоидаи бехатарӣ;

сарфаю сариштакорона истифода бурдани маводди зарурӣ;

муайян намудани ченаки маснуоти сохташаванда ва ашёи тасвиршаванда, маснуоти пухташаванда ва дӯхташаванда;

коршоямии маснуоти сохташаванда, дӯхташаванда;

дуруст баҳо додан ба натиҷаи меҳнати худ ва дигарон.

Барои муайян намудани дараҷаи ба даст овардаи салоҳияти хонанда аз фанни технология (таълими меҳнат) дар давоми сол (дар аввали сол, рейтингҳои 2,3,4; нимсолаи 1; нимсолаи 2; ҷамъбасти сол) санҷишҳо гузаронида мешаванд. Санҷишҳоро дар шаклҳои гуногун гузаронидан мумкин аст: шифоҳӣ, тестҳо, хаттӣ ва амалӣ (эҷод, ё иҷро намудани ягон амал) ва ғ. Воситаҳои арзёбӣ бояд мақсадҳои таълимии банақшагирифташударо инъикос кунанд.

Дар арзёбӣ намудани салоҳияти хонанда "портфолио"- и ӯ нақши хеле калонро дорад. Дар вақтҳои охир дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурии мо чунин таҷриба анъана шуда истодааст, ки он бунёди ҷузви комёбиҳои таълимии шахсии хонандагонро пешниҳод мекунад. Ҳар сол шумораи муассисаҳое, ки фаъолона ба ҷамъоварии комёбиҳо барои бунёди чунин портфолио машғул мешаванд, зиёд шуда истодааст. Дар анъанаҳои таҳсилоти Ғарб чунин таҷриба кайҳо истифода мешавад ва мафҳуми "портфолио" ин равандро инъикос мекунад. Портфолио ҳамчун яке аз ғояҳои асосии таҳсилоти даҳсолаи охир қабул шудааст. Чунин ақида мавҷуд аст, ки мактаби асри XXI - ин "мактаби портфолио" мебошад. Аз ин лиҳоз, ғояи портфолио ҳамчун унсури навкунии (модернизатсия)-и таҳсилоти мактаб ва умуман таҳсилот, ки дар тамоми ҷаҳон паҳн шудааст, баромад мекунад. Мафҳуми навкунӣ (модернизатсияи таҳсилот чиро дар бар мегирад ва бо кадом роҳ амалӣ мешавад? Низоми таҳсилот дар ин ҳолат дар намуди низоми таҳсилоти яклухт, дар якҷоягӣ бо ҳамаи низоми тағйирёбанда, ки ба тамаддуни муосир ва ҳамаи доираи

ҳаётиро дарбар мегирад, инкишоф меёбад. Бунёди ҷаҳони меҳнат вобаста ба шароитҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аст. Симои зоҳирии портфолио аз тахайюлот, қобилиятҳои эҷодӣ ва маҳорати хонандагон вобастагӣ дорад. Портфолио мумкин аст дар намуди ҷузвдон, карточка, қуттӣ ё чизи дигар ороиш дода шавад. Дар ин ҷо, хонандагон озодона метавонанд захираҳои зеҳнӣ ва эҷодии худро идора кунанд ва ташаббуси мустақилона зоҳир намоянд. Танҳо ба як талабот диққат додан лозим аст - ин қулай будани нигоҳдорӣ ҳангоми бунёди чунин портфолио. Мазмуни асосии портфолио аз чӣ иборат мебошад? Мақсади портфолио "нишон додани он, ки ту чӣ қобилият дорӣ" ин чунин шиор мебошад, ки хонанда ҳангоми бунёди портфолио ташаббускор бояд бошад.

1. Портфолио ҳамчун тарз, ки комёбиҳои шахсии хонандаро дар ин ё дигар давраи таълими ӯ қайд карда, ҷамъ ва баҳогузорӣ мешавад. Портфолио ба дараҷаҳои "аутентӣ" (саҳеҳ), яъне ҳақиқӣ ки ба баҳогузорӣ наздик мебошад. Дар ин ҷо баҳо фардӣ кунонида мешавад. Портфолио ба баҳогузорӣ аз рӯйи нуқтаи назари аслии баҳо ва худбаҳодиҳии хонандагон муайян карда мешавад.

2. Портфолио ҳамчун папкаи файлии корӣ, ки маълумоти гуногуни малака ва қомёбиҳои хонандагонро гирд овардааст, ҳуҷҷат карда шудааст.

3. Мақсади портфолио ба ҳисоби аз тарафи хонандагон дар фаъолияти такмилӣ, иҷтимоӣ, коммуникативӣ, эҷодӣ натиҷа мегирад, нигаронида шудааст. Он унсури асосии муносибат ба раванди таҳсилот ба ҳисоб меравад. Аз ҳама асосӣ инъикоси комёбиҳои шахсӣ бидуни фаъолияти таҳсилотӣ барои хонандагони зирак, боистеъдод, ки вазъияти фаъолро ишғол мекунанд, мебошад.

Мафҳуми "портфолио" модели баҳогузории ҳақиқӣ мебошад, дар дараҷаи калон, назар ба баҳогузории анъанавӣ барои зоҳир намудан: (расми 1)



Гуфтаҳои дар боло қайдкардашударо ба назар гирифта чунин хулоса кардан мумкин аст, ки портфолио на фақат шакли баҳодиҳии муосир, инчунин вазифаҳои асосиро низ ҳал мекунад:

***Вазифаҳои портфолио***

**Дастгирии сабабияти баланди таълими хонандагон;**

**Баланд бардоштани мақоми кӯдак дар оила;**

**Ташаккули маҳорати умумӣ, таълимӣ ва малака ҳамчун воситаи баланд бардоштани маданияти меҳнати фикрӣ;**

**Барои фаъолнокӣ ва мустақилӣ ҳавасманд мекунад;**

**Васеъ гардонидани имкониятҳои таълим ва худомӯзӣ;**

**Инкишофи малакаи фаъолияти рефлексивӣ ва баҳодиҳӣ (худбаҳодиҳӣ)–и хонандагон;**

**Ба фардикунонӣ ва касбикунонии таҳсилнокии хонандагон ёрӣ мерасонад;**

**Ташаккули маҳорати хонандагон: гузоштани мақсад, банақшагирӣ ва ташкили фаъолияти таълимии фардӣ;**

**Тарбия намудани чунин сифатҳои шахсӣ: ростқавлӣ, бомақсад будан, устуворӣ дар комёбӣ ва ғайра;**

**Барои бомуваффақият худамалигардонӣ имконият медиҳад.**

Портфолио ба таври анъанавӣ интихоби маҷмӯи корҳо бо мақсади намоиши комёбиҳои хонандагон ба ҳисоб меравад. Он тарзи имконпазири баҳодиҳӣ нисбат аз шакли имконпазири баҳодиҳии анъанавӣ ба ҳисоб меравад (ба монанди тест ё имтиҳон).

| **Портфолио аз ҳисоби васеъ гардидани иқтидори функсияҳои таълимии мониторинги педагогӣ ба он чунин имкониятҳо пешниҳод мекунад:** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| зоҳир намудани камбудӣ; фарқи донистан аз надонистан дар раванди ҳимояи портфолио, ки аз рӯйи чунин меъёрҳо ба амал меояд; | | | | | |
| а) | б) | в) | г) | ғ) | д) |
| даки-қӣ | мантиқи баёни мавод дар портфолио | мавҷуд будани ҳамаи корҳо, ки аз рӯйи бахш ба нақша гирифта шудааст | инъикоси ҷойи шахсии хонанда (худтаҳлилкунӣ аз рӯйи мавзӯъ) | ҳақиқӣ будани корҳои эҷодӣ ва муносибати креативӣ ба раванди ҳалли муаммо | ҷавоби салоҳи-ятнок додан ба саволҳои рафиқон аз рӯйи мавзӯи омӯзишӣ |

| |
|---|
| 2) таъминот ҳангоми ба вуҷуд омадани мушкилиҳо дар баҳодиҳӣ ба комёбиҳои фардии хонандагон дар чунин методи корҳои коллективӣ чун лоиҳакашӣ ва ҳамкории робитаи баръакс (аз хонанда ба омӯзгор) |
| 3) сабабият, ки ба зарурат ва фоиданок будани мониторинг меоварад, ба худи хонанда, чунонки дар натиҷаи худбаҳодиҳии доимӣ ва худназораткунии хонандагон дониши худро такмил диҳанд, онҳо ба як системаи муайян мубаддал мешаванд ва ба инкишофи тафаккур ва хотира мусоидат мекунанд. |
| 4) мониторинги шахсӣ ба раванди таълим дар ташкили машғулият ва азхудкунии мавод маҳсулнок мешавад. |

***Портфолио ба хонандагон имкон медиҳад***

амиқ фаҳмидани сабабҳои комёбӣ ва нокомӣ дар таълим, дар асоси таҳлили худҳисобдиҳии хо-нандагон оид ба мавзӯъ, боб ё фанни омӯхташуда

афзундани дараҷаи фаъолнокии онҳо ҳангоми омӯзиши мавзӯъ, боб ё фан

пайгирии прогреси фардии хо-нанда, ки дар раванди таълим муваффақ шудааст бидуни му-қоиса ба комёбиҳои дигари хонандагон

Хулоса, вазифаҳои асосии портфолио ин баҳодиҳии комёбиҳо таҳсилоти он ва пурра намудани (ё иваз кардани) натиҷаҳои тестӣ ва дигар мониторингҳои шакли анъанавӣ; ҳуҷҷати ҷамъбастии портфолио монанди (аналоги) аттетстат гувоҳнома дар бораи натиҷаи тест; назорати инкишофи фардии хонандагон дар раванди гирифтани таҳсилот, ки бо комёбиҳои дигари хонандагон муқоиса карда нашудааст.

**Арзёбии ҷамъбастӣ**

Вобаста ба хусусиятҳои хосси фанни технология (таълими меҳнат), ки се тарзи асосии кор (иҷрои амал, эҷод, арзёбӣ)-ро дар бар мегирад, намудҳои назорат аз рӯйи ҳамин се самт ба роҳ монда мешаванд.

**<u>Истифода ва асосҳои коркарди мавод:</u>** вобаста ба синф (синн) хонанда донистан ва воситаи технологӣ истифода бурда метавонад.

**<u>Муносибати эҷодкорона дар меҳнат:</u>** вобаста ба синф (синн) дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро эҷод карда метавонад.

**<u>Интихоби касб:</u>** хонанда вобаста ба синф (синну сол) доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад.

**<u>Асосҳои тарбиявӣ</u>**: хонанда вобаста ба синф (синну сол) хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Намунаҳои арзёбӣ**

**Истифода ва асосҳои коркарди мавод**

Вобаста ба синф (синну сол) донистан ва истифода бурдани воситаи технологӣ (компютер, асбобу афзорҳои дастӣ, таҷҳизоти пазандагӣ ва дӯзандагӣ ва ғ...).

Ин самт бештар ба дуруст истифода бурда тавонистани воситаҳои технологӣ, инчунин, дар бораи вазифаи онҳо донистан равона шудааст.

Барои арзёбӣ намудани ин самт чунин усулҳоро истифода бурдан мумкин аст:

<u>Усули “Супориш”.</u> Хонанда супоришҳои гуногунро мустақилона иҷро менамояд.

Масалан:

1. Мӯйро ороиш диҳед, ва нигоҳубини мӯйро шарҳ диҳед.
2. Намуди бофтро аз назар гузаронед ва қоидаҳои иҷрои онро дар хотир доред.

3. Оид ба интихоби ресмон барои бофтани маснуот шарҳ диҳед.

4. Мувофиқи хоҳиши худ хӯроки гӯштӣ интихоб намуда, онро пазед ва мизро ороиш диҳед ва ғ...

**<u>Усули “Тест”:</u>** Хонанда ба саволҳо ҷавоби хаттӣ медиҳад.

Масалан:

1.Консервакунонии маҳсулоти хӯрокворӣ дар асри чанд пайдо шуд?
а) XVII;
б) XVIII;
в) XIX;
г) XX

2. Аввалин консервакунониро кӣ ихтироъ кард?
а) Нютон;
б) Франсуа Аппера;
в) Ҷон Лесли;
г) Эйнштейн

3. Либосҳои аз абрешими сунъӣ дӯхташударо дар кадом ҳарорат дарзмол мекунанд?
а) $100^0$ С;
б) $150^0$ С;
в) $200^0$ С;
г) $220^0$ С

4. Андозагириро аз кадом тарафи ҷусса мегиранд?
а) рӯ ба рӯ;
б) аз тарафи рост;
в) аз тарафи чап;
г) аз тарафи ақиб

**Усули “Шифоҳӣ”.** Хонанда ба саволҳои омӯзгор шифоҳӣ ҷавоб медиҳад.

Масалан, омӯзгор ашё нишон дода, аз хонанда ном ва вазифаи онҳоро мепурсад.

**Муносибати эҷодкорона дар меҳнат**

Вобаста ба синф (синну сол) дар доираи мавзӯъҳои гуногун эҷод карда тавонистани ғояҳои навро шарҳ дода тавонистани он.

Ин самт бештар ба эҷод карда тавонистани ғояҳои нав инчунин, шарҳ дода тавонистани он равона шудааст, на ба дуруст истифода бурда тавонистани воситаҳои технологӣ). Дар ин ҷо муҳим эҷод ва кашф карда тавонистани ғояҳои нав мебошад.

Барои арзёбӣ намудани ин самт чунин усулҳоро истифода бурдан мумкин аст:

**Усули “Кори амалӣ”**

Масалан: Бофтани мӯй

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва беҳдоштиву гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Ба хонандагон супориш дода мешавад, ки барои майдабофӣ намудан асбоб ва маводҳои зарурӣ омода карда шавад;

2. Бо мақсади риояи қоидаҳои санитарӣ-гигиенӣ беҳтар мешавад, ки шонаи худи хонанда истифода бурда шавад;

3. Аз тарафи омӯзгор як нафар аз духтарон интихобан даъват карда, тарзи дурусти майдабофӣ ба аҳли синф намоиш дода мешавад;

4. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, хонандае, ки барои майдабофии ороишӣ даъват карда мешавад, сараввал дастро шуста, бонавбат барои бофтан ба назди омӯзгор оянд;

5.Мувофиқи талаботи санитарию гигиенӣ ва тарзи бофтани мӯй, мӯйҳо майдабофӣ карда шавад;

6. Барои он, ки мӯйҳо титу нашаванд, аз попукҳои ороишӣ ё пахта истифода бурда, пилта сохта, ба охири мӯй бофта шавад;

7. Вобаста ба сифати бофтани мӯй ба хонандагони фаъол баҳогузорӣ карда мешавад.



**Эзоҳ:** Ба пайдарҳамии расми дар боло овардашуда, нигоҳ карда метавонед, мӯйро бо чунин тарз оро диҳед.

**Интихоби касб**

Вобаста ба синф (синну сол) шарҳ дода тавонистани касбҳои гуногун, арзёбӣ карда тавонистани намунаҳои объекти меҳнат, кори худ ва дигарон.

Ин самт бештар ба қобилияти арзёбӣ карда тавонистан, инчунин шарҳ дода тавонистани намунаҳои объекти меҳнат, кори худ ва дигарон равона карда шудааст.

Барои арзёбӣ намудани ин самт чунин усулҳоро истифода бурдан мумкин аст:

**Усули "Арзёбӣ намудани кори худ".** Хонанда ба натиҷаи кори худ баҳо медиҳад, камбудиҳову бартариҳои худро ёфта, онро мегӯяд.

Масалан, хонанда ягон маснуот мебофад, хӯрок ё хӯриш тайёр менамояд, ё месозад, омода менамояд. Омӯзгор супориш медиҳад, ки хонанда ба кори худ баҳо диҳад ва онро шарҳ диҳад, сабабашро фаҳмонад, камбудиву бартариҳои худро ёбад.

**Усули "Арзёбӣ намудани кори дигарон".** Хонанда ба натиҷаи кори дигарон, намунаҳои маснуотҳои бофташуда, хӯрок ва хӯришҳои тайёршуда, ба меҳнат баҳо медиҳад, муносибати худро нисбат ба он шарҳ медиҳад.

Масалан, хонанда кори ҳамсинфашро ё ягон намунаи маснуоти бофташуда, хӯрок ё хӯришҳои пухташударо мушоҳида карда, онро таҳлил менамояд ва камбудиву бартариҳои онро меёбад. Муносибати худро нисбат ба он шарҳ медиҳад, яъне мегӯяд, ки ба вай писанд омад ё не ва сабабаш дар чист.

**Асосҳои тарбиявӣ**

Вобаста ба синф (синну сол) шарҳ дода тавонистани касбҳои гуногун ва сифатҳои шахсият, ки ба мавзӯи мазкур мувофиқ аст.

Ин самт бештар ба хусусиятҳои шахсияти хонанда ва қобилияти онҳоро арзёбӣ карда тавонистан, инчунин шарҳ дода тавонистани

| |
|---|
| намунаҳои объекти меҳнат, кори худ ва дигарон равона карда шудааст. |

Барои арзёбӣ намудани ин самт чунин усулҳоро истифода бурдан мумкин аст:

**Намунаи арзёбии самти асосҳои тарбия**

Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад)*.

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Қобилияти таҳлилии худро инкишоф дода метавонад? | | | |
| Ҳангоми ба кор омода кардани асбобҳои баркӣ ба қоидаҳои техникаи бехатарӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Ба тозагӣ ва ботартиб гузоштани асбобҳои хӯроккӯрӣ дар рӯйи миз риоя карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми истифодаи маҳсулот ва мавод ба сарфакориву сариштакорӣ ба таври сода риоя карда метавонад; | | | |
| Ба покизагӣ дар раванди бофтани маснуот риоя карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад. | | | |

**Талабот ба гузарондани санҷиш:**

–санҷиш бо мақсади ташаккул додани хонанда гузаронида шавад, на барои маҳдуд намудани ӯ;

–саволҳои тест дар доираи муайян намудани рушди салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳо бошад;

–супоришҳо танҳо маводди омӯхтаи фанро дар бар гиранд;

–тарзи ифодаи саволҳо ба хонандаҳо фаҳмо ва дастрас бошанд.

| |
|---|
| Ин фан бештар бо мақсади ташаккул додани меҳнатдӯстӣ ва бедор кардани шавқи эҷодкорӣ равона карда шудааст ва дар арзёбӣ намудан ҳам, ин мақсадҳо бояд чун замина барои таҳия намудани саволу супоришҳо қабул карда шаванд. |

**Нақшаи тақвимӣ**
**Фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи 7**
**(ҳафтае 1 соат ҳамагӣ 34 соат)**

| **Номгӯи мавзӯъҳо** | Миқ-дори соат | Сентябр | | | | Октябр | | | | Ноябр | | | | Декабр | | | | | | Феврал | | | | Март | | | | Апрел | | | | Май | | | | Июн |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Нимсолаи якум Рейтинги 1** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Нигоҳубин ва таъмири либос | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ороиш ва нигоҳубини мӯй | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Нигоҳубини кӯдак | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Технологияи тайёр кардани хӯроки миллӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ороиши мизи хӯроки сард | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Қоидаҳои хӯрокхӯрӣ дар сари миз | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Гӯшт ва хӯроки гӯштдор | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Хӯрокҳои гӯштдор. Омода кардани хӯрокҳои дуюм | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Гӯшти паранда | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 9 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Нимсолаи 1 Рейтинги 2** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Гӯшти моҳӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Хусусияти хӯрокҳои миллӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Доир ба нон | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Маҳсулоти хамирӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Таҳия ва пухтани оши бурида, угро | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Консервакунонии сабзавот | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Консервакунонии мева | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Матоъҳо аз наххои химиявӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 8 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Нимсолаи 2 Рейтинги 3** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Нигоҳубини либос аз матоъҳои сунъӣ ва синтезӣ. Аппликатсия | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Дарз ва кӯкҳои дастӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Мошини дарздӯзӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Нигоҳубини мошини дарздӯзӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Сохтани амсила | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Сохтани нақшаи куртаи занонаи миллӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Сохтани қолаби либос | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Интихоби матоъ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Тайёр кардани қисмҳои буридашудаи камзӯлчаи пеш ва ақиби куртаи занонаи миллӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 9 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Нимсолаи 2 Рейтинги 4 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Дӯхтани танаи куртаи занонаи миллӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Пайваст кардани камзӯлча ба тана | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Пайваст кардани остин ба тана | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Пурра дӯхтани куртаи миллӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Қуроқдӯзӣ. Шаклҳои пайвастани матоъпораҳо | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Қуроқдӯзӣ. Дӯхтани дегпӯшак | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Сохтани бозичаҳои мулоим | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Дӯхтани рӯймол | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 8 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Ҷамъи умумӣ** | 34 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Ҳафтаҳо** | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | 31 | 32 | 33 | 34 |

**Машғулияти муқаддимавӣ**

## МАВЗӮЪ: МАНЗИЛИ МО, БЕҲДОШТИ ХОНАДОРӢ

**Барнома:** Ашёи асосӣ, ҷиҳози ҳуҷраи хоб. Ҷиҳати беҳдоштии хонаи хоб. Тақсимкунии ҷойҳои хоби бачагон (ҷойи кати бача, ҷойи бозӣ, гӯшаи истироҳатӣ). Унсурҳои асосии ороиши ҳуҷраи хоб. Мувофиқати рангҳо дар ҷиҳози хонаи хоб (парда, мебел, деворҳо, ҷевон, рӯйкашу рӯйпӯшҳо).

**Салоҳиятҳо:**

- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро эҷод карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Ҳуҷра ва вазифаҳои онро шарҳ дода тавонанд;
- Ҷобаҷогузории таҷҳизот ва ороиши ҳуҷраи хобро шарҳ дода тавонанд;
-Эҳтиёткорона ва муносибати хуб бо ҷиҳозҳои хонаи хобро риоя карда тавонанд;
-Баъзе ҷобаҷогузории таҷҳизоти хонаи хобро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда тавонанд;
-Оид ба талаботи беҳдоштии гигиенӣ дар ҳуҷраи хоб маълумот дода тавонанд;
Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонанд;
-Хусусиятҳои эстетикии интерйери ҳуҷраи хобро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳои таълимӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир – ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Интерйери хонаи хоб чӣ гуна бояд бошад?
2. Ҳуҷраи бачагон чӣ гуна мебел (ҷиҳоз) дошта бошад?

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба беҳдошти хонадорӣ суҳбат гузаронида, оид ба тозагӣ ва тартиботи хона, вазифаҳои ҳуҷраҳо, риоя ба қоидаҳои санитарӣ-гигиенӣ ва талаботи техникаи бехатарӣ, интерйери хонаи хоб, ҳуҷраи бачагон шарҳ дода мешавад.

Тозагӣ ва тартиботи хона ҷузъи асосии гигиена мебошад. Ҷиҳозҳоро дар хона ба ба таври дуруст гузоштан лозим аст, зеро зиёдатии онҳо рӯбучинро мушкил ва фазои хонаро торик мекунад, инчунин боиси ҷамъ шудани чангу ғубор мегардад.

Барои тоза нигоҳ доштани хона ҳар рӯз чанги онро тоза карда, фарши онро бо чуткаи намнок рӯфтан ва шишаи тирезаҳоро зуд-зуд шустан лозим аст. Мебелҳои мулоим ва қолинҳоро бо чангкашак тоза кардан беҳтар аст. Барои он, ки ҳавои хона доим тоза бошад, хонаро ҳар рӯз ду маротиба: пагоҳӣ – ҳангоми хонағундорӣ ва шабона – 30 дақиқа шамол додан лозим аст. Дар тобистон бештар тирезаро кушода мемонанд. Агар дар хона шахсони бемор бошанд, хонаро боэҳтиёт шамол медиҳанд.

Дар як хонавода ҳар ҳуҷра якчанд вазифаро иҷро мекунад. Вале дар ҳама ҷо бояд қоидаҳои беҳдоштӣ-гигиенӣ, талаботи техникаи бехатарӣ риоя карда шавад. Ҳуҷраи ошхона, зарфҳои хӯрокпазӣ, ашёи ошхона (дастархон, сачоқҳо, сарпӯши дег, зарфҳои чойнӯшӣ, дастпӯшак барои корҳои ошхона, пешдоман, сарбандак ва ғайра) бояд доим поку тоза бошанд. Хонаи зист, махсусан ошхона бояд аз пайдоиши ҳашарот чун нонхӯрак, магас, мӯрча эмин нигоҳ дошта шавад. Агар ин ҳашаротҳо пайдо шаванд, онҳоро сари вақт бо хок ё маҳлули махсус нест кардан лозим аст.

**Интерйери хонаи хоб.** Шакл, ороиш ва тартиби хонаҳои хоб аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимми зебоӣ ва таровати хона аст. Дар хонаи хоб чизу чораи зибдатӣ нагузоред, болину бистарро ҳамарӯза батартиб даровarда дар ҷойи худ бигузоред. Ҳар рӯз ҳавои хонаро

тоза ва фаршу мебелҳояшро аз гарду хок пок кунед. Аз рӯйи имкон дар гулдонҳо гузоштани гул ва ороишҳои дигарро фаромӯш накунед. Хонаи хоби духтарон ба ороишоти махсус ва тартибу низоми хосса ниёз дорад. Асбобу анҷоми ороиш, воситаҳои дилхушӣ, сурату портретҳо бояд бо завқи баланд дар ҷойи муносиб гузошта шаванд. Рӯйпӯшу ҷойпӯши бистари хоб ҳар ҳафта иваз карда шавад.

**Ҳуҷраи бачагон.** Ҳуҷраи бачагон бояд ҷудогона, равшан ва агар аз тарафи офтобрӯя бошад, беҳтар аст. Зеро бачаҳо дар ин хона хоб меравaнд, дарс таёр мекунанд, расм мекашанд, машқу бозӣ мекунанд. Ғайр аз ин бачаҳо мувофиқи синну сол ва шавқу рағбаташон ба гӯш кардани мусиқӣ, корҳои суратгирӣ (аксбардорӣ) ва сохтани радио ё моделҳои гуногун машғул мешаванд. Бинобар ин, ҳавои хонаи онҳоро ҳамеша тоза карда, тартибу низом ва покиву тозагии онро ҳамеша назорат кардан лозим аст. Дар вақти муайян дару тиреза ва фарши онро бо маҳлулҳои махсус шуста ва бо латтаи тар пок кардан лозим аст. Калонсолон бояд ҳамеша ба тартиб даровардани асбобу анҷом ва ашёи хониш, инчунин риояи тозагӣ аз тарафи худи бачагонро зери назорат бигиранд.



***Намудҳои интерйери ҳуҷраи хоб***

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Барои тоза нигоҳ доштани ҳуҷраи хоб кадом амалҳоро иҷро кардан лозим аст?

2.Барои он ки ҳавои хона тоза бошад, чанд маротиба хонаро ҳаво додан зарур аст?

3.Рӯйпӯш ва ҷойпӯши бистари хоб чанд маротиба дар як ҳафта бояд иваз карда шавад?

**5.Истифодаи усули Кластери сода**

Кластер (claster – хӯша, даста) усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзӯъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Ин усул аз тарафи мутахассиси масъалаҳои эҷодӣ Тони Бюзан кор карда шудааст. Ин усул имкон медиҳад, ки хонандагон барои фикр намудани мавзӯи дарпешистода сафарбар шаванд.

Дар марказ як мафҳум, савол ё масъалаи мавзӯи нав навишта мешавад. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки маълумотҳои доштаашонро оид ба он нависанд. Ин имкон медиҳад, ки хонандагон ҳамаи андешаҳои баёншударо дар як ҷо гирд оварда, дар баробари шунидани онҳо боз аёнӣ бо онҳо шинос гарданд.

Намуна:

Масъала: 1.Хонаи истиқоматӣ аз кадом ҳуҷраҳои асосӣ иборат аст?




2.Ба унсурҳои ороиши хуҷраи хоб кадом ҷиҳозҳо дохил мешаванд?




**6. Кори амалӣ:** Шиносоӣ бо қоидаҳои тартиби ҷобаҷогузории ҳуҷраи хоб

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва беҳдоштиву гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки қоидаҳои тартиби ҷобаҷогузории ҳуҷраи хобро дар дафтари корӣ навишта аз худ карда шавад;
2. Дар хонаи хоб чизу чораи изофӣ гузошта нашавад;
3. Болину бистарро ҳамарӯза батартиб дароварда, дар ҷойи худаш гузошта шавад;

4. Ҳар рӯз ҳавои хонаро тоза ва фаршу мебелҳояшро аз гарду хок пок карда шавад;
5. Аз рӯйи имкон дар гулдонҳо гузоштани гул ва ороишҳои дигарро фаромӯш набояд кард;
6. Хонаи хоби духтарон ба ороишоти махсус ва тартибу низоми хосса ниёз дорад, ки талаботҳои он бояд қатъӣ риоя карда шавад;
7. Асбобу анҷоми ороиш, воситаҳои дилхушӣ, акс, сурату портретҳо бояд бо завқи баланд дар ҷойи муносиб чида шавад;
8. Рӯйпӯшу ҷойпӯши бистари хоб ҳар ҳафта бояд тибқи талаботи қоидаҳои беҳдоштию гигиенӣ иваз карда шаванд;
9. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки 4-5 банди дигар оид ба қоидаҳои тартиби ҷобаҷогузории ҳуҷраи хоб аз тарафи хонандагон навишта шуда, шарҳ дода шавад;
10. Вобаста ба дурустии иҷрои супориш ва маълумоти пурра додани хонанда аз тарафи омӯзгор ба хонандаи фаъол баҳои баланд гузошта мешавад.

**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **Метавонад** | **Қисман метавонад** | **Наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи ҳуҷра ва вазифаҳои он маълумот дода метавонад? | | | |
| Оид ба ҷобаҷогузории таҷҳизот ва ороиши ҳуҷраи хоб шарҳ дода метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона ва муносибати хуб бо ҷиҳозҳои хонаи хобро риоя карда метавонад? | | | |
| Баъзе ҷобаҷогузории таҷҳизоти хонаи хобро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда метавонад? | | | |
| Оид ба талаботи беҳдоштиву гигиенӣ дар ҳуҷраи хоб маълумот дода метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии интерйери ҳуҷраи хобро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## ДАРСИ 1
## МАВЗӮЪ: НИГОҲУБИН ВА ТАЪМИРИ ЛИБОС

**Барнома:** Ташкили ҷойи корӣ ва бехатарии меҳнат. Нигоҳубини либос. Тартиби шустан ва дарзмол кардани либос. Корҳои гармию намидиҳии либос. Либосҳои духташуда.

**Салоҳиятҳо:**
- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Нигоҳубин ва таъмири либосро шарҳ дода тавонанд;
- Қоидаҳои талаботи беҳдоштиву гигиении либосро шарҳ дода, онро риоя карда тавонанд;

- Сохт ва нуқсонҳои либоси таъмиршавандаро фарқ карда, роҳи таъмири онро дар амал иҷро карда тавонанд;
- Равандҳои иҷро кардани таъмири либосро шарҳ дода, дар амал иҷро карда тавонанд;
- Истифодаи асбобу абзорҳои истифодабурдаро шарҳ дода, бо онҳо кор карда тавонанд;
- Баъзе қисматҳои либосро устокорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда тавонанд;
- Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, мувофиқи он либосро интихоб карда тавонанд;
- Хусусиятҳои эстетикии либосро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба пухтупаз.

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Барои тоза нигоҳ доштани ҳуҷраи хоб кадом амалҳоро иҷро кардан лозим аст?
2. Барои он ки ҳавои хона тоза бошад, чанд маротиба хонаро ҳаво додан лозим аст?
3. Рӯйпӯш ва ҷойпӯши бистари хоб чанд маротиба дар як ҳафта бояд иваз карда шавад?

**3.Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба нигоҳубини либос суҳбат гузаронида, дар бораи таъмири либос, маданияти либоспӯшӣ, истифодаи навъи матоъҳо, тарзи дурусти овехтани либос, интихоби либос вобаста ба фасли сол, риояи қоидаҳои гигиении шахсӣ шарҳ дода мешавад.

Маданияти либоспӯшӣ маҳорати нигоҳубини либосро низ дар бар мегирад. Ҳар ки либоси зебо пӯшидан мехоҳад, бояд хушсалиқа ва озода бошад. Либоси дарзмол нашудаю доғдор ё гиребонаш чиркину фарсударо пӯшидан мумкин нест. Ҳамеша тугмаҳои либосҳоятонро аз назар гузаронда, ҷойҳои даридаи онҳоро сари вақт дӯхтан лозим. Дар зарурат ҷойҳои тугмаро бо порчаҳои сахт мустаҳкам карда, ба зери бағал ва оринҷи либоси ҳаррӯзаи трикотажӣ чарм дӯхтан лозим аст.

Барои он ки шим ё доман (юбка) ғиҷим нашавад, онро сари вақт дарзмол карда ва пас аз 2-3 рӯзи пӯшидан «дам додан» лозим аст. Ин хусусан ба либоси навъи матоъҳои пашмӣ ва наххҳои химиявӣ дахл дорад, зеро онҳо бӯй (масалан, дуди тамоку)-ро ба худ мекашанд. Барои доман ва шим либосовезакҳои махсус заруранд. Аз болои пӯшоки гиребонаш мӯйина ё палтои мӯйина либоси дигар овехтан мумкин нест. Ва агар тар шаванд, онҳоро дар назди оташ ё дар болои қубурҳои оби гарм хушк кардан мумкин нест, чунки мӯйи онҳо мепечад. Либосҳои аз матоъҳои пашмӣ дӯхташударо низ пас аз шустан дар назди оташ ва дар болои қубурҳои оби гарм хушк накунед, зеро рангашон ба ҳамдигар мегузарад. Ҳангоми фаро расидани фасли гармо, либосҳои гарм, яъне палто, каллапӯш, ҷемпер ва монанди инҳоро ба тартиб оварда (тоза кардан, шустан, дарзмол кардан), бодиққат таҳ карда, доруҳои зидди куяро дар коғаз печонида, ба дарунаш гузоред ва то мавсими оянда дар ҷойи махсус бигузоред.

Ба нигоҳубини ашёи патдор (махсусан, болишту бистарҳои патдор) бештар аҳамият диҳед. Ин гуна ашёро ҷилд кардан лозим аст, то ки пати онҳо берун набарояд, албатта ба ғайр аз ҷилди ҳар ҳафта ивазшаванда. Ин намуди ашёро гоҳ-гоҳ офтоб дода ва аз намӣ эмин доштан лозим аст. Табиист, ки ҳар шахс вазифадор аст қоидаҳои гигиенаро риоя кунад, аммо дар баробари ин шахсони масъул дар хона бояд тозагию озодагии аъзои хонавода, сару либоси онҳо, либосҳои таг, сабук, рахти хобашонро назорат кунанд. Ба кӯдакон, наврасон ва ҷавонон риоя кардани қоидаҳои гигиенаи шахсиро омӯзондан шарт ва зарур аст.

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Дар кадом ҳолат коркарди гармию намии маснуот гузаронида мешавад?
2. Интихоби дурусти либос дар фаслҳои сол
3. Қоидаҳои гигиенаи шахсиро номбар кунед.

**5. Истифодаи бозии "Кӣ зуд"**

**Намуди бозӣ:** амалӣ

**Восита ва маводҳои зарурӣ:** қайчӣ, сӯзан, ришта, кисаи дарида, нуқсдор**,** матоъ барои дарбеҳ кардан**,** проектор, компютер ё овеза бо навиштаҷоти раванди бозӣ.

Аз тарафи омӯзгор оид ба таъмири маснуот каме шарҳ дода мешавад: Таъмири либосҳои истифодашаванда, фарсуда ё нохост дарида бо якчанд роҳҳо иҷро карда мешавад.

Таъмири либос, агар дар матоъ сӯрохии калон пайдо шуда бошад, (асосан дар ҷуроб, намудҳои либос, либоси таг, лавозимоти хоб, шим ва ғайра) он дарбеҳ карда мешавад. Дар вақти дарбеҳ кардани матоъ риштаҳои мулоим, якранг аз ҷиҳати сифати маснуот, ба ғафсии риштаи матоъ мутобиқро бояд интихоб намуд.

Бозии «Кӣ зуд?» барои инкишоф додани маҳорат ва малакаи зебоидарккунӣ, бодиққатӣ, мушоҳидкорӣ аҳамият дорад.

**Рафти бозӣ:**

1. Аз тарафи омӯзгор синф ба ду гурӯҳ ҷудо карда шуда, ба гурӯҳҳо номи мувофиқ гузошта мешавад;
2. Омӯзгор пеш аз саршавии бозӣ ду нафар хонандаи ихтиёриро ба назди тахтаи синф даъват менамояд;
3. Хонанда дар назди мизи корӣ истода, маснуоти додашударо барои таъмир намудан оғоз менамояд.
4. Хонандагони дигар бояд ба кори хонанда аҳамияти ҷиддӣ дода, сари вақт камбудиҳои содиршударо ислоҳ намоянд;
5. Он намояндаи гурӯҳе, ки дар муҳлати муайяншуда маснуотро таъмир менамояд, ғолиб дониста мешавад.

***Тавсия ба омӯзгор: Беҳтар аст барои иҷрои бозии мазкур ба хонандагон шимҳои кӯдакона пешниҳод гардад.***

**6.Кори амалӣ:** Тарзи дурусти дӯхтани кисаи шим.

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва беҳдоштиву гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат бурда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки барои таъмири кисаи шим асбоб ва маводҳои лозимӣ омода карда шавад;
2. Ба хонандагон супориш дода мешавад, ки ҷойи таъмири кисаи шим муайян карда шавад;
3. Барои таъмири кисаи шим вобаста ба ранги шим ресмон интихоб карда шавад;
4. Ба қоидаҳои пайдарҳамии дӯхтани маснуот риоя карда, ҷойи фарсудашудаи кисаи шим дӯхта шавад;
5. Агар кисаи шим калон дарида бошад, барои дигаргун андозаи кисаи шим нашуданаи матоъ барои дарбеҳ кардани шим интихоб карда, аз рӯйи талабот дӯхта шавад;
6. Баъди коркарди дастӣ ва мошинӣ коркарди гармию намӣ гузаронида шавад;
7. Вобаста ба сифати иҷрои кори амалӣ аз тарафи омӯзгор ба хонандагон баҳогузорӣ карда мешавад;

**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

*(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи нигоҳубин ва таъмири либос шарҳ дода метавонад? | | | |
| Қоидаҳои талаботи беҳдоштиву гигиении либосро шарҳ дода, онро риоя карда метавонад? | | | |
| Сохт ва нуқсонҳои либоси таъмиршавандаро фарқ карда, роҳи таъмири онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Равандҳои иҷро кардани таъмири либосро шарҳ дода, дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Истифодаи асбобу абзорҳои истифодабурдаро шарҳ дода, бо онҳо кор карда метавонад? | | | |
| Баъзе қисматҳои либосро иваз карда, тайиноти онро дигар карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро дониста, мувофиқи он либосро интихоб карда метавонад? | | | |

## ДАРСИ 2

## МАВЗӮЪ: ОРОИШ ВА НИГОҲУБИНИ МӮЙ

**Барнома:** Намудҳои мӯй. Интихоби тарзи мӯйбофӣ. Ороиши мӯй. Мӯйбофии чилбоф, майдабофи. Ороиши майдабофи бо пӯпакҳо. Яккабоф. Ҷамолак. Кокулча. Ороиши мӯйи кӯтоҳ. Шиносоӣ бо касби машшотагӣ

**Салоҳиятҳо:**

- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро эҷод карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Мӯй ва оро додани онро шарҳ дода тавонанд;
- Ороиши мӯй ва намудҳои бофти мӯйро шарҳ дода тавонанд;
-Баъзе ороиши мӯйҳоро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда тавонанд;
-Оид ба талаботи беҳдоштию гигиенӣ ҳангоми нигоҳубини мӯйбофӣ маълумот дода, онро риоя карда тавонанд;
- Урфу одатҳои миллиро нисбати мӯйбофӣ шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;
-Дар бораи касби машшота маълумот дода, барои худ касби машшотаро интихоб карда тавонанд;
-Хусусиятҳои эстетикии ороиши мӯйро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонанд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба пухтупаз.

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Дар кадом ҳолат коркарди гармию намии маснуот гузаронида мешавад?

2.Интихоби дурусти либос дар фаслҳои сол.

3.Қоидаҳои гигиенаи шахсиро номбар кунед.

**3.Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба нигоҳубини мӯй суҳбат гузаронида, дар бораи қисмҳои мӯй, шустани мӯй, фарқ карда тавонистани мӯйи солим, истифодаи масолеҳ барои шустани мӯй, ороиши мӯйи кӯтоҳ, интихоби дурусти чӯткаи сар, нигоҳубини мӯй аз таъсири муҳити беруна шарҳ дода мешавад.

Тозагиву назофати инсон аз нигоҳубини мӯяш оғоз мешавад. Маълум аст, ки мӯй аз ду қисм: тана ва реша иборат буда, давраи муайяни сабзиш дорад ва пас аз ин мерезад. Мӯйи сар хеле зуд ва абрувон суст месабзанд.

Решаи торҳое, ки қобилияти сабзишро гум кардаанд, чанд муддат дар қабати пӯст меистад, вале аз таъсири механикӣ – ҳангоми шустан, шона кардан ба осонӣ меафтад. Ба ҷойи мӯйи рехта мӯйи нав мебарояд. Дар баъзе ҳолат резиши мӯйи сар ба бемориҳои сироятӣ вобаста аст. Бинобар ин ҳангоми бисёр рехтани мӯй ба духтур муроҷиат кардан лозим аст.

Мӯйи сарро бо оби гарм, беҳтараш бо оби равон бояд шуст; агар об дурушт бошад, аз оби борон ё оби ҷӯшида истифода кардан мувофиқи мақсад аст. Оби дуруштро бо роҳи илова кардани содаи хӯрокӣ (дар 1 л об ½ қошуқча) нарм бояд кард. Мӯйи солимро дар 7 рӯз, мӯйи хушкро дар 7 ва 10 рӯз ва мӯйи равғаниро дар 5-7 рӯз 1 маротиба шустан лозим аст. Барои шустани мӯй истифодаи собунҳои мутобиқ ба навъи мӯй беҳтар аст. Пас аз шустани мӯйи сар, агар ба об ҷавҳари лиму ё сирко (1 қошуқча дар 1 л об) андохта, мӯйро об гардонед, он ҷилодор, нарм ва маҳин мешавад.

Барои шустани мӯй ҷурғот ё зардии тухмро низ истифода бурдан мувофиқ аст. Ҷурғотро ба пӯсти сар ё мӯй молида, сарро мебанданд ва пас аз 5-10 дақиқа бо оби гарм нағз бишӯед; ё зардии 1-2 дона тухмро бо каме об дар зарфе омехта кунед ва бо он мӯятонро бишӯед, пас аз ин ҳатман мӯйро обгардон кунед ва бо сачоқи нарм хушк кунед. Ба мӯйи хушк чанд соат қабл аз шустан равғани рустанӣ (равғани беданҷир ё мушхор) молидан аҳамияти калон дорад.

Мӯйи кӯтоҳро аз решааш ва мӯйи дарозро аз нӯгаш сар карда шона бояд кард. Барои ин истифода аз чӯткаи сар беҳтар аст. Чӯтка бояд дурушт бошад, вале сихҳояш набояд ба сар бихалад. Шона ва чӯткаи бегонаро истифода бурдан дуруст нест.

Мӯйи сарро гоҳе бо мақсади гигиенӣ ва эстетикӣ (на барои беҳтар кардани сабзиш) кӯтоҳ мекунанд. Вале бояд донист, ки тарошидан низ мӯйро аз рехтан эмин намедорад. Ҳавои муҳит ба мӯйи сар таъсир мерасонад. Аз таъсири нури офтоб, бод, оби бахр, чангу хок ва ғайра мӯй тира, хушк, зудшикан шуда, рангаш тағйир меёбад. Хунукӣ ва сармо низ ба мӯйи сар таъсири манфӣ мерасонад. Бинобар ин, дар ҳавои сарду сармо ва ҳангоми иҷрои корҳои пурчангу хок бо рӯймолу кулоҳ пӯшондани мӯйи сар зарур аст.







*Намудҳои мӯйҳои ороишдодашуда*

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Мӯй аз чанд қисм иборат аст?

2.Барои шустани мӯй аз кадом маводҳо истифода мебаранд?

3.Мӯйи кӯтоҳ чӣ гуна ороиш дода мешавад?

4.Бо кадом мақсад мӯй кӯтоҳ карда мешавад?

**5.Истифодаи усули "Кластери сода"**

Кластер (claster – хӯша, даста) усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзӯъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Ин усул аз тарафи мутахассиси масали эҷодӣ Тони Бюзан кор карда шудааст. Ин усул имкон медиҳад, ки хонандагон барои фикр намудани мавзӯи навбати сафарбар шаванд.

Дар марказ як мафҳум, савол ё масали мавзӯи нав навишта мешавад. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки маълумотҳои доштаашонро оиди он нависанд. Ин имкон медиҳад, ки хонандагон ҳамаи андешаҳои баёншударо дар як ҷо гирд оварда, дар баробари шунидани онҳо боз аёнӣ бо онҳо шинос гарданд.

**Мақсадҳо:** гирдоварии андешаҳои хонандагон; бунёди вазъияти ҷустуҷӯ; инкишофи малакаҳои баёни мухтасари фикр; омӯзиши роҳҳои гуногуни гирдоварии андешаҳо; пешниҳод кардани маълумотҳои иловагӣ; муайян кардани дониши хонандагон доир ба мавзӯъ.

**Намунаи кластери <u>сода</u>: Мавзӯъ: «Ороиш ва нигоҳубини мӯй»**

**Савол:** Омилҳое, ки ба нигоҳубини мӯйи сар таъсири манфӣ мерасонанд.

Дар бораи омилҳое, ки ба мӯйи сар таъсири манфӣ мерасонанд ҳамаи фикрҳо ҷамъ карда мешаванд.




**6. Кори амалӣ:** Бофтани мӯй

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Ба хонандагон супориш дода мешавад, ки барои майдабофӣ намудан асбоб ва маводҳои зарурӣ омода карда шавад;
2. Бо мақсади риояи қоидаҳои беҳдоштиву-гигиенӣ беҳтар мешавад, ки шонаи худи хонандаи ороишмешуда истифода бурда шавад;
3. Аз тарафи омӯзгор як нафар аз духтарон интихобан даъват карда, тарзи дурусти майдабофӣ ба аҳли синф намоиш дода мешавад;
4. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, хонандае, ки барои майдабофии ороишмешуда даъват карда мешавад, сараввал дастро шуста, бонавбат барои бофтан ба назди омӯзгор ояд;
5. Мувофиқи талаботи беҳдоштиву гигиенӣ ва тарзи бофтани мӯйҳо майдабофӣ карда шавад;
6. Барои он, ки мӯйҳо тит нашаванд, аз пупакҳои ороишӣ ё пахта истифода бурда, пилта сохта, ба охири мӯй бофта шавад;
7. Вобаста ба сифати бофтани мӯй ба хонандагони фаъол баҳогузорӣ карда мешавад.



**Эзоҳ:** Ба пайдарҳамии расми дар боло овардашуда нигоҳ карда, метавонед мӯйро бо чунин тарз оро диҳед.

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Мӯй ва оро додани онро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Ороиши мӯй ва намудҳои бофти мӯйро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Баъзе ороиши мӯйҳоро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда моҳирона? | | | |
| Оид ба талаботи беҳдоштиву гигиенӣ ҳангоми нигоҳубини мӯйбофӣ маълумот дода, онро риоя карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллӣ нисбат ба мӯйбофиро шарҳ дода онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Дар бораи касби машшота маълумот кофӣ дода, барои худ касби машшотаро интихоб карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии ороиши мӯйро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |

## ДАРСИ 3
## МАВЗӮЪ: НИГОҲУБИНИ КӮДАК

**Барнома:** Гигиенаи бадани кӯдак. Хӯрокҳои истифодашаванда барои кӯдаки ширхора ва аз ширбаромада. Хӯрокҳои ғизоӣ ва витаминҳо барои афзоиши кӯдак. Низоми хоб, низоми хӯрокхӯрӣ, низоми истироҳат. Тоза ва озода нигоҳ доштани кӯдак (оббозӣ дорондан, равған карда, крем ё вазелин молидан).

**Салоҳиятҳо:**
- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Нигоҳубини кӯдакро шарҳ дода тавонанд;
- Истифодаи асбобу абзорҳоро барои нигоҳубини кӯдак номбар карда, онро истифода бурда тавонанд;
- Равандҳои иҷрои обутоби бадани кӯдакро шарҳ дода, онро амалан иҷро карда тавонанд;
- Оид ба талаботи беҳдоштиву гигиении либоси кӯдак ва лавозимоти хобӣ маълумот дода тавонанд;
- Интихоби асбоб, маводҳои истифодабаранда ва хӯрокҳои кӯдакро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;
- Ҳангоми истифодаи маводҳои молиданӣ ва шустани кӯдак сарфакорона истифода бурда тавонанд;
- Саломатии кӯдакро эҳтиёт карда, барои тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонанд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба пухтупаз.

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Мӯй аз чанд қисм иборат аст?

2.Барои шустани мӯй аз кадом маводҳо истифода мебаранд?

3.Мӯйи кӯтоҳ чӣ гуна ороиш дода мешавад?

4.Бо кадом мақсад мӯй кӯтоҳ карда мешавад?

**3.Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба нигоҳубини кӯдак суҳбат гузаронида, нигоҳубини либоси кӯдак, интихоби хӯроки кӯдак, шустушӯи кӯдак, масҳ ва иҷрои машқҳои варзиши сабук, сайругашти кӯдак, интихоби дурусти бозиҳои кӯдак аз ҷиҳати гигиенӣ, нигоҳдории ҳарорати хона, интихоби дурусти воситаҳои хӯрокдиҳии кӯдак шарҳ дода мешавад.

Ба дунё омадани кӯдак барои ҳар хонадон хурсандии бузург аст ва ин боиси мустаҳкам шудани оила ва пойдории он мешавад. Аз ин рӯ, ӯ аз рӯзи нахусти ба дунё омаданаш бояд ба нигоҳубини махсус фаро гирифта шавад. Барои кӯдаки навзод аз рӯйи имкон хонаи ҷудогона ё гӯшаи алоҳида омода кардан лозим аст. Аз хона ё гӯшаи кӯдак чизҳои нодаркор берун карда мешаванд. Агар барои кӯдаки навзод кати махсуси хоб, ки дар қисми пешаш пояи махсус ва дар болояш ҳалқа таҳия карда шавад, барои нигоҳубини ӯ хеле манфиат меорад. Зеро аз ҳалқаи болои поя тӯр гузаронида кати хобро мепӯшонед. Ин имконият медиҳад, ки кӯдак дар вақти хоб ё ҳар гуна ҳолати дар кат буданаш аз ҳуҷуми паша ва ҳашарот муҳофизат карда шавад. Ҳамчунин дар дохили кати хоби кӯдак болину кӯрпачаи мулоим ва кӯрпаву кампали мувофиқ гузошта мешавад. Фаромӯш накунед, ки барои парпеч кардани ӯ мизи ҷудогона ва ҷойи махсус барои нигоҳ доштани либосҳояш лозим аст. Дар ҳолати зарурӣ ҷудо кардани як қисми ҷевони хона барои либос ва лавозимоти кӯдак мушкилро ҳал мекунад.

Бозичаҳои кӯдак бояд ба синну солаш мувофиқ бошанд. Дар миёни онҳо набояд чизҳое бошад, ки кӯдак онҳоро фурӯ барад. Инчунин бозичаҳоеро, ки кунҷ ё нӯги тез доранд, қисмҳи ҷудогонае, ки сабук, бе теғи тез ва ба синну сол мувофиқ бошанд ба кудак дода нашавад.

Шири модар барои кӯдак ғизои беҳтарин ва фоидабахштарин мебошад. Дар таркиби шири модар моддаҳои шифобахш, ба миқдори муайян сафеда, равған, ангиштоб, ҳормонҳо, моддаҳои аз бемориҳои сироятӣ муҳофизаткунанда мавҷуд аст. Пас аз шашмоҳагӣ ба кӯдак кам-кам оби ҷӯшида ё чойи шириниаш паст хӯрондан мумкин аст. Инчунин дар ҳамин давра хӯрондани оби пухтаи меваҷот ва сабзавот (аз 5-10 чакра то 50-80 мл), афшураи меваҷот: олуболу, зардолу, анор, сабзӣ, лаблабу, себ, помидор, тамашк, қулфинай ва ғайраро шурӯъ кунед. Аз ғизоҳои дигари субук чун пюреи куфтаи сабзӣ, карам, картошка, каду, ғизоҳои ширӣ, ярмагӣ низ истифода кунед. Аз 7 моҳагӣ ба хӯроки кӯдак гӯшти қима, гӯштоб, зардии тухм, творог ва ғайра ҳамроҳ кардан мувофиқ аст. Ба қоидаҳои беҳдошт ва хӯрокхӯрии кӯдак таваҷҷуҳ кунед.

**Шустани кӯдак.** Кӯдакро ҳар рӯз пеш аз хоб дар оби ҷӯшидаи то 35-37$^{0}$С бишӯед. Дар давраи аввал бо собунҳои кӯдакона ӯро ҳафтае як маротиба шуста, сару рӯ ва ҳамаи қисми баданашро пок кунед ва зуд либосашро бипӯшонед. Нохунҳояшро дар як ҳафта як бор бигиред, кӯшиш кунед, ки аз пӯсти панҷаҳоро дуртар қайчӣ бизанед.

Шурӯъ аз 2 моҳагӣ кӯдакро ба сайругашт бароред. Дар аввал вақти камтар, оҳиста-оҳиста ҳавохӯриро то як-ду соат давом додан мумкин аст. Дар фасли зимистон дар ҳавои 10-15$^{0}$С то ду бор дар як рӯз 3-4 соатӣ сайругашт кунед.

Агар воя (ратсион)-и кӯдакро дуруст интихоб карда бошед, ҳолати рушди кӯдак хуб шуда, ҷисман солим ба камол мерасад. Организми ин гуна кӯдак ба бемориҳое чун рахит, ҳассосият ё аллергия ва норасоии витамин тобовар мешавад.



***Тарзи дурусти нигоҳубини кӯдак***




***Намунаҳои хӯрокҳои кӯдакон: хӯрокҳои ширӣ,***
***шарбат ва пюреи(куфтаи) меваҷоту сабзавот***

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Нигоҳубини дурусти кӯдакро шарҳ диҳед.

2.Барои афшура аз кадом намуди мева истифода бурда мешавад?

3.Барои тайёр кардани пюре кадом сабзавот бештар истифода бурда мешавад?

4.Барои шустушӯи кӯдак бештар кадом навъи собун ва маҳлулҳо истифода бурда мешаванд?

5.Оид ба хӯрокҳои иловагии сунъии кӯдаки ширхора маълумот диҳед.

**5.Истифодаи бозии “Интихоби касб”**

Аз тарафи омӯзгор синф ба ду зергурӯҳ тақсим карда мешавад. Супориш дода мешавад, ки намояндагони гурӯҳҳо бояд кӯдакро дуруст ва мувофиқи талабот дар мӯҳлати муайяншуда бо истифодаи матои пахтагин парпеч намоянд. Ба ҷойи кӯдак ба намояндагони гурӯҳҳо лӯхтак дода мешавад. Он намояндаи гурӯҳе, ки дуруст ва мувофиқи талабот кӯдак (лӯхтак)-ро парпеч менамояд, ғолиб дониста мешавад.

**6.Кори амалӣ:** Тайёр намудани хӯроки кӯдак аз маҳсулоти сунъӣ

Омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъро назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор ба хонандагон супориш дода мешавад, ки шири сунъии интихобӣ омода карда шавад;

2. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки асбоб ва таҷҳизоти зарурӣ бо риояи талаботҳои санитарию гигиенӣ барои омода намудани шири сунъӣ тайёр карда шавад;

3. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки муҳлати истифодаи шири сунъӣ, ки дар қуттӣ нишон дода шудааст, муайян карда шавад;

4. Супориш дода мешавад, ки обро ҷӯшонида, ба зарфи болояш пӯшида рехта шавад;

5. Бо риояи қоидаҳои талаботи беҳдоштиву гигиенӣ ва техникаи бехатарӣ ҷойи муайяншудаи селофани шири хушк бурида шавад;

6. Миқдори муайяни об гирифта, ба зарфи кӯдак андохта шавад;

7. Хокаи шири хушкро бо қошуқи махсуси дар дохили қуттибуда, бо миқдори муайян гирифта шуда, ба зарфи кӯдак андохта шавад;

8. Ҳангоми андохтани хокаи шири хушк ҳарорати об муътадил бояд бошад, ки таркиби шири тайёршуда вайрон нашавад;

9. Баъди пӯшидани сарпӯши зарф, оҳиста омехта карда шавад;

10. Супориш дода мешавад, ки хонандае, ки кори амалӣ иҷро мекунад, аввал бояд либоси махсус пӯшида, сарбанд баста, дасташро шӯяд;

11.Баъди риояи талаботҳои беҳдоштиву гигиенӣ аз тарафи хонандагон барои кӯдаки 3 моҳа, 6 моҳа ва 9 моҳа шири сунъӣ бо талаботи меъёри муайяншуда тайёр карда шавад;

12. Бо мақсади санҷидани сифати шири тайёршуда, аз тарафи хонандагон чашида шавад;

13.Вобаста ба сифати шири тайёршуда аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда шавад.










***Тарзи дуруст омода намудани хӯроки сунъӣ барои кӯдак***

**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Нигоҳубини кӯдакро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Истифодаи асбобу абзорҳоро барои нигоҳубини кӯдак номбар карда, онро истифода бурда метавонад? | | | |
| Равандҳои иҷрои обутоби бадани кӯдакро шарҳ дода, онро амалан иҷро карда метавонад? | | | |
| Оид ба талаботи беҳдоштию гигиении либоси кӯдак ва лавозимоти хобӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Интихоби асбоб, маводҳои истифодабаранда ва хӯрокҳои кӯдакро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми истифодаи маводҳои молиданӣ ва шустани кӯдак сарфакориро истифода бурда метавонад? | | | |
| Саломатии кӯдакро эҳтиёт карда, барои тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 4

## МАВЗӮЪ: ТЕХНОЛОГИЯИ ТАЙЁР КАРДАНИ ХӮРОКИ МИЛЛӢ

**Барнома:** Аҳамияти таомҳо барои ғизогирии инсон. Истифодаи хӯрокҳо ва тайёр кардани он. Ташкили ҷойи кор. Талаботи беҳдоштию гигиенӣ ва қоидаҳои бехатарии меҳнат. Усулҳои оростани дастархон барои тантана ва идҳо. Ороиши дастархон. Истифодаи зарфҳо ва шустани он

**Салоҳиятҳо:**

- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Коркарди хӯрок ва тайёр кардани онро шарҳ дода тавонанд;

-Истифодаи асбобу зарфҳоро номбар карда, дар амал онро барои ороиши дастархон ҷобаҷо карда тавонанд;

- Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад;

- Баъзе ҷобаҷогузории зарф ва асбобҳои истифодашавандаро моҳирона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда тавонанд;

-Ҳангоми истифодаи маҳсулот сарфакориро риоя карда тавонанд;

-Ҳангоми иҷрои кори амалӣ талаботҳои беҳдошти гигиенӣ ва техникаи бехатариро риоя карда тавонанд;

-Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;

-Хусусиятҳои эстетикии ороиши дастархонро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба пухтупаз.

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Барои кӯдакон чаро хонаи алоҳида ҷудо мекунанд?
2. Оид ба нигоҳубини дурусти кӯдак шарҳ диҳед.
3. Барои шарбат ё афшура аз мева аз кадом намуди мева истифода бурда мешавад?
4. Барои тайёр кардани пюре (куфта) аз сабзавот кадом сабзавот бештар истифода бурда мешавад
5. Барои шустушӯйи кӯдак бештар кадом навъи собун ва маҳлулҳо истифода бурда мешавад?
6. Оид ба хӯрокҳои иловагии сунъии кӯдаки ширхора маълумот диҳед.

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба технологияи тайёр кардани хӯроки миллӣ суҳбат гузаронида, дар бораи марҳалаҳои хӯрокпазӣ, қоидаҳое, ки ба хӯрок лаззати махсус мебахшад, хӯришҳо, навъи хӯрокҳои якум ва дуюм, асбоби ороишии дастархони нисфирӯзӣ, шираворӣ ва мева, намудҳои зарф ва афзорҳои хӯроккхӯрӣ, намудҳои дастпоккунак, ороиши дастархон шарҳ дода мешавад.

Омода кардани хӯроки болаззат барои рушди ораганизм ва ҳифзи саломатии инсон хеле муҳим аст. Хӯрок бояд мувофиқи реҷаи муайян, гуногун ва пайваста таҳия ва пешкаш карда шавад. Истеъмоли хӯрок мутобиқ ба ратсиони пешбинишуда ба рушди фикриву ҷисмонии одам таъсири мусбат мерасонад ва ин дар навбати худ завқ ва қобилияти фикриву кории инсонро баланд мебардорад.

Қоидаҳои маъмулии таҳия, истифодаи маҳсулот ва пухтани хӯрокро риоя кунед, ба исрофкорӣ роҳ надиҳед. Омода кардани хӯрок аз ду марҳала иборат аст:

1. Омода кардани маҳсулот.
2. Пухтани хӯрок.

Дар шароити имрӯз дар кори таҳия ва пухту пази хӯрок ҳам дар шароити хона ва ҳам дар муассисаҳои хӯроки умумӣ истифодаи механизмҳои гуногун рӯз то рӯз бештар мешавад. Албатта барои таҳияи хӯрок пайдарҳам омода кардани маҳсулоти ғизоӣ ва пухтани онҳо муҳим аст. Дар муассисаҳои хӯроки умумӣ маҳсулоти хомро ба воситаи мошину механизмҳо омода мекунанд. Масалан, дар истеҳсолот барои омода кардани маҳсулоти гӯштӣ гӯштқимакунакҳои барқӣ, омехтагарак, котлетомодакунак, мошинҳои махсус барои тоза ва реза кардани картошка, пиёз, мошинҳои автоматӣ ё хатҳои автоматӣ барои омода кардани ҳасиб, қазӣ, тушбера, чалпак ва ғайраҳо истифода мешаванд. Дар шароити хона маҳсулоти хомро на фақат дастӣ омода мекунанд, балки гӯштқимакунак, афшуракашак ва дигар асбобҳои механикию барқиро истифода мебаранд.

Мизро бо ороиши хос ва бо табъи баланди эстетикӣ ороиш додан лозим аст. Дастархон бояд тоза, дарзмол кардагӣ бошад. Онро гоҳе бо селофан рӯйпӯш мекунанд. Чун анъана дар мизи хӯроки нисфирӯзӣ низ пешакӣ сачоқча, қошуқу чангак, намаку қаламфур ва дигар афзори ғизохӯриро бигузоред.

### Қоидаҳое, ки ба хӯрок лаззати махсус мебахшанд

Иҷрои қоидаҳои беҳдоштиву гигиенӣ ва бехатарии кор дар вақти пухтани хӯрок аҳамияти калон доранд. Ин қоидаҳоро дар синфи V-VI гуфта будем.

1. Картошка, котлет, моҳӣ, гӯшт, сабзиро ба тобаи тафсон барои чарахса накардани оби ҷӯш ё равғани доғ оҳиста аз як тараф андохтан лозим аст.
2. Ҳангоми реза кардани сабзавот ва меваҷот корди фӯлодини зангногирро истифода баред, чунки аз расиши сабзавот ба оҳан ранги онҳо хира (сиёҳтоб) мегарданд ва витамини С дар онҳо вайрон мешавад. Масалан, агар себро бо корди оҳанӣ бибуред, муддате нагузашта сиёҳчатоб мешавад.

3. Ба хӯришҳо пеш аз хӯрокхӯрӣ майонез, қаймоқ, равғани рустанӣ ҳамроҳ кардан лозим аст.

4. Пӯсти сабзавотро пеш аз сар кардани хӯрокпазӣ тоза кунед, пештар пора накунед, ки дар сабзавот витаминҳо зуд вайрон мешаванд. Пӯсти сабзавотро тунук гиред, чунки миқдори зиёди витамин ба пӯст наздик ҷойгир шудааст.

5. Сабзавотро дар об пазед ё дар равған бирён кунед, аммо нагузоред, ки зиёд бипазанд, чунки бӯй ва мазаи хоси худро гум мекунанд.

13. Агар гӯшти говро пухтанӣ шавед:

а) онро хом ба оби ҷӯш андозед, зеро моддаҳои шифобахши зарурӣ нигоҳ дошта мешаванд ва он болаззат мешавад;

б) гӯшти обпазро зуд аз об нагиред, монед камтар хунук шавад;

в) гӯштро пешакӣ намак накунед, онро ҳангоми хӯрокпазӣ намак занед, чунки намак оби гӯштро зуд мебарорад ва сифату хосият ва моддаҳои шифобахши зарурирро паст мекунад.

14. Барои санҷидани сифати тухм, онро ба намакоб меандозем (ба 50 г намак – 0,5 л об). Агар тухм нав бошад, ба таги об меғӯтад, куҳна бошад, ба рӯйи об мебарояд, миёнахел бошад, дар мобайни зарф меистад.

15. Гоҳе ҳангоми тоза кардани сабзавот дар пӯсти даст доғи сиёҳ боқӣ мемонад. Барои пешгирӣ аз он пешакӣ ба дастатон равған (маска ё маргарин) молед ё ангуштонатонро бо маҳлули пасти сирко ё пораи лимӯ тар кунед.

16. Агар ба шӯрбо ё хӯрокҳои обакии сабзавот ҷурғот, саршир (қаймоқ) ҳамроҳ кунед, онҳо болаззаттар мешаванд.

17. Ба хӯрокҳои обакӣ сабзиҷот (кабудӣ)-ро реза карда андозед.

19. Сабзавоти яхкардаро ба оби гарм андозед, он болаззат мешавад ва витаминҳояшро нағз нигоҳ медорад.

Хӯроки нисфурӯзӣ, яъне пешин, бояд 35 дарсади миқдори ғизои хӯроки якрӯзаро дар бар гирад. Дар таркиби хӯрок бояд хӯришҳо, хӯроки якум, хӯроки дуюм ва шираворихо бошад.

Дар ҳар хонадон бояд зарфҳои хӯрок, зарфҳо барои чой ва қаҳва мавҷуд бошад. Аз ҳамсоя талаб кардани ин асбобҳо барои ҳар як соҳибхоназан кори номақбул аст. Бинобар ин, ҳаҷм ва сервизи хӯрок, чой, қаҳва бояд бо ҳам мувофиқ бошанд.

Табақчаҳои чуқур ба канори миз, табақчаҳои хурд аз канори миз 1,5-2 см дарунтар, табақчаҳои хӯриш ё зарфи шарбат дар тарафи рост, аз канори миз дуртар гузошта мешаванд. Агар ба рӯйи миз қадаҳҳо гузошта шаванд, табақчаҳои хӯриш ё компотро ба тарафи чап, қадаҳро бо истакон дар тарафи рост мегузоранд. Агар қаҳва дода шавад, табақчаи санбӯсамониро тавре мегузоранд, ки канори он ба канори миз мувофиқ ё як ангушт дуртар аз канори миз бошад; дар тарафи рост, аз канори миз дуртар табақчаи қаҳваро мегузоранд. Қаҳванӯшак ва чойникпӯшонаку чойникмонак мувофиқи қоида бояд дар мизи иловагӣ биистанд, то ин ки ба касе халал нарасонанд.

**Афзори хӯрокхӯрӣ .** Кордро дар тарафи рости табақчаи хӯрокхӯрӣ мегузоранд. Дами кордро ба тарафи табақча менигаронанд. Чангак ё худ вилка дар тарафи чап рӯйболо гузошта мешавад. Чангакро вақте дар тарафи дасти рост мегузоранд, ки хӯроки додашударо бе корд истеъмол кунанд (котлет, тухмбирён ва ғ.). Қошуқи хӯрокхӯриро пеш аз корд дар тарафи дасти рост мегузоранд. Чумча барои компот дар паси табақча мувозӣ ба канори миз (дасташ ба тарафи рост) гузошта мешавад. Барои хӯроки моҳӣ чангак мегузоранд.

**Дастпокҳо.** Пеш аз хӯрок дастпокунакҳоро дар шакли мушак, мавҷ, секунҷа, чоркунҷа ва ғайра таҳ карда, ба дохили табақча бигузоред. Дастпоке, ки барои ҳар як кас алоҳида дода мешавад, ба шакли хос таҳ карда, мувофиқи хӯрок дар болои табақчаҳои рӯйи миз гузошта мешаванд, ки он ба миз ҳусни иловагӣ мебахшад. Дастпокҳоро баъд аз истеъмоли хӯрок ба тарафи рости табақча дуқат, сеқат ё чорқат карда мегузоранд.

**Ороиши рӯйи миз бо гул.** Гул беҳтарин ороиши рӯйи миз мебошад. Гулҳоро дар ҷойи мувофиқ гузоштан лозим аст. Агар дар рӯйи миз аз тарафи чап афзори хӯрокхӯрӣ бошанд,

дар гулдонҳои хурд чандто гули майдаро гузоред. Гулдони гулдорро тавре гузоред, ки он пеши хӯрок ё одамони дар муқобил нишастаро нагирад. Гулҳоро зебо ороиш бидиҳед.



***Намудҳои ороиши дастархон***

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Хӯрокпазӣ аз кадом марҳалаҳо иборат аст?
2. Маҳсулотро барои хӯрок чӣ тарз тайёр мекунанд?
3. Барои хӯрокпазию хӯрокхӯрӣ кадом таҷҳизот лозиманд ва дуруст интихоб кардани онҳо чӣ аҳамият дорад?
4. Барои чӣ сабзавотро барои хӯриш бо пӯсташ мепазанд?
5. Ба афзорҳои хӯрокхӯрӣ чиҳо дохил мешаванд?

**5.Истифодаи усули “ММД”**

Методи МДД (ихтисораи «Медонам», «Донистан мехоҳам», «Донистам») усули ҷустуҷӯй - тадқиқот буда, барои фаъолона ҳал карани масъалаи нав ёрӣ мерасонад.

Ин метод барои фаҳмиши амиқи мазмун ва мундаричаи матн бо истифода аз ММД гузаронида мешавад

**Мақсадҳо:** муайян кардани савияи дониши мавҷудаи хонандагон; ташаккули малакаҳои ба худ баҳо додан; инкишофи малакаҳои кор бо матн; муқоисаи донишҳои мавҷуда ва донишҳои навомӯхтаи хонандагон.

**Қадамҳои иҷро кардани ин метод:**

1. Аз рӯйи мақсад ва мавзӯи дарс ангезиши зеҳн гузаронида мешавад.
2. Хонандагон он чизеро, ки дар бораи ашё, ҳодиса ва ё мафҳум медонанд, дар сутуни якум менависанд.
3. Ба онҳо савол дода мешавад, ки оид ба мавзӯи дарс чиро донистан мехоҳанд ва онҳо сутуни дуюмро пур мекунанд.
4. Пас аз хондани матн ё тамошои видеои таълимӣ ба сутуни дуюм баргашта, муайян мекунем, ки хонандагон ба кадом саволҳои худ ҷавоб ёфтанд.
5. Он ҷавобҳо ба сутуни сеюм навишта мешаванд.
6. Сипас, сутуни аввал бо сутуни сеюм муқоиса ва таҳлил карда мешавад.

Ҷараёни пур кардани ҷадвали ММД-ро ба се марҳала тақсим кардан мумкин аст: Марҳалаи аввал «Медонам»; Марҳилаи дуюм “Донистан мехоҳам”, Марҳалаи сеюм “Донистам”.

| Медонам | Донистан мехоҳам | Донистам |
| --- | --- | --- |
| Дониши мавҷуда бо як калима ё ибора қайд карда мешавад. | Ишораҳое қайд мегарданд, ки бо чиро донистан, хостани хонандагон марбутанд. | Ҷавобҳои ёфташуда навишта мешаванд |

## МАВЗӮЪ: ТЕХНОЛОГИЯИ ТАЙЁР КАРДАНИ ХӮРОКИ МИЛЛӢ

**Савол барои ангезиши зеҳн:** *Дар бораи ҷурғот чӣ медонед?*

| *Медонам* | *Донистан мехоҳам* | *Донистам* |
|---|---|---|
| Дар аксарияти хӯрокҳои якум ҷурғот васеъ истифода бурда мешавад. | Ватани ҷурғот | Ватани ҷурғот Қафқози Шимолӣ, ки халқи ин ҷо ҷурғотро ҳамчун нӯшокӣ барои сиҳату саломатӣ ва тухфаи Худованд меҳисобиданд. |

**Дар натиҷа хонандагон:** аз рӯйи қисматҳои ҷадвал андешаҳояшонро таҳлил мекунанд; ба саволҳо ҷавоб ҷустуҷӯ мекунанд; донишҳои мавҷудаи худро бо маълумотҳои нав муқоиса мекунанд; мулоҳизаҳои худро баён мекунанд; бо якдигар мубоҳиса мекунанд.

**6.Кори амалӣ:** Ҷобаҷо намудани воситаҳои хӯроккхӯрӣ ва ороиши дастпоккунак ҳангоми ороиши дастархон

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва беҳдоштиву гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи синф ба ду зергурӯҳ тақсим карда мешавад;

2. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки ҳар гурӯҳ мутобиқи ороиши дастархони интихобкарда, зарфҳоро ҷобаҷо карда, дастпоккунакҳо ороиш дода шавад;

3.Мутобиқи расмҳои пешниҳодшудаи дастархон зарфҳо ва воситаҳои хӯроккхӯрӣ ҷобаҷо карда шавад;

4.Баъди ҷобаҷокунии зарф ва асбобҳои хӯроккхӯрӣ дастпоккунакҳо мутобиқи расм ороиш дода шаванд;

5.Баъди ороиш додани дастпоккунакҳо ба ҷойҳои махсуси дастархон гузошта шаванд;

6.Ба гурӯҳе, ки дуруст ва ба қоидаҳои санитарию гигиенӣ ва техникаи бехатарӣ риоя намуда, кори амалиро иҷро намуд, ғолиб дониста, баҳои баланд гузошта мешавад.




***Супориш ба гурӯҳи 1***









*Супориш ба гурӯҳи 2*

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Коркарди хӯрок ва тайёр кардани онро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Истифодаи асбобу зарфҳоро номбар карда, дар амал онро барои ороиши дастархон ҷобаҷо карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Баъзе ҷобаҷогузории зарф ва асбобҳои истифодашавандаро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда метавонад? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ҳангоми истифодаи маҳсулот сарфакориро риоя карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми иҷрои кори амалӣ талаботҳои беҳдоштиву гигиенӣ ва техникаи бехатариро риоя карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии ороиши дастархонро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## ДАРСИ 5

## МАВЗӮЪ: ОРОИШИ МИЗИ ХӮРОКИ САРД

**Барнома:** Усулҳои тайёр кардани хӯрок дар шароити хона ва муассисаҳои хӯроки умумӣ. Талабот ба сифати таом ва ороиши таоми тайёр. Ташкили ҷойи кор. Талаботи беҳдоштию гигиенӣ ва бехатарии меҳнат. Мафҳум оид ба мизи хӯроки сард. Усулҳои оростани мизи хӯроки сард. Муайян кардани сифат ва таҳлили камбудиҳои рӯйдода. Ороиши хӯроки сард ва маҳсулоти тайёр

**Салоҳиятҳо:**

- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Дар бораи мизи сард ва оро додани он шарҳ дода тавонанд;
-Коркарди хӯрокҳои мизи сардро шарҳ дода, дар амал иҷро карда тавонанд;
- Ҷобаҷогузории таҷҳизот ва ороиши мизи сардро шарҳ дода тавонанд;
-Баъзе ҷобаҷогузории зарф ва асбобҳои хӯрокхӯриро моҳирона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда тавонанд;
-Оид ба талаботи беҳдоштию гигиенӣ дар мизи сард маълумот дода метавонад;
-Ҳангоми пухтан ва пешниҳод намудани хӯроки сард саломатии инсонро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад;
-Ҳангоми ороиши дастархони мизи сард урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад;
-Хусусиятҳои эстетикии мизи сардро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба ороиши мизи хӯроки сард

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Хӯрокпазӣ аз кадом марҳалаҳо иборат аст?

2.Маҳсулотро барои хӯрок чӣ тарз тайёр мекунанд?

3.Барои хӯрокпазию хӯрокхӯрӣ кадом таҷҳизот лозиманд ва дуруст интихоб кардани онҳо чӣ аҳамият дорад?

4.Барои чӣ сабзавотро барои хӯриш бо пӯсташ мепазанд?

5.Ба афзорҳои хӯрокхӯрӣ чиҳо дохил мешаванд?

**3.Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба мизи хӯроки сард суҳбат гузаронида, дар бораи бартариҳои мизи хӯроки сард, худхидматрасонӣ, асбоб хӯрокхӯрӣ барои мизи хӯрокҳои сард, ороиши мизи хӯроки сард, намудҳои бутерброд барои мизи хӯроки сард,

бутерброди гарм, омода кардани салат, омода кардани пироги одӣ, нӯшокиҳо, тарзи дурусти тайёр кардани коктейли бодирингӣ, помидорӣ, себӣ шарҳ дода мешавад.

Мизи хӯроки сард якчанд бартарӣ дошта, барои меҳмонони зиёдро қабул кардан мувофиқ аст. Дар сурати хурд будани хона ё камбуди зарфи ғизохӯрӣ, оро додани мизи хӯроки сард масъаларо ҳал мекунад. Ҳатто меҳмонҳои дермонда ҳам, дар назди миз истода, хӯрокҳои дилхоҳашонро ёфта мехӯранд. Барои хӯроки сард мизҳои калонтар ё мизи хатнависиро, ки ба девор ҷафс аст, истифода мебаранд ё дар ҳар ҷо мизҳои начандон калон мегузоранд.

Дар мизи хӯроки сард салатҳо ва хӯрокҳои сардро истифода мебаранд: Тухми қимакардашуда, намудҳои гуногуни гӯшти пухта, тухм, равған ва маҳсулоти панирӣ, мева, сабзиҷот (кабудӣ), кулчақанд, торт, пирог, санбӯса ва монанди инҳо. Бартарии мизи хӯроки сард дар он аст, ки ҳамаи ғизоҳоро то омадани меҳмон ба рӯйи миз мегузоранд.

Ороиши мизи хӯроки сард: Дар миёнаи миз пирог ё торт, мева ва маҳсулоти қаннодӣ мегузоранд. Дар гирди хӯрокҳо табақчаҳои салат гузошта мешаванд. Табақчаҳои ғизохӯрӣ рӯйи ҳам гузошта мешаванд. Чангак, корд, истаконҳо ва дастпокҳои коғазиро дар лаълӣ гузоред. Агар хона хурд бошад, аз ду мизи хурд истифода кунед. Якеаш барои салатҳои хунук, дигараш барои шираворӣ ва нӯшокиҳо. Дар навбати аввал бутерброд гузоред, ки омода карданаш осон аст. Албатта, бутерброди ҳаррӯза аз идона фарқ мекунад. Дар ин намуди бутерброд панири махсус, гӯшт, ҳасиб ва ғайра истифода мешавад. Маҳсулот ва нонро борик буред, сабзавот ва сабзиҷот, меваҷотро алоҳида дар табақчаҳо гузоред ва ба омода кардани бутерброд сар кунед

Намудҳои бутерброд барои мизи хӯроки сард. Панирро бо шакли секунҷа бурида, ба рӯйи нони гандумӣ, ки ба он маска молида шудааст, бигузоред, ба рӯйи он қаламфури ширини калон ё консервкарда монед, пиёзи сабзро майда реза карда ба рӯяш бипошед.

Бутерброди гарм. Кулчаҳоро дар шакли секунҷа, чоркунҷа ва росткунҷа бурида ё батон ва нони булкаи майдаро ду тақсим карда, аз болояш равған молед, ба болояш як пора ҳасиб ё гӯшти пухта ё ҳасиби дудпаз ва ба болои он чанд қатра қайлаи помидор ва панири аз турбтарошак гузаронида (агар хоҳед сири аз турбтарошак гузаронида) гузошта, 15-20 дақиқа дар тафдон дар оташи паст бипазед – бутерброди гарм омода мешавад.

Омода кардани салат. Салатҳо дар мизи идона ҷойи асосиро мегиранд. Сабзавот: картошка, сабзӣ, лаблабу ва тухмро ба шакли чоркунҷа реза карда, ба он нахӯди сабз, пиёзи сабз, бодиринги шӯр, қаламфури фаршкарда, инчунин, маҳсулоти аз бутерброд боқимондаро ҳамроҳ карда, ҳамаи онҳоро омехта мекунем ва ба салатдон гузошта, ба рӯяш майонез мерезем, рӯйи онро бо қаламфури сурх, себ, афлесун, ҷаъфарӣ (петрушка), тухми ҳалқашакл ё ба шаклҳои гуногун буридашуда ороиш медиҳем.

Нӯшокиҳо. Дар банка зирки сиёҳ, қулфинай, тамашкро бо шакар омехта, ба оби ҷӯшидаистода андохта, нӯшокӣ омода кунед. Аз ҳамаи навъи меваҷот нӯшокӣ омода кардан мумкин аст. Бо чунин ретсепт (нусха) таҳия кардани коктейл, ҳатто барои пӯсти рӯй фоидаовар аст.

Коктейли бодиринг: 100 г шарбати бодиринг, 100 г сабзӣ, 50 г шарбати карафс.

Коктейли помидор: 150 г шарбати помидор, 50 г лимӯ, 1 қошуқ шарбати карафс.

Коктейли себ: 200 г шарбати себ, 1 дона лимӯ, 1 қошуқ асал.

Ин гуна коктейлҳоро барои мизи хӯроки сард худатон метавонед омода кунед.



*Намудҳои бутерброд*



***Намудҳои ороиши мизи хӯроки сард***



***Асбоби муосир барои тайёр намудани навъҳои бутерброд***

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Дар миёнаи рӯйи миз чиҳо гузошта мешавад?
2. Намудҳои бутерброд барои мизи хӯроки сард кадомҳоянд?
3. Бутерброди гармро чӣ гуна тайёр мекунанд?
4. Салатро чӣ гуна омода менамоянд?

**5. Истифодаи бозии “Омода намудани бутерброди одӣ”**

Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки он маҳсулотҳое, ки дар рӯйи миз дар табақҳо оварда шудааст, монанди: кулча, ҳасиб, пораҳои ҳасиб, гӯшти пухта, панири порашуда ва аз турбтарошгузаронидашуда, равғани зард, қайлаи помидор ва ғайра ихтиёрӣ бутерброд тайёр намоянд.

Бутерброди мувофиқи табъ тайёршуда аз тарафи омӯзгор барои ороиш додани он ба ҳар як хонанда баҳогузорӣ карда мешавад.

**6. Кори амалӣ:** Омода кардани пироги одӣ

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва беҳдоштаву гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат шуда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки барои тайёр кардани пироги одӣ асбоб, таҷҳизот ва маҳсулоти зарурӣ омода карда шавад;
2. Бо талаботи риояи қоидаҳои санитарию гигиенӣ маҳсулот ва зарфҳо омода карда шавад;
3. Тобаи чуқуртарро гирифта, аз дохил ба гирди девораш ва тагаш равған молида шавад;
4. Коркарди аввалияи себро гузаронида, майда карда, ба тоба андохта шавад;
5. Барои хамир кардан маҳсулоти зарурӣ интихоб карда, хамирро тайёр карда шавад;
6. Барои омода кардани хамир се дона тухмро ба 1 истакон шакар омехта карда, лат зада шавад;
7. Баъди лат задан, 1 истакон орд ҳамроҳ карда, каме содаи хӯрокӣ ва ё 1 қошуқча сирко андохта, омехта кардан лозим аст;
8. Хамири тайёр ба болои себ андохта мешавад;
9. Хамир бояд мисли қаймоқ шавад ва рӯйи себро пурра пӯшонад;
10. Хамири тайёри дар тоба буда ба тафдон гузошта шавад;
11. То пухта расидани пироги одӣ ба тафдон назорати ҷиддӣ бурда шавад;
12. Баъди 30-40 дақиқа пироги одӣ бояд тайёр шавад;
13. Мувофиқи табъ рӯйи пироги одиро бо хокаи шакар ё бо хамир ороиш додан мумкин аст;
14. Вобаста ба сифати иҷрои кори амалӣ аз тарафи омӯзгор ба хонандагон баҳогузорӣ карда мешавад.



***Пирог аз себ***

**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти

таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи мизи сард ва оро додани он шарҳ дода метавонад? | | | |
| Коркарди хӯрокҳои мизи сардро шарҳ дода, дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Оид ба ҷобаҷогузории таҷҳизот ва ороиши мизи сард маълумот дода метавонад? | | | |
| Баъзе ҷобаҷогузории зарф ва асбобҳои хӯроккӯриро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда метавонад? | | | |
| Оид ба талаботи санитарию гигиенӣ дар мизи сард маълумот дода метавонад? | | | |
| Ҳангоми пухтан ва пешниҳод намудани хӯроки сард саломатии инсонро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |
| Ҳангоми ороиши дастархони мизи сард урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Ба хусусиятҳои эстетикии мизи сардро равшанӣ андохта, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## ДАРСИ 6

## МАВЗӮЪ: ҚОИДАҲОИ ХӮРОКХӮРӢ ДАР САРИ МИЗ

**Барнома:** Талаботи беҳдоштиву гигиенӣ ва қоидаҳои бехатарии меҳнат. Ташкили ҷои корӣ. Оростани дастархон. Қоидаҳои хӯроккӯрӣ дар сари миз. Тарзи истеъмоли хӯрок. Одоби нишаст дар сари мизи хӯроккӯрӣ

**Салоҳиятҳо:**

- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Қоидаҳои хӯроккӯрӣ дар сари миз, одоби нишаст дар сари миз ва ороиши дастархонро шарҳ дода тавонанд;

- Ҷобаҷогузории зарфҳоро шарҳ дода ва истифодаи онро амалан иҷро карда тавонанд;

-Баъзе ҷобаҷогузории зарфҳои сари мизро моҳирона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда тавонанд;

-Оид ба талаботи беҳдоштиву гигиенӣ дар сари дастархон ва одаби нишаст маълумот дода, риоя карда тавонанд;

-Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;

-Хусусиятҳои эстетикии ороиши мизро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба қоидаҳои хӯроккӯрӣ дар сари миз.

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Аҳамияти мизи хӯроки сард дар чист?
2. Мизҳоро чӣ гуна бояд гузошт?
3. Дар болои миз маҳсулотро ба чӣ тартиб мегузоранд?
4.Коктейлҳоро шумо чӣ хел тайёр мекунед ва онро амалан иҷро кунед.

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба қоидаҳои хӯрокхӯрӣ дар сари миз суҳбат гузаронида, дар бораи интихоби ҷой барои меҳмонҳои фахрӣ, ороиши миз мувофиқи талаботи гигиенӣ, тарзи дурусти дар даст доштани афзори хӯрокхӯрӣ ва табақчаҳо, тарзи истеъмоли хӯрок бо корд ва чангак шарҳ дода мешавад.

Агар миз байзашакл, мудаввар ё росткунҷа бошад, ҷойи марказиро барои меҳмонҳои фахрӣ гузоред. Агар аз 4 кас зиёд бошанд, он гоҳ кӯшиш кардан лозим аст, ки ҳар як меҳмон дар ҷойи худ нишинад ва бо ҳамсуҳбаташ бо хурсандӣ гуфтугӯ кунад. Дар шабнишиниҳои оилавӣ доимо либоси тоза пӯшида, худро (мӯй, сарулибос) оро дода, меҳмонҳоро бо чеҳраи кушод пешвоз гирифта, онҳоро боодобона ва бо ишораи даст ба ҷойи худ таклиф кунед. Дар маросимҳои тантанавӣ бошад, меҳмонҳоро ҷобаҷо шинонидан душвор аст. Бинобар ин, барои қабули меҳмонон шахси махсусро вобаста мекунанд.

Қоидаи ороиш ба талаботи гигиенӣ (беҳдошт) бояд мувофиқат кунад. Ҳамаи воситаҳо ва дастони ороишдиҳанда тоза бошанд. Воситаҳои хӯрокхӯрӣ ва табақчаҳоро аз қисми поёнашон доштан ва бо ангушти калон аз канор гирифтан лозим аст, даст бояд ба хӯрок нарасад. Чангак, корд, қошукро аз дастааш дошта дароз мекунанд ва мегиранд. Истакон ва қадаҳро аз қисми поёнашон ба даст мегиранд. Дар гирди дасти чап, ки лаълиро медоред, сачоқҳоро дуқат карда гузоред, дар вақти хӯрокхӯрӣ алоҳида додан лозим аст. Сачоқчаҳои таҳкардаро аз табақча гирифта, дуқат карда ба болои зону мегузоранд. Агар дар сари миз суҳбат авҷ гирад, онро дар назар доштан лозим, ки ба хӯрокхӯрӣ халал нарасонад, ё ки байни хӯрокхӯрӣ каме танаффус кардан зарур аст.

Тарзи истеъмоли хӯрок бо корд ва чангак. Дар вақти бо корд ва чангак хӯрок хӯрдан онҳоро дар даст нигоҳ медоранд. Дамлама ва гӯшти онро бо ёрии корд ва чангак истеъмол мекунанд. Агар хӯрок фақат гӯшт бошад ё гӯшти қима (котлет, лӯлакабоб, гуляш, бефстроган ва ғайра) дошта бошад, чангакро дар дасти рост нигоҳ дошта истеъмол мекунанд. Агар гӯшт яклухт бошад, кордро дар дасти рост, чангакро дар дасти чап гирифта, онро ба қисмҳои алоҳидаи майда бурида истеъмол мекунанд. Гӯштро якбора майда намекунанд, барои он ки тез хунук мешавад ва таъмашро як дараҷа гум мекунад. Дамламаи аз гӯшти паранда тайёршударо бо даст гирифтан мумкин аст, аммо қоидаи хӯрокхӯриро ба назар гиред, корд ва чангакро истифода баред.



***Тарзи дуруст истифода бурдани асбобҳои хӯрокхӯрӣ***

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**
1. Барои чӣ ҷойи марказӣ барои меҳмони фахрӣ дода мешавад?
2. Талаботи гигиенӣ барои ороиши мизи хӯрок кадомҳоянд?

3. Агар пирог (кулчаканд) сахт бошад бо кадом асбоби хӯрокхӯрӣ истеъмол карда мешавад?

4. Оид ба тарзи дурусти истеъмоли хӯрок бо корд ва чангак маълумот диҳед.

**5. Кори амалӣ:** Одоби нишастан дар сари мизи хӯрокхӯрӣ

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва беҳдоштиву гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор синф ба ду зергурӯҳ тақсим карда мешавад;
2. Супориш дода мешавад, ки ҳар як гурӯҳ интихобан дастархонро ороста кунанд;
3. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки кори амалӣ мисли саҳнача гузаронида шавад;
4. Аз ду гурӯҳ 1 нафарӣ мизбон ва боқимонда меҳмон интихоб карда шавад;
5. Мувофиқи қоидаҳои одоби нишастан дар сари миз дар саҳнача нақш бозида, 10 банди дар поён овардашуда риоя карда шавад:

5.1. Ба сари миз бе таклифи мизбон нашинед.

5.2. То таклиф накунанд, аз ҳама пеш ба табақчаи худ хӯрок нагиред. Онро аз ҳама пеш хӯрда тамом накунед.

5.3. Дар вақти хӯрокхӯрӣ чангак ва кордро истифода баред, мувофиқан дар дасти чап ва рост.

5.4. Корд, чангак, қошуқро баъд аз истифода бурдан ба табақчаи худ гузоред, ҳеҷ гоҳ дар рӯйи дастархон нагузоред.

5.5. Истифодабарии сачоқчаҳоро аз хотир набарོред.

5.6. Дар вақти нӯшидани нӯшокиҳои гарм (чой, қаҳва ва ғайра) қошуқчаро аз пиёла гиред.

5.7. Шакарро бо қошуқча аз шакардон гиред.

5.8. Бо даҳони пур гап назанед.

5.9. Хӯрокро зебо хӯред, тез, оҳиста не, муътадил хӯрок хӯред.

5.10. Кӯшед, ки хӯрокро оҳиста ва беовоз хӯред.

6. Вобаста ба иҷрои нақш ва риояи талаботҳои одоби нишастан дар сари миз ба хонандагон аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда шавад.

**6.Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**7.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Қоидаҳои хӯрокхӯрӣ дар сари миз, одоби нишаст дар сари миз ва ороиши дастархонро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Ҷобаҷогузории зарфҳоро дониста ва истифодаи онро амалан иҷро карда метавонад? | | | |
| Баъзе ҷобаҷогузории зарфҳои сари мизро устокорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда метавонад? | | | |
| Оид ба талаботи беҳдоштиву гигиенӣ дар сари дастархон ва одаби нишаст маълумот кофӣ дода, риоя карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## ДАРСИ 7

## МАВЗӮЪ: ГӮШТ ВА ХӮРОКИ ГӮШТДОР

**Барнома:** Мафҳуми ашёи хом. Тайёр намудани хӯрокҳо аз гӯшт тайёршаванда. Усулҳои тайёр намудани гӯшт дар шароити хона ва муассисаҳои хӯроки умумӣ. Аҳамияти таоми гӯштӣ барои таъмини эҳтиёти ғизоии инсон. Хӯроки аз гӯшт тайёршуда. Истифодаи гӯшт дар тайёр намудани хӯроки якум. Қоидаҳои умумии пухтани хӯроки гӯштӣ дар об, буғ ва равған бирён кардан. Усулҳои пухтани он. Талабот ба сифати ороиши таоми тайёр. Ташкили ҷойи корӣ. Талаботи беҳдоштиву гигиенӣ ва қоидаҳои бехатарии меҳнат. Қоидаҳои пешкаши додани хӯроки якуми тайёршуда

**Салоҳиятҳо:**

- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Хӯроки гӯштдор ва тайёр кардани таом аз гӯштро шарҳ дода тавонанд;
-Раванди пухтани хӯрок аз гӯштро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонанд;
-Истифодаи асбобу абзор ҳангоми пухтани хӯрок аз гӯштро номбар карда, эҳтиёткорона муносибат карда тавонанд;
-Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим нисбат ба хӯроки гӯштӣ маълумот дода тавонанд;
-Оид ба талаботи беҳдоштиву гигиенӣ ҳангоми пухтани хӯрок маълумот дода, иҷро карда тавонанд;
-Урфу одатҳои миллӣ нисбат ба хӯрокҳои аз гӯшт тайёршударо шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;
-Хусусиятҳои эстетикии ороиши хӯроки тайёршударо шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба гӯшт ва хӯроки гӯштдор

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:
Тайёр намудани маводди хониш;
Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;
Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Барои чӣ ҷойи марказиро барои меҳмони фахрӣ медиҳанд?
2.Талаботи гигиенӣ барои ороиши мизи хӯрок кадомҳоянд?
3.Агар кулчақанди сахт бошад бо кадом афзори хӯрокхӯрӣ истеъмол карда мешавад?
4.Оид ба тарзи дурусти истеъмоли хӯрок бо корд ва чангак маълумот диҳед.

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба гӯшт ва хӯроки гӯштдор суҳбат гузаронида, дар бораи пайдоиши гӯштқимакунак, қисмҳои гӯштқимакунак, қима кардани гӯшт, сифати гӯшт, омода кардан ва пухтани гӯшт, тарзи пора кардани гӯшт, гирифтани пӯсти зиёдатии гӯшт, роҳҳои пухтани сихкабоб, навъҳои сихкабоб, қисмҳои гӯшти гов шарҳ дода мешавад.

Ба маҳсулоти гӯштӣ – гӯшти гов, гӯсфанд, бӯз, асп, шутур, оҳу, гӯшти парандагон ва ғайра дохил мешаванд.

Гӯшт маҳсулоти серғизо ва барои организм фоидабахш аст. Дар таркиби он 20% сафеда (пурра дар организми инсон ҳазм мешавад), равған намакҳои гуногун, қариб 75% об, моддаи қиёмӣ (иштиҳоро мекушояд) витаминҳои $B_1$, $B_2$, $B_6$, PP ва ғайра мавҷуданд.

Қима кардани гӯшт дар нимаи дуюми асри XIX баъди пайдо шудани гӯштқимакунак расм шуд. Гӯштро аз гӯштқимакунак гузаронида, ба он пиёз, тухм, нони қоқ ҳамроҳ карда, котлет тайёр мекарданд. Дар вақти ба қисмҳо ҷудо кардани танаи гов, гӯсфанд, буз ва ғайра гӯшти шӯрборо ҷудо мекунанд. Узвҳои дохилӣ – ҷигар, шуш, гурда, забон, дил, мағзи сар, ширдон ва ғайраро ҳамчун деликатес (таоми хушхӯр) истифода мебаранд. Дум ва каллаю почаро низ истифода мекунанд. Баъзеҳо гӯшти шӯрборо дуюмдараҷа ҳисоб мекунанд, чунки хӯроки аз он тайёршударо дӯст намедоранд. Аммо ҳаминро дар назар доштан лозим аст, ки онҳо хӯрокҳои болаззат ва фоидаовар мебошанд ва хосияти парҳезӣ доранд. Масалан, ҷигар аз сафеда, витаминҳо, ангиштоб (таркиби хунро барқарор ва беҳтар мекунад) бой аст. Забон ба миқдори зиёд сафеда, равған дорад ва беҳад болаззат (деликатес) мебошад. Аз поча яхнии каллашӯрбо (холодес) тайёр мекунанд.

Барои муайян кардани сифати пухтани гӯшт санҷишак – сихи ошпазӣ лозим аст, бо он гӯштро гузаронида мебинанд. Барои гӯштро лат додан, матоъ ва болғачаи чӯбин лозим аст. Барои қима кардани гӯшт гӯштқимакунакро истифода мебаранд, бо он оҳиста ва мувофиқи қоида муносибат бояд кард.

Танаи гӯштқимакунакро ба дасти чап гирифта, ба он тири ҷӯякдор, баъд ба тир корд (қисми барҷастаашро ба нӯги тир нигаронида), панҷара ва ҳалқаи ҷӯякдорро гузошта маҳкам мекунем. Дар қисми ақиби тир дастакро гузошта, бо винт маҳкам мекунем. Навъҳои гуногуни гӯштқимакунак мавҷуд аст.

Баъд аз иҷрои кор қисмҳои онро аз якдигар ҷудо карда, пайиҳам (аввал аз боқимондаи маҳсулот) тоза мекунанд. Ҳар як қисмро алоҳида бо оби гарми содадор мешӯянд. Баъд аз шустан аз болояш оби ҷӯш мерезанд, онро хунук ва пок карда, чанд вақт ҷо ба ҷо накарда мегузоранд, то ки пурра хушк шавад. Дар ин ҳолат он ҳеҷ гоҳ занг намезанад. Баъд онро ҷо ба ҷо мекунанд.



***Коркарди аввалияи гӯшт***




***Гӯштқимакунак ва қисмҳои он***

**Маслиҳатҳои муфид**

Гӯшти пухтагӣ ва хомро кундаланг буред. Гӯшти гови ҷавон ва пирро аз рангашон муайян мекунанд; пир бошад, ранги гӯшт сурхи баланд, равғанаш зардчатоб, ҷавон бошад, равғанаш сафед мешавад. Гӯшти гов сахт бошад, онро чанд соат пеш аз пухтан дар хардал андозед ва пеш аз хӯрокпазӣ дар об шӯед. Барои нигоҳ доштани хосияти гӯшт онро якчанд вақт ба шир тар кунед. Барои он ки гӯшт дар тафдон сахт напазад, ба он ҳар замон оби гарм ё гӯштоб рехта истодан лозим аст. Барои ширадор шудани гӯшт дар таги тафдон зарфи обдор гузоред. Ба гӯшти латзада равғани рӯстанӣ ё хардал молида, 20 – 30 дақиқа ба яхдон гузоред, мулоим мешавад.




 

*Намудҳои хӯрокҳои аз гӯшт тайёршуда*

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Дар таркиби гӯшт чанд фоиз сафеда мавҷуд аст?
2. Қима кардани гӯшт дар асри чанд пайдо шудааст?
3. Кадом узвҳои дохилиро ҳамчун хӯроки хушхӯр истифода мебаранд?
4. Чӣ гуна пухта шудани гӯшт муайян карда мешавад?

**5. Истифодаи бозии "Кӣ зуд меёбад?"**

Аз тарафи омӯзгор оид ба мавзӯи мазкур гузаронидани бозии "Кӣ зуд меёбад?" гузаронидан мумкин аст. Мақсади гузаронидани бозӣ: мустаҳкамкунии мавзӯи нав, ташаккулёбии зеҳни хонанда, инкишофи қобилият, нутқ, мустаҳкамии хотира, муносибати дуруст нисбат ба ҳайвонот гузаронида мешавад.

Аз тарафи омӯзгор овеза оид ба қисмҳои гӯшти гов, ки дар расми 20, саҳифаи 35-и китоби дарсӣ оварда шудааст, ба намоиш гузошта мешавад. Аз тарафи омӯзгор номгӯйи қисмҳои гӯшти гов хонда мешавад. Ба хонандагон супориш дода мешавад, ки ҳар як қисми гӯшти гов, ки аз тарафи омӯзгор хонда шуда буд, рақамгузорӣ карда шавад. Ба он хонандае, ки дар ин бозӣ фаъол буда, аз 2 номгӯйи қисми гӯшти гов зиёдтарро номбар кунад, баҳогузорӣ карда мешавад.



*Қисми гӯшти гов*

**6. Кори амалӣ. Пухтани қабурғашӯрбо**

Таҷҳизот: плита, дег, кафлез, корд, қошуқ, коса, тағорача, тахтачаи сабзавот ва гӯштрезакунӣ , табақ.

Миқдори маҳсулот: гӯшти гов ё гӯсфанд – 109 г, равғани думба ё маргарин – 10 г, картошка – 232 г, бехпиёз – 30 г, сабзӣ – 30 г, томат – 10 г ё помидор – 47 г.

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва беҳдоштиву гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

1. Гӯштро нағз шуста, ба сачоқча гирифта, аз даст ба даст гузошта обашро равонед.
2. Бо корди тез безҳо, пӯсти шилҳаи изофаро буред. Кордро дар дасти рост нигоҳ дошта, дами он ба тарафи худ нигаронида шавад. Пӯсти нолозим бо дасти чап дошта шавад.

3. Гӯштҳои майдаи бурида ё пораҳои калонро бо латта ва болғачаи чӯбин лат дода, сатҳаш ҳамвор карда шавад;

4. Гӯштро барои хӯрокҳои гарнираш ҳархела (картошка, карам, биринҷ ва ғайра) кӯндаланг мебуранд; вазнаш аз 60 – 70 то 125 – 150 г ва ғафсиаш 1,5 – 2 см. Гӯшти вазнаш 60 – 70 г барои кабоб, сихкабоб, лангент ва гӯшти вазнаш 125 – 150 г барои дамлама, кабоби танӯрӣ, бифштекс, шнитсел ва ғайра истифода мешавад;

5. Гӯшт барои бирён аввал барқад, баъд кӯндаланг (гӯшти говро 25 – 40-граммӣ, гӯшти гӯсфандро 20 – 23-граммӣ) бурида шавад;

6. Гӯштро барои бефстроган ба шакли наргисӣ бурида, бо латта ё болғачаи чӯбин лат дода мешавад;

7. Барои тайёр кардани гӯшти қима онро 20 – 40 граммӣ бурида, пиёзро 4 тақсим карда, мағзи нони каме хушкшударо гирифта, ба об ё шир тар кунед. Баъд маҳсулоти тайёршударо аз гӯштқимакунак гузаронед. Агар хоҳед, ки гӯшт хубтар қима шавад, онро 2 бор аз гӯштқимакунак гузаронида, ба он доруворихо ва намак андозед.

8. Сабзавот ва кабудиҳоро тоза карда, пӯсти сабзавот тунук гирифта шавад, чунки миқдори зиёди витаминҳо ба пӯст наздик ҷойгиранд;

9. Гӯшти гӯсфандро 40 – 50 граммӣ (лаҳм ё бо қабурғачаҳо) пора карда, то сурх шудани рӯйи он дар равғани доғшуда бирён карда шавад;

10. Баъд ба дег бехпиёзу сабзии резакардаро меандозанд, пас аз он помидор ё томат ва картошкаи калонтар ҳамроҳ намуда, ҳамаи он бирён карда мешавад;

11. Баъд аз он ба дег об рехта маҳин ҷӯшонида, 10-15 дақиқа пеш аз пухтани шӯрбо ба он доругӣ ва намак андохта шавад;

12. Қабурғашӯрборо ба косаҳо кашида, ба болояш кабудӣ мепошанд;

13. Агар обашро ба коса ё нимкоса кашида, кабудӣ пошида, ба дастархон ниҳанд, он гоҳ ҳамаи масолеҳи боқимондаро дар табақи зебо кашида, ба рӯяш кабудӣ мепошанд. Дар ин вақт табақчаи миёна бо корд, қошуқ, чангак, сачоқчаҳоро дода мешаванд;

14. Вобаста ба фаъолнокии хонандагон аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда шавад.



***Раванди пухтани қабурғашӯрбо***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи гӯшт ва хӯроки гӯштдор ва тайёр кардани таом аз гӯшт шарҳ дода метавонад? | | | |
| Раванди пухтани хӯрок аз гӯштро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Истифодаи асбобу абзор ҳангоми пухтани хӯрок аз гӯштро номбар карда, эҳтиёткорона муносибат карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим нисбат ба хӯроки гӯштӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Оид ба талаботи беҳдоштиву гигиенӣ ҳангоми пухтани хӯрок маълумот дода, иҷро карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллӣ нисбат ба хӯрокҳои аз гӯшт тайёршударо шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии ороиши хӯроки тайёршударо шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## ДАРСИ 8

## МАВЗӮЪ: ХӮРОКҲОИ ГӮШТДОР. ОМОДА КАРДАНИ ХӮРОКҲОИ ДУЮМ

**Барнома:** Мафҳуми ашёи хом. Тайёр намудани хӯрокҳо аз гӯшти тайёршаванда. Усулҳои тайёр намудани гӯшт дар шароити хона ва муассисаҳои хӯроки умумӣ. Аҳамияти таоми гӯштӣ барои таъмини ғизогии инсон. Хӯроки аз гӯшт тайёршуда. Истифодаи гӯшт дар тайёр намудани хӯроки дуюм. Қоидаҳои умумии пухтани хӯроки гӯштӣ дар об, буғ ва бирён кардан. Усулҳои пухтани он. Талабот ба сифати ороиши таоми тайёр. Ташкили ҷойи корӣ. Талаботи беҳдоштиву гигиенӣ ва қоидаҳои бехатарии меҳнат. Қоидаҳои кашида додани хӯроки дуюми тайёршуда

**Салоҳиятҳо:**

- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро эҷод карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Хӯроки дуюми гӯштдор ва тайёр кардани хӯрок аз гӯштро шарҳ дода тавонанд;
-Раванди пухтани хӯроки дуюм аз гӯштро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонанд;
-Истифодаи асбобу абзор ҳангоми пухтани хӯроки дуюм аз гӯштро номбар карда, эҳтиёткорона муносибат карда тавонанд;
-Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим нисбат ба хӯроки дуюми гӯштӣ маълумот дода тавонанд;
-Оид ба талаботи беҳдоштиву гигиенӣ ҳангоми пухтани хӯроки дуюм маълумот дода, иҷро карда тавонанд;
-Урфу одатҳои миллӣ нисбат ба хӯрокҳои дуюми аз гӯшт тайёршударо шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;
-Хусусиятҳои эстетикии ороиши хӯроки дуюми тайёршударо шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба хӯрокҳои гӯштдор ва тарзи омода кардани хӯроки дуюм

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводи хониш;

Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Дар таркиби гӯшт чанд фоиз сафеда мавҷуд аст?

2.Қима кардани гӯшт дар асри чанд пайдо шудааст?

3.Оид ба раванди пухтани хӯроки якуми гӯштӣ маълумот диҳед.

4.Чӣ гуна пухта шудани гӯшт муайян карда мешавад?

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба хӯрокҳои гӯштдор суҳбат гузаронида, дар бораи омода кардани хӯрокҳои дуюм, ошхонаи миллӣ, маъмултарин хӯрокҳои дуюм, хӯрокҳои дуюми гӯштӣ, тарзи пухтани оши палав шарҳ дода мешавад.

Дар ошхонаи миллӣ ҳама намуди шӯрбо ҷойи муайянро мегирад. Аз таомҳои якум бештар хомшӯрбо, қабурғашӯрбо, шалғамшӯрбо, карамшӯрбо, мастоба, угро,(оши бурида) тупа (оши тупа) ва ғайра маъмуланд. Яке аз хусусиятҳои ошхонаи тоҷикӣ бо ду тарз пухтани таомҳои суюқ мебошад:

1. Камтар бирён кардани гӯшти майдакарда ё тайёр кардани гӯштоб.

2. Пурра бо кабудиҳо, адвия, пиёз, помидори тару тоза пухтан ва ҷурғот ё чакка андохтан.

Ба гурӯҳи таомҳои дуюм дохил мешаванд: палав, шавла, кабоб, дамламаи гӯштин, шашлик, шӯламошак ва ғайраҳо.

Ватани сабзӣ – Баҳри Миёназамин буда, сабзӣ манбаи провитамин А – каротин буда, дар организми одам бо равған омезиш ёфта, витамини А ҳосил мекунад. Сабзӣ ба сабзиши қад мадад мерасонад, бар зидди ҳар гуна касалиҳои гузаранда мубориза мебарад, ба узви босира қувват мебахшад. Оби сабзӣ барои сабзиши организми кӯдакони ширмак аҳамияти калон дорад ва ҳамчун таоми нимрӯзӣ истифода мешавад. Дар таркиби сабзӣ то 7 % ангиштоб, 1,3% сафеда, то 1,2% клечатка, 9 мг каротин (дар 100 г масолеҳ), намакҳои минералӣ, витаминҳо ва ғайра мавҷуд аст.






***Намудҳои хӯрокҳои дуюм***

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Дар ошхонаи тоҷикӣ чанд тарзи пухтани хӯрокҳои обакӣ мавҷуд аст?
2. Ба гурӯҳи хӯрокҳои дуюм кадом намуди хӯрокҳо дохил мешаванд?
3. Хӯроки миллии тоҷикон кадом хӯрок ба ҳисоб меравад?
4. Оид ба равандаи пухтани қабурғашӯрбо маълумот диҳед.

**5. Истифодаи усули "Чархи ақидаҳо"**

Методи «Чархи ақидаҳо» барои гирдоварии миқдори муайяни (4, 6, 8, 12) андешаҳо доир ба мафҳум ё мавзӯъ дар шакли шохаҳои гирдгардон аст. Омӯзгор ин усулро дар мавридҳое истифода мебарад, ки агар масъалаи ҷудо кардани чизҳои нисбатан муҳим ба миён ояд.

Дар маркази «чарх» мафҳум, савол ё мушкилоти мавзӯи нав навишта мешавад. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки ду ё чорнафарӣ кор карда, маълумотҳои доштаашонро оид ба ин мавзӯъ нависанд.

**Мақсадҳо:** бедор намудани шавқу ҳавас; муайян кардани сарҳади донишҳои мукаммал; муайян кардани донишҳои нопурраи мавҷуда; ҷудо карда тавонистани чизҳои муҳим; инкишофи малакаҳои таҳлил ва хулосабарорӣ.

**Қадамҳои истифода бурдани ин метод:**

1. Дар маркази нақша мушкилот ва ё масъалаеро, ки ҳал кардан зарур аст, нависед.
2. Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш менамояд, ки ақидаҳо, ё далелҳои асосиро вобаста ба мушкилот, ё масъалаи дар марказбуда дар шохаҳои чарх қайд кунанд. Агар далелҳо камӣ кунанд, хонандагон метавонанд саволҳои худро вобаста ба душворӣ, ё масъалаи дар марказбуда нависанд.
3. Гурӯҳҳо фаъолияти худро муаррифӣ мекунанд (чунин фаъолият бештар дар кори гурӯҳӣ гузаронида мешавад)
4. Омӯзгор муаррифии гурӯҳҳоро бодиққат гӯш карда, мубоҳиса ташкил менамояд.

**Масъала**: *«Дар бораи қоидаҳои нигоҳдории гӯшт чӣ медонед? Ақидаҳои худро баён кунед.»*




**6.Кори амалӣ:** Пухтани оши палав

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва беҳдоштиву гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

Асбобу афзор: дег, кафгир, тағорача барои биринҷ, корд, тахтача барои гӯшт ва сабзавот, турбтарошак, табақи калон.

Миқдори маҳсулот бо г: биринҷ – 160, гӯшт – 165, равғани дунба ё рустанӣ – 60, бехпиёз – 6, сабзӣ – 16, хӯриш (помидор, пиёз, бодиринг, турб) – 100.

**Қадамҳо:**

1. Ҳамроҳии омӯзгор ва хонандагон оши палав пухта мешавад;
2. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки барои пухтани оши палав асбобу афзор ва маҳсулоти зарурӣ омода карда шавад;
3. Қоидаҳои беҳдоштиву гигиенӣ ба назар гирифта, коркарди аввалияи сабзавот гузаронида шавад;
4. Дегро барои пухтани оши палав омода карда, равғанро хуб доғ карда, аввал пиёзи ҳалқамонанд ё нимҳалқамонандро реза карда, ба дег андохта шавад;
5. Баъд гӯштпораҳоро (ё баръакс аввал гӯшт баъд пиёзро; ин ба табъи пазанда вобаста аст) андохта, то сурх шудан бирён карда шавад;
6. Сипас сабзии наргисиро андохта, зирбакро 15 – 20 дақиқа маҳин ҷӯшонед;
7. Биринҷро тоза карда, ихтиёран бо табъи худ дар оби ширгарми намакдор 30 – 40 дақиқа тар карда мешавад;
8. Баъд биринҷро 3 маротиба шуста, ба рӯйи зирбак андохта, ҷӯшонида мешавад;
9. Миқдори об ба навъи биринҷ вобаста аст, ба рӯйи биринҷ тақрибан 2 – 2,5 см об андохта мешавад;
10. Ҳамин ки биринҷ обро ҷаббид, онро 20 – 25 дақиқа дам партофта шавад;
11. Агар ба палав себи биҳӣ, нахӯди таркарда, кишмиш, сирпиёз, қаламфур ва ғайра андозед, боз ҳам хуштаъмтар мешавад.
12. Вобаста ба фаъолнокии хонанда аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад.

*Эзоҳ: Барои дуруст муайян кардани оби рӯйи биринҷ инро бояд донед. Оби рӯйи биринҷ бояд аз ним буғуми ангушт зиёд набошад. Агар биринҷ санҷидагӣ (якчанд бор палав пухтагӣ) бошад, он гоҳ бо паси кафгир ба биринҷ занед. Агар овозаш баланд бошад, биринҷ барои дам партофтан мувофиқ аст. Баъд биринҷро лӯнда карда, ба мобайни он қошуқ зада, бо тағорача болояшро пӯшида, 25 дақиқа дар оташи паст дам медиҳед.*





***Раванди пухтани оши палав***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **Метавонад** | **Қисман метавонад** | **Наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи хӯроки дуюми гӯштдор ва тайёр кардани хӯрок аз гӯшт маълумот дода метавонад? | | | |
| Раванди пухтани хӯроки дуюм аз гӯштро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Истифодаи асбобу абзор ҳангоми пухтани хӯроки дуюм аз гӯштро номбар карда, эҳтиёткорона муносибат карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим нисбат ба хӯроки дуюми гӯштӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Оид ба талаботи беҳдоштиву гигиенӣ ҳангоми пухтани хӯроки дуюм маълумот дода, иҷро карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллӣ нисбат ба хӯрокҳои дуюми аз гӯшт тайёршударо шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии ороиши хӯроки дуюми тайёршударо шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

## ДАРСИ 9

## МАВЗӮЪ: ГӮШТИ ПАРАНДА

**Барнома:** Мафҳуми ашёи хом. Тайёр намудани хӯрокҳо аз гӯшти паранда. Усулҳои тайёр намудани гӯшти паранда дар шароити хона ва муассисаҳои хӯроки умумӣ. Аҳамияти гӯшти паранда барои таъмини эҳтиёҷи ғизоии инсон. Хӯроки аз гӯшти паранда тайёршуда. Истифодаи гӯшти паранда дар тайёр намудани хӯрокҳо. Қоидаҳои умумии пухтани хӯрок бо гӯшти паранда. Усулҳои пухтани он. Талабот ба сифати ороиши таоми тайёр. Ташкили ҷойи корӣ. Талаботи беҳдоштиву гигиенӣ ва қоидаҳои бехатарии меҳнат. Қоидаҳои кашида додани хӯрок бо гӯшти паранда

**Салоҳиятҳо:**

- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Гӯшти паранда ва оро додани онро шарҳ дода тавонанд;
- Ҷобаҷогузории табақи гӯшти парандаи пухташударо шарҳ дода тавонанд;
- Оид ба талаботи беҳдоштиву гигиенӣ ҳангоми пухтани мурғ маълумот дода тавонанд;

- Оид ба таркиби гӯшти паранда шарҳ дода, аҳамияти гӯшти паранда ба организми инсонро арзёбӣ карда тавонанд;
- Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад;
- Баъзе қисматҳои пухтани гӯшти парандаро моҳирона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда тавонанд;
- Хусусиятҳои эстетикии мурғи пухташударо шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;
- Саломатии худро эҳтиёт карда дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонанд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба гӯшти паранда

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Маъмултарин хӯрокҳои дуюм кадомҳоянд?
2. Дар ошхонаи тоҷикӣ чанд тарзи пухтани хӯрокҳои обакӣ мавҷуд аст?
3. Ба гурӯҳи хӯрокҳои дуюм кадом намуди хӯрокҳо дохил мешаванд?
4. Хӯроки миллии тоҷикон кадом намуди хӯрок ба ҳисоб меравад?

**3.Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба гӯшти паранда суҳбат гузаронида, дар бораи таркиби гӯшти паранда, тарзҳои ба пухтан омода кардани мурғ, пора кардани мурғ, коркарди мурғ ва намудҳои сихкабоб аз мурғ, тарзи дурусти пухтани мурғ дар тафдон шарҳ дода мешавад.

Гӯшти парандаро замони пеш кам истифода мебурданд. Ҳозир бошад, дар ҳама хонадон гӯшти парандаҳо – ғоз, мурғи марҷон, мурғобӣ ва ғайраро фаровон истифода мебаранд. Таркиби гӯшти паранда аз моддаҳои ғизоӣ ва барои организми одам фоидабахш бой мебошад. Дар таркиби он сафеда, равған витамин, намакҳои минералӣ ва ғайра зиёд аст. Барои пар кандани паранда онро дар ҷойи хунук мегузоранд. Ба он оби ҷӯш мерезанд. Баъд онро ба оби ҷӯш гузошта пар мекананд, парҳои боқимондаро мечинанд ё дар оташ месӯзонанд. Пеш аз пухтан пою сарашро ҷудо кунед, нӯги қанотҳояшро буред, узвҳои дарунаш – меъдаашро гирифта тоза кунед, сангдонашро кушода, чаппа карда, ҷилди ғафсашро гирифта партоед. Тӯшашро шуста, хушк карда, намак занед ва мувофиқи табъи худ, чӣ хеле ки хоҳед (дар об, буғ, тафдон) пазед.

Барои пухтани мурғи бутун пойҳои онро ба даруни ду сӯрохие, ки ба нӯги корд поёнтари сари сина бурида шудааст, меандозанд ва ба танааш мебанданд. Баъд онро ба тафдон (дар дарунаш себ, сабзавот гузоштан ҳам мумкин) мепазанд. Сипас онро бо қайчии махсус пора мекунанд.

Барои бирён кардани мурғ онро ба пораҳои хурд ҷудо карда, намак пошида, ба деги равғани доғ меандозем; аввал дар оташи миёна бо оби аз худаш ҷудошуда бирён мекунем, баъди бухор шудани обаш ба он мувофиқи маҳсулот бо пиёла об андохта, дар оташи паст бирён мекунем. Баъд аз он ки камтар сурх шуд, барои тайёр шудан тахминан 1 – 1,5 соат дар оташи паст мепазем; дар давоми бирёнкунӣ дар дег бояд ба миқдори муайян об бошад, баъд пиёзу помидорро майда реза карда андохта, онро камтар мезирбонем, дам карда 10 дақиқа бирён мекунем. Баъди тайёр шудан аз оташ гирифта, ба табақчаҳо мекашем ва ба болояш кабудӣ пошида ба дастархон мегузорем.

 

*Намудҳои хӯрокҳои аз гӯшти мурғ пухташуда*

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Ба гурӯҳи гӯшти паранда кадом намуди парандаҳо дохил мешаванд?
2. Дар вақти гӯшти парандаро дар тафдон пухтан кадом қоидаҳоро иҷро бояд кард?
3. Оид ба тарикиби гӯшти паранда шарҳ диҳед.
4. Оид ба раванди коркарди мурғ шарҳ диҳед.

**5.Истифодаи диаграммаи "Чӣ тавр?"**

Диаграммаи «Чӣ тавр?» силсилаи муҳокимарониҳо барои муайян кардани роҳҳои ба даст овардани натиҷа аст. Онро дар мавридҳои зерин истифода мебаранд: ҷустуҷӯйи роҳҳои гуногуни ҳалли мушкилот; муайян кардани пайдарпайии ҳодисаю амалҳо; муайян кардани сабаби ҳодисаю амалҳо.

Агар савол дуруст гузошта шавад**,** роҳҳои пайдоиши ҳама гуна натиҷаро ёфтан мумкин аст. Пайваста истифода бурдани ин усул барои ташаккули малакаҳои ҳаётӣ: ҷустани роҳҳои гуногуни ҳалли вазъият, мушкилоти баамаломада имконпазир мегардад.

**Мақсадҳо:** ҷустуҷӯ карда тавонистани роҳ(ҳо)-и ҳалли масъала; пайваст карда тавонистани ҷавобҳо ба саволи «Чӣ тавр?»; инкишофи малакаҳои фикрронӣ (исбот карда тавонистани андешаҳои худ) ва нутқи шифоҳӣ; иртиботи сабаб ва натиҷа, оқибат.

**Натиҷа. Хонандагон:** савол гузошта, роҳи ҳалли масъаларо ҷустуҷӯ менамоянд; андешаҳои худро дар гурӯҳ таҳлил мекунанд; ҷавобҳоро муқоиса менамоянд; фикру мулоҳизаҳоро кӯтоҳ ва мушаххас баён ва қайд мекунанд; ба мулоҳизаҳои худ далел меоранд;

**Қадамҳои истифода бурдани ин метод:**

1. Масъала ва ё натиҷае ба хонандагон пешниҳод мегардад.
2. Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки барои ҳалли масъала, ё мушкилот саволи «Чӣ тавр?» гузоранд.
3. Агар масъала, ё мушкилот ҳалли худро наёбад, саволро боз такроран гузошта, андешаҳо ба якдигар бо тирча пайванд карда мешаванд.

Ин амал то муайян кардани сабаб, ё натиҷаи ниҳоии мушкилот идома меёбад.

**Масъала:** Парандаро чӣ тавр барои пухтан омода кардан мумкин аст?




**Натиҷа. Хонандагон:** ба мушкилот савол гузошта, ҳалли онро меёбанд; андешаҳои якдигарро таҳлил менамоянд; андешаҳояшонро баён мекунанд; ба андешаҳои худ далел меоранд.

**6.Кори амалӣ: Пухтани мурғ дар тафдон**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва беҳдоштиву гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

Таҷҳизот: лаганди тафдон, тахтача, корд, кафгир.

Миқдори маҳсулот: 1 дона мурғ, 60 г маргарин, 1,8 л об, 1 қошуқ орд, 1,5 г қаймоқ ва намак – мувофиқи табъ.

**Қадамҳо:**

1. Бо ҳамроҳии омӯзгор ва хонандагон мурғ дар тафдон пухта мешавад;

2. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки барои пухтани мурғ асбоб ва маҳсулоти лозимӣ омода карда шавад;

3. Мурғи тайёркардашуда, хоҳ порашуда, хоҳ мурғи яклухтро ба лаганди тафдон гузошта, намак пошида шавад;

4. Аз болояш маргарини гармро рехта, боз дар вақтҳои муайян ба он равғани гарм рехта истодан зарур аст;

5. Агар оби таги тафдон хира шавад, ба он оби ҷӯш рехта мешавад;

6. Ба обаш қаймоқ ҳамроҳ карда, ба болои мурғ намак пошида, пухтанро давом додан лозим аст;

7. Агар мурғ пурра бошад, бо қайчии махсус ё корди тез бурида, ба табақчаҳои алоҳида ё табақ кашида, ба рӯяш кабудӣ пошида, ба дастархон пешниҳод карда мешавад;

8.Вобаста ба фаъолнокии хонанда аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда шавад.



***Раванди пора намудани мурғ***




***Мурғи дар тафдонпухта***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи гӯшти паранда ва оро додани он маълумот дода метавонад? | | | |
| Оид ба ҷобаҷогузории табақи гӯшти парандаи пухташуда шарҳ дода метавонад? | | | |
| Оид ба талаботи беҳдоштиву гигиенӣ ҳангоми пухтани мурғ маълумот дода метавонад? | | | |
| Оид ба таркиби гӯшти паранда шарҳ дода, аҳамияти гӯшти паранда ба организми инсонро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Баъзе қисматҳои пухтани гӯшти парандаро моҳирона иваз карда, тайиноти онро дигар карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии мурғи пухташударо шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 10

## МАВЗӮЪ: ГӮШТИ МОҲӢ

**Барнома:** Мафҳуми ашёи хом. Тайёр намудани хӯрокҳо аз гӯшти моҳӣ. Усулҳои тайёр намудани гӯшти моҳӣ дар шароити хона ва муассисаҳои хӯроки умумӣ. Аҳамияти гӯшти моҳӣ барои эҳтиёҷоти ғизоии инсон. Хӯроки аз гӯшти моҳӣ тайёршуда. Истифодаи гӯшти моҳӣ дар тайёр намудани хӯрокҳо. Қоидаҳои умумии пухтани хӯрок бо гӯшти моҳӣ. Усулҳои пухтани он. Талабот ба сифати ороиши таоми тайёр. Ташкили ҷойи корӣ. Талаботи беҳдоштиву гигиенӣ ва қоидаҳои бехатарии меҳнат. Қоидаҳои кашида додани хӯрок бо гӯшти моҳӣ

**Салоҳиятҳо:**

- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Гӯшти моҳӣ ва тарзи пухтани онро шарҳ дода тавонанд;
-Оид ба нигоҳдории моҳӣ шарҳ дода тавонанд;
-Оид ба талаботи беҳдоштиву гигиенӣ ҳангоми пухтани гӯшти моҳӣ маълумот дода тавонанд;
- Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда тавонанд;
- Урфу одатҳои миллиро ба таври сода шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;
- Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонанд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба гӯшти моҳӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводи хониш;

Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Дар замони мо аз кадом гӯштҳои паранда истифода мебаранд?

2.Тарзҳои ба пухтан омода кардани гӯшти парандаро баён созед.

3.Бо кадом роҳ гӯшти мурғ коркард карда мешавад?

4.Раванди пухтани мурғ дар тафдонро баён кунед.

**3.Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба гӯшти моҳӣ суҳбат гузаронида, дар бораи таркиби гӯшти моҳӣ, манфиантҳои гӯшти моҳӣ ба организми инсон, тарзи нигоҳ доштани гӯшти моҳӣ, тарзи тоза ва пора кардани моҳӣ, тарзи тайёр кардани моҳӣ барои пухтани хӯрок, роҳҳои пухтани гӯшти моҳӣ, намудҳои хӯрокҳо аз моҳӣ шарҳ дода мешавад.

Гӯшти моҳӣ ба организми инсон фоиданок мебошад, бинобар ин дар вояи номгӯи хӯрокаи хӯроки одам онро дар назар доштан лозим аст. Моҳӣ моддаҳои зарури ҳаётӣ – сафеда, витамини А ва Д, калсий, фосфор, лисетин, йод ва оҳан дорад, равғаннокиаш кам аст.

Дар вақти тайёр кардани хӯрок аз моҳӣ онро дар коғазҳо не, балки дар зарфҳои чинӣ ё шишагин дар ҷойи хунук нигоҳ доштан лозим аст.

Моҳиро аз пулакчаҳо тоза карда, узвҳои дарун, ғалсама ва пардаҳои сиёҳашро гирифта мепартоянд ва дар оби хунук тоза мешӯянд. Ба он камтар сирко ё ҷавҳари лимӯ, намак пошида, дар зарфи сарпӯшдор дар ҷойи хунук нигоҳ медоранд. Дар ин ҳолат гӯшти моҳӣ сахт ва сафед мешавад. Бӯяш нағз ва сафедияш шах мешавад. Намакро пеш аз пухтан мепошанд, то ин ки оби моҳӣ кам шавад. Агар пас аз намак кардан зиёд истад, хушкак мешавад. Аз гӯшти моҳӣ бо роҳи дар об пухтан ва бирён кардан бисёр хӯрокҳо мепазанд. Як намуди хӯроки моҳигин моҳибирён мебошад.

Аз қадимулайём барои нигоҳ доштани маҳсулоти хӯрокворӣ хунукии сунъиро истифода мебурданд.

Масалан, гӯштро намак зада, дар дохили барф ва ях нигоҳ медоштанд. Гӯштро баъзан дар чоҳ низ нигоҳ медоштанд ва ин тарзи нигоҳдориро имрӯз низ истифода мебаранд. Дар миёнаҳои асри XIV якумин яхдон ихтироъ шуд. Дар истеҳсолоти ҷаҳонӣ дар намоишгоҳи Фаронса соли 1887 аввалин бор яхдонҳои калон ва на он қадар калони ҳарораташон тағйирёбанда ба намоиш гузошта шуданд. Аммо бартариашон дар он буд, ки маҳсулоти хӯроквориро чанд рӯз аз вайроншавӣ нигоҳ медоштанд.

Ба яхдоне, ки Ҷон Лесли дар Англия ихтироъ карда буд, мукофоти махсус дода шуд. Дар асри XX чанд намуди яхдон бо компрессорҳои газӣ, буғӣ, аммиакӣ, буғу обӣ, вакуумӣ ихтироъ карда шуданд.




***Намудҳои моҳии бирёндашуда***

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Гӯшти моҳӣ барои организми инсон чӣ манфиат дорад?
2. Кадом навъҳои моҳиро медонед?
3. Моҳиро чӣ тарз бирён мекунанд?
4. Раванди тоза кардан ва пора кардани моҳӣ чӣ гуна аст?

**5.Истифодаи усули "Кластери сода"**

Кластер (claster – хӯша, даста) усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзӯъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Ин усул аз тарафи мутахассиси проблемаҳои эҷодӣ Тони Бюзан кор карда шудааст. Ин усул имкон медиҳад, ки хонандагон барои фикр намудани мавзӯи дарпешистода сафарбар шаванд.

Дар марказ як мафҳум, савол ё проблемаи масоили мавзӯи нав навишта мешавад. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки маълумотҳои доштаашонро оид он нависанд. Ин имкон медиҳад, ки хонандагон ҳамаи андешаҳои баёншударо дар як ҷо гирд оварда, дар баробари шунидани онҳо боз аёнӣ бо онҳо шинос гарданд.

Масъала: 1.Дар таркиби моҳӣ моддаҳои зарурӣ кадомҳоянд?



**6. Кори амалӣ: Тарзи бирён кардани моҳӣ**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва беҳдоштиву гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

Таҷҳизот: тафдон ё тоба. Белча, тағорача чангаки моҳипазӣ.

Миқдори маҳсулот: 1 кг моҳӣ, 65 г панири тарошидагӣ, 65 г маска ё маргарин, 250 г қаймоқ, 1 қошуқ оҳар, ҷавҳари лимӯ ё сирко.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор ва хонандагон моҳӣ бирён карда мешавад;
2. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки барои бирён кардани моҳӣ асбоб, таҷҳизот ва маҳсулоти зарурӣ омода карда шавад;
3. Моҳиро тоза шуста, сирко ва намак пошида, интихобан ба он панир, нонреза ва пиёзи маҳин резакарда андохта шавад;
4. Бо равғани доғ дар дег ё тоба дар оташи паст бирён карда шавад;
5. Баъд аз 10 дақиқа ба он қаймоқ ҳамроҳ карда пухтан мумкин аст;
6. Хӯроки тайёрро дар табақчаҳои алоҳида ё табақи калон гузошта, ба рӯяш кабудӣ пошед ва ба дастархон монед.
7. Бо мақсади баҳогузорӣ ба хонандагони фаъол аз тарафи омӯзгор баҳо гузошта мешавад.





***Раванди тоза ва пора намудани моҳӣ***

**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи гӯшти моҳӣ ва тарзи пухтани он маълумот дода метавонад? | | | |
| Оид ба нигоҳдории моҳӣ шарҳ дода метавонад? | | | |
| Оид ба талаботи беҳдоштиву гигиенӣ ҳангоми пухтани гӯшти моҳӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро ба таври сода шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот кофӣ дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 11

## МАВЗӮЪ: ХУСУСИЯТИ ХӮРОКҲОИ МИЛЛӢ

**Барнома:** Мафҳуми ашёи хом. Тайёр намудани маҳсулоти хамирӣ. Усулҳои тайёр кардани хӯроки миллӣ дар шароити хона ва муассисаҳои хӯроки умумӣ. Қоидаҳои умумии пухтани хӯрокҳои хамирӣ дар буғ, об ва ба тарзи бирён. Аҳамияти хӯрокҳои хамирин барои ғизогирии инсон. Қоидаҳои асосӣ ва пухтани хӯрокҳои хамирин. Усулҳои пухтани хӯрокҳои хамирӣ. Талабот ба сифат ва ороиши хӯроки тайёр. Ташкили ҷои корӣ. Талаботи беҳдоштиву гигиенӣ ва қоидаҳои бехатарии меҳнат.

**Салоҳиятҳо:**

- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Хусусиятҳои хӯрокҳои миллӣ ва оро додани онро шарҳ дода тавонанд;
-Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда, равандҳои пухтани хӯрокҳои миллиро шарҳ дода тавонанд;
- Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад;
-Ҳангоми истифодаи маҳсулоти хӯрокҳои миллӣ сарфакориро риоя карда тавонанд
- Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода онро арзёбӣ карда тавонанд;
- Саломатии худро эҳтиёт карда дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонанд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба гӯшти моҳӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:
Тайёр намудани маводди хониш;
Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;
Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Гӯшти моҳӣ барои организми инсон чӣ манфиат дорад?
2. Кадом навъҳои моҳиро медонед?
3. Моҳиро чӣ тарз бирён мекунанд?
4. Раванди тоза кардан ва пора кардани моҳӣ чӣ гуна аст?

**3.Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба хусусияти хӯрокҳои миллӣ суҳбат гузаронида, дар бораи маъмултарин хӯрокҳои миллии гӯштӣ, навъҳои нонҳои миллии ороишӣ, навъҳои хӯрокҳои якуму дуюми миллии тоҷикӣ, маҳсулот барои пухтани оши палав ва истеъмоли оши палав, навъҳои нӯшиданӣ, омода кардани чой, зарфҳои махсус барои нӯшидани чой, қаҳваву какао шарҳ дода мешавад.

Хусусияти фарқкунандаи таомҳои миллӣ дар он аст, ки гӯштро барои тайёр кардани бисёр таомҳои дуюм (манту, тушбера, кабоб, палав, сихкабоб, навъҳои гуногуни санбӯса, шавлаи қоқин, шӯламошак ва ғайра) истифода мебаранд, ҳамчунин, нонҳои миллии ороишдода, пиёздор, ҷаззадор, гӯштин ва ғайра низ мепазанд. Таомҳои якуму дуюми миллии тоҷикӣ серғизо мебошанд. Масалан, барои пухтан ва истеъмол кардани палав чунин маҳсулот лозим аст:

**1. Барои пухтан** – равған, биринҷ, сабзӣ, бехпиёз, гӯшти тоза, қоккарда, нимбирён, қазӣ, қаламфури булғорӣ бо гӯшти қима, барги ток бо гӯшти қима, зира, қоти сиёҳ, кишмиш, нахӯд, зардчӯба ва ғайраҳо.

**2. Барои истеъмол кардан** – бехпиёз, помидор, бодиринг, турб, шалғамча, донаи анор, сирко, пиёзи кабуд, шибит, райҳон, дар фасли зимистон сабзавотҳои намакин ва очоронида ва ғайраҳо (ҳамаи ин маҳсулот дар як навъи таом истифода бурда мешаванд).

Ин яке аз хусусиятҳои таомҳои миллӣ мебошад. Ё ин ки дар оташ, дег, танӯр, кӯр, буғ, равған, об ва ғайра пухтани гӯшт ҳам яке аз хусусиятҳои таомҳои миллӣ маҳсуб меёбад.

Дар ошхонаи миллӣ аз зарфҳои чинӣ, сафолӣ, чӯбин ва металлӣ ба монанди чойник, пиёла, коса, нимкоса, табақ, табақча, лаълӣ ва ғайра бештар, вале аз зарфҳои пластмассӣ камтар истифода мебаранд.

Ё ин ки як маҳсулотро бо дигараш ҳамроҳ карда таомҳои гуногун пухтан мумкин аст.






***Намудҳои хӯрокҳои миллӣ***

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Кадом хӯрокҳои миллии гӯштии маъмулро медонед?
2. Ба нонҳои миллии ороишӣ кадом намудҳои нон дохил мешавад?
3. Барои пухтан ва истеъмоли палав кадом маҳсулотҳо лозим мебошанд?
4. Раванди омода кардани чой чӣ гуна аст?

**5.Истифодаи усули “Кластери мураккаб”**

Кластер (claster – хӯша, даста) усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзӯъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Ин усул аз тарафи мутахассиси масоили эҷодӣ Тони Бюзан кор карда шудааст. Ин усул имкон медиҳад, ки хонандагон барои фикр намудани мавзӯи дарпешистода сафарбар шаванд.

Дар марказ як мафҳум, савол ё масоили мавзӯи нав навишта мешавад. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки маълумотҳои доштаашонро оид ба он нависанд. Ин имкон медиҳад, ки хонандагон ҳамаи андешаҳои баёншударо дар як ҷо гирд оварда, дар баробари шунидани онҳо боз аёнӣ бо онҳо шинос гарданд.

**Мақсадҳо:** гирдоварии андешаҳои хонандагон; бунёди вазъияти ҷустуҷӯ; инкишофи малакаҳои баёни мухтасари фикр; омӯзиши роҳҳои гуногуни гирдоварии андешаҳо; пешниҳод кардани маълумотҳои иловагӣ; муайян кардани дониши хонандагон доир ба мавзӯъ.

Шакли кластер гуногун шуда метавонад: ба монанди «хӯша», вақте ки аз ақидаҳо ташаккул меёбад ва дар гирди мавзӯъ онҳо навишта мешаванд. Ҳангоми навиштани ақидаҳо робитаи байниҳамдигарии онҳо муайян карда мешаванд. Муҳим он аст, ки хонандагон миқдори зиёди иртиботро ёбанд ва вобаста ба он кластер ду намуд мешавад: кластери **сода** ва кластери **мураккаб.**

Кластери сода- дар маркази худ як мафҳуми асосиро дорад, ки дар гирди он мафҳумҳои ба он тобеъ мавҷуданд.

Кластери мураккаб- дар маркази худ як мафҳуми асосиро дорад, ки дар гирди он якчанд мафҳумҳои ба он тобеъ мавҷуд буда, ин мафумҳо низ зермафҳумҳои ба худ тобеъро доранд.

**Намунаи кластери мураккаб:**

**Масъала:** «Барои пухтан ва истеъмоли палав кадом маҳсулот лозим аст?»




**Дар натиҷа хонандагон:** оид ба мафҳум, ё мушкилоти асосӣ чуқур андеша карда, донишҳояшонро оид ба он ба хотир меоранд; бо шумораи муайяни шохаҳо андешаҳояшонро баён ва қайд мекунанд; барои исботи андешаҳои худ далел меоранд; қисматҳои асосии маълумотро аз умумӣ ҷудо мекунанд; фикри якдигарро гӯш мекунанд.

**6.Кори амалӣ:** Пухтани атола

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва беҳдоштиву гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Омӯзгор ва хонанда ҳамроҳ ба пухтани атола оғоз менамоянд;
2. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки барои пухтани атола асбоб, афзор ва маҳсулоти зарурӣ омода карда шавад;
3. Ордро бехта равғанро доғ намудан лозим аст;
4. Орди бехта бо равған бирён карда мешавад;
5. Об андохта, дар оташи паст пухта мешавад;
6. Агар ба ҷои об шир андохта шавад, атолаи ширдор мешавад;
7. Атолаи одӣ ки барои наҳорӣ тавсия карда мешавад, тайёр шуд.

**Роҳи дуюм**

1.Агар ба атолаи тайёршуда, оби ҷӯш, шакар ё набот ҳал карда андохта шавад ҳалвои тар ном мегирад ;

2.Ба орди дар равған тафдода андохта, ҳалвои тар тайёр мешавад; 3.Ғафсии атола ба қаймоқ монанд мешавад, ки он дар пиёла кашида истеъмол карда мешавад;

4. Агар обаш нисбат ба атола зиёдтар андохта шавад, ҳалвои тари табақин тайёр мешавад, ки онро ба табақ кашида, хунук карда, бо корд бурида мешавад;

5. Онро барои наҳорӣ тавсия мекунанд. Ин ҳам яке аз хусусиятҳои таомҳои миллӣ мебошад.
6.Вобаста ба фаъолнокии хонандагон аз тарафи омӯзгор баҳо гузошта мешавад.




*Атолаи одӣ ва атолаи ширдори тайёршуда*

**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **Метавонад** | **Қисман метавонад** | **Наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи хусусиятҳои хӯрокҳои миллӣ ва оро додани он шарҳ дода метавонад? | | | |
| Ҳангоми ичрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда, равандҳои пухтани хӯрокҳои миллиро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми истифодаи маҳсулоти хӯрокҳои миллӣ сарфакориро риоя карда метавонад? | | | |
| - Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 12

## МАВЗӮЪ: ДОИР БА НОН

**Барнома:** Мафҳуми ашёи хом. Тайёр намудани маҳсулоти хамирин. Усулҳои тайёр кардани нон дар шароити хона ва муассисаҳои хӯроки умумӣ. Қоидаҳои умумии пухтани нон. Аҳамияти нон барои таъмини эҳтиёҷи ғизоии инсон. Қоидаҳои асосӣ ва пухтани нон. Усулҳои пухтани нон. Талабот ба сифат ва ороиши нон. Ташкили ҷои корӣ. Талаботи беҳдоштиву гигиенӣ ва қоидаҳои бехатарии меҳнат

**Салоҳиятҳо:**
- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Нон ва пухтани онро шарҳ дода тавонанд;
-Оид ба талаботи беҳдоштиву гигиенӣ ҳангоми пухтани нон маълумот дода тавонанд;
-Равандҳои пухтани нонро шарҳ дода, дар амал иҷро карда тавонанд;
-Истифодаи асбобу абзорҳоро номбар карда, ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда тавонанд;
-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда тавонанд;
-Ҳангоми истифодаи маҳсулот барои пухтани нон ба сарфакориву сариштакорӣ риоя кунад;
-Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;
-Саломатии худро эҳтиёт карда дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонанд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба нон

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Кадом хӯрокҳои миллии гӯштии маъмулро медонед?

2.Ба нонҳои миллии ороишӣ кадом намудҳои нон дохил мешавад?

3.Барои пухтан ва истеъмоли оши палав кадом маҳсулотҳо лозим мебошанд?

4.Раванди омода кардани чой чӣ гуна аст?

**3.Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба нон суҳбат гузаронида, дар бораи ғизои асосии инсон, пухтани нон, нонбандӣ, истифодаи рафидаву остинча, афзорҳо барои омода кардани нон ва санбӯса, хамири нон, хамири муқаррарии обӣ, хамири ширмоли бе хамирмоя, хамири муқаррарӣ бо хамирмоя, хамири ширмол бо хамирмоя, раванди пухтани нони обӣ, нони гӯштдор, кулча аз панир, нони мавиздор, кулчаи тафдода аз сабзӣ, кулчаи лаблабудор, нони хушки тафдодаи ширин шарҳ дода мешавад.

Нон яке аз ҳайратангезтарин маҳсулоти табиат ва ғизои инсон мебошад. Нон аз ҳама қадимтарин, бузургтарин, боэътимодтарин намуди таом дар рӯйи замин ба шумор меравад. Он моро аз қадами аввалин то охирин ҳамроҳӣ мекунад. Нон бойигарии миллат мебошад. Ба нон пурра таъмин шудан ин дараҷаи некуаҳволии халқ аст. Шоирон дар бораи нон шеърҳо навиштаанд, рассомон расм кашидаанд, ки ҳамаи ин баёнгари меҳру муҳаббати онҳо нисбат ба ин маҳсулоти асосии хӯроки инсоният мебошад. Нон ба осонӣ ба даст наомадааст. Он маҳсули меҳнати ашхоси зиёд мебошад. Ҳар як донаи гандумро ба тилло ташбеҳ медиҳанд. Дар ҳақиқат онро тиллогин меноманд, аммо он аз тилло ҳам қиматтар аст, чунки ба инсон қуввати ҳаёт мебахшад. Ҳамаи халқу миллатҳо нисбат ба нон эҳтироми зиёде доранд. Агар нисбат ба нон беэҳтиромӣ шавад, гуноҳи азим мешуморанд.

Дар байни маҳсулоти хамирӣ нон ҷойи махсусро мегирад. Ба маҳсулоти хамирӣ дохил мешаванд: нони обӣ, равғаннок, ширдор, ширмол, зағора, кулча, фатирҳои гуногун, қатлама, чалпак, тунукча, самбӯсаҳои танӯрин ва ё бирён (қимааш аз гӯшт, картошка, каду, алаф ва ғайра) ва ҳамаи таомҳои хамирии 1-ум ва 2-юм. Нонро асосан дар танӯр, тафдон, тоба ва ғайра мепазанд. Танӯрҳоро мувофиқи истифодабарӣ ҳар хел мешинонанд; барои санбӯса даҳонаш ба боло, барои нон уфуқӣ. Дар вақти нонро часпондан ба дасти рост остинча мепӯшанд. Ба болои он нонро чаппа гузошта, намакоби паст зада ба танӯр мечаспонанд. Агар нон калон бошад, онро ба рӯйи рафида гузошта ба танӯр мечаспонанд.

Рафидаро ин тавр месозанд. Фанер ё картонро бурида, ба болояш пахта гузошта, бо матои зичбофтаи ғафс рӯкаш мекунанд ва ба ақибаш барои гузаронидани даст тасма мечаспонанд. Остинчаро ин тарз медӯзанд. Матои ғафси зичбофтаро кушода, ба болои он 2 см пахта ва аз болои он матои пахтагини сиёҳчатоб ё хокистаррангро гузошта, ҳамчун кӯрпа аз тарафи чаппааш лаганда мекунанд. Баъд аз часпонидани нон ба он об мепошанд.

Нон дар дохили танӯр аз ҳисоби буғ ва нурҳои инфрасурхи аз оташи ҳезум баромада ва гармии девори танӯр мепазад. Тайёршавии нонро аз сурх шудани рӯйи он муайян мекунанд. Нонро аз танӯр ба воситаи нонканаки металлӣ ё остинча (ба дасти рост мепӯшанд) ва афзори кафгирмонанд (дар дасти чап меистад) канда мегиранд. Нон ва самбӯсаҳое, ки дар танӯр мепазанд, бӯю таъми нотакрор, хосиятҳои парҳезӣ ва шифобахшӣ доранд. Нонро дар тафдон ҳам пухта метавонед. Барои тайёр кардани нон ва санбӯса чунин таҷҳизот лозиманд:

1. Тағора (карсон) барои хамиркунӣ (сирдор, сафолин, мисин).
2. Элакҳои ҳархела барои бехтани орд. Элаки калон дар 1 см$^2$ 25, миёна – 100, хурд – 400-то сӯрохӣ дорад.
3. Тахтачаи доирашакл барои ба қисмҳо тақсим ва паҳн кардани хамир ва рост кардани нон. Онро аз фанери ғафсиаш 20 мм ва қутраш 30 – 35 см сохтан мумкин аст.
4. Тахтаи чоркунҷа ё росткунҷа барои тақсим ва паҳн кардани хамири ҳама намуди маҳсулоти хамирӣ, ки васеъгиаш 25 см ва дарозиаш 1 м буда, пояҳои кӯтоҳ дорад. Онро оташтахта меноманд, дарозии тиракаш 1 м.
5. Чӯбак махрутшакл буда, аз чӯб сохта мешавад, мобайнаш ғафс, аз ду тараф даста дорад.
6. Мухпар асбобест, ки бо он нонро пар мезананд. Он аз чӯби дарахтони мевадор махрутшакл ё нимкурашакл (бо дастакчааш) сохта мешавад. Ба асоси нонпар мехчаҳои бесарак мезананд. Нонпарро худатон ҳам сохта метавонед. Барои ин 40 – 50 дона пари дарози мурғро тоза шуста, хушк кунед, баъд бо матои ғафси тасмашакл печонед, байни парҳо ҷойи холигӣ монед. Барои ин қатори марказиро аз 3 – 4 пар бо матои чорқабата, қатори 2-юмро аз 6 – 8 пар бо матои тасмашакл, қатори 3-юмро аз 12 – 16 пар ва қаторҳои минбаъдаро ҳамин тавр бо матои тасмашакл нағз печонед.

**Эзоҳ:**

1. Ба рӯйи нон сиёҳдона ё кунҷид пошидан мумкин аст.

2. Дар рӯйи нон то ба танӯр часпондан ҷурғот, баъд аз пухтан равған молида ё об пошида мешавад. Агар нонро дар тафдон пазед, ба рӯи нон ҷурғот ё тухмро молед, ё ин ки баъд аз пухтан камтар об пошед ё равған молед.

3. Ба хамири ширдор ба ҷойи об шир меандозанд.

4. Барои нони ҷаззадор, пиёздор, равғандор пухтан шир ё об, равған ҳамроҳ мекунанд. Қоидаҳои пухтани он ба нони гӯштдор монанд аст.

5. Барои пухтани хамир фатирро бо шир, равған, хамиртуруш (ё бе хамиртуруш) тайёр мекунанд.

 



***Намудҳои нон***

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Барои омода кардани нон ва санбӯса кадом афзорҳо лозиманд?
2. Доир ба нон чӣ гуна шеър ё зарбулмасал медонед?
3. Раванди пухтани нон чӣ гуна аст?
4. Оид ба раванди омода кардани хамири ширмол бо хамирмояро баён кунед.

**5.Истифодаи усули «Чархи ақидаҳо»**

Усули «Чархи ақидаҳо» барои гирдоварии миқдори муайяни (4, 6, 8, 12) андешаҳо доир ба мафҳум ё мавзӯъ дар шакли шохаҳои гирдгардон аст. Омӯзгор ин усулро дар мавридҳое истифода мебарад, ки агар масъалаи ҷудо кардани чизҳои нисбатан муҳим ба миён ояд.

Дар маркази «чарх» мафҳум, савол ё мушкилоти мавзӯи нав навишта мешавад. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки ду ё чорнафарӣ кор карда, маълумотҳои доштаашонро оид ба ин мавзӯъ нависанд.

**Мақсадҳо:** бедор намудани шавқу ҳавас; муайян кардани сарҳади донишҳои мукаммал; муайян кардани донишҳои нопурраи мавҷуда; ҷудо карда тавонистани чизҳои муҳим; инкишофи малакаҳои таҳлил ва хулосабарорӣ.

**Қадамҳои истифода бурдани ин метод:**

5. Дар маркази нақша мушкилот ва ё масъалаеро, ки ҳал кардан зарур аст, нависед.
6. Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш менамояд, ки ақидаҳо, ё далелҳои асосиро вобаста ба мушкилот, ё масъалаи дар марказбуда дар шохаҳои чарх қайд кунанд. Агар далелҳо камӣ кунанд, хонандагон метавонанд саволҳои худро вобаста ба мушкилот, ё масъалаи дар марказбуда нависанд.
7. Гурӯҳҳо фаъолияти худро муаррифӣ мекунанд (чунин фаъолият бештар дар кори гурӯҳӣ гузаронида мешавад)
8. Омӯзгор муаррифии гурӯҳҳоро бодиққат гӯш карда, мубоҳиса ташкил менамояд.

**Масъала**: *«Дар бораи қоидаҳои нигоҳдории гӯшт чиро медонед? Андешаҳои худро баён кунед.»*




**6. Кори амалӣ:** Пухтани нони обӣ

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва беҳдоштиву гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

Таҷҳизот: карсон, истакон ё пиёла, қошуқи таомхӯрӣ, қошуқча. тахтача.

Миқдори маҳсулот: 1 кг орд, 2 истакон об, интихобан равған, 1 қошуқча намак, 25 – 40 г хамиртуруш.

**Қадамҳо:**

1.Дар карсон аввал хамирмояро ҳал карда, намакоб ҳамроҳ карда, баъд қисм-қисм орд ва об андохта шӯрида шавад;

2. Баъд хамири тайёрро дар карсон монда, бо сачоқча рӯяшро пӯшида, ба дастархон ё хамирпечонаки махсус печонда, то расиданаш дар ҷойи гарм гузоштан лозим аст;

3.Мӯҳлати расидани хамир вобаста ба миқдори хамир, хамирмоя ва ҳарорати ҳавои хона – аз 1 то 4 соат аст;

4. Агар хамир зағорамонанд шуда бошад, хамир тайёр аст;

5. Баъд аз расидани хамир онро ба рӯйи миз ё тахтача гузошта, ба қисмҳо (250 – 300г) ҷудо карда шавад;

6. Ҳар як қисмро байни кафи даст гузошта, шурида совиш дода, муштзада зувола сохта, рӯяш бо сачоқча пӯшонида шавад;

7. Баъд онро доирашакл рост карда (ғафсии миёнаҷояш 0,5 см, гирдаш  см) мобайнаш бо мухпар пар зада шавад;

8. Барои он мухпар зада мешавад, ки маҳсулот дар вақти пухтан зиёд варам карда, шаклашро гум накунад;

9. Бо сачоқ пӯшидани маҳсулот онро аз шамол задан нигоҳ медорад. Агар рӯйи маҳсулот пӯшида набошад, он мекафад, рӯяш шах шавад. Бинобар ин нони хоми росткардаро рӯ ба поён гузошта, болояшро ҳам бо дастархон ё хамирпӯшак бояд пӯшид ва баъди 15-20 дақиқа ба танӯр ё тафдон оташ дода, онро пухта мешавад;

10. Беҳтар мешавад, ки дар шароити синфхона дар тафдон нон пухта шавад,

11. Вобаста ба фаъолнокии хонандагон аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад.

Эзоҳ: Агар ба хамир равған (мувофиқи табъи худ) андозед, нон равғанӣ мешавад. Мувофиқи табъи худ, ҳар як хонанда метавонад, намудҳои нон, ки дар корҳои амалии китоби дарсӣ оварда шудааст, пухта шавад.



***Раванди пухтани нон***

**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **Метавонад** | **Қисман метавонад** | **Наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи нон ва пухтани он шарҳ дода метавонад? | | | |
| Оид ба талаботи беҳдоштиву гигиенӣ ҳангоми пухтани нон маълумот дода метавонад? | | | |
| Равандҳои пухтани нонро шарҳ дода, дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Истифодаи асбобу абзорҳоро номбар карда, ҳангоми иҷрои кори амалӣ ба техникаи бехатарӣ риоя мекунад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми истифодаи маҳсулоти барои пухтани нон сарфакориро риоя карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумоти кофӣ дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 13

## МАВЗӮЪ: МАҲСУЛОТИ ХАМИРӢ

**Барнома:** Мафҳуми ашёи хом. Тайёр намудани маҳсулоти хамирин. Усулҳои тайёр кардани қатмол, қаймоқ, қалама, фатири вараки ва чалпак дар шароити хона ва муассисаҳои хӯроки умумӣ. Қоидаҳои умумии пухтани қатмол, қуймоқ ва чалпак. Аҳамияти маҳсулоти хамирӣ барои ғизогирии инсон. Қоидаҳои асосӣ ва пухтани қатмол, қуймоқ ва чалпак. Усулҳои пухтани қатмол, қуймоқ ва чалпак. Талабот ба сифат ва ороиши қатмол, қуймоқ ва чалпак. Ташкили ҷои корӣ. Талаботи беҳдоштиву гигиенӣ ва қоидаҳои бехатарии меҳнат

**Салоҳиятҳо:**

- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Маҳсулоти хамирӣ тайёр ва оро додани онро шарҳ дода тавонанд;
-Оид ба талаботи беҳдоштиву гигиенӣ ҳангоми пухтани қатмол, қуймоқ ва чалпак маълумот дода тавонанд;
-Истифодаи асбобу абзорҳоро номбар карда, ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда тавонанд;
-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳо дошта, қоида онро риоя карда тавонанд;
-Ҳангоми истифодаи маҳсулот сарфакориро риоя карда тавонанд;
-Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;
-Саломатии худро эҳтиёт карда дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонанд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба мавзӯъ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Барои омода кардани нон ва санбӯса кадом афзорҳо лозиманд?

2. Доир ба нон чӣ гуна шеър ё зарбулмасал медонед?

3.Раванди пухтани нон чӣ гуна аст?

4.Оид ба раванди омода кардани хамири ширмол бо хамирмояро баён кунед.

**3.Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба маҳсулоти хамирӣ суҳбат гузаронида, дар бораи истеҳсоли навъҳои маҳсулот, таркиби орд, муайян намудани сифати орд, тарзи нигоҳдории орд, хамирмоя, тарзи омода кардани хамир, хамири ширмоли хамирмоядор, хамир барои нон ва булка, навъҳои нон, хамири одӣ, хамири хамирмоядор, раванди пухтани қатлама, пухтани қуймоқ, пухтани чалпак, хамир барои хӯрокҳои якум, шарҳ дода мешавад.

Дар истеҳсолот аз орди гандум, сулӣ, ҷуворимакка ва ғайра бисёр намуди маҳсулот тайёр мекунанд. Аз орд нон, санбӯса, қатлама, маҳсулоти қаннодӣ, манту, угро, туппа ва ғайра мепазанд. Дар таркиби орд бисёр моддаҳои шифобахш, монанди ангиштоб, сафеда, равған, моддаҳои минералӣ, оҳар (крахмал) ва ғайраҳо мавҷуданд. Орд чанд навъ мешавад: аъло, якум, дуюм ва ғайра. Орди гандуми навъи якум аз витаминҳо бой буда, моддаҳои минералии зиёд дорад. Онро барои пухтани маҳсулоти гуногун истифода мебаранд.

Пеш аз истифода бурдан сифати ордро муайян кардан лозим аст, бояд таъмаш ширин, тоза бошад, бӯйи ғайр надошта бошад, намнокиаш муътадил бошад. (барои муайян кардани намнокӣ ордро ба каф гузошта, зер карда, баъд кафи дастро кушоед. Агар ҳангоми зер кардан орд аз кафи даст резад, намиаш муътадил аст.), сифаташ хуб аст.

Ордро дар халтаҳои матоӣ, зарфҳои сирдор, шишагин дар ҷойи хушк ва хунук нигоҳ медоранд.

Хамир ин массаи ғафси орд бо хамиртуруш аст. Тарзи тайёр кардани хамир вобаста ба шароит ва шаклҳои истифодабарӣ гуногун аст. Аз хамири расидаи хамиртурушдор асосан нон, нони булка, кулча ва ғайра мепазанд. Аз хамири бе хамиртуруш манту, тушбера, угро ва ғайра тайёр мекунанд. Боз хамирҳои варақин, бисквитӣ, резак ва ғайра мешаванд. Таркиби хамир асосан аз орд, моеъ (шир об, ҷурғот), шакар, тухм, равғани обкардагӣ, маска, равғани зард, равғани рустанӣ, хамиртуруш, намак, доругиҳо, ванилин, пӯсти лиму, афлесун, чормағз, мавиз, меваҷот ва ғайраҳо иборат аст.

## Тайёр кардани хамир барои нон ва нони булка

Нони булка аз маҳсулоти қаннодӣ ба он фарқ мекунад, ки яке ширин асту дигараш не. Агар орд нисбат ба дигар маҳсулоти хамир зиёд бошад, аз он нони бӯлка мепазанд. Агар орд аз нисфи маҳсулоти хамир (равған, тухм, шакар ва ғайра) кам бошад, ин хамир барои маҳсулоти қаннодӣ истифода бурда мешавад.

Нон ва нони булкаро дар нонвойхонаҳо ва заводи нон тайёр мекунанд, онро нонвойҳо мепазанд. Ҳангоми пухтани онҳо ҳарорати буғшавӣ ва низоми кори таҷҳизоти нонпазиро ба инобат мегиранд, ки ба талабот ҷавобгӯ бошад. Дар фабрикаҳои бисквитӣ ҷараёни тайёр кардани хамири бисквитӣ, навъҳои аълои кулчақанд,(печенӣ) кулчаҳои қандин, кремҳои ороишдиҳӣ, ба шакли муайян даровардан ва пухтани маҳсулот ба таври автоматӣ сурат мегирад.

## Тайёр кардани хамири бепайгир

Барои тайёр кардани хамири бепайгир ба зарф об ё шири ҳарораташ 30 – 35$^0$С рехта, дар он шакар ва намакро ҳал кунед, тухм ва орди бехтаро андозед (як миқдори ордро барои рост кардани хамир монед). Пеш аз тайёр кардани хамир ба он равғани чорво ё равғани рустанӣ, ё қаймоқ андохта, то ғафс шуданаш нағз мушт кунед, то ин ки якхела шавад ва ба девори тағора часпида намонад.

Хамири тайёрро бо латтаи тоза пӯшед ва барои расидан 3 – 4 соат дар ҷойи гарм (25 – 35$^0$С) гузоред. Барои дур кардани гази карбонати хамир онро якчанд маротиба мушт кунед. Дар вақти муштқунӣ хамир аз оксиген бой мешавад. Он ба баландшавии хамиртуруш мадад мерасонад. Дафъаи якум хамирро баъди 1—1,5 соат ва дафъаи дуюм баъди 2 – 2,5 соат мушт кунед.

Хамир ва пайгирро дар вақти муайян гузоштан лозим аст, чунки агар пайгир зиёдтар истад, сифати хамирро паст мекунад. Агар хамир шӯр бошад, тез намерасад. Онро рост карда пазед, рӯйи нон сафедча мемонад. Барои бартараф намудани шӯрии хамир ба он хамири бенамак ҳамроҳ кунед. Агар хамир камнамак бошад, рӯйи нон мекафад ва он бемаза мешавад. Барои инро ислоҳ кардан ба он камтар намакоб андохта, орд пошида, нағзакак мушт кунед. Барои он ки маҳсулот реза шавад, зардии тухмро андозед. Ҷое, ки бо хамир кор мекунанд, шамолрав набошад. Хамир пеш аз пухтан бояд нағз дам гирад. Агар хамир хуб дам нагирад, рӯйи нон гул мезанад. Хамири росткардаро дар ҷойи шамолрав нагузоред, ки рӯяш зуд шах мешавад. Ба хамири ширини хамиртурушдор барои хушбӯй шуданаш 2 – 3 г ванилин ё пӯсти 1 дона лимӯ ё афлесун, чормағзи майдакарда ё 3 – 5 дона меваро нағз тарошида ҳамроҳ кунед. Аз 3 истакон орд 600 – 700 г хамир ҳосил мешавад.



***Намудҳои маҳсулоти хамирӣ***

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

**1.**Хамир чанд хел мешавад?
2.Ба хамир кадом намуди маҳсулотро андохтан мумкин?
3.Дар маҳалҳои шумо хамирро барои нон чӣ тарз тайёр мекунанд, нақл кунед.
4.Дар заводи нонпазӣ кадом касбҳо мавҷуданд? Бо коргарони онҳо вохӯриҳо гузаронед.

**5.Истифодаи озмуни «Қуттии сиёҳ»**

Омӯзгор оид ба он чизе, ки дар қутии сиёҳ мавҷуд аст, шифоҳӣ тасвир мекунад. Агар гурӯҳ бо як кумак кардан дарёбад 5-хол, бо ду кумак то 3 хол, ва бо кумаки охирин соҳиби 1 хол мегардад.

**Вазифаи 1**

1.Барои халқи тоҷик ғизои асосӣ ба ҳисоб меравад.

2. Дар дохили танӯр аз ҳисоби буғ ва нурҳои инфрасурхи аз оташи ҳезумбаромада ва гармии девори танӯр мепазад.

3.Онро дар танӯр мепазанд. Тайёршавии онро аз рӯйи сурх шудани он муайян мекунанд. **(Нон)**

**Вазифаи 2**

1.Барои пухтани он тағорача, тахтаи ош, тирак, чӯба, корд, қошуқча лозим аст.

2.Онро зувола гирифта, рӯяшро бо сачоқча пӯшонида 10-15 дақиқа дам медиҳанд. Ба рӯяш қаймоқ (ё равғани зард, маска, дунбаи обкарда) молида, ба тирак мепечонанд ва ба қади тирак бо корд тасмашакл (бари тасмаҳо 4-5 см мебуранд)

3.Агар онро ғафстар пухтан хоҳед, пеш аз дам додан 4 тақсим, калон бошад 6 тақсим карда мепазанд. **(Қатлама)**

**6. Кори амалӣ: Тарзи пухтани қатлама**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва беҳдоштиву гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

Таҷҳизот: карсон, тахтаи ош, тирак, чӯба, тахтача, корд қошуқча.

Миқдори маҳсулот: 1 кг орд, 2 истакон об, 2 қошуқча намак, 1,5 истакон қаймоқ ё ки 200 г равған барои совидан, 0,5 истакон равған барои бирён кардан, 2 қошуқи таомхӯрӣ шакар барои ба рӯйи қатлама пошидан.

**Қадамҳо:**

1. Бо ҳамроҳии омӯзгор ва хонанда қатлама пухта мешавад;
2. Аз тарафи муалим супориш дода мешавад, ки асбоб, таҷҳизот ва маҳсулоти зарурӣ барои пухтани қатлама омода карда шавад;

3. Хамирро омода карда мешавад. Хамири муқаррариро зувола гирифта, рӯяшро бо сачоқча пӯшонда 10 – 15 дақиқа дам дода мешавад;

4. Баъд онро бо тирак бо ғафсии 1 – 2 мм тунук карда, ба рӯяш қаймоқ (ё равғани зард ё маска ё дунбаи обкарда) молида, ба тирак почонида, ба қади тирак бо корд тасмашакл (барии тасмаҳо 4 – 5 см) бурида мешавад;

5. Якчанд тасмаро рӯйи ҳам гузошта доирашакл печонида, баъд онро ба рӯйи тахтача гузошта, ба шакли нони ғафсиаш 1 см як хел тунук карда, 2-3 ҷояшро бо чангак сӯрох карда, камтар дам дода мешавад;

6. Сипас онро дар деги тагаш паҳн ё тобаи калон (ба деги гарм равған молида) аввал як тараф, баъд тарафи дигарашро то сурх шудан пухта ва дар гармиаш ба рӯйи он шакар пошида, ба дастархон мегузоранд. Онро бо шир, чой, қаҳва, шарбат ва ғайра истеъмол кардан мумкин аст.



***Раванди тайёр кардани қатлама***

**6. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**7. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи маҳсулоти хамирӣ тайёр ва оро додани он шарҳ дода метавонад? | | | |
| Оид ба талаботи беҳдоштиву гигиенӣ ҳангоми пухтани қатмол, қуймоқ ва чалпак маълумот дода метавонад? | | | |
| Истифодаи асбобу абзорҳоро номбар карда, ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми истифодаи маҳсулот ба сарфакори риоя мекунад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 14

## МАВЗӮЪ: КОРИ АМАЛӢ: ТАҲИЯ ВА ПУХТАНИ ОШИ БУРИДА

Мафҳуми ашёи хом. Тайёр намудани маҳсулоти хамирӣ. Усулҳои тайёр кардани хӯрокҳои аз орд тайёршаванда дар шароити хона ва муассисаҳои хӯроки умумӣ. Қоидаҳои умумии пухтани хӯрокҳои аз орд тайёршаванда. Истифодаи хӯрокҳои хамирӣ дар тайёр кардани хӯроки якум. Аҳамияти маҳсулоти хамирӣ барои ғизогирии инсон. Қоидаҳои асосӣ ва пухтани хӯрокҳои хамирин дар об. Усулҳои пухтани хӯрокҳои аз орд тайёршаванда. Ташкили ҷои корӣ. Талаботи беҳдошти гигиенӣ ва қоидаҳои бехатарии меҳнат

**Салоҳиятҳо:**

- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Хӯроки якум аз орд тайёр карда ва оро додани онро шарҳ дода тавонанд;

-Оид ба талаботи беҳдоштиву гигиенӣ ҳангоми пухтани оши бурида ва туппа маълумот дода тавонанд;

-Истифодаи асбобу абзорҳоро номбар карда, ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда тавонанд;

- Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда тавонанд;
- Ҳангоми истифодаи маҳсулоти хамирӣ сарфакориро риоя карда тавонанд;
- Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;
- Саломатии худро эҳтиёт карда дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонанд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба консервакунии (буғкунонии) мева ва сабзавот

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

**1.** Хамир чанд хел мешавад?

2. Ба хамир кадом намуди маҳсулотро андохтан мумкин?

3. Дар маҳалҳои шумо хамирро барои нон чӣ тарз тайёр мекунанд, нақл кунед.

4. Дар заводи нонпазӣ кадом касбҳо мавҷуданд? Бо коргарони онҳо вохӯриҳо гузаронед.

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба тайёр кардани хӯрокҳои якум аз хамир суҳбат гузаронида, дар бораи усулҳои гуногуни тайёр кардани хӯроки якум аз хамир, тарзи омода намудани угро барои оши борик, тайёр намудани хамир барои хӯрокҳои якум, пухтани оши туппа, роҳҳои пухтани оши буридаи туппа, навъҳои хӯроки туппа ва лагмон шарҳ дода мешавад.

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Оид ба тарзи якуми пухтани оши туппа чӣ медонед?
2. Оши буридаи туппаро бо чанд тарз омода кардан мумкин аст?
3. Кадом афзорҳо барои пухтани оши туппа лозиманд?
4. Оид ба раванди кор барои таҳия ва пухтани оши борикро шарҳ диҳед.

**5. Кори амалӣ:** Пухтани оши борик

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва беҳдоштиву гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** карсон, тахтача барои ҷудо кардани хамир, тирак, ҷӯба, элак, дег, корд, тағорача, клёнка ё тахта барои паҳн кардани угро, кафгир, кафлез.

Миқдори маҳсулот бо грамм: гӯшт – 108, картошка – 100, бехпиёз – 42, сабзӣ – 25, орд – 30, тухм – ним дона, томат – 15, равғани зард ё маргарин – 12, ҷурғот – 40, лӯбиё – мувофиқи табъ (хоҳед 25 г).

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор оид ба омода намудани хамир барои оши борик шарҳ дода мешавад: Пеш аз хамир кардан албатта ордро бо элак мебезанд. Баъд дар тағорача намакро дар оби ширгарм ҳал карда, як қисм ордро андохта мешӯранд. Агар хамир бо тухм бошад, тухмро аввал лат зада, баъд ба хамир меандозанд ва нағз мушт карда, бо сачоқ пӯшида, 10 – 15 дақиқа дам медиҳанд. Сипас онро ба тирак печонда, кам-кам орд пошида, то ғафсии тақрибан 1 см тунук мекунанд. Ин амалро то 1 мм тунук шудани хамир якчанд маротиба такрор мекунанд. Барои угро ба хамир боз каме орд пошида, ба тирак мепечонанд ва болои ҳам таҳ карда ба дарозии муайян мебуранд. Угрои тайёршударо фавран ё хушк карда, дар вақти дилхоҳ мепазанд.

2. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки барои пухтани оши борик асбоб, таҷҳизот ва маҳсулоти зарурӣ омода карда шавад;

3. Ба дег равған андохта тафсонида, сипас гӯшти майдарезакардаро камтар таф дода, сабзӣ, пиёз, помидор андохта бирён мекунанд;

4.Сипас об андохта ҷӯшонида мешавад;

5. Вақте ки сабзӣ пухт, картошка андохта 10-15 дақиқа пухта (картошкаро нахӯд барин реза карда меандозанд)

6. Баъди пухтани картошка угрои буридашуда андохта мешавад;

7. Сипас мувофиқи табъ адвиёту доругиҳову намак андохта мешавад;

8. Баъди пухтан угроро каме хунук карда, ҷурғот андохта, ба косаҳо кашида, ба болояш кабудии резакардаро мепошанд;

9. Вобаста ба фаъолнокии хонандагон аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад.



***Раванди тайёр намудани оши борик***



***Раванди тайёр намудани лағмон***

**6. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**7. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **Метавонад** | **Қисман метавонад** | **Наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи хӯроки якум аз орд тайёр ва оро додани он шарҳ дода метавонад? | | | |
| Оид ба талаботи беҳдоштиву гигиенӣ ҳангоми пухтани оши борик ва туппа маълумот дода метавонад? | | | |
| Истифодаи асбобу абзорҳоро номбар карда, ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро донистa, қоидаҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми истифодаи маҳсулоти хамирӣ сарфакориро риоя карда метавонад;? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 15

## МАВЗӮЪ: КОНСЕРВОНИИ САБЗАВОТ

**Барнома:** Консерво кардан усули ба муддати дароз нигоҳ доштани хӯрокворӣ. Аҳамияти маҳсулоти консервӣ дар ғизои инсон. Бартарии консерв кардани маҳсулоти дар шароити истеҳсолот ва хона. Технологияи тайёр кардани консерва аз сабзавот. Талаботи беҳдоштиву гигиенӣ. Ташкили ҷои корӣ. Қоидаҳои бехатарии меҳнат. Сарфакорона истифода бурдани маҳсулот. Барои консерва тайёр намудани зарф ва маҳсулот.

**Салоҳиятҳо:**

- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Консервонии сабзавот ва тайёр кардани онро шарҳ дода тавонад;
- Равандҳои консерв кардани сабзавотро шарҳ дода тавонанд;
-Истифодаи асбобу абзорҳоро номбар карда, ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда тавонанд;
-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро дониста, қоидаҳоро риоя карда тавонанд;
-Баъзе қисматҳои консервакунонидани сабзавотро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда тавонанд;
-Ҳангоми истифодаи маҳсулот сарфакориро риоя карда тавонанд;
-Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;
-Саломатии худро эҳтиёт карда дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонанд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба консервонии мева ва сабзавот

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2. Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Оид ба тарзи якуми пухтани оши туппа ва угро чӣ медонед?
2. Оши буридаи угроро бо чанд тарз омода кардан мумкин аст?
3. Кадом афзорҳо барои пухтани оши туппа ва угро заруранд?
4. Оид ба раванди кор барои таҳия ва пухтани оши борик шарҳ диҳед.

**3. Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба консервакунонии сабзавот суҳбат гузаронида, дар бораи сабабҳои вайроншавии хӯрокворӣ, усулҳои гуногун барои муддати дароз нигоҳ доштани маҳсулоти хӯрокворӣ, мақсади асосии консервонӣ, истифодаи дурусти сабзавот барои консервакунонӣ, раванди консервакунонӣ дар шароити хона, афзор ва маҳсулоти зарурӣ барои консервонӣ, таърихи консервакунонӣ, раванди консерваи бодиринг, консерви омехта шарҳ дода мешавад.

Хӯрокворӣ дар натиҷаи фаъолияти микроорганизмҳои гуногун – занбурӯғ (мағор), бактерияҳо ва ғайра, ки дар табиат хеле бисёранд, вайрон мешавад. Барои муддати дароз вайрон нокарда нигоҳ доштани маҳсулоти хӯрокворӣ усулҳои гуногуни консервониро истифода мебаранд. Тамиз кардан (то ҳарорати муайян гарм кардан), ях кунонидан, хушконидан, ба намак хобонидан, очоронӣ ва ғайра усулҳои косервакунонӣ мебошанд. Бо роҳи консервонӣ фаъолияти бисёр бактерияҳои барои организми инсон зараровар боз дошта мешавад.

Барои консервонӣ сабзавоту меваҷоти тару тоза ва безахмро истифода мебаранд. Сабзавоту меваҷотро аввал ба навъҳо ҷудо карда, дар оби равони хунук хуб мешӯянд.

Дар шароити хона усули одӣ ва боэътимоди консервакуниро тамизнок кардан мебошад. Барои тамйиз кардан маҳсулоти хӯрокиро хом ё пухта ба банкаҳо меандозанд, сарпӯшашро ибритӣ (сохт, мустаҳкам) маҳкам карда, то ҳарорати 100 – 120$^0$С гарм мекунанд. Дар шароити хона ҳамаи меваю ғуҷуммева ва сабзавотро консервонидан мумкин аст.

Консервҳоро дар шароити хона, одатан дар банкаҳои шишагини ғунҷоишашон 0,2; 0,35; 0,5 ва 1 л тайёр мекунанд. Даҳони банкаҳо бо асбоби махсус ва сарпӯши аз тунука ё алюминий сохташуда, ки ҳалқаи резинӣ дорад, маҳкам карда мешавад.





***Таҷҳизоти маҳкамкунанда***

Барои консервонидан 2 зарфи сирдори 3 – 5-литра (баробари оби ҷӯш рехтан ва пухтан), 1 – 2 зарфи клонтар баланд (барои 5 – 10 л) барои тамиз кардан, корд, чангак, қошуқ, чавлӣ, турбтарошак, афшурагирак, донакгирак, соат, ҳароратсанҷ, тагмонаки банка, банкагирак (барои гирифтани банка аз зарфи обдор) лозим аст.

Банкаҳои шишагинро шуста, бо оби ҷӯш обгардон ва хунук мекунанд. Мева ғуҷуммева ё сабзавоти барои консервакунонӣ тайёр кардашударо ба банкаҳо (то 1 – 2 см пасттар аз лаби банка пур шудан) мечинанд ва аз болояш намакоб ё шарбат мерезанд. Сарпӯши банкаҳоро гузошта (бо асбоб сахт маҳкам накарда), ба зарфи обаш гарм (50 – 60$^0$С) мемонанд; сатҳи оби зарф бояд ба сатҳи мева ё сабзавоти банка баробар бошад. Барои он ки банка накафад (нашиканад), ба таги зарф тагмонак, латта ё фанер мегузоранд. Оби зарф, банкадорро то ҷӯш омаданаш гарм мекунанд. Аз лаҳзаи ҷӯшидани об вақти тамйизро ҳисоб мекунанд.

Дар аснои тамйиз об набояд сахт ҷӯшад, зеро ба банка афтодани қатраҳои оби ҷӯшидаистода мумкин аст. Баъди анҷом ёфтани вақти тамйиз даҳани банкаҳоро маҳкам мекунанд. Банкаи сарпӯшдорро то хунук шуданаш сарнишеб (сарозер) мегузоранд.

Консервонии маҳсулоти хӯрокворӣ дар асри XVII ба вуҷуд омадааст. Консервониро аввалин бор ошпази фаронсавӣ Франсуа Аппера ихтироъ кард ва барои ин кашфиёташ ба ӯ мукофоти пулӣ, медали тилло ва унвони «Инсони соҳибэҳтиром» дода шуд.

Консервонии ҳархела. Ин навъи консервро ҳам бо усули дар боло зикршуда тайёр мекунанд. Ба банка якҷоя бодиринг, карам, помидор, сабзӣ ва ғайра меандозанд. Консерваи ҳархеларо аз меваҷоти гуногун низ тайёр мекунанд.

Агар ба болои бодиринг пеш аз намак кардан об резед, шӯрӣ ва ранги сабзашро хуб нигоҳ медорад.





***Намудҳои консервонӣ аз сабзавот***

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав**

1.Хӯрокворӣ дар кадом ҳолат вайрон мешавад?
2. Барои муддати дароз нигоҳ доштани маҳсулоти хӯрокворӣ чӣ бояд кард?
3.Кадом усулҳои консервониро медонед?
4.Раванди консервониро шарҳ диҳед.
5.Консервонии маҳсулоти хӯрокворӣ дар асри чанд ба вуҷуд омадааст?

**5. Истифодаи усули "Кластери мураккаб"**

Кластер (claster – хӯша, даста) усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзӯъ, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Ин усул аз тарафи мутахассиси проблемаҳои эҷодӣ Тони Бюзан кор карда шудааст. Ин усул имкон медиҳад, ки хонандагон барои фикр намудани мавзӯи дарпешистода сафарбар шаванд.

Дар марказ як мафҳум, савол ё проблемаи мавзӯи нав навишта мешавад. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки маълумотҳои доштаашонро оиди он нависанд. Ин имкон медиҳад, ки хонандагон ҳамаи андешаҳои баёншударо дар як ҷо гирд оварданд.

**Мақсадҳо:** гирдоварии андешаҳои хонандагон; бунёди вазъияти ҷустуҷӯ; инкишофи малакаҳои баёни мухтасари фикр; омӯзиши роҳҳои гуногуни гирдоварии андешаҳо; пешниҳод кардани маълумотҳои иловагӣ; муайян кардани дониши хонандагон доир ба мавзӯъ.

Шакли кластер гуногун шуда метавонад: ба монанди «хӯша», ки аз ақидаҳо ташаккул меёбад ва дар гирди мавзӯъ навишта мешаванд. Ҳангоми навиштани ақидаҳо алоқаҳои байниҳамдигарии онҳо муайян карда мешаванд. Муҳим он аст, ки хонандагон миқдори зиёди алоқаҳоро ёбанд. Кластер ду намуд мешавад: кластери **сода** ва кластери **мураккаб.**

Кластери сода- дар маркази худ як мафҳуми асосиро дорад, ки дар гирди он мафҳумҳои ба он тобеъ мавҷуданд.

Кластери мураккаб- дар маркази худ як мафҳуми асосиро дорад, ки дар гирди он якчанд мафҳумҳои ба он тобеъ мавҷуд буда, ин мафумҳо низ зермафҳумҳои ба худ тобеъро доранд.

**Намунаи кластери мураккаб:**

**Масъала:** Кадом навъҳои консервониро медонед?




**Дар натиҷа хонандагон:** оиди мафҳум, ё мушкилоти асосӣ чуқур андеша карда, донишҳояшонро оиди он ба хотир меоранд; бо шумораи муайяни шохаҳо андешаҳояшонро баён ва қайд мекунанд; барои исботи андешаҳои худ далел меоранд; қисматҳои асосии маълумотро аз умумӣ ҷудо мекунанд; фикри якдигарро гӯш мекунанд.

**6. Кори амалӣ:** Консервонии бодиринг

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Бо ҳамроҳии омӯзгор ва хонанда консервонии бодирингро оғоз менамоянд;
2. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки барои консервонии бодиринг асбоб, таҷҳизот ва маҳсулоти зарурӣ омода карда шавад;
3. Сараввал коркарди аввалияи сабзавот гузаронида мешавад;
4. Бодиринги на он қадар калон барои баромадани ҳавои дохилаш 6 – 8 соат дар оби хунук тар карда шавад;
5. Баъд ба банка 30 – 35 г адвиёт (барг ва решаи каҳзак, барги олуча, шибит, карафс, барги ғор, сир, қаланфур, чанд дона мурчи донадор ва бодиринг)-ро гузошта ба болояш намак ва 1 қошуқ сирко (ба 1 л. об) андохта мешавад;
6. Баъд банкаро бо оби ҷӯшида пур карда, ба даруни зарфи об андохта, тамйиз карда мешавад (барои банкаи 0,5 литра-5 – 6 дақ., 1-литра – 10 дақ., 3-литра – 15 дақ.);
7. Баъд банкаро аз тамйиз гирифта, сарпӯшашро маҳкам карда, чаппа карда гузошта шавад;
8. Вобаста ба фаъолнокӣ ва риояи талаботҳои санитарию гигиенӣ, техникаи бехатарии хонандагон аз тарафи омӯзгор баҳо гузошта мешавад.

Эзоҳ: Хонандагон метавонанд, ба ҷойи амалиёти тамийз кардани консерва ба даруни банкаи маҳсулотдор оби ҷӯш рехта, 15-20 дақиқа нигоҳ дошта, 2 маротиба оби дохили

банкаро партофта, маротибаи 3-юм бо андохтани адвиёт ва маҳсулоти зарурӣ банкаро маҳкам карда метавонед.




***Раванди консервонии бодиринг***

**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи консервонии сабзавот ва тайёр кардани он шарҳ дода метавонад? | | | |
| Равандҳои консерв кардани сабзавотро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Истифодаи асбобу абзорҳоро номбар карда, ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| риоя карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Баъзе қисматҳои консервонидани сабзавотро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми истифодаи маҳсулот сарфакориро риоя карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 16

## МАВЗӮЪ: КОНСЕРВОНИИ МЕВА

**Барнома:** Консерва кардан усули ба муддати дароз нигоҳ доштани хӯрокворӣ. Маълумот дар бораи афшураҳо аз меваҷот. Аҳамияти маҳсулоти консервӣ дар ғизои инсон. Бартарии консерва кардани маҳсулот дар шароити истеҳсолот ва хона. Технологияи тайёр кардани консерва аз мева. Талаботи санитарию гигиенӣ. Ташкили ҷойи корӣ. Қоидаҳои бехатарии меҳнат. Сарфакорона истифода бурдани маҳсулот.

**Салоҳиятҳо:**

- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро эҷод карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Консервонии мева ва тайёр кардани онро шарҳ дода тавонанд;
- Равандҳои консерва кардани меваро шарҳ дода тавонанд;
-Истифодаи асбобу абзорҳоро номбар карда, ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда тавонанд;
-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад;
-Баъзе қисматҳои консервонидани меваро мустақилона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда тавонанд;
-Ҳангоми истифодаи маҳсулот сарфакориро риоя карда тавонанд;
-Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;
-Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонанд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба консервонии мева ва сабзавот

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Хӯрокворӣ дар кадом ҳолат вайрон мешавад?

2. Барои муддати дароз нигоҳ доштани маҳсулоти хӯрокворӣ чӣ бояд кард?

3.Кадом усулҳои консервониро медонед?

4.Раванди консервониро шарҳ диҳед.

5.Консервонии маҳсулоти хӯрокворӣ дар асри чанд ба вуҷуд омадааст?

**3.Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба консервонии мева суҳбат гузаронида, дар бораи сабабҳои вайроншавии хӯрокворӣ, усулҳои гуногун барои муддати дароз нигоҳ доштани маҳсулоти хӯрокворӣ, мақсади асосии консервонӣ, истифодаи дурусти мева барои консервонӣ, раванди консервонӣ дар шароити хона, афзор ва маҳсулоти зарурӣ барои консервонӣ, таърихи консервонӣ, раванди консерви бодиринг, консерви омехта, консервҳои афшура аз мева ва ғуҷуммева, авшураи олуча, гелос, афшураи зардолу ва олу шарҳ дода мешавад.

Афшура аз меваҷот ва ғуҷуммева тайёр карда мешавад. Банкаҳоро тамйиз ва пастеризатсия мекунанд, ба меваҷот шарбат ва шакар мерезанд (барои компоти турш ба 2 л об – 400 – 500 г шакар, барои афшураи туршиаш кам ба 1 л об – 300 – 400 г шакар). Шахсони гирифтори касалии қанд афшураро дар об тайёр карда метавонанд.

Афшура аз олуча ва гелос. Меваҷотро тоза шуста ба банка меандозанд. Қиёми гармро рехта тамйиз мекунанд (банкаи 0,5 литра – 15 – 20 дақиқа, 1 литра – 20 – 30 дақиқа, 3 литра – 35 – 40 дақиқа).

Аз олуча ва гелос бе тамйиз кардан ҳам, компот тайёр карда мешавад. Ба банка меваи тозаи шустаро гузошта, 2 бор оби ҷӯш рехта иваз кунед (бори 1-ум – 10 дақиқа ва бори дуюм – 0,5 дақиқа), баъд аз болояш шарбати гарм рехта маҳкам кунед, ба афшураи гелос ҷавҳари лиму андозед.

Компот аз зардолу ва олу. Зардолу ва олуро шуста дукафон мекунанд ва донакашро гирифта мепартоянд. Дар зарфи сирдор шакар ва 2 истакон оби гарм рехта, зардолу ва олуро меандозанд ва меҷӯшонанд. Банкаи 0.5-литраро 10 – 12 дақиқа, 1-литраро 15 – 18 дақиқа, 3-литраро 30 дақиқа тамйиз мекунанд.

Маълумот оид ба афшура. Афшура, афшурда, асир,оби мева, навъи нӯшокиест, ки аз мева, ғуҷуммева ва сабзавот тайёр мекунанд. Дар таркиби афшура тамоми моддаҳои муҳимми ғизоии меваю ғуҷуммева ва сабзавот мавҷуд аст. Афшура дар организм хуб ҳазм мешавад. Дар фасли зимистон ва аввали баҳор, вақте ки хӯроки одам камвитамин аст, афшураи меваю сабзавотро нӯшидан (хусусан барои кӯдакон) аҳамияти калон дорад. Афшура хусусиятҳои меваю сабзавоти тару тозаро нигоҳ медорад, агар ба баъзеи онҳо шакар илова кунанд, хуштаъму гуворотар мешавад. Афшураҳое, ки тилфи мева доранд (масалан, оби зардолу шафтолу, олу, помидор ва ғ)нисбатан серғизоянд. Дар афшураҳои номбаршуда ғайр аз моддаҳои дигари муфид, клетчатка ва моддаҳои пектинӣ нигоҳ дошта мешаванд, ки кори муътадили рӯдаҳоро таъмин мекунанд.

Афшураи сабзӣ манбаи каротин аст, вай инчунин ба миқдори зиёд намакҳои ба организми инсон зарурӣ калсий, фосфор ва оҳан дорад. Афшураи сабзӣ нисбат ба дигар афшураҳои сабзавотӣ серкалория ва зудҳазм аст. Ин афшура хусусан барои кӯдакон, занони ҳомила ва модарони кӯдакашон ширмак манфиати зиёде дорад. Афшураи лаблабу аз қанд, намакҳои минералӣ ва моддаҳои нитрогенӣ бой аст. Афшураҳои омехта, ки корхонаҳои саноатӣ мебароранд, пурғизо, хуштаъм ва гуворояанд. Афшураҳои омехта (масалан себу сабзӣ ва ғайра) аз ду ё зиёдтар мева ё сабзавот тайёр карда мешаванд. Барои ҳосил кардани афшураҳои ғализ оби мева (асосан себ)-ро дар зарфи махсус меҷӯшонанд. Афшураи ғализ нисбат ба афшураҳои муқаррарӣ 6 маротиба зиёдтар моддаҳои хушк дорад. Дар шароити хона афшураи меваю ғуҷуммева ва сабзавотро ба воситаи афшуракашакҳои гуногун ҳосил мекунанд.

Консерваҳои мевагӣ. Афшураҳои мевагиро аз меваҳои тару тоза (себ, нок, олуболу, олуча, олу, шафтолу, зардолу ва ғ) тайёр мекунанд. Меваҳоро шуста, думча ва узакашонро ҷудо мекунанду ба банкаҳои шишагӣ ё тунукагии консерва андохта, сипас шарбат мерезанд ва сарпӯши онҳоро маҳкам пӯшонда, тамйиз мекунанд.

Дар афшураҳои консервонида таъм, бӯй ва намуди берунии меваҳо ва ғуҷуммеваҳо тағйир намеёбад. Дар банкаҳо 55-60% вазни хосро меваҳо ё ғуҷуммеваҳо ва вазни боқимондаро шарбат ташкил медиҳад. Афшураҳо то 20-25% шакар, кислотаҳои органикӣ, моддаҳои минералӣ ва витаминҳо доранд.

Нигоҳ доштани консерваҳо. Дар банкаҳои шишагӣ санаи истеҳсоли консерваҳо дар паси тамғакоғаз гузошта мешавад. Дар таги банкаҳои филизӣ индекс –и ҳарфҳои «К» консерваҳои мевагию сабзавотӣ ва консерваҳои сабзавотӣ), (консерваҳои моҳигӣ) ва «М»

(консервҳои гӯштию ширӣ) сабт мегардад. Дар сарпӯш ё таги банка (дар сатри дуюм) як қатор рақамҳо ва дар мобайн ҳарфҳо сабт ёфтаанд. Кушодани рамзро аз ҳарф сар мекунанд, ки он моҳи истеҳсоли консервро ифода менамояд. Ба талаботи нигоҳ доштани консерва аҳамияти ҷиддӣ бояд дод. Баъди кушодани даҳони консерва ва истеъмоли он дар ҳарорати паст ё дар яхдон нигоҳ дошта шавад. Ҳангоми дар ҳарорати паст нигоҳ надоштани маҳсулоти консервашуда ба вайроншавии маҳсулот оварда мерасонад.

Ҳеҷ гоҳ ҷавҳари сиркоро ба сиркои ангурӣ омехта накунед. Дар вақти консервакунӣ ба қоидаҳои бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ риоя кунед, ба тозагии зарфҳо ва маҳсулот аҳамият диҳед.



***Намудҳои консерва***



***Вайроншавии маҳсулот***

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Оид ба консерваҳои омехта маълумот диҳед.
2. Раванди консервонидани афшура аз мева ва ғуҷуммева чӣ гуна мебошад?
3. Маълумоти мухтасар оид ба афшура.
4. Консерваҳо чӣ гуна нигоҳ дошта мешаванд?

**5. Истифодаи усули “ММД”**

Усули МДД (ихтисораи «Медонам», «Донистан мехоҳам», «Донистам») усули ҷустуҷӯӣ - тадқиқот буда, барои фаъолона ҳал карани масъалаи нав ёрӣ мерасонад. Ин метод барои фаҳмиши амиқи мазмун ва мундариҷаи матн бо истифода аз ММД гузаронида мешавад

**Мақсадҳо:** муайян кардани савияи дониши мавҷудаи хонандагон; ташаккули малакаҳои ба худ баҳо додан; инкишофи малакаҳои кор бо матн; муқоисаи донишҳои мавҷуда ва донишҳои навомӯхтаи хонандагон

**Қадамҳои иҷро кардани ин метод:**

1. Аз рӯйи мақсад ва мавзӯи дарс ангезиши зеҳн гузаронида мешавад.
2. Хонандагон он чизеро, ки дар бораи ашё, ҳодиса ва ё мафҳум медонанд, дар сутуни якум менависанд.
3. Ба хонандагон савол дода мешавад, ки оид ба мавзӯи дарс чиро донистан мехоҳанд ва онҳо сутуни дуюмро пур мекунанд.
4. Пас аз хондани матн, ё тамошои видеои таълимӣ ба сутуни дуюм баргашта, муайян мекунем, ки хонандагон ба кадом саволҳои худ ҷавоб ёфтанд.
5. Он ҷавобҳо ба сутуни сеюм навишта мешаванд.
6. Сипас, сутуни аввал бо сутуни сеюм муқоиса ва таҳлил карда мешавад.

Ҷараёни пур кардани ҷадвали ММД-ро ба се марҳала тақсим кардан мумкин аст: марҳалаи аввал «Медонам»; марҳалаи дуюм “Донистан мехоҳам”, марҳалаи сеюм “Донистам”.




**Намуна. Мавзӯъ**: Консервонии маҳсулоти хӯрокворӣ

**Савол барои ангезиши зеҳн:** *Дар бораи таърихи консервонӣ чӣ медонед?*

| *Медонам* | *Донистан мехоҳам* | *Донистам* |
|---|---|---|
| Консервонӣ-хӯрокворист, ки барои дер нигоҳ доштани мева, сабзавот, моҳӣ в.ғ истифода мебаранд. | Консервонии маҳсулоти хӯрокворӣ аз тарафи кӣ, кай ва дар куҷо пайдо шудааст. | Консервонии маҳсулоти хӯрокворӣ дар асри XVII ба вуҷуд омадааст. Консервониро аввалин бор ошпази фаронсавӣ Франсуа Аппера ихтироъ кард ва барои ин кашфиёташ ба ӯ мукофоти пулӣ, медали тилло ва унвони “Инсони соҳибэҳтиром” дода шуд. |

**Дар натиҷа хонандагон:** аз рӯйи қисматҳои ҷадвал андешаҳояшонро таҳлил мекунанд; ба саволҳо ҷавоб ҷустуҷӯ мекунанд; донишҳои мавҷудаи худро бо маълумотҳои нав муқоиса мекунанд; мулоҳизаҳои худро баён мекунанд; бо якдигар мубоҳиса мекунанд.

**6. Кори амалӣ:** Тайёр кардани афшураи олуча ва гелос

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1.Бо ҳамроҳии омӯзгор ва хонанда афшураи олуча ва гелос (интихобан ба ҷойи гелос олуро иваз кардан мумкин аст)-ро оғоз менамоянд;

2.Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки барои консервонии афшураи олуча ва гелос асбоб, таҷҳизот ва маҳсулоти зарурӣ омода карда шавад;

3. Барои афшура намудан саравввал бояд коркарди аввалияи меваҳо гузаронида шавад;

4. Баъди гузаронидани коркарди аввалия меваҳоро шуста ба банка андохтан лозим аст;
5. Қиёми гармро рехта тамйиз карда мешавад; (банкаи 0,5 литра – 15 – 20 дақиқа, 1 литра – 20 – 30 дақиқа, 3 литра – 35 – 40 дақиқа).
6. Аз олуча ва гелос бе коркарди тамиз кардан ҳам афшура тайёр карда мешавад: Ба банка меваи тозаи шустаро гузошта, 2 бор оби ҷӯш рехта иваз карда, (бори 1-ум – 10 дақиқа ва бори дуюм – 0,5 дақиқа), баъд аз болояш шарбати гарм рехта, маҳкам карда, ба афшура гелос ҷавҳари лиму андохтан мумкин аст.
7. Вобаста ба фаъолнокии хонанда аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад.



***Раванди тайёр кардани компот аз олуча ва гелос***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **Метавонад** | **Қисман метавонад** | **Наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи консервонии мева ва тайёр кардани он шарҳ дода метавонад? | | | |
| Равандҳои консерва кардани меваро шарҳ дода метавонад? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Истифодаи асбобу абзорҳоро номбар карда, ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Баъзе қисматҳои консервонидани мевaро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми истифодаи маҳсулот сарфакориро риоя карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 17

## МАВЗӮЪ: МАТОЪҲО АЗ НАХҲОИ ХИМИЯВӢ

**Барнома:** Маълумоти мухтасар оид ба истеҳсоли матоъ аз нахҳои химиявӣ. Хосиятҳои матоъ: физикию механикӣ (бадоштӣ ва ғиҷимшавӣ), гигиенӣ (ҳавогузаронӣ, обгузаронӣ, намикашӣ, гармигузаронӣ) технологӣ (титшавӣ, ғиҷимшавӣ, кӯтоҳшавӣ ва ёзандагӣ). Истифодаи матоъҳои химиявӣ, сунъӣ ва синтетикӣ барои либосҳои таъйиноташон гуногун. Шинохтани нахҳои химиявӣ аз рӯйи намудҳои зоҳирӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро эҷод карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Коркарди матоъҳо аз нахҳои химиявро шарҳ дода тавонанд;
-Сохт ва нуқсонҳои матоъро шарҳ дода, фарқ карда тавонанд;
-Равандҳои тайёр кардани нахҳоро шарҳ дода, намуди нахҳоро муайян карда тавонанд;
-Хосиятҳои физикӣ ва механикии матоъро ба назар гирифта, фарқ карда тавонанд;
-Истифодаи асбобу абзорҳоро номбар карда, ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда тавонанд;
-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда тавонанд;
-Хусусиятҳои эстетикии матоъро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;
-Ҳангоми истифодаи матоъҳо сарфакориро риоя карда тавонанд;
-Табиатро қадр карда, ҳифзи онро шарҳ дода тавонанд;
-Саломатии худро эҳтиёт карда дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонанд;

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба намуди матоъ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Оид ба консерваҳои омехта маълумот диҳед.

2.Раванди консервонидани афшура аз мева ва ғуҷуммева чӣ гуна мебошад?

3.Маълумоти мухтасар оид ба афшура.

4.Консерваҳо чӣ гуна нигоҳ дошта мешаванд?

**3.Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба матоъҳо аз нахҳои химиявӣ, хосиятҳои матоъҳо суҳбат гузаронида, дар бораи сабабҳои асосии истифодаи васеи нахҳои кимиёвӣ, нахҳои кимиёвии сунъӣ ва синтезӣ, ашёи хом барои ҳосил кардани нахҳои сунъӣ, ҳосил намудани нахи синтезӣ, нахҳои табиӣ ва кимиёвӣ, ҳосилкунии ришта бо усулҳои таркунӣ, усули хушккунӣ, роҳҳои ҳосил намудани нахи вискозӣ ва нахи атсетатӣ, нахҳои шишагӣ, риштаҳои филизӣ, таърихи истеҳсоли нахи сунъӣ, маълумоти мухтасар оид ба истеҳсоли матоъ аз нахҳои химиявӣ, хосиятҳои матоъ: физикию механикӣ (бадоштӣ ва ғиҷимшавӣ), гигиенӣ (ҳавогузаронӣ, обгузаронӣ, намикашӣ, гармигузаронӣ) технологӣ (титшавӣ, ғиҷимшавӣ, кӯтоҳшавӣ ва ёзандагӣ), истифодаи матоъҳои химиявӣ, сунъӣ ва синтетикӣ барои либосҳои таъйинноташон гуногун, шинохтани нахҳои химиявӣ аз рӯйи намудҳои зоҳирӣ шарҳ дода мешавад.

Барои истеҳсоли матоъ дар замони ҳозира нахҳои химиявиро васеъ истифода мебаранд. Нахҳои химиявӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: сунъӣ ва синтезӣ.

Ашёи хом барои ҳосил кардани нахҳои сунъӣ селлюлоза аст, ки онро аз дарахти арча (ел) мегиранд. Партовҳои пахта, шиша, абрешимро низ истифода мебаранд. Нахи синтезиро аз коркарди маҳсулоти ангиштсанг, нефт ҳосил мекунанд.

Нахҳо умуман ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: табиӣ ва химиявӣ.

**Ҷадвали нахҳои химиявӣ**




Нахҳои табиӣ аз табиат гирифта мешаванд, онҳо барои истифода тайёранд. Нахҳои химиявӣ дар истеҳсолот дар корхонаҳо бо ёрии протсессҳои махсуси химиявӣ ҳосил карда мешаванд. Ашёи хомро барои истеҳсоли нахи химиявӣ об мекунанд, ки маҳлули часпак ҳосил мешавад. Ин маҳлулро аз сӯрохии филйер гузаронида (он борик мешавад), дар таштҳо дар маҳлули махсуси химиявӣ мегузоранд, ки дар он ҷо хунук (шах) мешавад.

Маҳлулро ба намуди атолаи суюқ тайёр мекунанд. Ин маҳлулро ба мошинҳои бофандагӣ медиҳанд. Ҳар як мошин филйер дорад, ки аз филизоти (металлҳои) қиматбаҳо сохта шудааст. Барои он ки дар рафти кор филйер вайрон нашавад, маҳлулро аз сӯрохии он бо фишори баланд мегузаронанд ва риштачаҳо мегиранд. Мувофиқи сӯрохии филйер ғафсии нахҳо ҳар хел мешавад. Маҳсулотро дар маҳлули махсус гузошта шах мекунанд. Инро ҳосилкунии ришта бо усули таркунӣ меноманд.

Агар риштаҳо бо ёрии ҳавои гарм шах кунонида, бо усули таркунӣ сафед ва ранг карда шаванд, инро усули хушккунӣ мегӯянд.

Нахҳои химиявӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: сунъӣ ва синтезӣ.

I. Маҳсулот барои ҳосил кардани нахи сунъӣ партови (пастмонда) пахта, филизот (металлҳо) ва шишамайдаҳо мебошанд:

1. Нахи вискозӣ аз пастмондаи чӯби дарахтон бо усули таркунӣ дар маҳлули ишқор ҳосил карда мешавад.
2. Нахи атсетатиро аз партови пахта бо сиркои кислотагӣ омехта, ҳосил мекунанд.
3. Нахҳои шишагин аз шишамайда дар печҳои барқӣ об карда, ҳосил мешаванд.
4. Риштаҳои филизиро (металлиро) аз партови алюминий ва мис ҳосил мекунанд.

## Нахҳои химиявӣ




II. Нахҳои синтезӣ аз маҳсулоти ангиштсанг, нефт ва газ тавассути реаксияи химиявӣ ҳосил карда мешаванд.

Дар вақти ҳосил кардани штапелӣ, вискозӣ, ки он ҳам ба гурӯҳи нахи сунъӣ дохил мешавад, дар филйер то 40 ҳазор сӯрохӣ шуданаш мумкин аст. Дар ин ҳолат аз ҳар сӯрохӣ нахҳои дарози борик ҳосил мешаванд, ки онҳоро ба дарозии 150 мм бурида, дар корхонаҳои ресандагӣ ресмон мересанд. Намуди аз ҳама паҳнгаштаи нахи сунъӣ ин нахи вискозӣ ва атсетатӣ аст. Матоъҳои аз нахҳои синтезӣ ҳосилшуда капрон, лавсан, нирон ва ғайраҳо мебошанд. Нахҳои сунъӣ ва синтезӣ нисбат ба нахҳои табиӣ арзонанд. Масалан, барои ҳосил кардани як миқдор нахи пахта ва зағир нисбат ба ҳосил кардани нахи вискозию штапелӣ 10 маротиба зиёдтар сарф мешавад, барои ҳосил кардани нахи пашмӣ бошад, 12 – 15 маротиба зиёдтар.




Бисёр матоъҳои аз нахҳои синтезӣ бофташуда бо намуди зоҳирӣ ва хосияташон ба нахҳои табиӣ наздик мебошанд. Матоъҳои аз абрешими сунъӣ (вискозӣ) бофташуда вазнин, дурушт, мустаҳкам ва ба соиш тобоваранд. Бинобар ин онҳоро бисёр вақт ба сифати матоъҳои астарӣ истифода мебаранд. Аз онҳо либосҳои занона медӯзанд.

Матоъҳои вискозӣ обро нағз мегузаронанд. Бинобар ин аз онҳо куртаи таг медӯзанд. Вале онҳо ба тарӣ ноустуворанд. Бинобар, ин либосҳоро дар ҳолати тарӣ намеҷафанд. Онҳо матоъҳои ҷилодор мебошанд. Аз ин сабаб дар вақти буридани либос ва дар буриши қисмҳо хатоӣ содир шуданаш мумкин аст. Дар вақти дӯхтани онҳо дарзи мустаҳкам нею, дарзи роға ҳосил мешавад. Аз ҳамин сабаб, аз онҳо либосҳои ба тан часпида медӯзанд.

Капрон аз ҳама нахи мустаҳкам буда, ба соиш тобовар аст. Нахи капронро барои истеҳсоли матоъ, ҷуроб, калоба, ки аз он маҳсулоти зиёде тайёр мекунанд, истифода мебаранд. Он бисёр зебо, аммо дағал аст. Либосҳои аз он дӯхташуда қат ва бурма намешаванд. Онҳоро баъд аз шустан дарзмол кардан шарт нест.

Лавсан нахи бисёр мустаҳкам ва мӯрт мебошад. Онро барои мустаҳкам шудан бо дигар наххо омехта мекунанд.

Наххои синтезиро дар корхонаҳои химиявӣ аз маҳсулоти нафт ё газ ҳосил мекунанд. Масалан, маҳсулоти синтезиро то мулоим шуданаш гарм карда, аз сӯрохи майда мегузаронанд ва ресмони капронӣ ҳосил мекунанд. Ин хел ресмон аз тори тортанак якчанд маротиба борик аст. Аз шиша ҳам бо роҳи гудозиш ресмон ҳосил мекунанд. Аз он бо роҳи дар маҳлули махсуси синтетикӣ шах кунондан стеклопластик ҳосил карда мешавад, ки он масолеҳи аз ҳама мустаҳкам буда, бовари кас намеояд, ки ин матои мулоим аз шишаи мӯрт тайёр карда шудааст.

Матои «сангин» (аз нахи сангин), матои асбестӣ (аз нахи асбест; дар оташи баланд намесӯзад).

Боз ҳамин хел матое низ ҳаст, ки он бо ҷараёни барқ гарм карда мешавад. Аз он барои қутбгардҳо либос медӯзанд.




Маҳсулот барои ҳосил кардани нахи химиявӣ аз пасмонаи чӯби дарахтон бо усули таркунӣ дар маҳлулӣ ишқор, аз партови пахта бо сиркои кислотагӣ, шишамайда дарпечҳои барқӣ, аз партовҳои аллюминий мис, ангиштсанг, нефт ва газ тавассути реаксияи химиявӣ ҳосил кара мешавад.

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Наххо ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд?

2. Наххои кимиёвӣ ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд?

3. Чӣ гуна усулро усули хушккунӣ мегӯянд?

4. Нахи вискозӣ ва атсетатиро аз чӣ ҳосил мекунанд?

5. Бо кадом сабаб матоъҳои аз наххои кимиёвӣ ҳосилшуда ҳангоми буридани маснуот мушкилӣ ба вуҷуд меояд?

6. Оид ба хосияти матоъҳои аз абрешими сунъӣ бофташуда шарҳ диҳед.

7. Барои чӣ матоъҳои аз абрешими сунъӣ бофташударо ба сифати матоъҳои астарӣ истифода мебаранд?

8. Хосияти либосҳои аз нахи капрон ҳосилшударо шарҳ диҳед.

**5. Истифодаи усули "Чӣ тавр?"**

Усулии «Чӣ тавр?» силсилаи муҳокимаронихо барои муайян кардани роҳҳои ба даст овардани натиҷа аст. Онро дар мавридҳои зерин истифода мебаранд: ҷустуҷӯйи роҳҳои гуногуни ҳалли мушкилот; муайян кардани пайдарпайии ҳодисаю амалҳо; муайян кардани сабаби ҳодисаю амалҳо.

Агар савол дуруст гузошта шавад, роҳҳои пайдоиши ҳама гуна натиҷаро ёфтан мумкин аст. Пайваста истифода бурдани ин усул барои ташаккули малакаҳои ҳаётӣ: ҷустани роҳҳои гуногуни ҳалли вазъият, мушкилоти баамаломада имконпазир мегардад.

Мақсадҳои истифодаи усули "Чӣ тавр?": ҷустуҷӯ карда тавонистани роҳ(ҳо)-и ҳалли масъала; алоқаманд карда тавонистани ҷавобҳо ба саволи «Чӣ тавр?»; инкишофи малакаҳои фикрронӣ (исбот карда тавонистани андешаҳои худ) ва нутқи шифоҳӣ; иртиботи сабаб ва натиҷа/оқибат.

**Натиҷа. Хонандагон:**

1) савол гузошта, роҳи ҳалли масъаларо ҷустуҷӯ менамоянд;
2) андешаҳои худро дар гурӯҳ таҳлил мекунанд;
3) ҷавобҳоро муқоиса менамоянд;
4) фикру мулоҳизаҳоро кӯтоҳ ва мушаххас баён ва қайд мекунанд;
5) ба мулоҳизаҳои худ далел меоранд ва ғайра.

**Қадамҳои истифода бурдани ин метод:**

1. Масъала ва ё натиҷае ба хонандагон пешниҳод мегардад.
2. Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки барои ҳалли масъала, ё мушкилот саволи «Чӣ тавр?» гузоранд.
3. Агар масъала, ё мушкилот ҳалли худро наёбад, саволро боз такроран гузошта, андешаҳо ба якдигар бо тирча алоқаманд карда мешаванд.

Ин амал то муайян кардани сабаб, ё натиҷаи ниҳоии мушкилот идома меёбад.

**Намуна:** Раванди истеҳсоли матоъҳои синтезӣ чӣ гуна ба амал меояд?




**6.Кори амалӣ:** Нишонаҳои муайян кардани хосиятҳои матоъҳои химиявӣ

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор барои гузаронидани кори амалӣ синф ба се зергурӯҳ тақсим карда мешавад;

2. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки матоъҳои: абрешими табиӣ, абрешими сунъӣ (вискоза), абрешими синтезӣ (капрон) аз рӯйи нишона хосиятҳои матоъ муайян карда шавад;

3. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки аз ҷониби хонандагон пеш аз оғози кори амалӣ аз рӯйи намуди зоҳирии матоъ номгӯйи матоъ муайян карда шавад;

4. Барои ёрӣ хонандагон метавонанд аз ҷадвали №1, ки дар саҳифаи 78-и китоби дарсӣ оварда шудааст, истифода баранд.

5.Хонанда метавонад аз дигар намуди матоъҳои аз наххои химиявӣ истеҳсолшуда истифода барад;

6.Ба он гурӯҳе, ки фаъолона иштирок намуда, аз рӯйи нишонаҳо хосияти матоъҳо дуруст муайян карда шудааст, ғолиб дониста, баҳои баланд гузошта шавад.

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи коркарди матоъҳо аз наххои химиявӣ шарҳ дода метавонад? | | | |
| Сохт ва нуқсонҳои матоъро шарҳ дода, фарқ карда метавонад? | | | |
| Равандҳои тайёр кардани наххоро шарҳ дода, намуди наххоро муайян карда метавонад? | | | |
| Хосиятҳои физикӣ ва механикии матоъро ба назар гирифта, фарқ карда метавонад? | | | |
| Истифодаи асбобу абзорҳоро номбар карда, ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии матоъро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми истифодаи матоъҳо сарфакориро риоя карда метавонад? | | | |
| Табиатро қадр карда ҳифзи онро шарҳ дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 18

## МАВЗӮЪ: НИГОҲУБИНИ ЛИБОС АЗ МАТОЪҲОИ СУНЪӢ ВА СИНТЕЗӢ. АППЛИКАТСИЯ

**Барнома:** Маълумоти мухтасар оид ба истеҳсоли матоъ аз наххои химиявӣ. Истифодаи матоъҳои химиявӣ, сунъӣ ва синтетикӣ барои либосҳои таъйиноташон гуногун. Шинохтани наххои химиявӣ аз рӯйи намудҳои зоҳирӣ. Сохтани аппликатсия аз наххои сунъӣ ва синтезӣ. Ташкили ҷойи корӣ. Техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ. Нигоҳубини либос аз матоъҳои сунъӣ ва синтезӣ

**Салоҳиятҳо:**

- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро эҷод карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Нигоҳубини либос аз матоъҳои сунъӣ ва синтезро шарҳ дода тавонанд;

-Равандҳои тайёр кардани аппликатсияро шарҳ дода, амалан иҷро карда тавонанд;

-Истифодаи асбобу абзорҳоро номбар карда, ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда тавонанд;

-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда тавонанд;
-Хусусиятҳои эстетикии аппликатсияро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;
-Ҳангоми истифодаи матоъҳо барои сохтани аппликатсия сарфакориро ба риоя карда тавонанд;
-Табиатро қадр карда ҳифзи онро шарҳ дода тавонанд;
-Саломатии худро эҳтиёт карда дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонанд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба нигоҳубини либос аз матоъҳои сунъӣ ва синтезӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Бо кадом сабаб матоъҳои аз наххои кимиёвӣ ҳосилшуда ҳангоми буридани маснуот мушкилӣ ба вуқӯд меояд?

2. Оид ба хосияти матоъҳои аз абрешими сунъӣ бофташуда шарҳ диҳед.

3.Барои чӣ матоъҳои аз абрешими сунъӣ бофташударо ба сифати матоъҳои астарӣ истифода мебаранд?

4.Хосияти либосҳои аз нахи капрон ҳосилшударо шарҳ диҳед.

**3.Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба нигоҳубини либос аз матоъҳои сунъӣ ва синтезӣ суҳбат гузаронида, дар бораи фарсудашавии матоъ, сабабҳои бадоштии либос, тарзи дурусти дарзмолкунии либосҳои аз абрешими сунъӣ дӯхташуда, матоъҳои синтезӣ-капронӣ, нишондод ва нигоҳубини маҳсулоти бофандагӣ аз наххои кимиёвӣ, сохтани аппликатсия аз матоъ, раванди пайдарпай сохтани аппликатсия, навъҳо ва асбобҳои истифодашаванда барои сохтани аппликатсия, усулҳои коркарди аппликатсия шарҳ дода мешавад.

Фарсудашавии матоъ ба таъсири механикӣ (хӯрдашавӣ, васеъшавӣ, тобхӯрӣ ва ғайраҳо) ва хосиятҳои физикию химиявӣ (таъсири рӯшноӣ, намӣ, ҳарорат ва воситаҳои шустушӯй) вобаста аст. Бардавомии либос ба матоъ, тарзи дӯхт, сифати он ва тарзи либоспӯшӣ вобаста аст. Бардавомии либосҳоро бо роҳи ба онҳо часпондану дӯхтани қисмҳои ороишӣ (дар нӯги почаҳои шим дӯхтани тасмаи махсус, астаргузорӣ, нигоҳубини дуруст ва ғайра) зиёд кардан мумкин аст. Либосҳои аз абрешими сунъӣ дӯхташударо дар ҳарорати $150^{0}$C дарзмол мекунанд; онҳоро ба хокаи муътадили либосшӯӣ дар ҳарорати аз $40^{0}$C зиёд намешӯянд ва тоб намедиҳанд. Матоъҳои синтезӣ – капрониро сахт фишурдан мумкин нест. Онро дар собунобаи ҳарораташ аз $50^{0}$C зиёд намешӯянд, баъд аз шустан онро дарзмол накунанд ҳам мешавад (ё бо дарзмоли ҳарораташ 120 – $130^{0}$C дарзмол мекунанд). Дар вақти нигоҳубини либос нишондоди дар либоси тайёр мавҷудбударо ба назар гирифтан лозим аст.

Аппликатсия аз калимаи лотинии applicatio гирифта шуда, маънояш ба матоъ дӯхтан ё часпондани нақши аз матоъ буридашуда мебошад.

Апликатсия яке аз усулҳои қадимтарини оро додани либос, пойафзол, ҷиҳози рӯзгор буда, имрӯз ҳам маълум аст.

Пайдоиши апликатсия ба давраҳои қадим тааллуқ дорад. Таҳаввулоти он аз тасвирҳои ёдгориҳои санъати тамаддуни қадимӣ, Осиё, Аврупо, Амрико ба мо маълум аст.

Аз тасвирҳои суробӣ дида мешавад, ки дар онҳо тасвирҳои одам, паранда, ҳайвонот бо маҳорати баланд пурра нишон дода шудааст. Дар замонҳои қадим ҳайвонотро бо меҳру муҳаббати зиёд тасвир мекарданд.

Ҳар як масолеҳ хусусияти худро дорад, ки он ба техникаи иҷроиши аппликатсия таъсири муайян мерасонад. Масалан, коғаз, коҳ ва пояи хушкидаи рустаниҳоро мечаспонанд; матоъ, пӯсти мӯйинадорро ба матои асосӣ медӯзанд.

Аппликатсия аз намудҳои зерин иборат аст:

а) ашёӣ аз тасвирҳои алоҳидаи ашё, яъне барг, шохчаи дарахт, гул, паранда, ҳайвонот, мошин, одам иборат аст.

б) сужанок, ки амалиёти муштарак ва воқеаҳо (салюти ғалаба, мамлакати мо, Ҷумҳурии Тоҷикистон – дирӯз, имрӯз, фардо ва ғайра)-ро мукаммал таҷассум менамояд.

в) ороишӣ, ки ҳама гуна нақшу нигорро дар бар мегирад.

Аппликатсияро барои зеботар намудани маснуоти ороишӣ ва либос васеъ истифода мебаранд. Апликатсияро аз матои якранг, рангаи бофташ ва коркардаш гуногун буридан мумкин. Барои аппликатсия порчаи матоъро оҳар дода (беҳтараш бо желатин) дарзмол мекунанд. Ба матоъ ва коғаз тасвирро кашида, сипас тасвири коғазро қисм-қисм бурида, мувофиқи онҳо аз матоъпораҳо ҷузъиёти тасвирро тайёр мекунанд. Мувофиқи тасвир ба матоъ кӯк зада, гирдогирдашро бо дарзи гулдӯзӣ ё ҳалқагӣ медӯзанд. Баъзан барои барҷастатар шудани тасвир зери матоъ пахта мегузоранд. Барои аппликатсия нақшу нигори миллӣ, тасвири персонажу қаҳрамонони афсонавиро истифода бурда, гилемчаҳои бачагон, пардаҳо, либос ва ғайраро оро додан мумкин аст. Аппликатсияро дар мошини дарздӯзӣ бо ҳамон пайдарпайие, ки дар гулдӯзии дастӣ мавҷуд аст, иҷро мекунанд.

Барои дӯхтани аппликатсия ба матоъпораи ранга тасвирро гузаронида, ба мавод чунон кӯк мезананд, ки наххҳои барқади ҳар ду матоъ мувофиқат кунанд.

Тарҳи тасвирро бо мошини дарздӯзӣ аввал бо дарзи одӣ ё кашидадӯзии навардии фосиланок, баъд бо дарзи кашидадӯзии навардии зич медӯзанд. Баъди ин аз тарафи чаппаи матоъ дарзмол карда, матои аз тарҳи нақш зиёдатиро мебуранд. Ҷузъиёти аппликатсияро бо дарзи «мустаҳкам» низ часпондан мумкин аст. Дар ин маврид нақшҳои аппликатсияро бо мошин 1 – 2 маротиба дӯхта, канорҳои онҳоро бо дарзҳои гуногуни мустаҳкамкунӣ оро медиҳанд.

Тайёр кардани аппликатсия аз матоъ малакаю маҳорати муайяни буридани матоъ ва дӯхтани гирди онро талаб мекунад. Пеш аз сар кардани кор тарҳи тасвирро кашидан, андозаи аппликатсия ва дар куҷо ҷой гирифтани онро муайян кардан лозим аст.

Бисёр вақт намунаҳо барои аппликатсия аз саҳифаҳои маҷаллаҳо, пусткартҳо, ашёи ороишӣ ва санъатҳои тасвирӣ гирифта мешаванд. Аксарияти дӯзандагон шакли ашёи аппликатсияро хурд ё калон мекунанд.

Ангораҳои аппликатсияро ду нусха тайёр мекунанд. Як нусхаи онро бурида ҳамчун қолаб истифода мебаранд, дигарашро нигоҳ медоранд. Барои азназаргузаронии ҷойгиршавии ҷузъиёт аппликатсияи аз коғаз тайёршударо ба матоъ гузошта мебуранд.

Аппликатсияро ба матои асос бо ду роҳ мечаспонанд:

1. Бо роҳи дӯзиш.
2. Бо роҳи ширеш кардан.

Роҳи дӯзиш бо тарзҳои гуногун иҷро карда мешавад. Бо ин роҳ ҷиҳози хона: дастархон, сачоқчаҳо, гилемчаҳои бачагона, дегпӯшак, дастпӯшак, чойникмонак, чойникпӯшак, пешгир, болиштчаҳо ва ғайраро ороиш медиҳанд.




1. Рақами дар дохили сатил ҳаҷмро нишон дода, ҳарорати ҳудудии онро (градус дар селсияро) нишон медиҳад.




2. Як хат дар таги сатил шустан дар сикли мулоимро, ки асосан бо матоъҳои химиявӣ (синтезӣ) тааллуқ дорад, ифода мекунад.




3. Ду хат, дар таги сатил шустан, асосан барои либосҳои аз матои пашмин ва нозук пешниҳод карда мешавад.



4. Бо даст дар ҳарорати 40 $^0$ С баланд, дар мухлати кӯтоҳ шустан, баъди обгардон кардан, тоб надода, оҳиста фишурда гирифтанро ифода мекунад.



5. Хатҳои гузошта маънои манъ будан, барои шустушӯйи либосро ифода менамояд.

***Намудҳои аломатҳои шартӣ дар вақти шустан***



1. Дарзмол бо як нуқта дараҷаи ҳарораташ пастро барои матоъҳои химиявӣ талаб мекунад.
Ҳарорати **паст** бояд – аз ҳарорати 110 $^0$С то 120 $^0$С зиёд нагардад.



2. Дарзмол бо ду нуқта дараҷаи тафсониаш ҳарорати муътадил, барои матоъҳои абрешимӣ, табиӣ ва пашмӣ истифода бурда мешавад.
Ҳарорати **муътадил** бояд – аз ҳарорати 150 $^0$С то 160 $^0$С зиёд нагардад.



3. Дарзмол бо се нуқта дараҷаи тафсониаш ҳарорати баланд, барои матоъҳои пахтагин ва катонӣ (зағирӣ) истифода бурда мешавад.
Ҳарорати **баланд** бояд – аз ҳарорати 160 $^0$С то 200 $^0$С зиёд нагардад.



4. Чунин тарзи ишорат маснуотро барои дарзмол намудан манъ мекунад. Масалан, дар баъзе маснуотҳои ороишӣ - декоративӣ ҳангоми дарзмолкунӣ шакли худро гум мекунанд.

***Намудҳои аломатҳои шартӣ дар вақти дарзмолкунӣ***

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Кадом хосиятҳоро хосиятҳои механикии матои синтезӣ меноманд?
2. Хосиятҳои физикию химиявии матоъҳои сунъиро бо таҷриба муайян кунед.
3. Аппликатсия аз кадом калима гирифта шудааст?
4. Барои аппликатсия кадом масолеҳро истифода мебаранд?

**5.Истифодаи “Диаграммаи Венн”**

Диаграмма аз ҷониби Ҷон Венни файласуф, математик ва мантиқшиноси британӣ дар солҳои 1881-уми асри Х1Х таълиф шудааст.

Диаграммаи Венн – усулест барои ёфтани фарқ ва умумияти мафҳум, ҳодиса, ашё ва муқоисаи онҳо. Омӯзгор метавонад онро дар муқоисаи симоҳои мусбат ё манфии матн, фарқи ашёи гуногун аз рӯйи мазмуни он истифода барад. Хонандагон монандӣ, фарқ ва муқоисаро дар дафтари худ, ё лавҳаи синф менависанд.

**Мақсадҳо:** таҳлил ва таркиб карда тавонистани ашёву ҳодисаҳо; муқоиса ва фарқ карда тавонистани ашёву ҳодисаҳо; ёфта тавонистани хислатҳои умумии ашёву ҳодисаҳо; инкишофи қобилиятҳои таҳлиливу хулосабарорӣ.

**Қадамҳои истифода бурдани ин усул:**

1. Ба хонандагон масъаларо пешниҳод кунед.
2. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар атрофи ин масъала фикр карда (ашё, ҳодисаҳо ва ғ.), фарқият ва умумиятро муайян намоянд.
3. Хонандагон дар варақи сафед ду давраи ба ҳам пайвастро тасвир мекунанд.
4. Онҳо дар қисматҳои чапу рости давра фарқ ва дар мобайни он умумияти масъалаи пешниҳодшударо қайд мекунанд.
5. Ҳар як намояндаи гурӯҳ кори худро муаррифӣ мекунад.

**Натиҷа. Хонандагон:** ашё, ё ҳодисаро ба қисматҳои фарқу умумият ҷудо мекунанд; ба андешаҳои худ мисол меоранд; фарқу умумияти ашё, ё ҳодисаро нишон медиҳанд; дар гурӯҳ кор мекунанд.

Диаграммаеро, ки дар он давраҳо ҳамдигарро мебуранд, дар ҳолате истифода бурдан лозим аст, ки хонандагон пур кардани се давраро (бе буриш) аллакай омӯхта бошанд. Масалан, хонандагонро ба се гурӯҳ тақсим мекунем ва ба гурӯҳҳо чунин супоришҳоро медиҳем:

Гурӯҳи 1 – Хусусиятҳои абрешими сунъӣ (вискозӣ)-ро нависед;
Гурӯҳи 2 – Умумияти хосияти матоъро нависед;
Гурӯҳи 3 – Абрешими синтезӣ (капрон)-ро нависед.




**6.Кори амалӣ:** Сохтани аппликатсия аз матоъ.

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

Таҷҳизот: қайчии калон, қайчии хурди нӯгаш рост, қатшуда, сӯзанҳои гуногун, сӯзанакҳо, ангуштпона, матоъҳои асос, матоъпораҳо.

**Қадамҳо:**

1.Аз тарафи омӯзгор ба хонандагон супориш дода мешавад, ки барои сохтани аппликатсия аз матоъ асбоб, таҷҳизот ва маводди заруриро омода созанд;

2. Аз рӯйи тасвири интихобшуда ангораҳо аз коғаз тайёр карда мешавад;

3.Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки аз рӯйи андозаи интихобӣ қолаб сохта шавад;

4.Барои аппликатсия порчаи матоъро оҳар дода, баъд дарзмол карда ё матои ширешдор часпонида мешавад;

5.Ба матоъ ва қоғаз тасвирро кашида, сипас онро қисм-қисм бурида, мувофиқи онҳо аз матоъпораҳо ҷузъияти тасвирро тайёр карда, дӯхта шавад;

6.Мувофиқи тасвир қолаби аппликатсияи тайёрро ба матоъ кӯк карда, бо тарзи дарзи печон қисм-қисм пайдарҳам дӯхта мешавад;

7. Андозаҳоро ба матоъ маҳкам гузошта, бо дарзи печон дӯхта мешавад;

8. Пайдарҳам дигар ҷузъҳои андозаҳоро ба матоъ маҳкам гузошта, бо дарзи печон дӯхта мешавад;

9. Тарзи дӯхти маснуоти бо намуди дарзи печон: а) дарзи печони васеъ дӯхташуда; б) дарзи печони зич дӯхташаванда;

10.Дар натиҷа аппликатсия дӯхта шуд. Хонандагон метавонанд тасвир барои сохтани аппликатсияро дигар намуда, аз рӯйи имконияти синфхонаи фанни технология (таълими меҳнат) мошинҳои дарздӯзии ҳамакора (универсалӣ)-ро истифода бурда, гирди аппликатсия бо дарзҳои ороишӣ дарздӯзӣ карда шавад.



***Раванди иҷрои аппликатсияи матоъ ба рӯйи матоъ бо кӯки дарзи печон***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи нигоҳубини либос аз матоъҳои сунъӣ ва синтезӣ шарҳ дода метавонад? | | | |
| Равандҳои тайёр кардани аппликатсияро шарҳ дода, амалан иҷро карда метавонад? | | | |
| Истифодаи асбобу абзорҳоро номбар карда, ҳангоми | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии аппликатсияро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми истифодаи матоъҳо барои сохтани аппликатсия сарфакориро риоя карда метавонад? | | | |
| Табиатро қадр карда ҳифзи онро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 19

## МАВЗӮЪ: ДАРЗ ВА КӮКҲОИ ДАСТӢ

**Барнома:** Ташкили ҷойи корӣ ва бехатарии меҳнат. Технологияи иҷрои дарзҳои ороишӣ: дарзи печон, кӯки калон, кӯки нусхагирӣ, дарзи сӯзан ба пеш аз ресмон, кӯки босма, кӯки занҷира, дарзи ҳалқа (юрма), дарзи гиреҳ. Таҷҳизоти истифодабаранда. Интихоби матоъ ва сӯзан барои иҷрои дарзи дастӣ. Қоидаҳои техникаи бехатарӣ. Роҳҳои дӯхтани дарзи дастӣ

**Салоҳиятҳо:**

- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро эҷод карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дарз ва кӯкҳои дастро шарҳ дода тавонанд;
-Равандҳои дӯхтани кӯкҳои ороиширо шарҳ дода, амалан иҷро карда тавонанд;
-Истифодаи асбобу абзорҳоро номбар карда, ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда тавонанд;
-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда тавонанд;
-Хусусиятҳои эстетикии кӯкҳои ороиширо шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;
-Ҳангоми истифодаи матоъҳо сарфакориро риоя карда тавонанд;
-Саломатии худро эҳтиёт карда дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонанд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба нигоҳубини либос аз матоъҳои сунъӣ ва синтезӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:
Тайёр намудани маводди хониш;
Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;
Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Кадом хосиятҳоро хосиятҳои механикии матои синтезӣ меноманд?
2.Хосиятҳои физикию химиявии матоъҳои сунъиро бо таҷриба муайян кунед.
3.Оид ба раванди ҳосил кардани наххои кимиёвӣ маълумот диҳед
4.Аппликатсия аз кадом калима гирифта шудааст?
5.Барои аппликатсия кадом масолеҳро истифода мебаранд?

**3.Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба дарз ва кӯкҳои дастӣ суҳбат гузаронида, дар барои гулдӯзии дастӣ, навъҳои асосии дарзу кӯкҳои дастӣ: дарзи печон, кӯки калон, кӯки

нусхагирӣ, дарзи сӯзан ба пеш аз ресмон, кӯки босма, кӯки занҷира, дарзи ҳалқа (юрма), дарзи гиреҳ, қоидаҳои техникаи бехатар санитарию гигиенӣ ҳангоми гулдӯзӣ, интихоби сӯзан барои дарздӯзии дастӣ вобаста ба навъи матоъ, интихоби матоъ барои гулдӯзӣ намудан шарҳ дода мешавад.

Дарзу кӯкҳои дастиро асосан дар гулдӯзӣ, кашидадӯзӣ истифода мебаранд. Намудҳои асосии дарзу кӯкҳои дастӣ инҳоянд: дарзи печон, кӯки калон, кӯки нусхагирӣ, дарзи сӯзан пеш аз ресмон, кӯки босма, кӯки занҷира, дарзи юрма, дарзи гиреҳ ва ғайра. Дар баъзе намудҳои гулдӯзӣ якчанд намуди дарзу кӯкҳои дастиро истифода мебаранд. Ҳамаи дарзу кӯкҳоеро, ки дар гулдӯзӣ вомехӯранд, кашидадӯзӣ ё гулдӯзии ороишӣ меноманд.

Дарзу кӯкҳои дастиро барои ороиши либосҳои замонавӣ, рахти хоб, ҷиҳози хона ва дигар васоити зиндагӣ васеъ истифода мебаранд. Сифати дарздӯзӣ ба таркиб ва хосиятҳои физикию механикии матоъ вобастагии калон дорад. Дар вақти интихоби матоъ ҳаминро ба назар гирифтан лозим аст, ки он ба зебоӣ ва сифати дӯхт мадад расонад. Пеш аз гулдӯзии дастӣ қоидаҳои техникаи бехатарӣ, санитарию гигиениро ба хотир овардан, барои мувофиқ будани гулдӯзӣ ва монда нашудан ҷойи корро дуруст ташкил намудан ва ба қоидаҳои кор риоя кардан лозим аст. Асбобҳо ва воситаҳои ёрирасон бояд дар қуттӣ ва халтачаҳои махсус (ресмон дар ресмонгузорак, сӯзанчаҳо дар болиштчаҳо, қайчӣ, ченактасма, ангуштпона, қалами М ва МТ, коғазҳои нусхабардорӣ ва ғайра дар халтачаҳои махсус) ҷойгир карда шаванд. Равшанӣ ба сатҳи миз бояд аз тарафи чап бошад. Қомати дӯзанда бояд рост, сараш на он қадар хам бошад. Ҳангоми кор тани дӯзанда бояд камтар ба пеш майл кунад, масофаи байни чашм ва кор бояд 25 – 30 см бошад. Ҳангоми кор дастҳоро дуруст мондан аҳамияти калон дорад.

Дар вақти дарздӯзӣ андозаи сӯзанро вобаста ба зичии матоъ дуруст интихоб кардан лозим аст. Барои гулдӯзӣ ресмонҳои пахтагин, абрешимӣ, пашмӣ, зарҳалию нуқрагин, инчунин мӯлина, ресмонҳои вискозӣ, ва омехтаи сунъиро истифода мебаранд. Ғафсии ресмонҳо вобаста ба намуди матоъ ва дарздӯзӣ ҳар хел мешавад.

Дар матоъҳои тунук (нафис) бо ресмонҳои рақами 60 – 80 гулдӯзӣ мекунанд, тасвири набобот, гулҳо, парандаҳо ва ғайраро дар матоъҳои ғафс бо ресмонҳои пашмӣ, «гарус» (калобаи пашмӣ), «ирис» ва тофта медӯзанд.

Ранги ресмонҳо низ гуногун мебошад.

Дар гулдӯзии дастӣ инчунин марҷони сангҳои қиматбаҳо, пулакчаҳои рахшон, марворид, тугмаҳои ҳалдор ва ғайраро васеъ истифода мебаранд. Ин масолеҳ ба гулдӯзӣ сифати нав зам мекунад.

Дар матоъҳои абрешимӣ асосан бо ресмонҳои абрешимӣ, марҷонҳо, ресмонҳои зарҳалию нуқрагин гулдӯзӣ мекунанд.

Матоъҳои патдор ва пилтабахмалро барои гулдӯзӣ истифода набурдан беҳтар аст.

Дар вақти гулдӯзӣ намуди ресмонро вобаста ба матоъ интихоб мекунанд. Дар ин вақт, албатта, дар назар доштан лозим аст, ки вазифаи либос аз чӣ иборат аст.

Ҳангоми гулдӯзӣ ҳар хел андозаи нақшҳоро истифода мебаранд. Агар андозаи нақш ба ҳаҷми кашида мувофиқат накунад, нақшро калону хурд кардан мумкин аст. Усулҳои гуногуни ба рӯйи матоъ гузаронидани нақш мавҷуданд: 1) нақши дар рӯйи коғаз кашидашудаи гулро бо сӯзан якмаром сӯрох мекунанд. Баъд андозаро ба рӯйи матоъ гузошта, вобаста ба ранги матоъ, гарди хок, ангишт, хишт ё бур мепошанд; 2) аз коғази шаффофи нусхабардор истифода мебаранд; 3) андозаро ба рӯйи моҳут, бахмал ва шоҳии ҷилодор монда, аз болои нақш кӯк мекунанд, баъд коғазро боэҳтиёт даронда мегиранд, дар ин ҳолат нақши гул боқӣ мемонад; 4) барои ба матоъҳои гуногуни сафед гузаронидани нақш андозаро ба рӯйи шиша мемонанд, аз болояш матоъро мепӯшонанд, аз таги шиша чароғ медоранд ва аз рӯйи нақши равшаншуда қалами сиёҳ (ТМ) медавонанд.

Омӯзгор метавонад ба пуррагӣ аз китоби дарсӣ истифода бурда, ба хонандагон оид ба: кӯки занҷира, дарзи ҳалқа (юрма), дарзи босма, дарзи сӯзан ба пеш, дарзи гиреҳ, дарзи гиреҳи мураккаб шарҳ диҳад.



*Навъҳои ресмон*




*Дарзи гиреҳ: а-одӣ; б,в -мураккаб*

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Навъҳои асосии дарзу кӯкҳои дастӣ кадомҳоянд?
2. Дарзу кӯкҳои дастиро бо кадом мақсад истифода мебаранд?
3. Қоидаҳои техникаи бехатарӣ, санитарию гигиенӣ ҳангоми гулдӯзии дастиро шарҳ диҳед.
4. Интихоби сӯзан ва матоъ барои дарздӯзии дастӣ.

**5. Истифодаи усули “Кластери сода”**

Кластер (claster – хӯша, даста) усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзӯъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Ин усул аз тарафи мутахассиси проблемаҳои эҷодӣ Тони Бюзан кор карда шудааст. Ин усул имкон медиҳад, ки хонандагон барои фикр намудани мавзӯи дарпешистода сафарбар шаванд.

Дар марказ як мафҳум, савол ё мавзӯи нав навишта мешавад. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки маълумотҳои доштаашонро оиди он нависанд. Ин имкон медиҳад, ки хонандагон ҳамаи андешаҳои баёншударо дар як ҷой гирд оварда, дар баробари шунидани онҳо боз аёнӣ бо онҳо шинос гарданд.

Масъала: 1.Кадом дарзҳоро медонед?



**6. Кори амалӣ:** Иҷрои дарзи гиреҳ.

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

Таҷҳизот: қайчии калон, қайчии хурди нӯгаш рост, қатшуда, сӯзанҳои гуногун, сӯзанакҳо, ангуштпона, матоъҳои асос, матоъпораҳо.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор оид ба иҷрои дарзи дастӣ шарҳ дода мешавад: нишонаҳои ин кашидадӯзӣ андозаҳои начандон калон доранд ва ин гулдӯзӣ бе қасқон иҷро карда мешавад. Баъзан дар таги он болиштчаҳои пур аз қум мегузоранд.
2. Аз тарафи омӯзгор ба хонандагон супориш дода мешавад, ки барои иҷрои дарзи дастӣ асбоб, таҷҳизот ва маводди заруриро омода созанд;
3. Ресмони кориро маҳкам карда, матоъ ба болиштча сахт гузошта шавад;
4. Бо дасти чап ресмонро ба тарафи худ таранг кашида, бо тарафи ақрабаки соат якчанд маротиба он гирди сӯзан печонида шавад;
5. Шумораи печҳои ресмон аз ғафсии ресмон вобаста буда, аз 3 то 6-то печ шуданаш мумкин аст;
6. Баъд сӯзанро чаппа карда, дар назди чоки аввала ба матоъ халонида, лекин ресмонро бо дасти чап бояд нигоҳ дошт;
7. Сӯзан бояд ба матоъ амудӣ истода бошад;
8. Ба дасти чап печҳо ва сӯзан ба тарафи чаппаи матоъ гузошта мешавад;
9. Барои иҷрои кӯки навбатӣ сӯзанро аз тарафи чаппаи матоъ ба тарафи ростаи он гузаронида ва ин амал аз нав иҷро карда мешавад;
10. Печҳои ресмонро таранг кашидан мумкин нест, чунки сӯзан аз тарафи печҳои ресмон нагузаштанаш мумкин ;
11. Гиреҳҳо дар матоъ бояд ба ҳамдигар наздик ҷойгир шаванд. Бо тарзи гиреҳ бештар мобайни нақши гулҳо (бобуна, гули раъно, гули довудӣ, гули қашқарӣ) пур карда мешавад;
12. Вобаста ба иҷрои кори амалӣ аз тарафи омӯзгор ба хонандагон баҳогузорӣ карда мешавад.



***Раванди дарзи гиреҳи одӣ***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи дарз ва кӯкҳои дастӣ шарҳ дода метавонад? | | | |
| Равандҳои дӯхтани кӯкҳои ороиширо шарҳ дода, амалан иҷро карда метавонад? | | | |
| Истифодаи асбобу абзорҳоро номбар карда, ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда метавонад? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии кӯкҳои ороиширо шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми истифодаи матоъҳо сарфакориро риоя карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 20

## МАВЗӮЪ: МОШИНИ ДАРЗДӮЗӢ

**Барнома:** Ташкили ҷойи корӣ, талаботи санитарию гигиенӣ ва қоидаҳои бехатарии меҳнат. Сохт, истифода ва афзалияти муҳаррики барқии мошини дарздӯзӣ. Қоидаи тайёр кардан ва усули кор дар мошини дарздӯзӣ. Вазифа, сохт ва принсипи кори танзими мошини дарздӯзӣ. Ноҷӯрӣ (носозӣ) дар кори мошини дарздӯзӣ. Сабабҳо ва бартараф кардани ноҷӯриҳо. Сабабҳои баамалоӣ ва чораҳои пешгирӣ намудани он. Тарзҳои бартараф кардани носозиҳо вобаста ба танзимаҳо. Ошкор намудан ва бартараф намудани сабабҳои кандашавии риштаҳо ва нуқсонҳои дарз. Машқи ба ҳаракат овардан, нигоҳ доштан, танзими суръат дар мошини дарздӯзии барқӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро эҷод карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Сохти мошини дарздӯзии барқро шарҳ дода тавонанд;
-Истифодаи дурусти мошини дарздӯзии барқиро шарҳ дода, амалан иҷро карда тавонанд;
- Ноҷӯрӣ (носозӣ) дар кори мошини дарздӯзиро шарҳ дода, сабаб ва бартараф кардани ноҷӯриро дар амал иҷро карда тавонанд;
-Истифодаи қисмҳои мошини дарздӯзии барқиро номбар карда, ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда тавонанд;
-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда тавонанд;
-Доир ба касби дӯзанда маълумот дода тавонанд;
-Саломатии худро эҳтиёт карда дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонанд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба нигоҳубини либос аз матоъҳои сунъӣ ва синтезӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:
Тайёр намудани маводди хониш;
Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;
Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Навъҳои асосии дарзу кӯкҳои дастӣ кадомҳоянд?
2.Дарзу кӯкҳои дастиро бо кадом мақсад истифода мебаранд?
3.Қоидаҳои техникаи бехатарӣ, санитарию гигенӣ ҳангоми гулдӯзии дастиро шарҳ диҳед.
4.Интихоби сӯзан ва матоъ барои дарздӯзии дастӣ.

**3.Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба дарз ва мошинаи дарздӯзии барқӣ суҳбат гузаронида, дар бораи қадамҳои байни дарз, роҳҳои тоб додани винти танзимкунандаи

пружинаи сараки найча, тарангии ресмон, истифодаи мурвати ресмонтарангкунанда, ҳаракати мошин, ҳосил кардани ҳалқа, истифодаи мошин дар рӯзгор, қоидаҳои ба кор даровардан, тез кардани суръат ва аз кор боздоштани мошин, машқ дар мошини дарздӯзии барқӣ, ноҷӯрӣ (носозӣ) дар кори мошини дарздӯзӣ, сабабҳо ва бартараф кардани ноҷӯриҳо шарҳ дода мешавад.

Дарзи мошинӣ нисбат ба дарзи дастӣ мустаҳкам, зебо ва ҳамвор буда, дар муддати кӯтоҳ дӯхта мешавад. Мошинҳои дарздӯзии барқӣ ҳамакора (универсалӣ) мебошанд, ки амалиётҳои гуногунро иҷро кардан мумкин аст. Онҳо медӯзанд, пайваст мекунанд, ангула (сӯрохии тугма) месозанд, гулдӯзӣ мекунанд ва ғайра.

Ин хел мошинҳоро дар рӯзгор васеъ истифода мебаранд. Дар ин вақт ҳамаи амалиётҳоро аз аввал то охир як шахс иҷро мекунад. Ин хел мошинҳоро дар корхонаи дӯзандагӣ, сехҳои дӯзандагӣ истифода мебаранд. Мошинҳои дарздӯзии рӯзгор бо ҳаракатоварии дастӣ, пой ва барқӣ сохта мешаванд, қисмҳои онҳо ба ҳам монандӣ доранд. Матоъ ҳар қадар тунук бошад, ҳамон қадар сӯзан ва ресмони борик лозим аст. Чоки мошинӣ аз ду ресмон ҳосил мешавад. Ресмони болоӣ аз қисми болои мошин, аз ғалтак ва ресмони поёнӣ аз моку меояд. Дар вақти кор ба он аҳамият додан лозим аст, ки кашишхӯрии ресмон як хел бошад. Дар ин вақт қабати байни матоъҳо рост ва мустаҳкам мешавад.

Агар ресмони поён халта шавад, чоки безеб ва номустаҳкам мебарояд, дар вақти кашишхӯрии ресмони боло чок канда мешавад.

Масофаи байни ду захми сӯзанро қадами чок меноманд. Нуқсони дар ресмони поёнӣ руxдодаро бо роҳи тоб додани винти танзимкунандаи пружинаи сараки найча ислоҳ кардан мумкин аст. Агар ресмони боло халта шуда бошад, он гоҳ мурвати ресмонтарангкунандаро метобанд.

Қадами байни чокро дуруст муайян кардан лозим аст. Матои борикро ба чоки хурд ва матои ғафсро ба чоки калон медӯзанд. Қадамҳои чокҳои гуногунро истифода бурда, чин ҳосил мекунанд. Дарозии қадамҳои чокҳоро дар ишора 3 – 4 мм ва тарангии ресмони болоро кам мекунанд, баъд аз дӯхтани чок ресмони поёнро таранг карда, чин ҳосил мекунанд.

Баъд аз тамом кардани кор мошинро тоза, чангашро пок карда, дар вақти 40 – 50 соат кор фармудан ба қисмҳои он равған молидан лозим аст.

Конструкторон мошини нимавтоматии навро ихтироъ кардаанд, ки амалиёти муайянро бе иштироки одам иҷро мекунад. Ғайр аз ин барои дӯхтани чангакҳо (крючок), ҳосил кардани ҳалқа, пайвастани ду тарафи нӯгостини куртаи мардона ва буриши киса мошинҳои дарздӯзии нимавтоматӣ пайдо шуданд.

Ҳаракатовари барқӣ аз муҳаррики барқӣ, педал ва сими вилкадор иборат аст. Муҳаррики барқӣ ба танаи мошин бо винт маҳкам карда мешавад. Чархи муҳаррик ба чархи гардона тавассути тасма пайваст мешавад, танзимаро тавассути муҳаррики барқӣ бо ёрии педал ба кор медароранд ва аз кор боз медоранд. Дар вақти кор бо мошини дарздӯзии барқӣ доимо эҳтиёт шудан даркор ва ҳамаи қоидаҳову талаботҳои корро риоя кардан лозим аст. Пеш аз кор бенуқсон будани симро аз назар гузаронед.

Дар вақти ба манбаи барқ пайвастан ва аз он ҷудо кардани мошин аз танаи вилкаи штепселӣ доштан лозим аст.

Дар вақти кор дар мошини дарздӯзӣ бисёр носозиҳо ба монанди: шикастани сӯзан, тез-тез кандашавии ресмон, дар чок нодуруст ҳаракат кардани матоъ рух медиҳанд. Бинобар ин аввал сабаби носозиҳоро ёфта, онро бартараф кардан лозим аст.

Сабабҳои рух додани носозиҳо дар вақти кор бо мошини дарздӯзӣ ва роҳҳои бартараф кардани онҳо:

**Сабабҳои носозӣ:** Қат шудани сӯзан ё кунд шудани он; Нодуруст гузоштани сӯзан; Сӯзанро пурра нагузоштан; Мувофиқ набудани рақамҳои сӯзан бо ресмон; Ресмони бисёр тобдода.

**Бартараф кардани он:** Иваз кардани сӯзан; Сӯзанро пурра дохил кардан; Мувофиқи рақами ресмон ва ғафсии матоъ интихоб кардани сӯзан; Ресмонро иваз кардан.

**Шикастани сӯзан:** Сӯзани қатшуда ё интихоби нодуруст; Сӯзанро то охир пурра нагузоштан; Сӯзан нодуруст маҳкам шудааст; Сараки найча нодуруст гузошта шудааст; Кашишхӯрии зиёди ресмони боло.

Дар вақти нишастан дар назди мошини дарздӯзӣ ба дурустии гузаронидани ресмони болою поён, гузоштани сӯзан дар вақти дӯхтани чоки санҷишӣ, сифати онҳоро аз назар гузаронед. Ҷузъҳои буридашуда бо чоки канорӣ дӯхта мешаванд. Ин чокҳо барои тит нашудани ҷойҳои буриш хизмат мекунанд.



***Навъи мошинҳои дарздӯзии барқӣ***

**Хонандагон ин қоидаҳоро ҳатман бояд риоя кунанд:**

1. Дар вақти ба манбаи барқ пайваст ва аз он ҷудо кардани мошини барқӣ дар як вақт бо як даст ва бо дасти дигар батареяҳои оби гарм, қубурҳои (трубаҳои) обу газро доштан мумкин нест.
2. Дар хотир доред, ки сим дар вақти кор тоб хӯрда, канда мешавад ё расиши кӯтоҳро ба амал меорад.
3. Сӯзанро аз сими рӯйкашдор қапида мондан мумкин нест.
4. Дар вақти пайдо шудани носозӣ дар васлак (розетка), чангак, сим ва расиши ҷараён ба тана (асос)-и мошин корро қатъ карда, мошинро аз ҷараёни барқ ҷудо кунед ва ба омӯзгор (дар хона ба волидайни худ) хабар диҳед.
5. Пеш аз мошинро тоза кардан ва равған молидан онро аз барқ ҷудо кунед.
6. Баъд аз тамом кардани кор мошинро аз барқ ҷудо кунед.

**Касби дӯзандагӣ**

Дӯзанда – мутахассис оид ба коркарду дӯхтани моделҳои гуногуни либосҳои кӯдакона, занона, мардона, каллапӯш, пойафзол, лавозимоти ошхона, лавозимоти ҷойгаҳи хоб, навъҳои парда ва ғайра мебошад.

**Сифатҳои касбӣ.** Дӯзанда дар мувофиқа бо технологияи дӯхт ва тақсимоти меҳнат, ки аз тарафи роҳбарияти корхона ва мизоҷон фармоиш дода шудааст, аз рӯйи намудҳои пешниҳодшуда корҳои зеринро иҷро менамояд: тайёр кардани маснуот: дӯхтан, часпонидан, ороиш додан дар рафти кор. Сифати буриш ва дӯхтро бо мувофиқа ба рангҳои ҷузъиёт - ришта, тугма ва масолеҳи ёрирасон мавриди санҷиш қарор медиҳад. Нисбати сифати дӯхт назорат карда, таранг кардани риштаҳо ва зичии кӯкзаниро танзим намуда, риштаҳои кандашударо барқарор карда, найчаи мошини дарздӯзиро иваз мекунад. Маснуотро бо маводди иловагӣ оро ва пардоз медиҳад.

Ҳамаи амалиётҳои дастӣ, аз кӯкҳои дастӣ то кӯкҳои ороиширо дар маснуоти дӯхтаистода иҷро мекунад. Дӯзанда дар мошинаҳои дарздӯзии умумӣ, универсалӣ ва махсус амалиётҳои гуногунро иҷро мекунад.

**Сифатҳои асосӣ: Дӯзанда** бояд: дониши хуби санъати тасвирӣ, нақшакашӣ, геометрия, математика, физика, химия, биология, ботаника, таърих дошта, хосияти матоъ, намуди риштаҳоро донад, навъҳои матоъҳо ва сифати матоъро фарқ карда тавонад. Харитаи технологиро хонда, амалиётҳоро пайи ҳам иҷро намояд. Босифат иҷро кардани фармоишҳо, донистани навъҳои сӯзанҳо, механизмҳо ва технологияи коркарди онҳо, коркарди намӣ, гармидиҳии маснуотҳоро донад. Талаботҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиениро риоя намояд. Дӯзанда табъи зебоипарастӣ, тахайюли бадеӣ,

ҳаракати мунтазами панҷаҳо, дасту ангуштон, системаи асаби устувор, қувваи босираву сомеаи нағз ва сифати покизакорӣ дошта бошад.

**Дониш ва маҳорат:** Дӯзанда бояд мӯдҳои нави муосирро иҷро карда тавонад, хусусияти матоъ, интихоби ранги он, интихоби матоъ вобаста ба фасли сол ва мӯдро донад. Ҳисоби иқтисодии сарфи матоъ ва муносибати хуби техникаро донад.

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Дарзи мошинӣ чӣ гуна хусусият дорад?

2.Кашиши ресмони болоро бо ёрии кадом танзима тағйир медиҳанд?

3.Кашиши ресмони поёнро чӣ тарз дуруст мекунанд?

4.Кадом норасоиҳо дар мошини дарздӯзӣ дучор мешаванд ва сабабҳои онҳо кадоманд?

**5.Истифодаи бозии «Калимаҳоро ҷобаҷо гузор!»**

Бозии «Калимаҳоро ҷобаҷо гузор!» барои ташаккул додани хотира ва фикррониии хонандагон аҳамият дорад. Тафаккури мантиқии хонандагон инкишоф меёбад.

**Мақсадҳои бозӣ**

А.Ташаккул додани хотира ва фикррониии хонандагон;

Б. Инкишоф ёфтани тафаккури мантиқии хонандагон;

В. Тарбия намудани хонандагон ба мулоҳизакорӣ ва дурандешӣ.

**Қадамҳои истифода бурдани бозӣ**

А. Аз тарафи омӯзгор ба тахтаи синф ҷумлаҳои подарҳаво навишта мешавад, ки дар худ қоидаҳои барои ба кор даровардан, тез кардани суръат ва аз кор боздоштани мошин иҷрои машқро таҷассум менамояд.

Б. Ба хонандагон вазифа дода мешавад, ки аз ҷумлаи нодуруст ҷумлаи мантиқан дурустро тартиб диҳанд;

В. Хонандагон дар дафтари кории худ ҷумларо дар тартиби лозимӣ менависанд. Ҳамин тавр такрорӣ ва мустаҳкамкунии маълумот доир ба мавзӯи додашуда инъикос меёбад.

Г. Ба хонандагон саволҳо дода мешавад:

Дар кадом давраи кори амалии машғулият қоидаҳои додашударо истифода бурдан мумкин аст? (ба давраҳои саршавии кор; новобаста дар давраи фаъолияти амалӣ; ба давраи охири кор)

**Намунаи истифодаи бозӣ дар дарси технология (таълими меҳнат)**

1. Ба кор мошинро бо пойи рост кардани тавассути педал оҳиста дароред пахш (**Мошинро тавассути пойи рост бо пахш кардани педал оҳиста ба кор дароред**.)

2. Натиҷаи бисёртар мошин дар пахш суръати мешавад кардани тез педал. (**Суръати мошин дар натиҷаи бисёртар пахш кардани педал тез мешавад**.)

3. Суст кардани кунед мошин суръати камтар барои педал фишорро ба

**(Барои суст кардани суръати мошин фишорро ба педал камтар кунед.)**

3.Аз мошин педалро кунед боздоштани раҳо кор оҳиста

**(Барои аз кор боздоштани мошин педалро оҳиста раҳо кунед.)**

**Дар натиҷа хонандагон:** тафаккури мантиқии хонандагон бой мегардад; хонандагон уҳдабароӣ, ташаббускориро меомӯзанд; диққати хонандагон инкишоф меёбад.

**6.Кори амалӣ:** Машқ дар мошини дарздӯзии барқӣ

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор ба хонандагон супориш дода мешавад, ки барои машқ дар дарздӯзии барқӣ асбоб, таҷҳизот ва маводди зарурӣро омода созанд;

2. Барои ба кор даровардан, тез кардани суръат ва аз кор боздоштани мошин чунин машқҳо иҷро карда шавад;

3.Мошинро ба равиши худ гузошта шавад;.

4.Мошинро бо роҳи бо пойи рост пахш кардани педал оҳиста ба кор даровард шавад;

5.Суръати мошин дар натиҷаи бисёртар пахш кардани педал тез мешавад;

6.Барои суст кардани суръати мошин фишорорӣ ба педалро камтар карда шавад;

7.Барои аз кор боздоштани мошин педал оҳиста сар дода шавад. Ин машқ се – чор маротиба иҷро карда шавад;

8.Вобаста ба иҷрои кори амалӣ аз тарафи омӯзгор ба хонандагон баҳогузорӣ карда мешавад.

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва гайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи сохти мошини дарздӯзии барқӣ шарҳ дода метавонад? | | | |
| Истифодаи дурусти мошинаи дарздӯзии барқиро шарҳ дода, амалан иҷро карда метавонад? | | | |
| Ноҷӯрӣ дар кори мошини дарздӯзиро шарҳ дода, сабаб ва бартараф кардани ноҷӯриро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Истифодаи қисмҳои мошини дарздӯзии барқиро номбар карда, ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Доир ба касби дӯзанда маълумот дода метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |
| Дар бораи сохти мошини дарздӯзии барқӣ шарҳ дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 21

## МАВЗӮЪ: НИГОҲУБИНИ МОШИНИ ДАРЗДӮЗӢ

**Барнома:** Ташкили ҷойи корӣ, талаботи санитарию гигиенӣ ва қоидаҳои бехатарии меҳнат. Сохт, истифода ва афзалияти муҳаррики барқии мошини дарздӯзӣ. Қоидаи тайёр кардан ва усули кор дар мошини дарздӯзӣ. Вазифа, сохт ва принсипи кори танзими мошини дарздӯзӣ. Нигоҳубини мошини дарздӯзӣ. Ҷойҳои равғанталаби мошин ва равғанҳои молиданӣ. Тайёр намудани дарз (дарзи болоиҳам, дарзи бахиядӯзӣ). Тоза ва равған намудани мошини дарздӯзӣ. Машқи ба ҳаракат овардан, нигоҳ доштан, танзими суръат ва дӯхтани дарз дар мошини дарздӯзии барқӣ.

**Салоҳиятҳо:**
- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро эҷод карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**
-Нигоҳубини мошини дарздӯзиро шарҳ дода тавонанд;
-Намуди дарзҳои мошинро шарҳ дода, онҳоро дар амал иҷро карда тавонанд;
-Тоза ва равған молидани мошини дарздӯзиро шарҳ дода, амалан иҷро карда тавонанд;
-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда тавонанд;
-Хусусиятҳои эстетикии дарзи мошиниро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд

-Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонанд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба нигоҳубини либос аз матоъҳои сунъӣ ва синтезӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Дарзи мошинӣ чӣ гуна хусусият дорад?

2.Кашиши ресмони болоро бо ёрии кадом танзима тағйир медиҳанд?

3.Кашиши ресмони поёнро чӣ тарз дуруст мекунанд?

4.Кадом норасоиҳо дар мошини дарздӯзӣ дучор мешаванд ва сабабҳои онҳо кадоманд?

**3.Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба нигоҳубини мошини дарздӯзӣ суҳбат гузаронида, дар бораи ташкили ҷойи корӣ, талаботи санитарию гигиенӣ ва қоидаҳои бехатарии меҳнат, сохт, истифода ва афзалияти муҳаррики барқии мошини дарздӯзӣ, қоидаи тайёр кардан ва усули кор дар мошини дарздӯзӣ, вазифа, сохт ва принсипи кори танзими мошини дарздӯзӣ, нигоҳубини мошини дарздӯзӣ, ҷойиҳои равғанталаби мошин ва равғанҳои молиданӣ, тайёр намудани дарз (дарзи болоиҳам, дарзи бахиядӯзӣ), тоза ва равған намудани мошини дарздӯзӣ, машқи ба ҳаракат овардан, нигоҳ доштан, танзими суръат ва дӯхтани дарз дар мошини дарздӯзии барқӣ шарҳ дода мешавад.

Мошини дарздӯзӣ монанди дигар мошинҳо талабот ба нигоҳубини худро дорад. Онро агар дар вақташ тоза карда равған молида истед, корро сабук иҷро мекунад. Тоза нигоҳ доштан ва равған молидан қисмҳои мошини дарздӯзиро аз хӯрдашавӣ ва вайроншавӣ нигоҳ медорад.

Баъд аз тоза кардан ба ҳамаи қисмҳои мошин равған молида, бо ёрии равғанчаконак ба сӯрохиҳо ё ҷойи пайвасти қисмҳо як-ду чакра равған чаконед.

Дар вақти равғанкунӣ кӯшиш кунед, ки равған ба тасмаи ҳаракатгузарон начакад.

**Дарзҳои мошинӣ:** дарзҳои мошинӣ якчанд хел мешаванд. Онҳоро аз чоки дастӣ каме поёнтар ё болотар медӯзанд, то ин ки ҳангоми кӯкро кандан дарзи мошинӣ вайрон нашавад.

**Дарзи намунавии болоиҳам.** Ин дарзро барои пайваст кардани фаровез, гиребон, либоси сабук ва ғайра истифода мебаранд. Як канори матои буридашударо қат накарда, ба болои дигараш, ки он ҳам қат нашудааст, мегузоранд ва мошин мезананд. Масофаи дарз дар вақти дӯхтан ва канори бурида 0,5 см мешавад.



***Тарзи дуруст равған молидани мошини дарздӯзии барқӣ***

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**
1.Дарзи мошинӣ чӣ гуна хусусият дорад?
2.Кашиши ресмони болоро бо ёрии кадом танзима тағйир медиҳанд?
3.Кашиши ресмони поёнро чӣ тарз дуруст мекунанд?
4.Кадом норасоиҳо дар мошини дарздӯзӣ дучор мешаванд ва сабабҳои онҳо кадоманд?

**5.Истифодаи бозии «Санҷиш»**

Бозии «Санҷиш» барои аз худ намудан ва фарқ намудани намудҳои кӯкҳо, дарзҳои мошинӣ ва дастӣ аҳамият дорад.

**Мақсадҳои бозӣ: а**з худ намудани кӯкҳо ва дарзҳо; донистани намудҳои кӯкҳо ва дарзҳо; **г**ирифтани маълумоти пурра оид ба намуди дарзҳо ва кӯкҳо; инкишофи тафаккури хонандагон.

**Қадамҳои истифода бурдани бозӣ:**

1. Аз тарафи омӯзгор дар овеза ё проектор расмҳои дарзҳои мошинӣ нишон дода мешавад.
2. Хонандагон аз рӯйи расм ҷавоби дурустро муайян мекунанд.
3. Аз тарафи омӯзгор дуруст ё нодуруст будани ҷавоби хонанда таҳлил карда мешавад.
4. Вобаста ба ҷавоби дуруст аз тарафи омӯзгор то 4-хол гузошта мешавад.

**Намунаи истифодабарии бозӣ дар дарси технология (таълими меҳнат)**



***Намудҳои дарзҳои мошинӣ***

**Дар натиҷа хонандагон чиро ёд мегиранд?**
- Хонандагон дар бораи дарзу кӯкҳои дастӣ ва истифодаи онҳо дар намудҳои (гулдӯзӣ, кашидадӯзӣ)-ро меомӯзанд;
- Оид ба ҷойи кории дарздӯзии дастӣ ва мошинӣ маълумоти пурра мегиранд;
- Қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми дарздӯзӣ, интихоб намудани сӯзан барои дарздӯзии дастӣ вобаста ба намуди матоъ;
- Маълумоти пурраро оид ба намудҳои ресмон мегиранд.

**6.Кори амалӣ:** Тоза ва равған кардани мошини дарздӯзӣ. Иҷрои дарзи намунавии бахиядӯзӣ

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот**: мошини дарздӯзӣ мурваттоб, равғанчаконак бо равған, матоъ барои пок кардан.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор ба хонандагон супориш дода мешавад, ки барои машқ дар дарздӯзии барқӣ асбоб, таҷҳизот ва маводди заруриро омода созанд;
2. Барои ба кор даровардан, тез кардани суръат ва аз кор боздоштани мошин чунин машқҳо иҷро карда шавад;

3.Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки мошин аз барқ ҷудо карда шавад (агар он мошини дарздӯзии барқӣ бошад);

4.Барои тоза ва равғанкунӣ, тайёр кардани мошин, сӯзанро бардошта, бо ҳаракати озод ғалтак ва сараки найча гирифта шавад;

5.Тоза кардани мошин. Қисми берунии мошин, сӯрохиҳои равғанчаконӣ, тахтаи асос ва қисмҳои дар таги он бударо тоза кардан лозим аст. Барои ин лавҳаи сӯзанро кушода гирифта, дандонаҳои матоъгузарон ва мокуро бо чӯтка тоза карда, лавҳаи сӯзанро ба ҷояш гузошта шавад. Баъд асоси мошинро оҳиста ба боло бардошта, якпаҳлу гузошта, ҳамаи қисмҳои, дар таги он ҷойгирифта ва сӯрохиҳои равғанчаконӣ тоза карда шавад;

6. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки баъди омода шудани мошини дарздӯзӣ кори дарзи намунавии бахиядӯзӣ иҷро карда шавад;

7.Канори пораи болоиро ба тарафи муқобил қат карда дӯхта, дарзмол карда шавад;

8.Баъд пораи болоиро ба болои пораи поёнӣ гузошта, кӯк карда, бо мошин дӯхта мешавад;

9.Васеъгии дарз аз ҷойи қат то дарзи мошинӣ вобаста ба зичии матоъ ва фасон интихоб карда мешавад;

10.Дарзҳои бахиядӯзиро барои оро додани китфҳо ва оринҷ, пайваст кардани камзулча ба маснуот (блузка, куртаи мардона, куртаи занона, доман, шим ва ғайраҳо), инчунин бахиядӯзӣ кардани чинҳои курта ва доман истифода мебаранд;

11.Вобаста ба иҷрои кори амалӣ аз тарафи омӯзгор ба хонандагон баҳогузорӣ карда мешавад.



***Дарзи намунавии бахиядӯзӣ***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи нигоҳубини мошини дарздӯзӣ шарҳ дода метавонад? | | | |
| Дар бораи намудҳои дарзҳои мошинӣ шарҳ дода, онҳоро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Тоза ва равған молидани мошини дарздӯзиро шарҳ дода, амалан иҷро карда метавонад; | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад; | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии дарзи мошиниро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |
| Дар бораи нигоҳубини мошини дарздӯзӣ шарҳ дода метавонад? | | | |
| Дар бораи намудҳои дарзҳои мошинӣ шарҳ дода, онҳоро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |

## ДАРСИ 22

## МАВЗӮЪ: СОХТАНИ АМСИЛА

**Барнома:** Намудҳои либоси сабук. Асбобҳои андозагирӣ барои сохтани нақшаи куртаи миллӣ. Гирифтани андоз ва навиштани он. Ҳисоби конструксия аз рӯйи формула. Талаботи санитарию гигиенӣ ва қоидаҳои бехатарии меҳнат

**Салоҳиятҳо:**

- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро эҷод карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Сохтани амсила ва номгӯйи пурраи ченак барои куртаи миллиро шарҳ дода тавонанд;
- Андозагирӣ ва духтани куртаи миллиро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонанд;
-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда тавонанд;
-Талаботҳои асосии истифодаи куртаи миллӣ, гигиенӣ ва эстетикии либосро шарҳ дода тавонанд;
-Хусусиятҳои эстетикии куртаи миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;
-Дар бораи касби таррох, рассом-амсиласоз, буранда маълумот дода, хусусияти касбҳоро фарқ карда тавонанд;
- Урфу одатҳои миллиро нисбати куртаи миллӣ шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;
-Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонанд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба нигоҳубини либос аз матоъҳои сунъӣ ва синтезӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон мурочиат намоед:

1.Дарзи мошинӣ чӣ гуна хусусият дорад?
2.Кашиши ресмони болоро бо ёрии кадом танзима тағйир медиҳанд?
3.Кашиши ресмони поёнро чӣ тарз дуруст мекунанд?
4.Кадом норасоиҳо дар мошини дарздӯзӣ дучор мешаванд ва сабабҳои онҳо кадоманд?

**3.Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба сохтани амсила суҳбат гузаронида, дар бораи мӯд, сохти амсила, таъйиноти либос, намудҳои тарҳи либос, намудҳои касбҳо вобаста ба касби дӯзандагӣ, афзор ва воситаҳои ёрирасон барои дӯхтани либос, тарзи гирифтани ченак, машқи андозагирӣ, ҳисоби формулаи куртаи миллӣ шарҳ дода мешавад.

Дар ҳар давраи тараққиёти ҷамъият як намуди услуб ва дигаргуниҳои зиёд дар либос ба вуҷуд меояд, ки онро мӯд меноманд.

Мӯд ин ҳукмронии муваққатӣ дар ҷамъиятҳои муайян мебошад, ки табъи ҳархела дорад ва таъсири он ба намуди зоҳирии либосҳо, алалхусус, дар костюмҳо зоҳир мешавад.

Тараққиёт ва дигаргуншавии мӯд ҳодисаи байналхалқӣ буда, дар натиҷаи кашфиётҳои илмӣ ба амал меояд ва пайваста ба равобити фарҳангӣ ва иқтисодии байни давлатҳо таъсири калон мерасонад.

Амсиласозии либос раванди мураккаби эҷодкорӣ мебошад ва амсиласоз донистани қонуну қоидаҳои асосии амсиласозиро тақозо менамояд.

Пеш аз ҳама либос бояд ба таъйиноти худ ҷавобгӯ бошад. Яъне либоси варзишӣ сабук, мустаҳкам, барои пӯшидан мувофиқ ва зебо бошад. Либоси махсус ба хусусият ва талаботи истеҳсолот ҷавоб дода тавонад. Шакли либос аз рӯйи васеъгии хатҳое, ки онро ташкил додаанд, муайян карда мешавад.

Дар вақти дӯхтани куртаи бегиребон якчанд намуди расми куртаро, ки дар плакатҳо кашида ва дар тахтаи синф овехта шудааст (онро аз маҷаллаҳои мӯд гирифтаанд), аз назар гузаронед ва бо намудҳои куртаҳо шинос шавед. Ба намунаҳои либосҳо шинос шуда, доир ба онҳо маълумот мегиред, ки тарҳи курта, хилъат, курта-хилъат, блузка, камзулча ва ғайраҳо аз якдигар фарқ мекунанд.

Касби буранда ва дӯзанда дар аввалҳои асри IV-VII ба вуҷуд омад ва то асри XII тараққӣ кард. Соли 1993 дар шаҳри Маскав хонаи мӯд кушода шуд. Якумин маҷаллаи мӯд аз тарафи дӯзанда амсиласоз Надежда Ламанова тартиб дода шуд. Ин шахс дар Фаронса аввалин мукофоти Гран-прии ин соҳаро гирифт. Якумин маҷаллаи мӯд дар соли 1994 таҳия карда шуд ва якумин бор соли 1945 аз чоп баромад.

**Шиносоӣ бо талаботи куртаи занона:**

1. Истифодабарӣ – мувофиқ, муҳлати истифодааш давомнок бошад.
2. Гигиенӣ – озод, барои нафаскашӣ, ҳаракат ва гардиши хун мувофиқ бошад.
3. Эстетикӣ – шинам, ба ороиши он аҳамият диҳед, ки ба он сохти интихобшуда ва талабот мувофиқ аст ё не.

Тарҳи либос ҳархела мешавад:

1. Ба ҷисм часпида.
2. Ба ҷисм начаспида.
3. Тарҳи рост.
4. Тарҳи озод ё трапетсияшакл.

Маснуоти куртаи миллӣ ба тарҳи озоди рост дохил мешавад. Ҳоло мо бо намуди сохти куртаи бегиребон шинос мешавем ва аз рӯйи он нақша кашида, қолаб сохта, маснуотро бурида медӯзем. Ба сохт ва ороиши он аҳамият дода, интихоби матоъ ва вазифаи маснуот (куртаи варзишӣ, хонагӣ, ҷойравӣ) ва ғайраро ба назар мегиранд. Яъне намуди бадеии либос ба дуруст андоза гирифтан ва таносуби қисмҳои алоҳидаи он вобаста аст.

Таносуби либос ин тақсимшавии он ба хати китф, сандуқи сина, миён, рон, хати миёнаҷойи рон, хати зону, хати таги пой мебошад, ки он тақсимшавии бадани одамро муайян мекунад.

**Номгӯйи пурраи ченакҳо**

**1. Гирди сандуқи сина (ГСС).** Ченактасмаро аз ҷойи баланди тахтапушт бо гирди сина то ҷойи баландии сандуқи сина пурра чен мекунанд ва нисфашро менависанд. НГСС (нимченаки сандуқи сина). Ченаки гирди сандуқи сина андозаи либосро муайян мекунад.

**2. Гирди гардан (ГГ).** Андозаро бо ченактасма гирдогирди гардан то нуқтаи гардан чен мекунанд. Андозаро пурра гирифта, нисфашро менависанд – НЧГ (нимченаки гардан).

**3. Дарозии камзӯлчаи пеш (Дкам.П).** Андозаро бо ченактасма аз хамиши гардан – саршавии китф то маркази сандуқи сина чен мекунанд.

**4. Дарозии камзӯлчаи ақиб (Дкам).** Андозаро бо ченактасма аз сутунмуҳраи ҳафтум то миёнаҷойи баландии 2 – то тахтапушт чен мекунанд.

**5. Дарозии китф (ДК).** Андозаро бо ченактасма аз хамиши гардан то дарозии баландии қуллаи китф чен мекунанд.

**6. Баландии камзӯлчаи пеш (БКП).** Андозаро бо ченактасма аз қуллаи баландии китф то хамиши пеши даст чен мекунанд.

**7. Баландии камзӯлчаи ақиб (БКА).** Андозаро бо ченактасма аз қуллаи баландии китф то хамиши оқиби даст чен мекунанд.

**8. Дарозии тана (ДТ).** Андозаро бо ченактасма аз саршавии хамиши даст то дарозии дилхоҳ чен мекунанд.

**9. Васеъгии тана (ВТ).** Барои васеъгии танаро муайян кардан гирди ронро чен мекунанд. Аз миёнаҷой то ҷойи баландии шикам пурра чен карда, нисфи онро навишта, нимченаки ронро муайян мекунем (НЧР). Барои васеъгии танаро ҳосил кардан ба НЧР ададҳои аз 6 ё 8 то 24 (адади дилхоҳ)-ро ҳамроҳ мекунем.

**10. Дарозии либос (ДЛ).** Андозаро бо ченактасма аз сутунмухраи ҳафтум то дарозии дилхоҳ чен мекунем.
**11. Дарозии остин (ДО).** Андозаро бо ченактасма аз қуллаи китф бо ақиби даст аз оринҷи калон то оринҷи хурд чен мекунем.
**12. Васеъгии нӯги остин (ВНО).** Андоза бо ченактасма аз ҷойи ғафсии банди даст озод чен карда мешавад. Васеъгии остинро мувофиқи табъ муайян мекунанд. Онро аз формулаи нақшаи остин ёфтан мумкин аст.

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Вазифаи либос аз чӣ иборат аст?
2.Барои дӯхтани либос кадом касбҳо лозиманд?
3.Ҳангоми андозагирӣ ба чӣ бояд аҳамият дод?
4.Қоидаҳаи андозгирӣ кадомҳоянд?

**5.Истифодаи бозии "Номи касбро ёбед!"**

**Восита ва маводди зарурӣ:** проектор, компютер ё овеза бо навиштаҷоти раванди бозӣ.

Омӯзгор ба хонандагон саволҳои дар поён овардашуда дода мешавад. Хонандагон бояд номи касбро муайян намоянд. Ин бозӣ барои инкишофи хотира ва тасаввуроти фазоии хонандагон аҳамияти калон дорад.

1. Шахсест, ки аз ҷуссаи одам андоза гирифта, аз рӯйи он нақшаи либосро мекашад (тарроҳ)
2. Шахсест, ки давоми коркарди тарҳи либосро иҷро мекунад (рассом– амсиласоз)
3.Шахсест, ки аз рӯйи нақша қолаб месозад ва онро ба матоъ гузошта мебурад (буранда)
4.Шахсест, ки пораҳои буридашударо ба ҳам пайваст карда медӯзад. (дӯзанда)

**6.Кори амалӣ:** Машқи андозагирӣ

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** тасмаи ченакгирӣ, дафтари корӣ, қалам, ҷусса (маникен) барои андозагирӣ

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор ба хонандагон супориш дода мешавад, ки барои машқи андозагирӣ асбоб, таҷҳизот ва маводҳои заруриро омода созанд;
2.Аз тарафи омӯзгор оид ба талаботи андозагирӣ чунин шарҳ дода мешавад: андозаро бо ченактасма аз ҷусса бо либоси сабук мегиранд. Андоза бе гузориши ҳаққи чок гирифта мешавад. Андоза, дарозӣ, васеъгӣ ва гирди ҷуссаро мегиранд. Андозагириро аз тарафи рости ҷусса сар мекунанд. Дар вақти андозагирӣ рост (дастҳоро ба поён фаровarда) истодан лозим аст, он гоҳ андоза дуруст меояд.
3.Ба хонандагон супориш дода мешавад, ки аз маникени мактабӣ ё аз якдигар андоза бигиранд;
4.Баъди гирифтани андозагирӣ, дар қисми андозагирӣ, аз худи нақшаи дастурӣ навишта шавад;
5. Ҳангоми андозагирӣ аз худ як хонанда чен карда, хонандаи дигар натиҷаи онро дар дафтари корӣ менависад;
6.Ба ҳар як хонанда супориш дода мешавад, ки аз номгӯйи пураи ченакҳо истифода бурда, андозагирӣ карда шавад, ба мисоли:

**Ченакгирӣ бо андозаи 48**

1. Нимченаки сандуқи сина – 48
2. Нимченаки гардан – 18
3. Дарозии камзулчаи пеш – 29
4. Дарозии камзӯлчаи ақиб – 22
5. Дарозии китфи пеш ва ақиб баробар – 14
6. Баландии камзӯлчаи пеш – 15
7. Баландии камзӯлчаи ақиб 14
8. Дарозии тана – 95

9. Дарозии либос (курта) – 117
10. Дарозии остин – 25
11. Нимченаки рон – 52

7.Барои дуруст муайян кардани андоза ва баҳогузорӣ ба саволҳои зерин ҷавоб дода шавад:
1. Куртаи миллӣ ба кадом намуди маснуот дохил мешавад?
2. Барои сохтани куртаи миллӣ кадом намуди ченакҳо лозиманд?
3. Ҳолати ҷойгиршавии ченактасмаро ҳангоми андозагирии нимченаки рон нишон диҳед.

8.Вобаста ба иҷрои кори амалӣ аз тарафи омӯзгор ба хонандагон баҳогузорӣ карда мешавад.




***Ченакҳои андозагирӣ: 1.НЧСС-нимченаки сандуқи сина; 2.НЧГ-нимченаки гардан; 3.Дкам.П-дарозии камзӯлчаи пеш; 4.ДК-дарозии китфи пеш; 5.Бкам.П-баландии камзӯлчаи пеш; 6.ДТ-дарозии тана; 7.ДО-дарозии остин; 8.НЧН-нимченаки нишемангоҳ;9. ДКА-дарозии китфи ақиб; 10.БКА-баландии камзӯлчаи ақиб; 11.ДЛ-дарозии либос; 12. ВО-васеъгии остин; 13.Дкам.А.-дарозии камзӯлчаи ақиб***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи сохтани амсила, номгӯйи пурраи ченак барои куртаи миллӣ шарҳ дода метавонад? | | | |
| Дар бораи андозагирӣ ба духтани куртаи миллӣ шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Талаботҳои асосии истифодаи куртаи миллӣ, гигиенӣ ва эстетикии либосро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии куртаи миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллӣ нисбати куртаи миллӣ шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Дар бораи касби таррох, рассом-амсиласоз, буранда маълумот дода, хусусияти касбҳоро фарқ карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 23

## МАВЗӮЪ: СОХТАНИ НАҚШАИ КУРТАИ ЗАНОНАИ МИЛЛӢ

**Барнома:** Ташкили ҷойи корӣ. Асбобҳо ва афзорҳо барои сохтани нақшаи куртаи миллӣ. Ҳисоби конструксия аз рӯйи формула. Талаботи санитарию гигиенӣ ва қоидаҳои бехатарии меҳнат. Хондани нақша иловаҳое, ки ҳангоми сохтани он дар назар дошта шудааст. Формулаи ҳисоб барои сохтани нақша. Мураттибии кашидани нақша ва тайёр кардани нусхаи либос. Тайёр кардани моделҳои гуногун.

**Салоҳиятҳо:**

- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро эҷод карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Нақшаи куртаи занонаи миллро шарҳ дода тавонанд;
- Кашидани нақшаро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонанд;
-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда тавонанд;
- Хондани нақша (ангора)-и ҷузъиёт, ҳуҷҷатҳои графикии маводро тасвир карда тавонанд;
-Раванди кашидани нақшаи камзӯлчаҳои куртаи миллиро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонанд;
-Хусусиятҳои эстетикии нақшаи куртаи миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;
- Урфу одатҳои миллиро нисбати куртаи миллӣ шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;
-Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонанд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба нигоҳубини либос аз матоъҳои сунъӣ ва синтезӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:
Тайёр намудани маводди хониш;
Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;
Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Вазифаи либос аз чӣ иборат аст?
2.Барои дӯхтани либос кадом касбҳо лозиманд?
3.Ҳангоми андозагирӣ ба чӣ бояд аҳамият дод?
4.Қоидаҳаи андозгирӣ кадомҳоянд?

**3.Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба сохтани нақшаи куртаи занонаи миллӣ суҳбат гузаронида, дар бораи омода кардани нақшаи либос, тақсимоти ҷусса, бузургии модул барои сохтани нақша, омодагӣ барои кашидани нақшаи либос, нақшаи тақсимшавии бадан, нақшаи камзӯлчаи пеш ва ақиб, нақшаи танаи либос, нақшаи остини куртаи занона шарҳ дода мешавад.

Барои сохтани нақша аз ченакҳои нақшаи дастурӣ истифода мебарем.

Умуман кашидани нақшаи маснуотро аз ақиби маснуот сар мекунанд, аммо барои нақшаро бо роҳи осон сохтан ва мувофиқ гузоштан мо андозагириро аз камзӯлчаи пеш сар мекунем.

Нақшаи тақсимоти бадан мураккаб нест.Онро аз рӯйи нақшаи тақсимоти Канон,ки дар он андозагирии ҷусса нишон дода шудааст, иҷро мекунанд. Онро модул меноманд, ки аз баландии сар то манаҳ мувофиқ буда, ба 1/8 ҳиссаи ҳамаи ҷусса баробар аст. Яъне ҳамаи тақсимоти ҷусса ба 8 модул баробар аст.Тақсимоти ҷусса вобаста ба синну соли одам тағйир меёбад. Нақшаи зер ба ҷуссаи одами 15-сола мувофиқ аст.

Барои сохтани нақша бузургии модулро муайян кардан лозим аст. Бузургӣ ҳар қадар калон бошад, ҳаҷми нақша ҳамон қадар калон мешавад. Аз ҳама мувофиқтар он аст, ки модул ба 3 см баробар бошад.

Нақшаи тақсимоти баданро дар коғази ғафстар сохтан беҳтар аст.

1.Барои сохтани нақша хати рости амудӣ кашида, онро ба 8 қисми баробар тақсим мекунем (яъне ба 8 модул).

Аз ҳар як нуқтаи тақсимот ҷудо карда хати уфуқӣ мегузаронем,ки он хатҳои тақсимоти баданро нишон медиҳад:

1. Хати баландии сар – аз саршавии сар то манаҳ
2. Аз манаҳ то сандуқи сина
3. Аз хати сандуқи сина то хати миён
4. Аз хати миён то хати рон (ҷойи баландии гирди дунба)
5. Аз хати рон то хати миёнаҷойи рон
6. Аз хати миёнаҷойи рон то хати зону
7. Аз хати миёнаҷойи зону то хати аз зону то буҷулаки пой
8. Аз хати зону то буҷулак ва то кафи пой.
9. Муайян кардани хати китф.Он аз манаҳ поён буда,ба 1/3 модул баробар аст.

Васеъгии ҳар як китф аз як модул иборат мебошад.Бинобар ин ба ҳар ду тарафи тир(ки дар оянда барои сохтани нақшаи мутаносибӣ истифода мешавад) гузошта мешавад. Ҳар як васеъгии китфро ба 4 ҳиссаи баробар тақсим мекунанд.

Аз тарафи омӯзгор оид ба нақшаи камзӯлчаи пеш, нақшаи камзӯлчаи ақиб, нақшаи танаи либос, нақшаи остини куртаи занона, ки дар китоби дарсӣ оварда шудааст, ба хонандагон шарҳ дода мешавад.

Барои сохтани моделҳои либос касби амсиласоз-тарроҳ зарур аст.

Амсиласоз-тарроҳ мутахассис оид ба коркарди моделҳои нави либосҳои кӯдакона, занона, мардона, каллапӯш, пойафзол ва дигар маснуотҳо.

Сифатҳои касб-амсиласоз-тарроҳ моделҳои навро коркард менамояд. Маводди зарурии методиро тайёр мекунад, расм ва ангораи маснуотро мекашад, тарзи тайёр кардани маҳсулотро назорат мебарад, агар зарурат пайдо шавад лоиҳаи худро коркард намуда, имкониятҳои корхонаро ба назар гирифта, молҳои худро ба намоиш ва фурӯш пешниҳод менамояд. Дар намоишгоҳҳои либос иштирок намуда, моделҳои худро намоиш медиҳад.

Дониш ва маҳорат-Амсиласоз-тарроҳ бояд мӯдҳои нави муосирро иҷро карда тавонад, хусусиятҳои матоъшиносиро донад, аз харитаи дарсдиҳӣ ва технологӣ кор барад, ҳисоби иқтисодии маснуотро донад.

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Барои сохтани нақшаи куртаи миллӣ кадом қоидаҳоро ба назар гирифтан лозим аст?
2.Ченакҳоро аз сари хат бо кадом адад мегузорем?
3.Барои чӣ пайдарҳамии гузориши ченакҳоро дар нақша ба эътибор бояд гирифт?
4.Нақшаи танаи либосро чӣ гуна мегиранд?

**5.Истифодаи бозии “Муайян кунед”**

Аз тарафи омӯзгор овезаи нақшаи тақсимшавии бадан бе навиштани номгӯйи қисмҳои бадан нишон дода мешавад. Ба хонандагон супориш дода мешавад, ки хатҳои тақсимшавии бадан бо нишон додани нақшаи бадан шарҳ дода шавад.

Он хонандае, ки дуруст ва бехато номгӯйи қисмҳои баданро муайян мекунад,аз тарафи омӯзгор баҳои баланд гузошта мешавад. Бозии мазкур ба инкишофи фикрии хонандагон таъсири мусбӣ мерасонад.



**6.Кори амалӣ:** Омодагӣ барои кашидани нақшаи либос

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор ба хонандагон супориш дода мешавад, ки барои кашидани нақшаи либос асбоб, таҷҳизот ва маводди заруриро омода созанд;

2.Аз тарафи омӯзгор нақшаи дастурӣ дар тахтаи синф овехта мешавад;

3.Барои пурра омода шудан барои кашидани нақшаи либос аз тарафи омӯзгор саволгузорӣ карда мешавад:

А) Ченакро аз кадом нуқта мегузаронанд?

Б) Хати аз ин ё он нуқта кашида кадом намуди ченак аст?

В) Ин порча ба чӣ баробар аст?

4.Баъди ба саволҳои додашуда, аз тарафи хонандагон ҷавобҳои пурра додан омодагии хонандагон барои кашидани нақшаи либос муайян мегардад.

5.Ҳар як ченакро машқ карда,баъд ба сохтани нақша сар карда мешавад;

6.Аз рӯйи нақша аз чанд қисм иборат будани маснуоти дӯхтаистодаро донистa, пайиҳам ҳамаи ҷузъҳо дар албом бо М1:4 кашида мешавад;

7.Қолаб бо М1:1 бурида шавад;

7. Ҳар як хонанда бояд қолаби ҷузъи маснуотро аз рӯйи нақша сохта, номи ҷузъҳоро, масалан, камзӯлчаи пеш, камзӯлчаи оқиб, хати миён, хати китф ва ғайраро навишта тавонад;

8.Вобаста ба иҷрои кори амалӣ аз тарафи омӯзгор ба хонандагон баҳогузорӣ карда мешавад.



***Нақшаи камзӯлчаи пеш ва ақиб***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи сохтани нақшаи куртаи занонаи миллӣ шарҳ дода метавонад? | | | |
| Дар бораи кашидани нақша шарҳ дода, онҳоро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Хондани нақша (ангора)-и ҷузъиёт, ҳуҷҷатҳои графикии маводро тасвир карда метавонад; | | | |
| Раванди кашидани нақшаи камзӯлчаҳои куртаи миллиро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии нақшаи куртаи миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро нисбати куртаи миллӣ шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 24

## МАВЗӮЪ: СОХТАНИ ҚОЛАБИ ЛИБОС

**Барнома:** Ташкили ҷойи корӣ. Асбобҳо ва афзорҳо барои сохтани қолаби куртаи миллӣ. Ҳисоби конструксия аз рӯйи формула. Талаботи санитарию гигиенӣ ва қоидаҳои бехатарии меҳнат. Формулаи ҳисоб барои сохтани нақша. Мураттибии кашидани нақша ва тайёр кардани нусхаи либос. Тайёр кардани қолабҳои гуногуни амсилаи куртаи миллӣ. Мураттибии кашидани нақша ва тайёр кардани нусхаи либос. Ороиши он. Тайёр кардани нусхаҳои қолаб. Касби амсиласоз-тарроҳ

**Салоҳиятҳо:**
- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро эҷод карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Тайёр кардани қолабҳои камзӯлчаи пеш, остинро шарҳ дода тавонанд;

-Тайёр кардани қолабро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонанд;

-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда тавонанд;

-Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда, қолаб ва шаклҳои гуногунро сохта тавонанд;

-Раванди тайёр кардани қолаби ҷузъиёти куртаи миллиро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонанд;

-Хусусиятҳои эстетикии нақша ва қолаби куртаи миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;

- Урфу одатҳои миллиро нисбати куртаи миллӣ шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;

-Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонанд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба нигоҳубини либос аз матоъҳои сунъӣ ва синтезӣ

**1. Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Барои сохтани нақшаи куртаи миллӣ кадом қоидаҳоро ба назар гирифтан лозим аст?

2.Ченакҳоро аз сари хат бо кадом адад мегузорем?

3.Барои чӣ пайдарҳамии гузориши ченакҳоро дар нақша ба эътибор бояд гинрифт?

4.Нақшаи танаи либосро чӣ гуна мегиранд?

**3.Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ: О**ид ба сохтани қолаби либос суҳбат гузаронида, дар бораи сохтани қолаби камзӯлчаи пеш, ақиб, остин, тарзи дурусти гузаронидани хатҳои ғафси асосӣ ва ёридиҳанда, сохтани амсилаи камзӯлчаи пеш, муайян намудани буриши назди гулӯи куртаи бегиребон, усулҳои муайян намудани буриши назди гулӯи куртаи бегирбон шарҳ дода мешавад.

Барои сохтани қолаби қисмҳои куртаи миллии занона коғазро мегирем ва ба рӯйи он нақшаро бо М1:1 мекашем: омӯзгор ба андозаи 48 ва ҳар як хонанда ба андозаи худ нақшаро бо хати борик мекашем. Барои сохтани қолаби қисмҳо нақшаи маснуотро бо қалами ранга ё фламастер ё ручка бо хати ғафси асосӣ рӯдавон мекунем. Қолабро аз рӯйи хати ғафси асосӣ мебурем. Қолаби қисмҳои алоҳидаи маснуотро тайёр мекунем:

1. Камзӯлчаи пеш
2. Камзӯлчаи ақиб
3. Остин
4. Барои тана қолаб намесозем, чунки дарозӣ ва бари онро ба матоъ якбора гузошта, қоидаи нақшакаширо ба назар гирифта мебурем.

**Сохтани амсилаи камзӯлчаи пеш.** Барои сохтани амсилаи камзӯлчаи пеш ба мо чунин ченакҳо лозиманд: нимченаки гардан, дарозии китф, дарозии камзӯлчаи пеш, баландии камзӯлчаи пеш. Дарозии назди гулӯро бо ду роҳ ёфтан мумкин аст.

Р о ҳ и я к у м. Барои ин дарозии камзӯлчаи пешро, ки 29 аст, ба 2 тақсим карда, баъд ба адади доимии аз 3 то 5 ҳамроҳ мекунем. Мисол: 29/2ӯ14,5+3ӯ17,5, ё ин ки 29/2ӯ 14,5+5ӯ 19,5 мешавад.

Р о ҳ и д у ю м. Дарозии назди гулӯ аз бадан (аз чуқурчаи гулӯ то дарозии дилхоҳ) чен карда мешавад.

**Буриши назди гулӯи маснуоти бегиребон.** Назди гулӯи маснуотро бо усулҳои гуногун мебуранд. Усули буриши онро дида мебароем. У с у л и я к у м: тавқи маснуотро ба шакли назди гардан мувофиқ карда мебуранд. Васеъгии бахиядӯзӣ-6 см. Як қисми бахиядӯзиро бо чоки васеъгияш 5-7 мм медӯзанд. Агар барои назди гулӯ матои махсусро истифода баранд, онро барои бахиядӯзӣ мебуранд. Баъд матои иловагиро аз тарафи чаппаи тавқ бахиядӯзӣ карда, назди гулӯ ҳамроҳ то матоъ иловагӣ мегузоранд. Буришҳои бахиядӯзӣ дар мошинҳои махсус дӯхта мешавад.

1.Барои камзӯлчаи буриши назди гулӯяш моил нуқтаи 11 ё 16 ва $B_1$-ро бо хати рост пайваст карда,аз рӯйи хат миёнаҷояшро ёфта, 2 см гузошта хати моил мекашанд ва камзӯлчаи буриши назди гулӯяш моил ҳосил мешавад.

2. Камзӯлчаи назди гулӯяш дилшакл бо ду роҳ бурида мешавад:

**Роҳи якум :** Аз нуқтаи 7 то 19 хати рост кашида, миёнаҷойи хатро ёфта, 3 см гузошта, нуқтаи 7-ро бо 3 ва 3-ро бо 19 аввал бо хати рост мепайвандем ё ин ки ҳар як ченакашро ба 2 тақсим карда, 2 ё 3 см ба дохили хат гузошта, бо хати моил пайваст мекунем; нуқтаи 7-ро бо 3 ва 3-ро бо 19 бо хати рах-рах ва баъд бо хати моил мепайвандем. Дар натиҷа камзӯлчаи назди гулӯяш дилшакл ҳосил мешавад, ки онро яклухт ё пешаш кушод мебуранд.

Агар аз хати дарозии камзӯлчаи пеш 4-3 см пеш хат гузаронида, нуқтаҳои 7,319,29-ро бо хати рости 4 ё 3 см кашида пайваст кунед, камзӯлчаи дилшакли пешаш кушод ҳосил мешавад.

**Роҳи дуюм.** Агар дарозии назди гулӯро 19,5 гирифта бошед ва пеши камзӯлчаро ба намуди дилшакл сохтан хоҳед, нуқтаи 7-ро бо нуқтаи 19,5 пайвандед ва онро ба 2 тақсим карда, аз миёнаҷояш амудӣ 3 ё 4 см гузоред, баъд нуқтаи 3-ро ба 7 ва 19,5 пайваст кунед.

Мувофиқи табъ дарозии камзӯлчаро 3 ё 5 см зиёд кунед. Агар хоҳед, ки пешаш кушод бошад, он гоҳ барои ҷойи қатшавии матоъ 2 ё 3 см масофа гузоред.

Барои чоркунҷа шуданаш аз нуқтаи 19,5 ба дарун 3 ё 4 см ченак гузошта, онро бо 19,5 пайваст мекунанд ва аз нуқтаи 3 ё 4 то нуқтаи 7 хати рост мекашанд.

3. **Камзӯлчаи чоркунҷа.** Аз нуқтаи 14 ба дарун 4 см мегузорем ва нуқтаи 14-ро ба 4 пайваст мекунем, баъд нуқтаи 4-ро ба 7 бо хати рост мепайвандем, камзӯлчаи пеши гулӯяш чоркунҷаи маҳкам ҳосил мешавад. Агар камзӯлчаи чоркунҷаи пешаш кушод хоҳед аз нуқтаи 16 ё 12 ба 29 (ё бо дарозии дилхоҳи камзӯлчаи пеш).

Хат гузаронед, аз нуқтаи дарозии камзӯлчаи пеш берун аз хат 2 – 3 см монда, ченак гузоред ва аз рӯйи ин хат матоъро қат кунед. Агар камзӯлчаи пешаш кушод ҳосил карданӣ бошед, як тарафро ба болои тарафи 2-юм гузошта пайваст кунед, нуқтаи болои ҳам гузоштан 3 ё 4 см шавад.



*Камзӯлчаи буриши назди гулӯяш дилшакли руст (а) ва кушод(б)*



*Камзӯлчаи буриши назди гулӯяш моили руст (а) ва кушод (б)*




*Камзӯлчаи буриши назди гулӯяш чоркунҷаи маҳкам*

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Қисми пеш ё ақиби куртаро аз кадом хусусиятҳояш фарқ мекунанд?
2. Хати паҳлу ё поёнро дар ангора (эскиз) нишон диҳед.
3. Васеъгии либосро бо кадом ченак муайян мекунанд?
4. Кадом қоидаҳоро дар назар дошта қолабро ба матоъ мегузоранд?

**5.Истифодаи бозии "Ҷобаҷо гузор!"**

Аз тарафи омӯзгор 3 нафар хонандагони сустхон барои фаъолнок гардиданашон барои гузаронидани бозӣ ба тахтаи синф даъват карда мешаванд. Аз тарафи омӯзгор 3 нақшаи тайёри порашуда дар қоғази А4: камзӯлчаи пеш, камзӯлчаи оқиб ва остин ба рӯйи миз гузошта мешавад. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки дар муддати 5 дақиқа пораҳои додашударо истифода бурда, нақшаи пурраи камзӯлчаи пеш, оқиб ва остин ҷобаҷо карда шавад.

Он хонандае, ки дар муҳлати муайяншуда ва бе хатогии дағал иҷро мекунад, аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад.

**6.Кори амалӣ:** Сохтани қолаби куртаи миллӣ

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.
Таҷҳизот: албом, қолаб, қисмҳои маснуот, қалами одӣ ва қаламҳои ранга.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор ба хонандагон супориш дода мешавад, ки барои сохтани қолаби либос асбоб, таҷҳизот ва маводди заруриро омода созанд;

2.Супориш дода мешавад, ки қолаби курта аз рӯйи нақшаи додашуда ба варақи албом кашида шавад;

3. Барои сохтани қолаби қисмҳои куртаи миллии занона коғазро гирифта, ба рӯйи он нақша бо М1:1 кашида шавад;

4. Аз тарафи омӯзгор ба андозаи 48 ва ҳар як хонанда ба андозаи худ нақша бо хати борик кашида мешавад;

5. Барои сохтани қолаби қисмҳо нақшаи маснуотро бо қалами ранга ё фламастер, хома бо хати ғафси асосӣ рӯдавон карда мешавад;

6. Қолаб аз рӯйи хати ғафси асосӣ бурида мешавад;

7. Қолаби қисмҳои алоҳидаи маснуот тайёр карда мешавад: камзӯлчаи пеш; камзӯлчаи ақиб; остин.

8.Қолаби тайёрро ба албом гузошта, бо $М_4$ гирди он хат кашида мешавад;

9.Барои тана қолаб сохта намешавад, чунки дарозӣ ва бари онро ба матоъ якбора гузошта, қоидаи нақшакаширо ба назар гирифта бурида мешавад;

10.Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки номи ҳар як қисм аз худ карда шавад;

11. Вазифаи қисмҳои маснуотро муайян карда, номи қисмҳо дар қолаб навишта мешавад;

12.Вобаста ба иҷрои кори амалӣ аз тарафи омӯзгор ба хонандагон баҳогузорӣ карда мешавад.

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи тайёр кардани қолабҳои камзӯлчаи пеш, остин шарҳ дода метавонад? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Дар бораи тайёр кардани қолаб шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда, қолаб ва шаклҳои гуногун сохта метавонад? | | | |
| Раванди тайёр кардани қолаби ҷузъиёти куртаи миллиро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии нақша ва қолаби куртаи миллиро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро нисбати куртаи миллӣ шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 25

## МАВЗӮЪ: ИНТИХОБИ МАТОЪ

**Барнома:** Ташкили ҷойи корӣ. Асбобҳо ва афзорҳо барои интихоби матоъ ва гузоштани қолаб ба матоъ. Талаботи санитарию гигиенӣ ва қоидаҳои бехатарии меҳнат. Тайёркунии матоъ барои поракунӣ. Мураттибии пора кардани матоъ. Сарфакорона пора кардани матоъ. Пайдарпай тайёр кардани қисмҳо ба коркарди матоъ. Корҳои гармию намидиҳӣ. Талабот ба сифати маснуот. Усулҳои назорати сифат.

**Салоҳиятҳо:**

- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро эҷод карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Интихоби матоъро шарҳ дода тавонанд;
-Дуруст гузоштани қолаб ба матоъро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонанд;
-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда тавонанд;
-Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда, қолаб ва шаклҳои гуногун сохта тавонанд;
-Раванди дуруст пора кардани матоъро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонанд;
-Хусусиятҳои эстетикии тарзи дурусти пора кардани матоъро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;
- Урфу одатҳои миллиро нисбати куртаи миллӣ шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;
-Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонанд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба нигоҳубини либос аз матоъҳои сунъӣ ва синтезӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Қисми пеш ё ақиби куртаро аз кадом хусусиятҳояш фарқ мекунанд?

2.Хати паҳлу ё поёнро дар ангора (эскиз) нишон диҳед.

3.Васеъгии либосро бо кадом ченак муайян мекунанд?

4.Кадом қоидаҳоро дар назар дошта қолабро ба матоъ мегузоранд?

**3.Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба интихоби матоъ суҳбат гузаронида, дар бораи ранги матоъ, интихоби матоъ вобаста ба синну сол ва ҷуссаи интихобшуда, гузоштани қолаб ба матоъ, интихоби навъи матоъ, баназаргирии ҳолати гигиенӣ, намуди эстетикии матоъ ва либос, коркарди камзӯлчаи пеш, дарз ва коркарди остин, коркарди тана, ҷобаҷо кардани қисмҳои курта, шарҳ дода мешавад.

Барои дӯхтани либос на фақат хатҳое, ки аз онҳо ченак мегиранд, инчунин интихоби рангҳо аҳамияти калон дорад. Рангҳо хусусияти гуногун доранд. Баъзеи онҳо либосро васеъ ва одамро фарбеҳ, дигарашон либосро танг ва одамро лоғар нишон медиҳанд. Бинобар ин дар вақти интихоби матоъ ба рангҳои матоъ аҳамият додан зарур аст.

Духтарони фарбеҳ бояд матои гулаш калонро интихоб накунанд, ё аз матои раххояш уфуқӣ барои худ либос надӯзанд, чунки ин навъи матоъҳо онҳоро боз ҳам фарбеҳтар нишон медиҳад.

Духтарони хароб бояд аз матоъҳои гулашон майда ва раххояшон амудӣ барои худ либос интихоб накунанд. Дар ин гуна либос онҳо боз ҳам лоғартар менамоянд. Духтарони лоғар аз матоъҳои гулашон калон ва раххояшон уфуқӣ барои худ либос дӯзанд беҳтар аст. Духтарони гардандароз бояд куртаҳои гиребондор ё назди гулӯяш маҳкам пӯшанд. Барои духтарони гарданкӯтоҳ куртаҳои гиребонашон кушод мувофиқ аст. Ҳангоми интихоби матоъ ё либос, албатта, ранги пӯст ва чашмро ба назар гирифтан зарур аст. Ранги либос бояд ҳама вақт ба талаботҳои умумии мӯд ва хислатҳои фардии шахс мувофиқ бошад.

Ҳангоми интихоби матоъ ё либос на фақат ранг, балки намуди матоъ ва муҳлати истифодабарии он, ҳолати гигиенӣ ва намуди эстетикии матоъ ва либосро низ ба назар гирифтан лозим аст. Дӯхтани либос ба табъи зебопарастӣ, эҷодкорӣ аз ҷониби соҳиби либос интихоб шудани матоъ ва фасон вобаста аст.

*Эзоҳ:*

1. Барои қат кардани бари доман 5 см гузошта мешавад.
2. Барои дигар чокҳои буришҳо 1 см гузошта мешавад.
3. Бари қати нӯги остин 3 см гузошта мешавад.

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Барои дӯхтани либос кадом касбҳоро медонед, номбар кунед.

2.Дар маҳалҳои шумо корхонаи дӯзандагӣ ё сехҳои дӯзандагӣ мавҷуд аст ё не?

3.Дар бораи кор ва маснуоти тайёркардаи онҳо маълумот диҳед.

5.**Истифодаи усули «Шаршара»**

Усули «Шаршара» (Каскад) барои ба қисмҳо ҷудо кардани калимаҳо, мафҳумҳо ва дар корҳои амалии фанни технология (таълими меҳнат) истифода мешавад. Онро ҳангоми таҳлил ва таҷзияи мафҳум, назарияҳо ва дар кори амалӣ истифода бурдан айни муддаост.

**Мақсадҳо:** таҳлилу таҷзия карда тавонистани калимаҳо, мафҳумҳо ва кори амалӣ; инкишофи малакаҳои хулосабарории дедуктивӣ (аз кулл ба ҷузъ); омӯхтани тарзҳои нави фаъолият.

**Қадамҳои истифодаи усули мазкур**:

1. Як, ду ва се мафҳум (мавзӯъ, масъала) ё пайдарпайи кори амалиро интихоб намоед.
2. Мавзӯъ, масъала, мафҳум ва ё пайдарпайи кори амалиро дар тарафи чапи лавҳи синф нависед.
3. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мавзӯъ ва пайдарпайи кори амалиро ба ду-се қисмати асосӣ ҷудо кунанд.
4. Қисматҳои асосиро пас аз мавзӯъ, масъала, мафҳум ва ё пайдарпайии кори амалӣ овардашуда қайд кунед ва бо тирча алоқаманд намоед.
4. Фаслҳои асосиро боз ба қисматҳо ҷудо кунед (андешаҳо ё тартиби иҷрои кори амалӣ бояд кӯтоҳ ва мухтасар шарҳ дода шаванд) ва бо тирча алоқаманд намоед.
5. Нақша шакли шаршараро мегирад.

**Намуна**:




**Таъкид:** Ҳангоми тартиб додани «шаршара» якчанд қисмҳои нақшаро аз як тараф ба тарафи дигар гузаронидан мумкин аст. Он барои аз нав дида баромадани ин ё он қисмат имконият медиҳад. Усули мазкурро бештар дар кори гурӯҳӣ ташкил кардан тавсия мешавад.

**6.Кори амалӣ: Гузоштани қолаб ба матоъ**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор ба хонандагон супориш дода мешавад, ки барои гузоштани қолаб ба матоъ асбоб, таҷҳизот ва маводди заруриро омода созанд;

2.Супориш дода мешавад, ки пеш аз буридани матоъ он санҷида шавад. Матоъ бояд бенуқс ва ҳаҷмаш ба дӯзанда мувофиқ бояд ояд;

3. Тарафи рости матоъро ба дарун дуқат карда, аз тарафи чаппааш қолаб гузошта мешавад;

4. Барои гузоштани қолаби тана матоъ 4 қат ва бо сӯзанак маҳкам карда мешавад;

5. Қолабро паси ҳам аввал тана, баъд камзӯлчаи пеш ва ақиб, сипас остин ба матоъ гузошта шавад;

6. Қолабҳо ба матоъ бо сӯзанак маҳкам карда шавад;

7. Ба гирди қолабҳо бо бӯри дӯзандагӣ хати борики асосӣ кашида шавад;

8. Баъд аз он 1,5 см ҳаққи чок гузошта, бо хати рах-рах хати чокро гузаронида бо қайчӣ бурида шавад;

9.Бо мақсади баҳогузорӣ аз тарафи омӯзгор оид ба матоъ дуруст гузоштани қолабҳо, хатҳои ёрирасон ва рах-рах санҷиш гузаронида, баҳои сазовор гузошта мешавад.



*Гузоштани қолаб ба матоъ*

**7. Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8. Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **Метавонад** | **Қисман метавонад** | **Наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи интихоби матоъ шарҳ дода метавонад? | | | |
| Дар бораи дуруст гузоштани қолаб ба матоъ шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда, қолаб ва шаклҳои гуногун сохта метавонад? | | | |
| Раванди дуруст пора кардани матоъро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии тарзи дурусти пора кардани матоъро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро нисбати куртаи миллӣ шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 26

## МАВЗӮЪ: КОРИ АМАЛӢ. ТАЙЁР КАРДАНИ ҚИСМҲОИ БУРИДАШУДАИ КАМЗӮЛЧАИ ПЕШ ВА АҚИБИ КУРТАИ ЗАНОНАИ МИЛЛӢ

**Барнома:** Ташкили ҷойи корӣ. Асбобҳо ва афзорҳо барои интихоби матоъ ва гузоштани қолаб ба матоъ. Талаботи санитарию гигиенӣ ва қоидаҳои бехатарии меҳнат. Тайёркунии матоъ барои коркард. Пайдарпай тайёр кардани қисмҳо ба коркарди матоъ. Корҳои гармию намидиҳӣ. Талабот ба сифати маснуот. Усулҳои назорати сифат. Пайвасти қисмҳои камзӯлчаи куртаи миллии занона.

**Салоҳиятҳо:**

- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;

- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро эҷод карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Дуруст пайваст кардани қисмҳои буридашудаи камзӯлчаи пеш ва ақиби куртаи занонаи миллиро шарҳ дода тавонанд;

-Дуруст тайёр кардани қисмҳои буридашуда шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонанд;

-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда тавонанд;

-Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда, қолаб ва шаклҳои гуногун сохта тавонанд;

-Раванди тайёр кардани қисмҳои буридашудаи камзӯлчаро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонанд;

-Хусусиятҳои эстетикии тарзи дурусти пайвасти қисмҳои камзӯлчаро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;

- Урфу одатҳои миллиро нисбати куртаи миллӣ шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;

-Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонанд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба нигоҳубини либос аз матоъҳои сунъӣ ва синтезӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Барои дӯхтани либос кадом касбҳоро медонед, номбар кунед.

2.Дар маҳалҳои шумо фабрикаҳо ё сеххои дӯзандагӣ мавҷуд аст ё не?

3.Дар бораи кор ва маснуоти тайёркардаи онҳо маълумот диҳед.

4.Оид ба коркарди камзӯлчаи пеш шарҳ диҳед.

**3.Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ: О**ид ба тайёр кардани қисмҳои буридашудаи камзӯлчаи пеш ва ақиби куртаи занонаи миллӣ суҳбат гузаронида, дар бораи тарзи дурусти кӯк кардан, дӯхтан ва коркарди тавқ ва асос, муайян кардани миёнаҷойи камзӯлчаҳои пеш ва ақиб, дуруст дӯхтани чоки китф, мувофиқ кардани чокҳои китф баъди дӯхтан, истифодаи дурусти мошинаи дарздӯзӣ, коркарди гармию намии маснуот ва истифодаи дурусти дарзмол шарҳ дода мешавад.

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Оид ба дуруст пайваст кардани асос ба тавкро шарҳ диҳед .

2.Миёнаҷойи камзӯлчаи пеш ва ақиб чӣ гуна муайян карда мешавад?

3.Чоки дастӣ ва мошиниро чӣ гуна фарқ кардан мумкин аст?

4. Оид ба раванди пайдарпай пайваст кардани қисмҳои буридашудаи камзӯлчаи пеш ва ақиби куртаи занонаи миллӣ шарҳ диҳед.

**5.Кори амалӣ: Тайёр кардани қисмҳои буридашудаи камзӯлчаи пеш ва ақиби куртаи занонаи миллӣ**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор ба хонандагон супориш дода мешавад, ки барои тайёр кардани қисмҳои буридашудаи камзӯлчаи пеш ва ақиби куртаи занонаи миллӣ асбоб, таҷҳизот ва маводди заруриро омода созанд;

2. Супориш дода мешавад, ки қисмҳои буридашудаи камзӯлча (тавқ ва асос) дастӣ кӯк карда, баъд бо мошини дарздӯзӣ дӯхта шавад;

3. Камзӯлчаи пешро роста карда, гирди буришҳо барои ҳамвор истоданаш бо кӯки дастӣ дӯхта мешавад;

4.Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки буриши китфи чор қисми асос ва тавқи камзӯлчаҳо дӯхта шавад;

5. Тарафи ростаи камзӯлчаи ақибро ба тарафи ростаи камзӯлчаи пеш гузошта, аз буриши китф аз рӯйи хати чок дастӣ кӯк карда, баъд дар мошини дарздӯзӣ дӯхта мешавад;

6. Баъдан чоки ҳар ду китф аз тарафи чаппа дарзмол карда мешавад;

7.Баъди муайян кардани миёнаҷойи камзӯлчаҳои пеш ва ақиб, танаи курта бо қайчӣ нишона карда, (майда, ба шакли секунҷа) бурида мешавад;

8.Бо мақсади баҳогузорӣ аз тарафи омӯзгор оид ба дуруст гузаронидани хатҳои санҷишӣ, дуруст дӯхтани чоки китф, баъд аз дӯхтан мувофиқ кардани чокҳои китф, босифат дарзмол кардан санҷиш гузаронида, баҳои сазовор гузошта мешавад.



***Қисмҳои буридашудаи камзӯлчаи пеш ва ақиби куртаи занонаи миллӣ***

**6.Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**7.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи дуруст пайваст кардани қисмҳои буридашудаи камзӯлчаи пеш ва ақиби куртаи занонаи миллӣ шарҳ дода метавонад? | | | |
| Дар бораи дуруст тайёр кардани қисмҳои буридашуда шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда, қолаб ва шаклҳои гуногун сохта метавонад? | | | |
| Раванди тайёр кардани қисмҳои буридашудаи камзӯлчаро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Хусусиятҳои эстетикии тарзи дурусти пайвасти қисмҳои камзӯлчаро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро нисбати куртаи миллӣ шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 27

## МАВЗӮЪ: КОРИ АМАЛӢ. ДӮХТАНИ ТАНАИ КУРТАИ ЗАНОНАИ МИЛЛӢ

**Барнома:** Ташкили ҷойи корӣ. Асбобҳо ва афзорҳо барои интихоби матоъ ва гузоштани қолаб ба матоъ. Талаботи санитарию гигиенӣ ва қоидаҳои бехатарии меҳнат. Тайёркунии матоъ барои коркард. Пайдарпай тайёр кардани қисмҳо ба коркарди матоъ. Корҳои гармию намидиҳӣ. Талабот ба сифати маснуот. Усулҳои назорати сифат. Пайвасти қисмҳои танаи куртаи миллии занона.

**Салоҳиятҳо:**

- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро эҷод карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Дуруст пайваст кардани тана бо камзӯмлчаи тайёршудаи куртаи занонаи миллиро шарҳ дода тавонанд;

-Дуруст дӯхтани танаи куртаи занонаи миллро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонанд;

-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда тавонанд;

-Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда, қолаб ва шаклҳои гуногун сохта тавонанд;

-Раванди коркарди тана ба камзӯлчаро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонанд;

-Хусусиятҳои эстетикии коркарди либосро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;

- Урфу одатҳои миллиро нисбати куртаи миллӣ шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;

-Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонанд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба нигоҳубини либос аз матоъҳои сунъӣ ва синтезӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

2. Оид ба дуруст пайваст кардани асос ба тавкро шарҳ диҳед .

2.Миёнаҷойи камзӯлчаи пеш ва ақиб чӣ гуна муайян карда мешавад?

3.Чоки дастӣ ва мошиниро чӣ гуна фарқ кардан мумкин аст?

4. Оид ба раванди пайдарпай пайваст кардани қисмҳои буридашудаи камзӯлчаи пеш ва ақиби куртаи занонаи миллӣ шарҳ диҳед.

**3.Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба дӯхтани танаи куртаи занонаи миллӣ суҳбат гузаронида, дар бораи коркарди тана ва пайвасти камзӯлчаи ба танаи тайёршуда, тарзи дуруст кӯк намудани қисмҳои паҳлуии тана, коркарди дурусти қисми болоии танаи куртаи миллии занона, муайян намудани миёнаҷои тана, тарзи дурусти тайёр намудани бурма (чин)-и тана, муайян ва назорат оид ба коркарди чокҳои дастӣ ва мошинӣ, коркарди гармию намии маснуоти тайёршуда, назорат оид ба сифати чокҳои иҷрошуда шарҳ дода мешавад.

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Қисми миёнаҷойи тана чӣ гуна муайян карда мешавад?
2.Бо кадом тарз бурмаи танаи куртаи миллии занона тайёр карда мешавад?
3.Оид ба раванди пайваст кардани тана ва камзӯлчаи куртаи миллии занона шарҳ диҳед.
4.Оид ба коркарди гармию намии маснуот маълумоти мухтасар диҳед.

**5.Кори амалӣ: Дӯхтани танаи куртаи занонаи миллӣ**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор ба хонандагон супориш дода мешавад, ки барои дӯхтани танаи куртаи занонаи миллӣ асбоб, таҷҳизот ва маводди заруриро омода созанд;
2. Супориш дода мешавад, ки паҳлуи тана бо масофаи байни кӯк то буриши 1-1,5 см дастӣ кӯк карда шавад;
3. Баъдан аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки бо мошини дарздӯзии барқӣ ё дастӣ буриши паҳлуи тана бо масофаи кӯк то буриш 1 – 1,5 см дӯхта мешавад;
4. Буриши чоки паҳлу бо кӯки дастии канорӣ ё бо дарзи мошинӣ бахиядӯзӣ карда шавад;
5. Чоки паҳлу аз ҳар ду тараф дарзмол карда мешавад;
6. Қисми болоии танаро 4 қат карда, аз миёнаҷояш ба шакли секунҷа бурида мешавад;
7. Қисми болоии танаро 1 см ҳаққи чок гузошта, мошин зада мешавад;
8. Аз поён 0,5 см гузошта, барои чин-чин карда дӯхта, баъд ҳар ду нӯги ресмонро як карда, кашида чин-чин ҳосил карда мешавад;
9. Чинҳо ҳосилшударо баробар тақсим карда мешавад;
10.Бо мақсади баҳогузорӣ аз тарафи омӯзгор оид ба дуруст кӯк кардан ва дӯхтани чоки паҳлу, дуруст бахиядӯзӣ кардани буриши паҳлуии тана, аҳамият додан ба сифати дарзмол, дуруст тақсим кардани чинҳо, чоки чинҳо бояд яклухт ва рост бошад, он гоҳ чинҳои зебо ҳосил мешаванд санҷиш гузаронида, баҳои сазовор гузошта мешавад.




***Дӯхтани танаи куртаи занонаи миллӣ***

**6.Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**7.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи дуруст пайваст кардани тана бо камзӯмлчаи тайёршудаи куртаи занонаи миллӣ шарҳ дода метавонад? | | | |
| Дар бораи дуруст дӯхтани танаи куртаи занонаи миллӣ шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда, қолаб ва шаклҳои гуногун сохта метавонад? | | | |
| Раванди коркарди тана ба камзӯлчаро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии коркарди либосро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро нисбати куртаи миллӣ шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 28

## МАВЗӮЪ: КОРИ АМАЛӢ. ПАЙВАСТ КАРДАНИ КАМЗӮЛЧА БА ТАНА

**Барнома:** Ташкили ҷойи корӣ. Асбобҳо ва афзорҳо барои интихоби матоъ ва гузоштани қолаб ба матоъ. Талаботи санитарию гигиенӣ ва қоидаҳои бехатарии меҳнат. Тайёркунии матоъ барои коркард. Пайдарпай тайёр кардани камзӯлча ба тана. Корҳои гармию намидиҳӣ. Талабот ба сифати маснуот. Усулҳои назорати сифат. Пайвасти камзӯлча ба танаи куртаи миллии занона. Таҳлили камбудиҳои рӯхдода.

**Салоҳиятҳо:**

- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро эҷод карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Дуруст пайваст кардани тана бо камзӯлчаро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонанд;

-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда тавонанд;

-Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда, қолаб ва шаклҳои гуногун сохта тавонанд;

-Раванди пайваст кардани камзӯлча ба танаро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонанд;
-Хусусиятҳои эстетикии коркарди либосро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;
- Урфу одатҳои миллиро нисбати куртаи миллӣ шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;
-Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонанд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба нигоҳубини либос аз матоъҳои сунъӣ ва синтезӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Қисми миёнаҷойи тана чӣ гуна муайян карда мешавад?
2.Бо кадом тарз бурмаи танаи куртаи миллии занона тайёр карда мешавад?
3.Оид ба раванди пайваст кардани тана ва камзӯлчаи куртаи миллии занонаро шарҳ диҳед.
4.Оид ба коркарди гармию намии маснуот маълумоти мухтасар диҳед.

**3.Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба пайваст кардани камзӯлча ба танаи куртаи занонаи миллӣ суҳбат гузаронида, дар бораи коркарди тана ва пайвасти камзӯлчаи ба танаи тайёршуда, тарзи дуруст кӯк намудани қисмҳои камзӯлча ба тана, коркарди дурусти тақсимоти бурмаи қисми болоии танаи куртаи миллии занона, муайян намудани миёнаҷойи тана, назорат оид ба коркарди чокҳои дастӣ ва мошинӣ, коркарди гармию намии маснуоти тайёршуда, назорат оид ба сифати чокҳои иҷрошуда шарҳ дода мешавад.

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Оид ба пайваст кардани камзӯлча ба тана шарҳ дода шавад.
2.Оид ба пайдарҳамии пайваст кардани камзӯлча ба тана маълумоти мухтасар диҳед.
3.Роҳҳои тарзи баробар тақсим намудани бурмаи танаи куртаи миллиро шарҳ диҳед.
4.Оид ба коркарди гармию намии маснуот шарҳ диҳед.

**5.Кори амалӣ: Пайваст кардани камзӯлча ба тана**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор ба хонандагон супориш дода мешавад, ки барои пайваст кардани камзӯлча ба тана асбоб, таҷҳизот ва маводди зарурӣро омода созанд;
2. Супориш дода мешавад, ки тарафи рости камзӯлчаи ақиб ба болои тарафи рости танаи курта гузошта шавад;
3. Тақсимоти чинҳо дуруст карда, кӯк зада шавад;
4. Аломати секунҷаро ба назар гирифта, чинҳоро баробар тақсим карда, ба чоки васеъгиаш 1,5 см аз тарафи тана сар карда дӯхта шавад;
5. Тарафи ростаи камзӯлчаи пешро рӯ ба рӯ карда, чинҳоро баробар тақсим карда, аломати секунҷаро ба назар гирифта, бо чоки васеъгиаш 1 см пайваст карда мешавад;
6.Чоки пайвасти камзӯлчаҳо бо танаро бо мошини дарздӯзии махсус дӯхта мешавад;
7. Буриши чок дастӣ ё бо мошин бахиядӯзӣ карда мешавад;
8. Бо мақсади баҳогузорӣ аз тарафи омӯзгор оид ба дуруст кӯк кардани буриши камзӯлчаҳо, дуруст будани чоки пайвасти камзӯлчаҳо, як хел тақсим кардани чинҳо, рӯ ба рӯ будани нишонҳо санҷиш гузаронида, баҳои сазовор гузошта мешавад.

 

*Пайваст кардани камзӯлча ба тана*

**6.Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**7.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи дуруст пайваст кардани тана бо камзӯлча шарҳ дода онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда, қолаб ва шаклҳои гуногун сохта метавонад? | | | |
| Раванди пайваст кардани камзӯлча ба танаро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии коркарди либосро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро нисбати куртаи миллӣ шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 29

## МАВЗӮЪ: КОРИ АМАЛӢ. ПАЙВАСТ КАРДАНИ ОСТИН БА ТАНА

**Барнома:** Ташкили ҷойи корӣ. Асбобҳо ва афзорҳо барои интихоби матоъ ва гузоштани қолаб ба матоъ. Талаботи санитарию гигиенӣ ва қоидаҳои бехатарии меҳнат. Тайёркунии матоъ барои коркард. Пайдарпай пайваст кардани остин ба тана. Корҳои гармию намидиҳӣ. Талабот ба сифати маснуот. Усулҳои назорати сифат. Пайвасти остин ба танаи куртаи миллии занона. Таҳлили камбудиҳои рӯхдода.

**Салоҳиятҳо:**

- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро эҷод карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Дуруст пайваст кардани остин ба танаро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонанд;

-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда тавонанд;

-Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда, қолаб ва шаклҳои гуногун сохта тавонанд;

-Раванди пайваст кардани остин ба танаро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонанд;

-Хусусиятҳои эстетикии коркарди остин ва танаро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;

- Урфу одатҳои миллиро нисбати куртаи миллӣ шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;

-Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода тавонанд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба нигоҳубини либос аз матоъҳои сунъӣ ва синтезӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Оид ба пайваст кардани камзӯлча ба тана шарҳ дода шавад.

2.Оид ба пайдарҳамии пайваст кардани камзӯлча ба тана маълумоти мухтасар диҳед.

3.Роҳҳои тарзи баробар тақсим намудани бурмаи танаи куртаи миллиро шарҳ диҳед.

4.Оид ба коркарди гармию намии маснуот шарҳ диҳед.

**3.Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба пайваст кардани остин ба танаи куртаи занонаи миллӣ суҳбат гузаронида, дар бораи коркарди остин, ва пайвасти остин ба тана, тарзи дуруст кӯк намудани ҷузъи остин ба тана, коркарди дурусти тақсимоти бурмаи қисми болоии остини куртаи миллии занона, муайян намудани миёнаҷои остин, назорат оид ба коркарди чокҳои дастӣ ва мошинӣ, коркарди гармию намии маснуоти тайёршуда, назорат оид ба сифати чокҳои иҷрошуда шарҳ дода мешавад.

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Оид ба коркарди қисми болоии остин маълумот дода шавад.
2.Оид ба пайваст кардани остин ба тана шарҳ дода шавад.
3.Роҳҳои тарзи баробар тақсим намудани бурмаи остини куртаи миллиро шарҳ диҳед.
4.Оид ба коркарди гармию намии маснуот шарҳ диҳед.
5.Оид ба тарзи дурусти пайваст намудани остин ба тана маълумоти мухтасар дода шавад.

**5.Кори амалӣ: Пайваст кардани остин ба тана**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор ба хонандагон супориш дода мешавад, ки барои пайваст кардани остин ба тана асбоб, таҷҳизот ва маводҳои зарурӣро омода созанд;
2. Остинро ду қати баробар карда,ба қуллааш аломати секунҷа гузошта мешавад;
3. Аз буриши қуллаи остин 1 см гузошта, барои чин-чин кардан бо чоки калони мошинӣ дӯхта шавад;
4. Чоки паҳлуи остинро аввал дастӣ 1 см гузошта, кӯк карда, баъд бо мошин дӯхта мешавад;
5. Нӯги буриши ин чок бахиядӯзӣ карда мешавад;
6. Нӯги остин аввал 1 см, баъд 2 см қат карда, бо чоки ноаён дӯхта шавад;
7. Маркази китф ё қуллаи баландии остинро, ки нишона дорад, якҷоя ва чинҳоро баробар тақсим карда, ҷойи буриши чокҳоро болои ҳам гузошта кӯк карда мешавад;

8. Бо мақсади баҳогузорӣ аз тарафи омӯзгор оид ба дуруст кӯк кардани ҷойи бурмаи остин, дуруст будани чоки пайвасти остин ба тана, як хел тақсим кардани чинҳо, рӯ ба рӯ будани нишонҳо санҷиш гузаронида, баҳои сазовор гузошта мешавад.



***Раванди пайваст кардани остин ба тана***

**6.Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**7.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **Метавонад** | **Қисман метавонад** | **Наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи дуруст пайваст кардани остин ба танаро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда, қолаб ва шаклҳои гуногун сохта метавонад? | | | |
| Раванди пайваст кардани остин ба танаро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии коркарди остин ва танаро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро нисбати куртаи миллӣ шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи тарзи ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 30

## МАВЗӮЪ: КОРИ АМАЛӢ. ПУРРА ДӮХТАНИ КУРТАИ МИЛЛӢ

**Барнома:** Ташкили ҷойи корӣ. Асбобҳо ва афзорҳо барои интихоби матоъ ва гузоштани қолаб ба матоъ. Талаботи санитарию гигиенӣ ва қоидаҳои бехатарии меҳнат. Тайёркунии матоъ барои коркард. Пайдарпай пайваст кардани остин бо мошини дарздӯзӣ. Корҳои гармию намидиҳӣ. Талабот ба сифати маснуот. Усулҳои назорати сифат. Пайвасти остин бо мошини дарздӯзӣ. Таҳлили камбудиҳои рӯхдода. Пурра дӯхтани куртаи миллӣ. Пайвасти қисмҳои маснуот. Ороиши маснуот. Коркарди буриши поёнии маснуот. Шиносоӣ бо касби дӯзанда. Дуруст дарзмол кардани маснуот ва қоидаҳои дарзмолкунӣ.

**Салоҳиятҳо:**

- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро эҷод карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Дуруст пайваст кардани остин бо мошини дарздӯзиро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонанд;

- Пурра дӯхтани куртаи миллиро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонанд;

- Коркарди гармию намии маснуотро шарҳ дода, бо дарзмол амалан кор карда тавонанд;

-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда тавонанд;

-Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда, қолаб ва шаклҳои гуногун сохта тавонанд;

-Раванди пурра дӯхтани куртаи миллиро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонанд;

-Хусусиятҳои эстетикии куртаи тайёрро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;

- Урфу одатҳои миллиро нисбати куртаи миллӣ шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;

- Саломатии худро эҳтиёт карда, аҳамияти интихоби матоъ барои ҳаёти солим маълумот дода тавонанд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба нигоҳубини либос аз матоъҳои сунъӣ ва синтезӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1. Оид ба кардарди қисми болоии остин маълумот дода шавад.
2.Оид ба пайваст кардани остин ба тана шарҳ дода шавад.
3.Роҳҳои тарзи баробар тақсим намудани бурмаи остини куртаи миллиро шарҳ диҳед.
4.Оид ба коркарди гармию намии маснуотро шарҳ диҳед.
5.Оид ба тарзи дурусти пайваст намудани остин ба тана маълумоти мухтасар дода шавад.

**3.Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба пурра дӯхтани куртаи занонаи миллӣ суҳбат гузаронида, дар бораи пӯшида дидани куртаи тайёршуда ва сари вақтислоҳи камбудиҳои ҷойдошта доир ба коркарди остин ва тана, коркарди дурусти тақсимоти бурмаи қисми болоии остини куртаи миллии занона, назорат ба коркарди чокҳои дастӣ ва мошинӣ, коркарди гармию намии маснуоти тайёршуда, омода кардани ҷойи корӣ барои дарзмолкунӣ ва қоидаҳои дарзмолкунӣ, назорат дар бораи сифати чокҳои иҷрошуда, коркарди қисми поёнии бари домани куртаи миллӣ, шарҳ дода мешавад.

Пас аз кор дарзмолро ба рӯйи тагмонак монед, баъд аз барқ ҷудо кунед.

Барои дарзмол кардани маснуоти тайёр ҷойи махсус ҷудо кардан лозим аст. Дар он ҷо бояд дарзмол, тахтаи дарзмолкунӣ мавҷуд бошад. Барои таҳ карда мондани маснуоти дарзмолкарда ҷойи махсус лозим аст.

**Дарзмолкунии нимхушки маснуот.** Дарзмолкунӣ барои тахту ҳамвор кардани матоъ, чокҳои маснуоти тайёр ва ғайра истифода бурда мешавад. Сифати дарзмолкунии нимхушк ба намуди берунии маснуот ва матои мавриди истифода вобаста аст.

### Қоидаҳои дарзмолкунӣ

1. Ҳарорати дарзмолро тавассути танзими ҳарорат вобаста ба матои мавриди истифода пасту баланд кардан лозим аст.
2. Дар вақти ба дарзмолкунӣ сар кардан санҷидан лозим аст, ки сатҳи дарзмол тоза ва насӯхта бошад. Агар сатҳи дарзмол шахшӯл шавад, онро бо пахтаи дар спирти навшодир ё намакоб таркарда тоза карда, ягон матои тарро дарзмол мекунанд.
3. Маснуотро аз чап ба рост, ба самти равиши барқад (аз қисмҳои майда сар карда) дарзмол мекунанд. Қисмҳои калони либос аз самти васеъгӣ ба тангӣ дарзмол карда мешаванд.
4. Маснуоти дарзмолкардашударо ба либосовезак дуруст меовезанд.

### Тайёр кардани ҷойи кор

Тахтаи дарзмолкунӣ воситаи асосии ёрирасони дарзмолкунӣ мебошад. Онро аз чӯби дарахти тӯс, олаш ва ғайра месозанд. Ба рӯяш масолеҳи мулоими махсус гузошта, матои пахтагин мекашанд.

**Ташкили ҷойи кор дар вақти дарзмолкунӣ.** Аввал сими дарзмолро аз назар гузаронед. Дар вақти дарзмол кардани маснуот ҳарорати дарзмолро тавассути танзимаи ҳарорат пасту баланд мекунанд. Дарзмол ба ҷараёни барқ бо ёрии сими вилкадор пайваст карда мешавад.

Барои дарзмол кадан дарзмоли барқии дорои танзими ҳарорат ва буғдиҳак мувофиқ аст. Азбаски матоъҳои гуногун (пахтагин, катонӣ, пашмӣ, абрешимии табиӣ ва нахашон химиявӣ) ба гармӣ тобовар нестанд, дарзмолро ба дараҷаи гуногун тафсонидан лозим аст: барои матоъҳои нахашон химиявӣ – ҳарорати паст (1), барои матоъҳои абрешими табиӣ ва пашмӣ – ҳарорати муътадил (2), барои матоъҳои пахтагин ва катонӣ – ҳарорати баланд (3).

Умуман дар вақти дарзмол кардан маснуоти аз матоъҳои ҳархела бояд намнок бошанд. Матоъ дар ҳолати намнокӣ хубтар тахту ҳамвор мешавад.

Масалан: матоъҳои пахтагинро бе гузоштани матои иловагӣ дарзмол мекунанд. Матоъҳои пашмиро аз болояшон суфи тар гузошта, бо дарзмоли гармиаш муқаррарӣ дарзмол мекунанд.

Матои тар дар гармиаш мулоим мешавад, онро кашида ба шаклу андозаи пешинааш овардан осон мегардад. Суфи тарро бо дарзмол нағз хушк кардан даркор, то ки вай минбаъд нашинад. Матоъҳои гулашон барҷастаро хушк дарзмол мекунанд. Матоъҳои трикотажӣ, шоҳиро дарзмол накардан беҳтар аст. Онҳоро дар рӯйи миз паҳн карда мехушконанд. Агар дарзмол кардан лозим шавад, он гоҳ аз тарафи чаппа ё аз болои матои катонӣ бо дарзмоли нимтафсон дарзмол мекунанд.

Дарзмоли ба манбаи барқ пайвастшударо бе назорат нагузоред, ки ин боиси сӯхтор мешавад.

Навбатдор ё худатон ҳангоми аз хона рафтан аз назар гузаронед, ки дарзмол аз барқ ҷудо карда шудааст ё не.






*Дарзмол баркӣ* *Ташкил кардани ҷой барои дарзмолкунӣ*

***Эзоҳ:*** Барои матоъҳои пахтагин ҳарорат аз $160^0$С – $200^0$С зиёд нашавад; Барои матоъҳои пашмӣ ва абрешимӣ ҳарорат аз $150^0$С – $160^0$С зиёд нашавад; Барои матоъҳои пашмӣ ва абрешимӣ ҳарорат аз $110^0$С – $120^0$С зиёд нашавад; Маснуотро дарзмол кардан мумкин нест.

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Барои дарзмолкунӣ кадом қоидаҳоро ба назар мегиранд?
2.Қоидаҳои дарзмол кардани маснуотро шарҳ диҳед.
3. Дар бораи талаботҳои омода намудани ҷой барои дарзмолкунӣ маълумот диҳед.
4.Оид ба раванди коркарди қисми поёнии домани куртаи миллӣ маълумот диҳед.

**6. Кори амалӣ: Пурра дӯхтани маснуот. Пайваст кардани остин бо мошини дарздӯзӣ**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор ба хонандагон супориш дода мешавад, ки барои пурра дӯхтани маснуот, пайваст кардани остин ба тана асбоб, таҷҳизот ва маводди заруриро омода созанд;
2. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки куртаи тайёршударо пӯшида бинанд;
3. Ҷойи пайвасти остини дастӣ кӯккардаро бо мошини дарздӯзӣ дӯхта, кӯки дастӣ канда, бахиядӯзӣ карда шавад;
3.1. Нуқсонҳои остин бартараф карда мешавад;
3.2. Рост кардани бари домани курта;
4. Бари домани курта аввал 1 см, баъд 3 см қат карда, кӯк карда мешавад;
5. Куртаи тайёрро дарзмол карда, кӯкҳо канда мешаванд;
6. Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки куртаи тайёршударо таҳ намоянд;
7. Бо мақсади баҳогузорӣ аз тарафи омӯзгор оид ба пурра санҷидани курта, аз назар гузаронидани чоки мошин, қоидаи техникаи бехатариро риоя намуда, пурра дарзмол кардани курта санҷиш гузаронида, баҳои сазовор гузошта мешавад.





*Пурра дӯхтани маснуот*

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **Метавонад** | **Қисман метавонад** | **Наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи дуруст пайваст кардани остин бо мошини дарздӯзиро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Дар бораи пурра дӯхтани куртаи миллиро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Дар бораи коркарди гармию намии маснуот шарҳ дода, бо дарзмол амалан кор карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда, қолаб ва шаклҳои гуногун сохта метавонад? | | | |
| Раванди пурра дӯхтани куртаи миллиро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро нисбати куртаи миллӣ шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, аҳамияти интихоби матоъ барои ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 31

## МАВЗӮЪ: ҚУРОҚДӮЗӢ. ШАКЛҲОИ ПАЙВАСТАНИ МАТОЪПОРАҲО

**Барнома:** Маълумоти асосӣ дар бораи санъати қуроқдӯзӣ. Сарфаю сариштакорӣ дар рӯзгор. Хусусиятҳои технологии матоъҳои истифодашаванда. Омилҳои таъсиркунанда ва гигиенӣ дар вақти истифода бурдан. Бадоштии матоъ барои қуроқдӯзӣ. Хелҳои қуроқ ва истифодашавии онҳо дар либос. Ташкили ҷойи корӣ. Талаботи санитарию гигиенӣ ва қоидаҳои бехатарии меҳнат .Асбобҳо ва афзорҳо барои интихоби матоъ ва гузоштани қолаб ба матоъ. Тайёркунии матоъ барои коркард.

**Салоҳиятҳо:**

- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро эҷод карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Дуруст пайваст кардани матоъпораҳо ва маснуоти қуроқиро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонанд;

- Қолабҳо барои маснуотҳои қуроқиро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонанд;

- Коркарди гармию намии маснуотро шарҳ дода, бо дарзмол амалан кор карда тавонанд;

-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда тавонанд;

-Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда, қолаб ва шаклҳои гуногун сохта тавонанд;

-Раванди тайёр кардани қолабҳоро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонанд;

-Хусусиятҳои эстетикии қолаби тайёрро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;
- Урфу одатҳои миллиро нисбати куртаи миллӣ шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;
- Саломатии худро эҳтиёт карда, аҳамияти интихоби матоъ барои ҳаёти солим маълумот дода тавонанд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба нигоҳубини либос аз матоъҳои сунъӣ ва синтезӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Барои дарзмолкунӣ кадом қоидаҳоро ба назар мегиранд?

2.Қоидаҳои дарзмол кардани маснуотро шарҳ диҳед.

3.Талаботҳои омода намудани ҷой барои дарзмолкунӣ маълумот диҳед.

4.Оид ба раванди коркарди қисми поёнии домани куртаи миллӣ маълумот диҳед.

**3.Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба қуроқдӯзӣ, шаклҳои пайвастани матоъпораҳо суҳбат гузаронида, дар бораи ҳунари қуроқдӯзӣ, шаклҳои матоъпораҳо, техникаи иҷрои нақшу нигор, интихоби матоъ ва ранги матоъ, технологияи коркарди қуроқ, буридани матоъ, интихоби мавод барои қолаб шарҳ дода мешавад.

Қуроқдӯзӣ яке аз ҳунарҳои дӯстдоштаи миллии тоҷикон мебошад. Ҳунари қуроқдӯзӣ дар Тоҷикистон аз асри XVII оғоз шуда, дар нимаи асри XIX тараққӣ кардааст. Аз ҷиҳати илмӣ дӯхтани қуроқро техникаи коркарди матоъпораҳо меноманд.

Хонаҳои тоҷикон ҳама вақт бо маснуоти қуроқӣ, ки аз матоъпораҳо омода карда мешавад, оро дода мешуд. Қуроқро аз матоъпораҳои хурд, ки шакли секунҷа, чоркунҷа, росткунҷа, ромб, панҷкунҷа ва дигар фигураҳои ҳандасавӣ доранд, месозанд.

Аз қадим қисмҳои либоси дарида ва фарсударо бо истифода аз матои дигар бо шаклҳои гуногуни ҳандасавӣ (геометрӣ) дарбеҳ мекарданд. Барои дарбеҳи либос матои бо ранги либос мувофиқ ё монандро интихоб кардан беҳтар аст.

Аз матоъпораҳои боқимондаи дӯзандагӣ маҳсулоти барои хона, рӯзгор зарурро ба мисли ҷилди болишт, рӯйкаши бистар, дастархон, ҷойникпӯшак, чойникмонак, дегпӯшак, гилемчаҳое, ки ба остонаи даромади дар мегузоранд, медӯзанд. Техникаи иҷрои нақшунигор аз ҷо ба ҷо гузоштани фигураҳои ҳандасавӣ ва интихоби ранги матоъ барои дӯхтану интихоби нақш иборат аст. Интихоби нақш ва махсулоти дӯхтшаванда аз қолабҳо ва фигураҳои ҳандасавӣ секунҷа, чоркунҷа, росткунҷа ва доира омода карда мешаванд, ки ба нақшу нигори гиреҳӣ тааллуқ доранд. Ҳамаи ин номгӯйи қолабҳо бо худ дар алоҳидагӣ ном ва маънои махсусро доранд:

Барои технологияи коркарди қуроқ қолабҳои махсуси гуногун истифода бурда мешаванд. Дар аксарияти қолабҳо барои коркард дар мошинаи дарздӯзӣ дар вақти буридан бо ғафсии 0,3-0,5 см дарзмоя мегузоранд. Қолабро аз матои сахт, картон, пластмас ё фулуз омода мекунанд. Аксарият қолабҳои картониро истифода мебаранд. Барои дӯхтани қуроқҳо аз матоъҳои сахт, мустаҳкам, шахшӯл ва оҳарӣ истифода мебаранд.

Пеш аз буридани матоъ аз рӯйи қолаб бояд нақшро интихоб намуда, шумораи шаклҳо (фигураҳо)-ро муайян мекунанд.

Ҳамаи ин номгӯйи қолабҳо бо худ дар алоҳидагӣ ном ва маънои махсусро доранд.



***Намунаи ҷиҳозҳои хона бо тариқи қуроқдӯзӣ: болишт, кӯрпача, дастархон ва маснуотҳо бо ороишҳои гуногун***









***Намудҳои маснуотҳои қуроқӣ***

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Барои аз лахтакпораҳо дӯхтани маснуот кадом қоидаҳоро риоя мекунед?
2. Аз лахтакпораҳои матоъҳои гуногун маснуоти дилхоҳатонро дӯхта метавонед ё не?
3. Оид ба таърихи қуроқдӯзӣ шарҳ диҳед.
4. Барои дӯхтани маснуотҳои қуроқӣ бештар аз кадом намуди матоъ истифода мебаранд?

**5.Истифодаи усули Шаршара**

Усули «Шаршара» (Каскад) барои ба қисмҳо ҷудо кардани калимаҳо, мафҳумҳо ва дар корҳои амалии фанни технология (таълими меҳнат) истифода мешавад. Онро ҳангоми таҳлил ва таҷзияи мафҳум, назарияҳо ва дар кори амалӣ истифода бурдан айни муддаост.

**Мақсадҳо:** таҳлилу таҷзия карда тавонистани калимаҳо, мафҳумҳо ва кори амалӣ; инкишофи малакаҳои хулосабарории дедуктивӣ (аз кулл ба ҷузъ); омӯхтани тарзҳои нави фаъолият.

**Қадамҳои истифодаи усули мазкур**:

1. Як, ду ва се мафҳум (мавзӯъ, масъала) ё пайдарпайии кори амалиро интихоб намоед.
2. Мавзӯъ, масъала, мафҳум ва ё пайдарпайии кори амалиро дар тарафи чапи лавҳаи синф нависед.
3. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мавзӯъ ва пайдарпайии кори амалиро ба ду-се қисмати асосӣ ҷудо кунанд.
4. Қисматҳои асосиро пас аз мавзӯъ, масъала, мафҳум ва ё пайдарпайии кори амалӣ овардашуда қайд кунед ва бо тирча алоқаманд намоед.
4. Фаслҳои асосиро боз ба қисматҳо ҷудо кунед (андешаҳо ё тартиби иҷрои кори амалӣ бояд кӯтоҳ ва мухтасар шарҳ дода шаванд) ва бо тирча алоқаманд намоед.
5. Нақша шакли шаршараро мегирад.

**Намуна**:




**6.Кори амалӣ: Сохтани қолаб барои қуроқдӯзӣ**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор ба хонандагон супориш дода мешавад, ки барои сохтани қолаб асбоб, таҷҳизот ва маводди заруриро омода созанд;

2.Аз тарафи омӯзгор оид ба сохтани қолаб барои қуроқдӯзӣ чунин шарҳ дода мешавад: Барои технологияи коркарди қуроқ қолабҳои махсуси гуногун истифода бурда мешаванд. Дар аксарияти қолабҳо барои коркард дар мошини дарздӯзӣ дар вақти буридан бо васеъгии 0,3–0,5 см дарзмоя мегузоранд.

3.Қолаб аз матои сахт, картон, пластмас ё фулуз тайёр карда мешавад;

4. Аксарият қолабҳои картониро истифода мебаранд.

5.Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки барои маснуоти дӯхташуда шаклҳои геометрии қолабро интихоб намоянд;

6.Барои дӯхтани дегпӯшак андозаи дегпӯшакро гирифта, андозаи гирифташуда ба шаклҳои геометрӣ тақсим карда мешавад;

7.Баъди муайян шудани андозаи дегпӯшак ва миқдори ҷузъҳои андозаи дегпӯшак муайян карда мешавад;

8. Қолабҳои картониро аз тарафи канориаш бо лак коркард намудан лозим аст;

9.Ҳангоми бо лак коркард кардан қолаб мустаҳкам мешавад ва онро доим истифода бурдан мумкин аст.

10. Ба талаботи техникӣ аҳамият дода, шакл ва шумораи қолаб муайян карда шавад;

***Талаботи техникӣ***

**Намунаи нақшаи дегпӯшак**







Асоси дегпӯшак: 40 см х 40см
Матоъ барои астар: 40 см х 40 см
Матои филизии ширешнок: -50 см х 50 см
Тӯри ороишӣ:    250 см

11.Хонандагон метавонанд, вобаста ба табъи худ нақша барои сохтани қолаб аз шаклҳои геометриро истифода баранд;

12.Вобаста ба кори амалии иҷрошуда, дуруст буридани қолабҳо аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад.



***Намунаҳои нақшаи дегпӯшак***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

*(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи дуруст пайваст кардани матоъпораҳо ва маснуоти қуроқӣ шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Дар бораи тайёр кардани қолабҳо барои маснуотҳои қуроқӣ шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Дар бораи коркарди гармию намии маснуот шарҳ дода, бо дарзмол амалан кор карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад; | | | |
| Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда, қолаб ва шаклҳои гуногун сохта метавонад? | | | |
| Раванди тайёр кардани қолабҳоро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии қолаби тайёрро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро нисбати куртаи миллӣ шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, аҳамияти интихоби матоъ барои ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 32

## МАВЗӮЪ: ҚУРОҚДӮЗӢ. ДӮХТАНИ ДЕГПӮШАК

**Барнома:** Маълумоти асосӣ дар бораи санъати қуроқдӯзӣ. Сарфаю сариштакорӣ дар рӯзгор. Хусусиятҳои технологии матоъҳои истифодашаванда. Омилҳои таъсиркунанда ва гигиенӣ дар вақти истифода бурдан. Бадоштии матоъ барои қуроқдӯзӣ. Буридани матоъ ва пора кардани матоъ. Хелҳои қуроқ ва истифодашавии онҳо дар либос. Ташкили ҷойи корӣ. Талаботи санитарию гигиенӣ ва қоидаҳои бехатарии меҳнат .Асбобҳо ва афзорҳо барои интихоби матоъ ва гузоштани қолаб ба матоъ. Тайёркунии матоъ барои чокбурӣ. Тайёр кардани қисмҳои чок барои дӯхт. Пайдарҳам дӯхтани маснуот. Усулҳои дӯхтани қуроқ. Намунаҳои ороиш (секунҷа, чоркунҷа, мудаввар). Тайёр кардан ва ороиш додан. Усулҳои намию гармидиҳӣ. Назорати сифати маснуот

**Салоҳиятҳо:**

- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро эҷод карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Пора кардани матоъ, пайдарҳам дӯхтани маснуоти қуроқиро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонанд;
- Гузоштани қолабҳои тайёр ба матоъро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонанд;
- Коркарди гармию намии маснуотро шарҳ дода, бо дарзмол амалан кор карда тавонанд;
-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда тавонанд;
-Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда, қолаб ва шаклҳои гуногун сохта тавонанд;
-Раванди пайдарҳам дӯхтани қисмҳои маснуотро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонанд;

-Хусусиятҳои эстетикии маснуоти тайёрро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;
- Урфу одатҳои миллиро нисбати маснуоти қуроқӣ шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;
- Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи аҳамияти интихоби матоъ барои ҳаёти солим маълумот дода тавонанд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба нигоҳубини либос аз матоъҳои сунъӣ ва синтезӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон мурочиат намоед:

1. Барои аз лахтакпораҳо дӯхтани маснуот кадом қоидаҳоро риоя мекунед?
2. Аз лахтакпораҳои матоъҳои гуногун маснуоти дилхоҳатонро дӯхта метавонед ё не?
3. Оид ба таърихи қуроқдӯзӣ шарҳ диҳед.
4. Барои дӯхтани маснуотҳои қуроқӣ бештар аз кадом намуди матоъ истифода мебаранд?

**3.Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба пора кардани матоъ суҳбат гузаронида, дар бораи пайдарҳам дӯхтани маснуот, интихоби дурусти шаклҳои қолаб ба матоъ, муайянкунии шумораи зарурии ҷузъҳо бо назардошти нақш, мутобиқ намудан ва пайваст намудани шаклҳо, истифодаи дурусти чокҳои мошинӣ ва дастӣ, интихоби дурусти таҷҳизот ва асбобҳои ёридиҳанда, қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ шарҳ дода мешавад.

**Техникаи бехатарӣ**

1. Барои эмин доштани ангуштон аз захми сӯзан ангуштпонаро истифода баред.
2. Дар вақти дӯхтан бо сӯзанҳои нӯгшикаста ва зангзада кор накунед ва шумораи сӯзанҳоро пеш аз кор шуморед.
3. Қайчиро дар вақти кор пӯшида, муқобили дӯзанда ва ба тарафи рост гузоред. Назорат кунед, ки қайчӣ дар вақти кор дар таги матоъҳо намонад.
4. Бо истифода аз дарзмоли барқӣ эҳтиёткорона муносибат кардан лозим аст.
5. Назорат кунед, ки дарзмол ба сим нарасад.
6. Дар вақти кор дар мошини дарздӯзӣ мӯйҳоятонро бо рӯймол бандед.
7. Дар вақти кор дар мошини дарздӯзӣ сарро ба қисмҳои ҳаракаткунанда, навардҳои чархзананда, сӯзан, найчапуркунак бисёр наздик кардан мумкин нест.
8. Ҳангоми ҳаракати мошин тоза кардани он манъ аст.
9. Баъд аз равған молидани мошин онро дарҳол кор нафармоед.

Аз матоъпораҳои ҳархела чойникпӯш, чойникмонак ва дигар мансуот дӯхта мешавад. Шакли матоъпораҳо ҳар хел мешаванд: росткунҷа, чоркунҷа секунҷа доирашакл, нимдоира ва ғайра. Барои чойникпӯш сатҳи пайвасти матоъпораро калон гирифта, ба болои он қолаб гузошта, дуто нусха бибуред, дар мобайни абра ва астар пахта гузоштан мумкин аст.

Агар чойникмонак росткунҷа бошад, тарафи чаппаи як қисмро ба рӯйи тарафи чаппаи қисми дигар гузошта, се тарафашро бидӯзед. Тарафи чорумашро баъди пахта гузоштан бидӯзед.

Дар мобайни абра ва астари сачоқча, дастархон, дегпӯш, ҷилди болишт ҳеҷ гуна масолеҳ намегузоранд. Қисмҳоро аз тарафи ростаашон бо кӯки канорӣ дӯхтан мумкин аст. Дӯхтани ҷойи пайвастро аз дохил бо чоки канории мошинӣ бидӯзед, беҳтар аст. Агар дарз аз берун бошад, аввал 0,5 ё 1 см гузошта бо дарзи оддӣ, баъд бо дарзи канорӣ ё зарбшакл медӯзанд. Ҳар як қисми онро бо гулдӯзӣ ё аппликатсия ё бо чарм, матоъҳои зардори синтезӣ ба шакли секунҷа, чоркунҷа ё тасвири намуди меваҷоту қисмҳои рустанӣ бо

мошин медӯзанд. Онро бо тугмаҳо, марҷон ва дигар шаклҳои ороишӣ ё тӯр, матоъҳои ороишӣ, тасма ва ғайра ороиш медиҳанд.




*Намудҳои дегпӯшаки қуроқӣ*

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Оид ба пайдарпай дӯхтани маснуот шарҳ диҳед.

2.Оид ба ҷобаҷокунии шаклҳо ба рӯйи матоъ шарҳ диҳед.

3.Ҳангоми дӯхтани маснуоти қуроқӣ бояд ба кадом қоидаҳои техникаи бехатарӣ риоя намуд?

4.Кадом маснуотҳо ба тарзи қуроқӣ дӯхта мешаванд?

**5.Истифодаи бозии «Калимаҳоро ҷобаҷо гузор!»**

Бозии «Калимаҳоро ҷобаҷо гузор!» барои ташаккул додани хотира ва фикрронии хонандагон аҳамият дорад. Тафаккури мантиқии хонандагон инкишоф меёбад.

**Мақсадҳои бозӣ: т**ашаккул додани хотира ва фикрронии хонандагон; **и**нкишоф ёфтани тафаккури мантиқии хонандагон; **т**арбия намудани хонандагон ба мулоҳизакорӣ ва дурандешӣ.

**Қадамҳои истифода бурдани бозӣ**

1. Аз тарафи омӯзгор ба тахтаи синф ҷумлаҳои подарҳаво навишта мешавад, ки дар худ қоидаҳои барои ба кор даровардан, тез кардани суръат ва аз кор боздоштани мошин иҷрои машқро таҷассум менамояд.

2. Ба хонандагон вазифа дода мешавад, ки аз ҷумлаи нодуруст ҷумлаи мантиқан дурустро тартиб диҳанд;

3. Хонандагон дар дафтари кории худ ҷумларо дар тартиби лозимӣ менависанд. Ҳамин тавр такрорӣ ва мустаҳкамкунии маълумот доир ба мавзӯи додашуда инъикос меёбад.

4. Ба хонандагон саволҳо дода мешавад:

Дар кадом давраи кори амалии машғулият қоидаҳои додашударо истифода бурдан мумкин аст? (ба давраҳои саршавии кор; нообаста дар давраи фаъолияти амалӣ; ба давраи охири кор)

**Намунаи истифодаи бозӣ дар дарси технология (таълими меҳнат)**

1. мумкин сӯзан, вақти дар кор дарздӯзӣ сарро ба чархзананда, ҳаракаткунанда, мошинаи нест навардҳои найчапуркунак бисёр наздик кардан қисмҳои.

**(Дар вақти кор дар мошинаи дарздӯзӣ сарро ба қисмҳои ҳаракаткунанда, навардҳои чархзананда, сӯзан, найчапуркунак бисёр наздик кардан мумкин нест.)**

2. тарафи дар қайчиро пӯшида, вақти муқобили кор дӯзанда қайчӣ ва ба гузоред рост.

**(Қайчиро дар вақти кор пӯшида, муқобили дӯзанда ва ба тарафи рост гузоред.)**

**Дар натиҷа хонандагон: т**афаккури мантиқии хонандагон бой мегардад; **х**онандагон уҳдаборӣ, ташаббускориро меомӯзанд; **д**иққати хонандагон инкишоф меёбад.

**6.Кори амалӣ: Пайдарпай дӯхтани маснуот**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор ба хонандагон супориш дода мешавад, ки барои пайдарпай дӯхтани маснуот асбоб, таҷҳизот ва маводҳои заруриро омода созанд;

2.Матоъро гирифта, ба тарафи чаппааш тарафи ростаи ширешдори матои флизелин гузошта, дарзмол карда шавад;

3. Қолабҳоро ба рӯйи матоъ гузошта, бо қалам гирддавон карда шавад;

4. Шумораи зарурии ҷузъиёт бо назардошти нақш ба равиши барқади матоъ бурида шавад;

5. Шакли секунҷаҳоро гирифта, рӯ ба рӯ ба тарафи ростаи матоъҳо ба роста, бо назардошти тарафи қисми диагоналӣ буридашуда бо сарсӯзан маҳкам карда шавад;

6. Баъдан бо дарзи мошинӣ бо 0,5 см дӯхта шавад;

7. Шаклҳои дигарро ҳам мутобиқ дӯхта, тарафҳои онҳо ба назар гирифта шавад;

8. Баъди дӯхтани маснуот дар мошини дарздӯзӣ сарсӯзанҳоро гирифта, дарзҳоро ба ду тараф кушода, аз тарафи чаппаи он дарзмол карда шавад;

9. Ҳамин тариқ, дигар ҷузъҳоро пайиҳам пайвастан зарур аст;

10. Ҳар як қатори маснуотро ба алоҳидагӣ омода намуда, баъд онҳоро ҳамҷоя пайвастан зарур аст;

11. Ба тарафи чапи маснуоти омода аз матои пахтагӣ абра дӯхта шавад;

12.Вобаста ба кори амалии иҷрошуда, дуруст риояи пайдарпай дӯхтани маснуот аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад.













***Раванди пайдарпай тайёр кардани дегпӯшаки қуроқӣ***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи пора кардани матоъ, пайдарҳам дӯхтани маснуоти қуроқӣ шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Дар бораи гузоштани қолабҳои тайёр ба матоъ шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Дар бораи коркарди гармию намии маснуот шарҳ дода, бо дарзмол амалан кор карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда, қолаб ва шаклҳои гуногун сохта метавонад? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Раванди пайдарҳам дӯхтани қисмҳои маснуотро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии маснуоти тайёрро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро нисбати маснуоти қуроқӣ шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, аҳамияти интихоби матоъ барои ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |

## ДАРСИ 33

## МАВЗӮЪ: СОХТАНИ БОЗИЧАҲОИ МУЛОИМ

**Барнома:** Маълумоти асосӣ дар бораи сохтани бозичаҳои мулоим. Хусусиятҳои технологии матоъҳои истифодашаванда. Омилҳои таъсиркунанда ва гигиенӣ дар вақти истифода бурдан. Бадоштии матоъ барои дӯхтани бозичаҳои мулоим. Буридани матоъ ва пора кардани матоъ. Хелҳои қолабҳои бозича ва истифодашавии онҳо.Ташкили ҷойи корӣ. Талаботи санитарию гигиенӣ ва қоидаҳои бехатарии меҳнат .Асбобҳо ва афзорҳо барои интихоби матоъ ва сохтани қолаб барои бозичаи мулоим. Тайёркунии матоъ барои чокбурӣ. Тайёр кардани қисмҳои чок барои дӯхт. Пайдарҳам дӯхтани бозичаи мулоим. Усулҳои дӯхтани бозича. Тайёр кардан ва ороиш додан. Усулҳои намию гармидиҳӣ. Назорати сифати маснуот

**Салоҳиятҳо:**

- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро эҷод карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

-Интихоби матоъ барои сохтани бозичаи мулоимро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонанд;
- Коркарди гармию намии маснуотро шарҳ дода, бо дарзмол амалан кор карда тавонанд;
-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда тавонанд;
-Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда, қолаб ва шаклҳои гуногун сохта тавонанд;
-Раванди пайдарҳам дӯхтани қисмҳои бозичаи мулоимро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонанд;
-Ҳангоми истифодаи мавод барои сохтани бозичаи мулоим сарфакориро риоя карда тавонанд;
-Хусусиятҳои эстетикии бозичаҳои мулоимро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;
-Баъзе қисматҳои маснуотро эҷодкорона иваз карда, таъйиноти онро дигар карда тавонанд;
- Урфу одатҳои миллиро нисбати бозичаҳои мулоим шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;
- Саломатии худро эҳтиёт карда, дар бораи аҳамияти интихоби матоъ барои ҳаёти солим маълумот дода тавонанд.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба нигоҳубини либос аз матоъҳои сунъӣ ва синтезӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:
Тайёр намудани маводди хониш;
Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;
Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:
1.Оид ба пайдарпай дӯхтани маснуот шарҳ диҳед.
2.Оид ба ҷобаҷокунии шаклҳо ба рӯйи матоъ шарҳ диҳед.
3.Ҳангоми дӯхтани маснуоти қуроқӣ бояд ба кадом қоидаҳои техникаи бехатарӣ риоя кард?
4.Кадом маснуотҳо ба тарзи қуроқӣ дӯхта мешаванд?

**3.Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба сохтани бозичаи мулоим суҳбат гузаронида, дар бораи пайдарҳам дӯхтани бозичаи мулоим, интихоби дурусти шаклҳои қолаб ва матоъ ва ришта, муайянкунии шумораи зарурии ҷузъҳо бо назардошти нақши сохтани бозичаи мулоим, мутобиқ намудан ва пайваст намудани ҷузъиёти бозичаҳо, истифодаи дурусти чокҳои мошинӣ ва дастӣ, интихоби дурусти таҷҳизот ва асбобҳои ёридиҳанда, қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ шарҳ дода мешавад.

Қолаби бозичаҳоро аз сим месозанд, симҳоро бо ҳам тофта ҳалқа мекунанд. Қисмҳои бозича бо чокҳои дохилӣ ё берунӣ дӯхта мешаванд. Қисмҳои асосии бозичаҳоро аз чарм, фетра, наманди тунуки нафис, моҳути ғафс бо чоки гиреҳ (ҳалқа) аз берун медӯзанд.

Асоси қисмҳои асосӣ аз мӯйина, матои тунуки трикотажӣ бо чоки даруни сӯзан ба пеш, чоки одӣ дӯхта мешавад. Баъди пайваст кардани қисмҳои бозича ба дохили он пахта, парелон ё тарошамайда пур мекунанд. Агар қисмҳои бозича бо чоки дохилӣ дӯхта шуда бошанд, он гоҳ сӯрохи мондаро бо чоки байни канорӣ дӯзед. Ин қоидаҳоро истифода бурда, якчанд намуди бозичаҳоро сохтан мумкин аст.

Баъди пайваст кардани қисмҳои бозича ороишро аз манаҳ, чашм, даҳон, бинӣ сар кунед. Барои ин тугмаҳо, аппликатсия ва кашидадӯзиро истифода баред. Чашмро ба намуди доира, нимдоира, қирашакл рост медӯзанд. Дар вақти пур кардани бозича бо масолеҳи дар боло зикршуда як қисми чокро 3,5 гузошта надӯзед.

Мисол: **Гурбача**. Барои сохтани бозичаи гурбача ба мо як пора матои мӯйинаи холдори андозааш 70х70, ё ин ки духоб ё сачоқи патдор, камтар матои пуштӣ ва сурх лозим аст. Барои дохили бозичаро пур кардан аз лахтакпораҳои матоъ ё селофани майда буридашуда истифода баред.

**Қолабҳо**

1.тана-2 нусха
2.шикам - 2 нусха
3.дум - 2 нусха
4.сар - 2 нусха
5.тӯш – 4 нусха (2 мӯина, 2 матоъ)
6.барои таги биниаш – 1 нусха
7.манаҳ – 2 нусха (1 мӯина, 1 матоъ)

Баъд ба гурбача аз қили моҳигирӣ мӯйлаб месозем, шикамашро бо чоки канорӣ дӯхта ба танааш гузошта медӯзем ва онро роста карда, ба дохилаш пахта, лахтакпора ё тароша пур мекунем.

Сарашро бо дарозии печон ва пешониашро аз дохил дӯхта рост мекунем. Гӯшашро аз тарафи чапаш аз дохил медӯзем. Баъд онро роста карда, ба ҷойи сар нишона гузошта мечаспонем ва сарашро бо танаш бо чоки пасиканории моил пайваст мекунем.

Қисми ба зери бинӣ мегузоштаро ба ҷойи нишона медӯзем. Забончаро тайёр карда, бо манаҳаш дӯхта, онро роста карда, тагмони забону манаҳро бо як кӯк ба сар пайваст мекунем.







*Намунаҳои бозичаҳои мулоим*

**4.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1. Бозичаҳои мулоимро чӣ хел месозанд?
2. Дар вақти дӯхтани бозичаҳои мулоим кадом масолеҳро интихоб мекунед?
3. Асоси қисмҳои бозичаро аз мӯйина сохтан беҳтар аст ё аз дигар матоъ?
4. Барои чашм, бинӣ ва мӯйлаби бозичаҳои мулоим кадом намуди маҳсулотро интихоб мекунед?

**5.Истифодаи усули “Кластери сода”**

Кластер (claster – хӯша, даста) усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзӯъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Ин усул аз тарафи мутахассиси проблемаҳои эҷодӣ Тони Бюзан кор карда шудааст. Ин усул имкон медиҳад, ки хонандагон барои фикр намудани мавзӯи дарпешистода сафарбар шаванд.

Дар марказ як мафҳум, савол ё проблемаи мавзӯи нав навишта мешавад. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки маълумотҳои доштаашонро оиди он нависанд. Ин имкон медиҳад, ки хонандагон ҳамаи андешаҳои баёншударо дар як ҷо гирд оварда, дар баробари шунидани онҳо боз аёнӣ бо онҳо шинос гарданд.

**Намуна:**

Масъала: 1.Аз кадом намудҳои матоъ бозичаи мулоимро дӯхтан мумкин аст?



**6.Кори амалӣ: Пайдарпай дӯхтани бозичаи мулоим (Харгӯшак)**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор ба хонандагон супориш дода мешавад, ки барои пайдарпай дӯхтани бозичаи мулоим асбоб, таҷҳизот ва маводҳои заруриро омода созанд;

2.Аз тарафи омӯзгор оид ба сохтани бозичаи мулоим харгӯшак чунин шарҳ медиҳад: Барои сохтани бозичаи харгӯшак якчанд пораҳо, матои пахтагин ва мӯйина ё ин ки духоба ё сачоқи патдор, камтар матои пуштӣ ва сурх лозим аст. Барои дохили бозичаро пур кардан аз лахтакпораҳои матоъ ё селофани майда буридашуда, синтифон ё пахта истифода баред.

3.Барои сохтани харгӯшак шумораи ҷузъҳо муйян карда шавад;

4.Қолиб мувофиқи намуди нақши харгӯшак: 1.Тана-2 ҷузъ; 2.Сар бо гӯш (яклухт)- 2 ҷузъ; 3.Даст-4 ҷузъ; 4.Пой-4 ҷузъ; 5.Бинӣ-1 ҷузъ.

5. Баъд ба харгӯшак аз қили моҳигирӣ мӯйлаб месозем, танашро бо чоки канорӣ дӯхта бо сар пайваст карда, медӯзем;

6. Маснуоти дӯхташуда роста карда, ба дохилаш пахта, лахтакпора ё синтифон ва ё интихобӣ ягон маводди дастрас пур карда мешавад;

7.Пой ва даст бо дарозии печон аз дохил дӯхта, рост карда мешавад;

8.Баъд онро роста карда, ба қисми тана нишона гузошта, часпонида мешавад;

9.Қисми ба зери бинӣ мегузошта ба ҷойи нишона дӯхта мешавад;

10.Қисмҳои боқимонда ва ҷузъҳои ороиширо аз ҷиҳати ҷойгиршавии нақш ба ҷойи муайяншуда пайваст карда мешавад;

11.Вобаста ба кори амалии иҷрошуда, дуруст риояи пайдарпай дӯхтани бозичаи мулоим харгӯшак аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад.





***Намунаи сохтани бозичаи мулоим аз рӯи қолаб***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | Қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи интихоби матоъ барои сохтани бозичаи мулоим шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад; | | | |
| Дар бораи коркарди гармию намии маснуот шарҳ дода, бо дарзмол амалан кор карда метавонад; | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад; | | | |
| Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда, қолаб ва шаклҳои гуногун сохта метавонад; | | | |
| Раванди пайдарҳам дӯхтани қисмҳои бозичаи мулоимро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад; | | | |
| Ҳангоми истифодаи маводҳо барои сохтани бозичаи мулоим сарфакориро риоя карда метавонад; | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии бозичаҳои мулоимро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад; | | | |
| Баъзе қисматҳои маснуотро эҷодкорона иваз карда, таъиноти онро дигар карда метавонад; | | | |
| Урфу одатҳои миллиро нисбати бозичаҳои мулоим шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад; | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, аҳамияти интихоби матоъ барои ҳаёти солим маълумот дода метавонад. | | | |

## ДАРСИ 34

## МАВЗӮЪ: ДӮХТАНИ РӮЙМОЛ

**Барнома:** Маълумоти асосӣ дар бораи санъати рӯймолдӯзӣ. Хусусиятҳои технологии матоъҳои истифодашаванда. Омилҳои таъсиркунанда ва гигиенӣ дар вақти истифода бурдан. Бадоштии матоъ барои рӯймолдӯзӣ. Буридани матоъ ва пора кардани матоъ. Хелҳои рӯймол ва истифодашавии онҳо дар либос. Ташкили ҷойи корӣ. Талаботи санитарию гигиенӣ ва қоидаҳои бехатарии меҳнат .Асбобҳо ва афзорҳо барои интихоби матоъ ва дӯхтани рӯймол. Интихоби ришта. Пайдарҳам дӯхтани рӯймол. Усулҳои дӯхтани кашидадӯзӣ дар рӯймол. Усулҳои намию гармидиҳӣ. Назорати сифати маснуот. Пурра дӯхтани рӯймол.

**Салоҳиятҳо:**

- Воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад;
- Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро эҷод карда метавонад;
- Доир ба касбҳои гуногун маълумот дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Пайдарҳам кашидадӯзии рӯймолро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонанд;
- Коркарди гармию намии маснуотро шарҳ дода, бо дарзмол амалан кор карда тавонанд;
-Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда тавонанд;
-Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда, қолаб ва шаклҳои гуногун сохта метавонанд;
-Раванди пайдарҳам дӯхтани рӯймолро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда тавонанд;
-Хусусиятҳои эстетикии рӯймоли тайёрро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;
- Урфу одатҳои миллӣ нисбати рӯймолро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда тавонанд;

- Саломатии худро эҳтиёт карда, аҳамияти интихоби матоъ барои ҳаёти солим маълумот дода метавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ:** китоби дарсӣ, овезаҳо вобаста ба нигоҳубини либос аз матоъҳои сунъӣ ва синтезӣ

**1.Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

Ташкили дарс: Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозиру ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани хонандагон ба дарс.

**2.Такрори дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат намоед:

1.Бозичаҳои мулоимро чӣ хел месозанд?

2.Дар вақти дӯхтани бозичаҳои мулоим кадом масолеҳро интихоб мекунед?

3.Асоси қисмҳои бозичаро аз мӯйина сохтан беҳтар аст ё аз дигар матоъ?

4.Барои чашм, бинӣ ва мӯйлаби бозичаҳои мулоим кадом намуди маҳсулотро интихоб мекунед?

**3.Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Оид ба дӯхтани рӯймол суҳбат гузаронида, дар бораи пайдарҳам дӯхтани рӯймол, гурӯҳҳои рӯймол, хусусиятҳои рӯймол, истифодаи рӯймол ё камарбанд, таъйиноти он, рӯймоли мардона, интихоби ранг ва навъи матоъ, интихоби ранг ва навъи ришта барои дӯхтани рӯймол, истифодаи рӯймол, интихоби нақшу нигор барои дӯхтани рӯймол, навъҳои кашидадӯзӣ намудани рӯймол, истифодаи дурусти чокҳои мошинӣ ва дастӣ, интихоби дурусти таҷҳизот ва асбобҳои ёридиҳанда, қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ шарҳ дода мешавад.

Рӯймол яке аз қадимтарин намуди пӯшока мебошад. Рӯймол ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад:

1. Рӯймоли занона.
2. Рӯймоли мардона.

Рӯймоли мардонаро аз замонҳои қадим (аз давраи Сомониён) барои ба пешона ё миён бастан истифода мебурданд. Дар байни ниёгони мо маросимҳои зиёде мавҷуд буданд. Яке аз онҳо “рӯймолбандон” ном дошт. Агар писарбача 14-сола мешуд, падару модари ӯ махсус зиёфат ороста, рафиқони фарзандашон, хешу табор, мӯйсафедонро таклиф мекарданд. Писарашонро дар ҷойи махсус мешинонданд. Баъд ӯ аз болои оташ мепарид. Агар парида тавонад, ба балоғатрасида ҳисоб меёфт ва яке аз мӯйсафедон ба миёни ӯ рӯймол мебаст. Аз ҳамин рӯз вай ҳуқуқ пайдо мекард, ки мустақилона кор кунад ё барои ҷустуҷӯйи кор ба ягон ҷойи дигар равад.

Рӯймоли мардонаро барои домод аз матоъҳои абрешимӣ ва қиматбаҳо бо ороиши махсус медӯханд.

Бештар рӯймолро дар вақти тӯй ва маросими дафн мебанданд. Ранги рӯймолҳои барои тӯй, одатан, сурх ё зард буда, аз атлас ва шоҳӣ дӯхта мешаванд. Рӯймолҳои барои мотам зангор ё кабуд мешаванд. Ин одат имрӯз ҳам дар байни мардуми мо маълум аст.

Рӯймолҳои мардона андозаашон аз 90 + 90 то 110 + 110 см мешавад. Рӯймолҳо асосан аз матои зичбофтаи пахтагин, баъдан абрешимин дӯхта мешуд.

Рӯймолҳо асосан дар миён аз болои курта ё ҷома баста мешавад. Ҳамзамон рӯймоли мардона ҳамчун ҳамён барои тилло, пул ё гузоштани ҳуҷҷатҳо ва ғайра хизмат мекунад.

Мардҳо дар баъзе ҳолатҳо дар вақти баромад ба сафар рӯймоли худро ҳамчун дастархон ва баъзан аз болои гирди сар ва тоқӣ ҳамчун ҷома ё салла истифода мебаранд.

Рӯймоли мардона яке аз ҷузъҳои асосии либоси мардона ба ҳисоб рафта, онро бисёр бо кашидадӯзӣ оро медоданд.

Рӯймолро ба миён тарзе мебанданд, ки дар қисми пушти ҷома шакли секунҷаро гирифта, асосан кунҷи рӯймол менамояд, аз ин лиҳоз нақшу нигори рӯймолро дар кунҷи маснуот кашидадӯзӣ менамоянд. Дар кунҷҳои рӯймол асосан нақшу нигори ғазалӣ ё ки ба алифбои арабӣ монандро истифода мебаранд, ки он гӯё аз офатҳо нигоҳ медорад.

Рӯймолҳо ба чунин намуди кашидадӯзӣ дӯхта мешаванд:

Поягӣ ё обӣ. Ин номро барои он гирифтааст, ки дар нақши рустанигӣ (поя ва барг) дӯхта мешавад. Ин нақшро дар ҳошия якҷоя ба шаклҳои гуногуни геометрӣ кашидадӯзӣ мекунанд.

Ин кашидадӯзӣ нақши каҷмокаҷ ва намудҳои гуногуни кашидадӯзиро ба вуҷуд меоранд, ки байни худ зич дӯхта мешаванд.

Чоки обӣ ё поягӣ аз тарафи рост ба чап ё аз тарафи дӯзанда ба боло дӯхта мешавад. Ресмони корӣ бояд ҳама вақт дар тарафи рост бошад.



***Намудҳои рӯймол***

**4. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:**

1.Оид ба таърихи рӯймол шарҳ диҳед.
2.Интихоби матоъ барои дӯхтани рӯймол
3.Мақсади интихоби дурусти ришта ва ранги ришта барои дӯхтани рӯймол дар чист?
4.Рӯймолро бо кадом навъ кашидадӯзӣ кардан мумкин аст?

**5. Истифодаи бозӣ "Нақшҳоро ёбед"**

Аз тарафи омӯзгор маълумотҳои зарурӣ оид ба нақшу нигорҳои истифодашаванда дар рӯймол шарҳ дода мешавад. Дар овезаҳои таълимӣ номгӯйи нақшу нигор: ислимӣ, гиреҳӣ (геометрӣ), зооморфологӣ ва катибавӣ, омехта нишон дода мешавад.

Ба хонандагон аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки нақшҳои дар рӯймол дӯхташавандаро нишон дода, оид ба нақшу нигорҳои миллӣ маълумоти мухтасар диҳанд.

**6. Кори амалӣ: Интихоби нақшу нигор ва дӯхтани рӯймол**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзӯъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Қадамҳо:**

1. Аз тарафи омӯзгор ба хонандагон супориш дода мешавад, ки барои пайдарпай дӯхтани рӯймол асбоб, таҷҳизот ва маводҳои зарурӣро омода созанд;
2.Дар матоъ як кӯкро иҷро карда, сӯзан бо ресмони корӣ ба матоъ аз миёнаҷойи кӯки якум ё аввала ба тарафи чаппа дохил карда мешавад;
3. Дар вақти иҷрои кӯки дуюм сӯзанро бо ресмони корӣ ба миёнаҷойи кӯки дуюм дохил карда, ба тарафи чаппаи матоъ бароварда мешавад;
4. Ҳамин тавр, кӯкҳои минбаъда аз миёнаҷойи кӯки аввала мебароянд ва монанди ресмон тофта мешаванд ва кӯки обӣ ё поягӣ ба вуҷуд меояд;
5.Кашидадӯзии ҳамвор ба намуди кӯки яклухт иҷро карда мешавад;
6. Кӯкҳо ба якдигар зич дӯхта шуда, ин ё он нақшро пурра пур карда мешавад;
7.Барои иҷрои ин намуди кӯк матоъҳои гуногунро истифода мебаранд.
8.Кашидадӯзии ҳамворро дар рӯймол васеъ истифода бурдан мумкин аст;
9.Масофаи ҷойгиршавии кӯкҳо дар тарафи роста ва чаппаи рӯймол як хел аст. Ин кӯкҳо ба тарзи мувозӣ ва ғайримувозӣ ҷойгир карда мешаванд;
10.Вобаста ба кори амалии иҷрошуда, дуруст риояи пайдарпай дӯхтани рӯймол аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад.

***Эзоҳ:Кӯкҳои дохилӣ – зич, кӯкҳои канорӣ халтатар дӯхта мешаванд. Ин намуд кашидадӯзии ҳамвори дутарафа ном гирифта шудааст. Ба ин намуди кашидадӯзӣ чунин намудҳои маснуотро медӯзанд: дастархон, рӯйҷо, ҷойнамоз, рӯймолҳои мардона, рӯймолҳои занона ва ғайра.***





***Интихоби нақшу нигор ва дӯхтани рӯймол***

**7.Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадрдонӣ кунед.**

**8.Арзёбӣ:** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед. *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **Метавонад** | **Қисман метавонад** | **Наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи пайдарҳам кашидадӯзии рӯймол шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Дар бораи коркарди гармию намии маснуот шарҳ дода, бо дарзмол амалан кор карда метавонад? | | | |
| Эҳтиёткорона кор кардан ва муносибати хуб бо асбобу абзорҳоро риоя карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми иҷрои кори амалӣ техникаи бехатариро риоя карда, қолаб ва шаклҳои гуногун сохта метавонад? | | | |
| Раванди пайдарҳам дӯхтани рӯймолро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои эстетикии рӯймоли тайёрро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Урфу одатҳои миллиро нисбати рӯймолро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда метавонад? | | | |
| Саломатии худро эҳтиёт карда, аҳамияти интихоби матоъ барои ҳаёти солим маълумот дода метавонад? | | | |
| Дар бораи пайдарҳам кашидадӯзии рӯймолро шарҳ дода, онро дар амал иҷро карда метавонад? | | | |

**Адабиёт**

**Бо забони тоҷикӣ**

1. Азизов А.А., АшӯроваТ.А. Ташкили фаъолияти лоиҳавии мутахассисони оянда ва истифодаи методҳо дар дарсҳои технология. Хуҷанд: Нури маърифат, 2014.-116 с.

2. Азизов А.А., Иргашова М.У. Технология: таълим бо усулҳои нав/дастури методӣ барои омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат).-Душанбе, 2016.-76 с.

3. Азизов А.А., Исломов С., Раҳимов С., Ғафурова Р. Асосҳои касбу хунар (технология) (барои духтарҳо). Душанбе. 2007, 192 с.

4. Азизов А.А., Мирзохӯҷаев М.Д., Ашӯрова Т.А. Касбнома. – Хуҷанд: Меъроҷ 2014, - 94 саҳ.

5. Азизов А.А., Раҳимов С., Исломов С. ТЕХНОЛОГИЯ (таълими меҳнат барои писарон) Китоби дарсӣ барои синфи 9-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ Душанбе. 2016.

6. Алиев А.Б., Зиёев М. Н., Олимова Ф. К., Эрматова У.С., Зоолишоева Б.Ф., Ниёзов Ф. Такмили маҳорати педагогии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. Лоиҳа. Душанбе, 2010.

7. Арзёбӣ дар низоми таълими салоҳиятнокӣ, модули таълимӣ оид ба татбиқи стандартҳои фаннии синфҳои ибтидоӣ, Ниёзов Ф., Зиёев М., Алиев А., Нусратов Б., Ҷонмирзоев Э., Қодиров Н., Иргашева М., Зиёев Қ. Душанбе - 2016 с.– 65 саҳ.

8. Зиёев М.Н., Олимова Ф.К., Эрматова У.С., Алиев А.Б., Зоолишоева Б.Ф., Ниёзов Ф. М., Ташкили ҷараёни таълим дар синфҳои ибтидоӣ. Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. Душанбе: 2009.

9. Иргашова М., Азизов А.А., Насимӣ М. “Замимаба китоби дарсии “Санъат ва меҳнат” барои синфи 4-ум” Душанбе: Маориф, 2016.-40 с.

10. Иргашова М., Азизов А.А., Насимӣ М. “Роҳнамои фанни санъат ва меҳнат барои синфи 4-ум” барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе: Маориф, 2016.-112 с.

11. Исломов С, Азизов А.А., Раҳимов С. ТЕХНОЛОГИЯ (таълими меҳнат барои писарон) Китоби дарсӣ барои синфи 5-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ Душанбе. 2004.

12. Исломов С. Обидова К., Рӯзиева М.Д., Технология (таълими меҳнат барои духтарон), китоби дарсӣ барои синфи 7. Нашри 2. Душанбе, 2015.-152 с.

13. Исломов С. Рӯзиева М.Д., Обидова К., Технология (таълими меҳнат барои духтарон), китоби дарсӣ барои синфи 8. Душанбе, 2007.-192 с.

14. Исломов С., Азизов А.А., Раҳимов С. ТЕХНОЛОГИЯ (таълими меҳнат барои писарон) Китоби дарсӣ барои синфи 7-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ Душанбе. 2005.

15. Исломов С., Обидова К.. Рӯзиева М. Технология (таълими меҳнат барои духтарон), китоби дарсӣ барои синфи 6. Душанбе, 2004.-128 с.

16. Исломов С., Раҳимов С., Азизов А. Касбу ҳунар (технология барои писарон) китоби дарсӣ барои синфи 6. Душанбе: Фарас, 2005.-141 с.

17. Ниёзов Ф., Олимова Ф., Зиёев М. Маърифати таълим: ҷустуҷӯ ва бозёфт. Дастур барои худомӯзии омӯзгорони фанни забони тоҷикӣ. - Душанбе, 2012. - 78с.

18. Низоми таълими салоҳиятнокӣ, модули таълимӣ барои татбиқи стандартҳои фаннии синфҳои ибтидоӣ, Ниёзов Ф., Зиёев М., Алиев А., Нусратов Б., Ҷонмирзоев Э., Қодиров Н., Иргашева М., Зиёев Қ. Душанбе - 2016 с.– 36 саҳ.

19. Раҳимов С. Азизов А.А., Исломов С. ТЕХНОЛОГИЯ (таълими меҳнат барои писарон) Китоби дарсӣ барои синфи 8-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ Душанбе. 2008.

20. Рӯзиева М.Д., Обидова К., Исломов С. Технология (таълими меҳнат барои духтарон), китоби дарсӣ барои синфи 5. Нашри 2. Душанбе, 2016.-192 с.

21. Сафин Д., Мусина Р., Мухторӣ Қ. ва диг. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол. Дастури таълимӣ. -Душанбе, 2007.- 376 с.

22. Сокол А.Б., Маҳорати педагогӣ. Маводди курси таълимӣ бо фармоиши ЮНИСЕФ Тоҷикистон, Душанбе -2014. - 117 с.

**Бо забони русӣ**

1. Астрейко С.Я. Трудовое обучение: Технический труд. Учеб. пособие для 5-9 классов. Минск:. Нац. инс.образования 2014.
2. Болотов В.А., Сериков В.В. Компетентностная модель: от идеи к образовательной программе // Педагогика. – 2003. – № 10. – С. 8-14.
3. Зимняя И.А. Ключевые компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании. Авторская версия.-М.: Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2004
4. Мединцева И. П. Компетентностный подход в образовании / И. П. Мединцева // Педагогическое мастерство: материалы II междунар. науч. конф. (г. Москва, декабрь 2012 г.). — М.: Буки-Веди, 2012.
5. Мирсеитова С. Обучение как поиск и поиск для обучения: формы и методы развития критического мышления обучающихся. -КазАЧ, 2011
6. Симоненко В.Д. Технология. 5 класс: учеб. Для общеобразоват. учреждений: вариант для мальчиков – М: Просвещение, 2010. – 176 с : ил.
7. Троянская С.Л. Основы компетентностного подхода в высшем образовании, Учебное пособие для студентов магистратуры психолого-педагогических направлений подготовки, издательский центр «Удмуртский университет». – 2016, 176 стр.

# ТЕХНОЛОГИЯ
# (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ
# БАРОИ ДУХТАРОН)
# СИНФИ 7-УМ

**бароии омӯзгорони**
**муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | Ш. Сайдуниева |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Н.Зайниддинов |
| Тарроҳ | И. Сатторов |

Ба чоп 24.07.2017 иҷозат дода шуд. Андозаи 60х84 1/8.
Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопӣ 22,5.
Адади нашр 4000 нусха.
Супориши № 143/2016

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш 50
Тел.: 222-14-66
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ «Мега-принт»
бо супориши № аз 16.08.2017 чоп шудааст.